

# Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ: пешгирӣ ва муқовимат

Меъёрҳо, равишҳо ва мисолҳо аз минтақаи САҲА

OSCE
ODIHR

# Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ: пешгирӣ ва муқовимат

Меъёрҳо, равишҳо ва мисолҳо аз минтақаи САҲА

Аз ҷониби Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон (ДНДҲИ) нашр шудааст.

Ul. Miodowa 10
00–251 Warsaw
Poland

www.osce.org/odihr

© ДНДҲИ САҲА, 2023

Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд. Муҳтавои ин китобро, ба шарте ки дар ҳар як нусхаи нашри матн САҲА/ ДНДҲИ ҳамчун сарчашма зикр шавад, метавон ройгон нусхабардорӣ намуда, бо мақсадҳои омӯзишӣ ва дигар мақсадҳои ғайритиҷоратӣ истифода бурд.

ISBN 978-92-9271-137-5

Тарроҳии ҷилд ва тарҳрезии китоб: Inga Ciumac

# Арзи сипос

Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДНДҲИ) ба мутахассисони таҷрибакор ва коршиносони ниҳодҳои адлияи суди ҷиноӣ , ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон, механизмҳои миллии пешгирикунанда, дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки ба мониторинги фаъоли амалияи боздошт дар боздоштгоҳҳо дар минтақаи САҲА (дар ин нашрия манзур аз минтақа –қаламрави кишварҳои узви САҲА аст) машғуланд, барои саҳми назаррасашон дар омодасозии нашрияи мазкур ва машваратҳояшон изҳори сипос мекунад. ДНДҲИ инчунин ба намояндагони Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС), Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (ИММҶ СММ), ба ташкилоти «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» (Prison Reform International – PRI), Маркази Женева оид ба назорати демократии Қувваҳои Мусаллаҳ (DCAF), Ассотсиатсияи оид ба пешгирии шиканҷа (АПШ) ва Созмони байналмилалӣ оид ба шароити одилонаи боздошт (Just Detention International – JDI) барои маслиҳатҳояшон дар марҳилаи ҷамъоварии иттилоот барои нашрияи мазкур изҳори ташаккур мекунад.

# Table of Contents




**Пешгуфтор**
*Саҳифа 6*

**Феҳристи ихтисорот**
*Саҳифа 8*

## 1

**МУҚАДДИМА**
*Саҳифа 10*

1.1. Вазифаҳои нашрия ва аудиторияи зерҳадафи он
*Саҳифа 13*

1.2. Муҳтавои нашрияи мазкур ва истифодаи истилоҳот
*Саҳифа 15*

## 2

**МАФҲУМҲОИ АСОСӢ 18**

2.1. Зӯроварии гендерӣ, нобаробарӣ ва табъиз
*Саҳифа 18*

2.2. Зӯроварии ҷинсӣ(шаҳвонӣ) ва гендерӣ (ЗҶГ)
*Саҳифа 23*

2.3. Дигар шаклҳои ЗҶГ
*Саҳифа 28*

2.4. ЗҶГ ва шиканҷа ва инчунин дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф
*Саҳифа 29*

## 3

**ИТТИЛООТИ УМУМӢ: МО ОИД БА ЗӮРОВАРИИ ҶИНСӢ ВА ГЕНДЕРӢ ДАР ҶОЙҲОИ МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ ЧИРО МЕДОНЕМ?**
*Саҳифа 44*

3.1. Хусусиятҳои хосси ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ
*Саҳифа 44*

3.2. Ҷабрдидагон ва таҷовузкорон – онҳо кистанд?
*Саҳифа 45*

3.3. Омилҳое, ки осебпазириро ба зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ афзоиш медиҳанд
*Саҳифа 63*

3.4. Осебпазирии динамикӣ ва маҷмуӣ
*Саҳифа 69*

3.5. Нигаҳдорӣ дар ҳабс ва динамикаи қувва ва назорат
*Саҳифа 72*

3.6. Миқёси мушкилот
*Саҳифа 80*

3.7. Хусусияти пинҳонии зӯроварӣ ва мушкилоти ариза надодан дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ
*Саҳифа 84*

3.8. Оқибатҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ
*Саҳифа 94*




4
**АРЗЁБИИ ХАТАРҲО ВА НИЁЗҲО**
*Саҳифа 98*

4.1. Анҷом додани арзёбӣ
*Саҳифа 98*

5
**КАМ КАРДАНИ ХАТАР ДАР ҲОЛАТҲОИ МУАЙЯН**
*Саҳифа 106*

5.1. Ҳамкории мутақобила бо полис: дастгиркунӣ, боз доштан ва дар маҳбас нигоҳ доштан
*Саҳифа 106*

5.2. Марҳилаи тафтишот: пурсишҳо ва истинтоқ
*Саҳифа 108*

5.3. Кофтуков ва тафтиши шахсӣ
*Саҳифа 111*

5.4. Интиқол додан ва гузаронидани маҳбусон ба муассисаи дигар
*Саҳифа 118*

5.5. Ҷойгиркунонии маҳбусон 119
5.6. Изолятсия
*Саҳифа 121*

6
**ТАДБИРҲОИ ДИГАР ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ЗӮРОВАРИИ ҶИНСӢ ВА ГЕНДЕРӢ**
*Саҳифа 126*

6.1. Таҳқиқи мушкилоти ЗҶГ ҳамчун асос барои таҳияи сиёсати ба далелҳо такякунанда
*Саҳифа 126*

6.2. Қонунгузорӣ ва сиёсат
*Саҳифа 130*

6.3. Амнияти статикӣ ва динамикӣ
*Саҳифа 144*

6.4. Иттилоотонӣ дар бораи ҳуқуқҳо, қоидаҳо ва рафтори матлуб/мавриди интизор
*Саҳифа 150*

6.5. Муоинаи тиббӣ ва хидматрасонии тиббӣ
*Саҳифа 153*

6.6. Тадбирҳо ва барномаҳо барои маҳбусон
*Саҳифа 156*

6.7. Ба кор интихоб кардани кормандон, омӯзиш ва назорат
*Саҳифа 166*

6.8. Тартиби пешниҳоди шикоятҳо, вокуниш ба онҳо ва анҷом додани тафтишот.
*Саҳифа 174*

6.9. Назорат ва мониторинг
*Саҳифа 178*

6.10. Иттилоотонии ҷомеа
*Саҳифа 184*

7
**ХУЛОСА**
*Саҳифа 188*

***Замимаи I.*** Тавсияҳои асосӣ
*Саҳифа 190*

***Замимаи II.*** Рӯйхати назоратӣ барои гузаронидани мониторинг бо мақсади омӯзиши вазъияти марбут бо зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ
*Саҳифа 204*

***Замимаи III.*** Саволномаи ДНДҲИ барои давлатҳои узви САҲА оид ба пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ
*Саҳифа 214*

# Пешгуфтор

Риояи меъёрҳои ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҳам барои таъмини муҳити бехатар барои худи маҳбусон ва ҳам барои амнияти тамоми ҷомеа ниҳоят муҳим аст. Асоси Консепсияи фарогири амнияти САҲА-ро дарки робитаи байни вайронкунии ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои амният ташкил медиҳад.

Дар нашрияи мазкур сабабҳои асосии зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ баррасӣ мешаванд ва инчунин сабабҳое ки дар асоси онҳо ин мушкилот хеле кам эътироф мегардад ё аксар вақт нодида гирифта мешавад, ё нисбат ба он хомӯширо ихтиёр мекунанд.

Ба нашрия мисолҳо аз кишварҳои гуногуни минтақаи САҲА ворид карда шудаанд. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳо бо мақсади роҳ надодан ва пешгирӣ кардан аз зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, дар баробари риоя кардани ҳуқуқи инсон ва бо назардоштани ҷанбаҳои гендери-и мушкилоти мазкур чи гуна тадбирҳо андешида метавонанд. Илова бар ин, дар нашрия мисолҳои мушаххаси парвандаҳои судӣ оварда шудаанд, ки марҳилаҳои асосии рушди таҷрибаи судии дахлдорро инъикос мекунанд. Якҷо бо қарорҳои муҳи-

ми судӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таҷрибаи миллӣ ва таҳқиқоти илмӣ, нашрияи мазкур дар асоси натиҷаҳои омӯзиши дусолаи маълумот таҳия шудааст, ки ба он мутаххасисони соҳибтаҷриба аз низоми адлияи суди ҷиноятӣ ва инчунин созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз саросари минтақаи САҲА ҷалб шуда буданд.

Ҳадафи умумии нашрияи мазкур баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар муассисаҳои низоми адлияи суди ҷиноӣ , инчунин ниёзҳои ҷабрдидагони чунин зӯроварӣ мебошад; ғайр аз ин, дар нашрия чораҳои муҳофизатӣ пешниҳод мешаванд, ки онҳо метавонанд барои пешгирии самаранокӣ ин падида дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ истифода шаванд.

Ба далели он ки мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар муасссисаҳои боздошти маҷбурӣ ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст, ин нашрия барои оғози муҳокимаи мушкилоти мазкур ва даъват ба иқдомоти минбаъда дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ омода шудааст. Ба ин сурат, нашрияи нави ДНДҲИ фазои холии норасоии дастурҳо ва захираҳои мавҷудаеро пур мекунад, ки ба вазъият дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бахшида шудаанд .



**Ингибёрг Солрун Гисладоттир**

Директори Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон

# Феҳристи ихтисорот

| | |
|---|---|
| **АПШ** | Ассотсиатсияи пешгирии шиканҷа |
| **ДНДҲИ** | Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқҳои инсон |
| **ЭУҲБ** | Эъломияи умумии ҳуқуқи башар |
| **СУТ** | Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ |
| **ЗГ** | Зӯроварии гендерӣ |
| **КАПШ** | Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа |
| **КҲИОА** | Конвенсияи ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ |
| **ИА** | Иттиҳоди Аврупо |
| **КБТЗ** | Конвенсияи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбат ба занон |
| **КЗШ** | Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф |
| **ЛГБТИ** | Занони ҳамҷинсгаро, ҳамҷинсгароён, дуҷинса(бисексуал)-ҳо, трансгендерҳо ва/ё интерсексуалҳо |
| **ҶМО** | Ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ |
| **МҲА** | Меъёрҳои ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон; зери мафҳуми «МҲА-и аз нав баррасишуда» шакли таҳриршудаи маводи мазкур дар соли 2015 фаҳмида мешавад, муродифи – «Қоидаҳои Нелсон Мандела» ё «Қоидаҳои Мандела» |
| **НМҲҲ** | Ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқ |
| **ММП** | Механизми миллии пешгирикунанда |
| **СҶ** | Созмони ҷамъиятӣ |
| **САҲА** | Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо |
| **СҶШ** | Созмони ҷамъияти шаҳрвандӣ |
| **ЗҶГ** | Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ |
| **ДММҶ СММ** | Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят |
| **ПИКЗШ** | Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф |

# 1. МУҚАДДИМА

# 1. МУҚАДДИМА

Шахсони аз озодӣ маҳрумшударо яке аз афроди ноаёнтарин дар ҷаҳон номидан мумкин аст. Ба ҷурми дар муассисаҳои низоми адлияи ҷиноӣ будан,метавонад ба инсон таъсири хеле қавӣ ва тулонӣ дошта бошад ва таъсири ин собиқа метавонад фаротар аз маҳбас эҳсос карда шавад.

Боздоштшудагон дар боздоштгоҳҳо ва маҳбусоне, ки ҷазои худро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо мекунанд, дар сурати мавҷуд набудани чораҳои зарурии муҳофизат ё ба таври номувофиқ татбиқ шудани онҳо, метавонанд зери хатари зӯроварӣ қарор гиранд. Занон дар муҳити баста ва бартарияти мардон метавонанд ҷабрдидаи зӯроварӣ ва таҷовуз шаванд ва ин вазъият густариши нобаробарии гендериро умуман дар ҷомеа инъикос мекунад, ки боиси табъиз ва зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ мегардад.

Аз мардон интизор меравад, ки ба намудҳои стереотипии мардонагӣ, ки ба қувва /қудрат ва бартарият таъкид мекунад, мувофиқат дошта бошанд. Онҳое, ки ба ин интизориҳо мувофиқат намекунанд ва ё ҳамчун вайронкорони кодекси шаъну шараф қабул карда мешаванд, метавонанд зери маърази зӯроварӣ ва таҳқири шадид қарор гиранд.

Дар бисёр кишварҳо мавзуи зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҳамчунон мамнӯъ (табу) боқӣ мемонад, ҳарчанд ки ин мушкилӣ воқеан вуҷуд дорад. Аксар вақт ҷабрдидагон аз зӯроварии ҷинсӣ, бидуни тавзеҳ ба заминаи ҳодиса (ба монанди зӯроварии ҷинсӣ дар мавриди мунокиша) майл доранд, ки ба мақомоти салоҳиятдор хабар надиҳанд. Дар айни замон воқеият ва таҷрибаи ҷабрдидагон, аз ҷумла бо сабаби фарҳанги хомӯшӣ ва қабули зӯроварӣ ҳамчун «хисороти ҳамроҳикунанда», инчунин аз сабаби мавҷуд набудани механизмҳои зарурии муҳофизат, таносуби нобаробарии қувваҳо, тарс аз ҷазои боз ҳам бузургтар гирифтан ва хусусияти умумии доғи бадгӯӣ дар бораи чунин зӯроварӣ ноаён мемонанд.

Дарки зӯроварии ҷинсӣ ҳамчун як шакли зӯроварии гендерӣ ва бо дар назар гирифтани омилҳои қувва (қудрат) ва табъиз, ки дар ин замина нақши муҳим мебозанд, метавонад барои таҳияи чораҳои пешгирикунандае мусоидат намояд, ки ангезаҳои чунин зӯровариро пурра ба инобат мегиранд .

Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ (ЗҶГ) як шакли шадиди табъиз ва поймолкунии дағалонаи ҳуқуқи инсон аст, ки метавонад чанд навъи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва амнияти шахсӣ, инчунин ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонро дар бар гирад. Ҳодисаҳои ЗҶГ ба саломатӣ, шаъну шараф, бехатарӣ ва мустақи-

лияти шахсони зарардида таҳдид мекунанд, аммо онҳо дар айни замон дар бисёр ҳолатҳо нодида гирифта мешаванд ва сабт намешаванд, хусусан вақте ки онҳо аз чашми ҷомеа дур рух дода бошанд.

ЗҶГ мушкилоти хеле мураккаб дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар минтақаи САҲА маҳсуб мешавад[1]. Вазъияти имрӯза на танҳо то чӣ андоза таҳаммулпазир будани ҷомеаро ба чунин зӯроварӣ инъикос мекунад, балки ба он далолат мекунад, ки маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт аксар вақт масъулияти хешро ҷиҳати таъмини амнияти боздоштшудагон ва маҳбусон иҷро карда наметавонанд. Агар ин муассисаҳо аз ӯҳдаи кор дуруст набароянд, таҷовузгарон метавонанд бидуни ҷазо амал кунанд ва ҷабрдидагон дар сукунат аз зӯроварӣ ранҷ кашанд.

Бо вуҷуди ин вазъият, ба омӯзиши хусусият ва миқёси паҳншавии чунин шакли зӯроварӣ дар минтақаи САҲА, инчунин дарёфти усулҳои нисбатан самараноки пешгирӣ ва вокуниш ба чунин зӯроварӣ чандон аҳамият дода намешавад. Илова бар ин, давлатҳо барои ҳифзи шахсони нисбатан осебпазир ва рафъи оқибатҳои ЗҶГ ба ҷабрдидагон, хушунатгарон ва умуман ҷомеа ба қадри кофӣ кӯшиши дуруст намекунанд.

Пешгирӣ ва мубориза бо ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, пеш аз ҳама, масъулияти давлат аст. Мақомоти давлатӣ масъуланд, ки ҳамаи боздоштшудагон ва онҳое, ки дар маҳбасҳо адои ҷазо мекунанд, инчунин кормандони маҳбасҳо, намояндагони ташкилотҳои хизматрасонӣ ва боздидкунандагон ба табъиз дучор нашаванд, ҳамеша бехатар бошанд ва аз зӯроварӣ эмин бошанд. Бо вуҷуди он, чи тавре ки дар ин нашрия нишон дода шудааст, дар ҳалли мушкилоти ЗҶГ сохторҳои гуногуни ғайридавлатӣ ва шахсон, аз ҷумла худи боздоштшудагон ва маҳбусон метавонанд нақши муҳим бозанд.

Баҳисобгирии омили гендерӣ ҳангоми нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ ва маҳбас, на танҳо ба пешгирии зӯроварӣ мусоидат мекунад, балки як тадбири хеле муҳим барои ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи боздоштшудагон аз лаҳзаи воруд шудан то лаҳзаи озод шуданашон мебошад. Илова бар ин, ҳалли эҳтиёҷоти мардон дар маҳбас бо дар назар доштани «сенарияҳо»-ҳои хосси гендерӣ, ки онҳоро паси деворҳои маҳбас мебарад, ба дарки беҳтарини он, ки фарҳанги маҳдуд ва хашмгинонаи мардонагӣ чӣ гуна метавонад барои зӯроварӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва умуман дар ҷомеа шароит фароҳам оварад, кумак мерасонад. Ба монанди ин, дарки он, ки занон пеш аз ворид шудан ба маҳбас аз зӯроварии хосси ҷинсӣ ва табъизи номутаносиб ранҷ мекашанд, ба офиятбахши (реабилитатсия)-и босамари онҳо ва инчунин пешгирии зӯроварӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида мусоидат мекунад.

1 Истилоҳи «ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ» дар нашрияи мазкур истинод ба ҳар гуна шакли нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ ё ҳабс дар маҳбас ё ҷойгиркунии шахс дар боздоштгоҳи давлатӣ ё хусусӣ буда, ин шахс наметавонад бо иродаи худ, бо фармони ҳама гуна мақомоти судӣ, маъмурӣ ё дигар мақомот мувофиқи таъйиноте, ки дар моддаи 4(2) Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф муайян шудааст, аз он берун барояд.

Арзёбии таъсири гуногуни чораҳои амниятӣ дар ҷойҳои боздошт ба мардон ва занон, ҷавонписарон ва духтарон, аз ҷумла онҳое, ки дорои ҳувияти ғайримаъмули ҷинсӣ ва гароиши ҷинсӣ мебошанд, ба бештар башардӯстона ва бехатар шудани ин муассисаҳо, инчунин самаранок нигоҳ доштани тартиботи зарурӣ дар онҳо мусоидат мекунад ва ин имкониятҳо (шонсҳо)-и маҳбусонро ба офиятбахшии бомуваффақият ба ҳадди аксар мерасонад.

ЗҶГ як мавзуи мураккабест, ки ҷанбаҳои зиёд дорад. Дар нашрияи мазкур ду шакли маъмултарини ин падида баррасӣ карда мешаванд:

1. Зӯроварие, ки аз ҷониби боздоштшудагон/маҳбусон нисбат ба дигар боздоштшудагон/ маҳбусон содир карда мешавад (зӯроварии байни маҳбусон);

2. Зӯроварие , ки аз ҷониби кормандон нисбат ба боздоштшудагон/ маҳбусон содир мешавад.

Дар ин нашрия ба хотири ҷалби таваҷҷуҳ ба равиши умумии табъизи гендерӣ ва нобаробарӣ, ки боиси зӯроварӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ мегардад, ҳамчунин аз ҳодисаҳои ЗҶГ аз ҷониби боздоштшудагон/маҳбусон алайҳи кормандон ва инчунин ҳодисаҳои мушобеҳ миёни кормандон мисолҳо оварда шудааст.

Нашрияи мазкур ба омӯзиши маълумот ва таҳлили таҷрибаҳо ва сиёсатҳои дахлдор дар кишварҳои минтақаи САҲА, машваратҳо бо коршиносон дар низоми адлияи суди ҷиноятӣ ва мутахассисони таҷрибакор, инчунин хулосаҳои сафарҳо ба ду кишвар (Гурҷистон ва Норвегия) асос ёфтааст[2].

Ҳангоми омода сохтани нашрияи мазкур инчунин аз маълумоте истифода шудааст, ки аз 27 кишвари узви САҲА дар шакли посуххо ба пурсишҳо оид ба мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва гендерии дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои муваққатӣ рухдода ҷамъоварӣ гардидаанд.[3] Маълумот дар бораи равишҳои миллӣ барои ҳалли ин мушкилот (дар ҷараёни ҷаласаи махсус дар моҳи октябри соли 2016) аз ҷониби гурӯҳи кории мутахассисони таҷрибакори муассисаҳои бахши амният, ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз 14 кишвари узви САҲА пешниҳод карда шуд[4]. Илова бар ин, як зумра коршиносон, аз ҷумла ширкаткунандагони ҷаласаи муҳокимаи ин мавзуъ, моҳи декабри соли 2016 дар мавриди гузина (вариант)-и пешакии матни нашрия андешаҳояшонро пешниҳод карданд.

---

2 Ҳарчанд, ки баъзе аз асарҳои иқтибосовардашуда чандин даҳсола пеш аз ин чоп шуда буданд, онҳоро кӯҳна шумурдан мумкин нест: дар онҳо тавсияҳо оид ба мушкилоти барои мо мароқовар мавҷуданд, ки дар партави таҳқиқотҳои минбаъда аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд

3 Албания, Беларус, Белгия, Босния ва Герсеговина, Маҷористон, Олмон, Гурҷистон, Дания, Испания, Италия, Канада, Латвия, Литва, Малта, Лаҳистон, Руссия, Руминия, Македонияи Шимолӣ, Сербия, Туркия, Ӯзбекистан, Украина, Финляндия, Хорватия, Швейтсария, Шветсия ва Эстония.

4 Албания, Испания, Италия, Қазокистон, Канада, Латвия, Лаҳистон, Руссия, Сербия, Англия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Украина, Хорватия ва Шветсия.

**Ӯҳдадориҳои дахлдор, ки дар чорчӯби САҲА қабул шудааст:**

- Ҳуқуқҳои баробарии занону мардон ва баробарии гендерӣ[5].
- Пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва мубориза ба зидди он[6].
- Пешгирии таъқиби мансуб ба гендерӣ, зӯроварӣ ва истисмор[7].
- Манъи шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф[8].
- Рафтор бо шахсони маҳрум аз озодӣ[9].

## 1.1. Вазифаҳои нашрия ва аудиторияи зерҳадафи он

Ҳадафи нашрияи мазкур такмил додани дарки ЗҶГ аз ҷониби субъектҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла фаҳмидани он шаклҳое мебошад, ки дар онҳо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ чунин зӯроварӣ зуҳур меёбад. Дар нашрия ҳамчунин омилҳое, ки осебпазирии афроди аз озодӣ маҳрумшударо афзоиш медиҳанд, баррасӣ карда шудааст. Вазифаи умумии нашрия мусоидат ба коҳиш додан ва дар оянда комилан аз байн бурдани ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ мебошад.

Нашрияи мазкур дорои чаҳор ҳадафи асосӣ аст:

1. Рӯшанӣ андохтан ба сабабҳо , динамика ва оқибатҳои ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ;

2. Муайян кардани принсипҳое, ки равишҳои пешгирӣ кардани ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба онҳо такя мекунанд;

---

5 Санади ҷаласаи Маскавии Конференсия оид ба андозагирии инсонии САҲА, Маскав, 3 октябри с. 1991. (Маскав 1991); Санади Истамбули САҲА, Истамбул, 19 ноябри с. 1999. (Истамбул 1999); Санади ҷамъбастии Ҷаласаи дувоздаҳуми Шӯрои вазирони САҲА, София, 6-7 декабри с. 2004. (София 2004).

6 Қарори Шӯрои Вазирони САҲА № 15/05 «Роҳ надодан ва пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон» (Любляна 2005); Қарори Шӯрои Вазирони № 7/14 «Роҳ надодан ва пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон» (Базел 2014); Қарори Шӯрои Вазирони № 4/18 « Роҳ надодан ва пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон» (Милан 2018).

7 Маскав 1991; Истамбул 1999; София 2004; Санади ҷамъбастии ҷаласаи сенздаҳуми Шӯрои вазирони САҲА, Любляна, 5 ва 6 декабри с. 2005, (Любляна 2005).

8 Санади ҷамъбастии ҷаласаи Вена – Ҷаласаи севвум доир ба амалҳои минбаъда, Вена, 15 январи с. 1989. (Вена 1989);Санади ҷаласаи Копенгагени Конференсияи САҲА оид ба андозгирии инсон, Копенгаген, 29 июни с. 1990. (Копенгаген 1990); Хартияи Порис барои Аврупои нав/Санади иловагӣ дар бораи татбиқи муқаррароти муайяне, ки дар Хартияи Порис барои Аврупои нав мавҷуд аст-, Порис, 21 ноябри с.1990. (Порис 1990); Маскав 1991; Санади будапештии САҲА, 6 декабри 1994 г. (Будапешт 1994); Истамбул 1999; Любляна 2005; Санади вохӯрии шонздаҳуми Шӯрои вазирони САҲА, Хелсинки, 4-5 декабри с. 2008. (Хелсинки 2008); Санади вохӯрии ҳабдаҳуми Шӯрои вазирони САҲА, Афина, 1-2 декабри с. 2009 . (Афина 2009).

9 Вена 1989, Маскав 1991.

3. Ба низом даровардани ташаббусҳо ва равишҳое, ки дар минтақаи САҲА истифода мешаванд, инчунин баррасии ҳолатҳои мушаххасе, ки амалияи ҳам мусбат ва ҳам манфиро нишон медиҳанд;

4. Аз давлатҳои узв даъват ба амал оварда мешавад: ислоҳоте анҷом диҳанд, ки мувофиқати таҷрибаҳои онҳоро ба ӯҳдадориҳои САҲА ва меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон таъмин кунанд.

Нашрияи мазкур дар навбати аввал барои сиёсатандешон, қонунгузорон ва мутахассисони амалкунандае, ки дар низоми адлияи суди ҷиноятӣ кор мекунанд, аз ҷумла ба адвокатҳо, прокурорҳо, судяҳо ва тамоми кормандони дигаре таҳия шудааст , ки дар анҷом додани ҳабскунӣ, тафтишот, бозпурсӣ ва дар боздоштгоҳ нигоҳ доштани гумонбарон, айбдоршудагон дар ҷиноят, инчунин ҳабсшудагон ё боздоштшудагон иштирок мекунанд.

Барои пешгирии босамари ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ (ҶМО) ва мубориза алайҳи ин ҳодиса, аз давлатҳои узви САҲА муносибати ҳамаҷониба талаб карда мешавад. Ин ҷалби ҷонибҳои манфиатдореро дар назар дорад, ки ҳам дар дохили худи низоми адлия ва ҳам берун аз он кор мекунанд. Дар робита ба ин, ДНДҲИ умедвор аст, ки нашрияи мазкур як манбаи муфид барои доираи васеи корбарон, аз ҷумла механизмҳои миллии пешгирикунанда (ММП), ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқ (НМҲҲ), созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла созмонҳои ҳуқуқи башар ва созмонҳои маҳбусон (махсусан онҳое, ки бо шахсони ба қарибӣ аз маҳбас озодшуда кор мекунанд) мегардад.

Намунаҳои ташаббусҳои кишварҳои гуногуни узви САҲА дар ин нашрия оварда шудаанд, то ки равишҳои гуногунро ба масъалаи ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ нишон диҳанд. Интихоби намунаҳо ба арзёбиҳои дар посухҳо ба саволномаи ДНДҲИ овардашуда асос ёфтааст, ки самаранокии ин ташаббусҳоро дар кишварҳои мушаххас нишон медиҳанд. Дар айни замон Дафтари САҲА ин чораҳои амалиро мустақилона арзёбӣ накардааст.

Азбаски сиёсат ва амалияи боздошт дар ҳар як кишвар ба таври назаррас аз кишвари дигар фарқ мекунанд, байни таҷрибаҳои миллӣ набояд муқоисаи мустақим анҷом дода шавад. На ҳар як равишро ба осонӣ ба давлатҳои дигар интиқол додан мумкин аст, аммо дар айни замон ҳамаи мисолҳои дар ин нашрия овардашударо ба шароити кишварҳои гуногун метавон мутобиқ кард. Аз ин мисолҳо, қонунгузорон ва кормандони маҳбасҳо метавонанд дар бораи истифодаи омили гендерӣ дар кори худ оид ба мубориза бо зӯровари ҷинсӣ ва гендерии содиршуда фикру ақидаҳоро гиранд. Дар нашрияи мазкур инчунин мисолҳои ҳодисаҳои ЗҶГ дар минтақаи САҲА оварда шудаанд, ки аз қарорҳои асосии Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон гирифта шудаанд.

## 1.2. Муҳтавои нашрияи мазкур ва истифодаи истилоҳот

Дар Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиромези шаъну шараф (ПИКЗШ)[10] мафҳуми маҳрумият аз озодӣ ҳамчун «ҳар гуна шакли боздошт ё ҳабс ё ҷойгиркунии шахс дар ҷойи боздошти давлатӣ ё хусусӣ бо фармони ягон мақомоти судӣ, маъмурӣ ё дигар мақомот аст, ки ҳангоми он ин шахс ҳақ надорад, ки бо хоҳиши худ аз он берун бароядۭ»[11]. ЗҶГ метавонад дар ҳама гуна ҷойи боздошти иҷборӣ, аз ҷумла дар боздоштгоҳҳои полис, маҳбасҳо, боздоштгоҳҳои муҳоҷирон ва гурезаҳо, марказҳои офиятбахшии шахсоне, ки аз нашъамандӣ ва майзадагӣ азият мекашанд, боздоштгоҳ (гауптвахта)-ҳои ҳарбӣ, муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ ва дигар муассисаҳои тиббӣ ҷой дошта бошад. Дар айни замон мавзуи ин нашрия ба муассисаҳои ниҳодҳои адлияи суди ҷиноятӣ нигаронида шудааст, бо вуҷуди ин, хулосаҳои пешниҳодшударо дар дигар ҷойҳои боздошт ва ҳабс низ татбиқ кардан мумкин аст.

ЗҶГ метавонад дар ҳама гуна ҷойи боздошт сурат гирад, ҳатто берун аз боздошти/ҳабси расмӣ. Шахсони алоҳида метавонанд дар давраҳое, ки мақомоти давлатӣ одамонро ҳамчун гумонбаршуда ё шоҳид амалан дастгир мекунанд, мавриди ЗҶГ қарор гиранд. Тавре ки Гузоришгари махсус оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон, сабабҳо ва оқибатҳои он қайд кард, «дар бисёр мавридҳо далели боздошт метавонад пӯшонида шавад». Масалан, дар кишварҳое, ки волоияти қонун кофӣ нест, шаҳрвандон метавонанд берун аз шуъбаҳои полис ва маҳбасҳо хатари ба зӯроварӣ дучор шуданро пайдо кунанд.[12]

Мафҳуми «ҷойи маҳрумият аз озодӣ», ки ҳамчун истилоҳи умумӣ дар ин нашрия истифода мешавад, вобаста ба салоҳияти мушаххас метавонад бо маънои худ фарқ кунад. Аз сабаби вуҷуд доштани тафовут дар истилоҳот ва сохторҳои адолати судии ҷиноятӣ дар давлатҳои узв дар нашрияи мазкур якчанд истилоҳ барои ишора ба ҳолатҳое истифода мешаванд, ки ҳангоми он афрод дар низоми адлияи ҷиноятӣ боздошт мешаванд . Дар баробари ин ҳангоми истинод ба манбаъҳо истилоҳоти дар матни аслӣ истифодашуда нигоҳ дошта мешавад.

---

10 Дар замони нашр шудани мавод ПИКЗШ-ро 41 давлати узви САҲА: Австрия, Озарбойҷон, Албания, Арманистон, Булғория, Босния ва Герсеговина, Маҷористон, Олмон, Юнон, Гурҷистон, Дания, Испания, Италия, Қазоқистон, Кипр, Қирғизистон, Литва, Лихтенштейн, Люксембург, Малта, Молдова, Муғулистон, Ҳолландия, Норвегия, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Македонияи Шимолӣ, Сербия, Словения, Англия, Туркия, Украина, Финляндия, Фаронса, Хорватия, Черногория, Ҷумҳурии Чехия, Швейтсария, Шветсия ва Эстония, Белгия, Ирландия ва Исландия протоколро имзо карданд, вале ба тасвиб нарасониданд.

11 Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (бо қарори A/RES/57/199 аз 18 декабри с. 2002 дар ҷаласаи 57-й Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст; 22 июни с. 2006 қувваи қонунӣ пайдо кардааст), моддаи 4(2), https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/torture_prot.shtml.

12 Гузориши Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, сабабҳо ва оқибатҳои он, 26 январи с. 1998 ., E/CN.4/1998/54, п. 126, https://undocs.org/ru/E/CN.4/1998/54.

**Боздошт ва изолятсия ё нигаҳдории муваққатӣ дар полис** маънои боздошт аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дорад (маъмулан дар натиҷаи гумонбарӣ ба ҷиноят, инчунин дар ҷараёни ҳама гуна ҳамкорӣ бо полис), ки дар давоми он метавонад ЗҶГ рух диҳад. Ин ҳодиса метавонад дар ҳар лаҳза: ҳангоми таъқиби ҷиноятӣ, ҳангоми интиқоли гумонбаршудагон, ҳангоми пурсиш ба сифати шоҳид ё бозпурсӣ, новобаста аз он ки расман ба ҳабс гирифта шудааст ё не, рух диҳад.

**Ҳабси пешакӣ** бо иҷрои қарори суд оид ба ҳабси шахсе алоқаманд аст, ки дар содир намудани ҷиноят дар ҷараёни тафтиши ҷиноятӣ, муҳокимаи судӣ ё баровардани ҳукми пешакӣ айбдор мешавад.

**Дастгиршуда** – ҳама гуна шахсе, ки бо ягон сабабе, ба истиснои маҳкумият барои содир кардани ҷиноят, аз озодӣ маҳрум шудааст.

**Ҳабскунӣ /ҳабскунӣ дар маҳбас**, аз озодӣ маҳрум кардани шахсест, ки бо ҳукми суд барои содир кардани ҷинояти мушаххас ба адои ҷазо маҳкум шудааст.

**Маҳбус/маҳкум ё маҳкумшуда** – шахсе, ки бо хукми суд барои содир намудани чиноят аз озодӣ махрум шудааст[13].

Бо эътироф ва таъкиди осебпазирии хосси шахсони ноболиғ, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қарор доранд, нашрияи мазкур тавсияҳои мушаххасро оид ба муносибат бо боздоштшудагон ё маҳбусони ноболиғ пешниҳод намекунад, зеро эҳтиёҷоти махсуси кӯдакон ва наврасонро беҳтар метавон дар як низоми алоҳидаи адлияи ноболиғон, ки баррасии онҳо аз доираи нашрияи мазкур берун қарор дорад, таъмин кард. Бо вуҷуди ин, дар нашрияи мазкур баъзе омилҳои ҷудогонае, ки ноболиғонро зери хатари ЗҶГ қарор медиҳанд, баррасӣ карда мешаванд.

13 См.: Human Rights in the Administration of Justice: A Manual on Human Rights for Judges, Prosecutors and Lawyers [Ҳуқуқи инсон дар раванди иҷрои адолат: роҳнамо оид ба ҳуқуқи инсон барои судяҳо, прокурорҳо ва адвокатҳо], New York and Geneva, United Nations, 2003, chapter 8, https://www.ohchr.org/Documents/Publications/training9chapter8en.pdfСм.

# 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ



# 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

ЗЧГ мушкилотест, ки ҷанбаҳои зиёд дорад ва мафҳумҳои асосие, ки ин падидаро тавсиф мекунанд ва инчунин равишҳои ҳалли он низ бисёрҷониба мебошанд. Дар миёни коршиносони амалкунанда ва хонандагони ин нашрия ба далели он, ки бар асоси қонунгузории ҷиноии давлати мушаххас муносибатҳои гуногун ба ЗҶГ (ҳам дар ҶМО ва ҳам умуман дар ҷомеа) вуҷуд доранд, дар бораи ин масъала фаҳмиш ва ё эҳсоси мухталиф вуҷуд дошта метавонад.

Сарфи назар аз реҷаҳо (низомҳо)-ҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ҳамаи давлатҳои узв дорои ӯҳдадории якхелаи ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо ҳама ҳолатҳои ЗҶГ мебошанд; онҳо инчунин дар доираи САҲА ӯҳдадориҳои шабеҳ доранд. Дар бахши мазкур як қатор мафҳумҳои муҳими марбут ба ЗҶГ баррасӣ мешаванд ва мафҳумҳои дахлдор, ки дар ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон пешниҳод шудаанд, баён мегарданд.

## 2.1. Зӯроварии гендерӣ, нобаробарӣ ва табъиз

Истилоҳи «зӯроварии гендерӣ» (ЗГ) бори аввал барои тавсифи инъикоси ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба занон бо ҳолатҳои табъизи гендерӣ истифода шудааст ва ҳамчун «зӯроварӣ, ки ба зан нигаронида шудааст, зеро вай зан аст, ё ин зӯроварии ба занон таъсири номутаносиб расонанда» муайян карда мешуд»[14].

Аз он замон инҷониб истилоҳи мазкур барои ифодаи зӯроварие истифода мешавад, ки он боиси зарари равонӣ, ҷинсӣ ё рӯҳӣ ё ранҷу азобе нисбат ба касе дар асоси табъизи гендерӣ, тасаввуротҳо дар бораи нақшҳои гендерӣ ва/ё стереотипҳои гендерӣ, ё дар асоси тавозуни нобаробари қувваҳои вобаста ба гендер мегардад[15].

---

14 Committee on the Elimination of Discrimination against Women, General Recommendation No. 19 on Violence against women [Кумитаи барҳам додани табъиз нисбати занон, тавсияҳои умумии № 19 оид ба муамлоҳои зӯроварӣ нисбат ба занон], 1992, para. 6, https://tbinternet.ohchr.org/Treaties/CEDAW/Shared%20Documents/1_Global/INT_CEDAW_GEC_3731_E.pdf.

15 UN Women, Virtual Knowledge Centre to End Violence Against Women and Girls [СММ-занон, Онлайн-маркази донишҳо барои барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон], http://www.endvawnow.org/en/articles/347-glossary-of-terms-from-programmeming-essentials-and-monitoring-and-evaluation-sections.html.

ЗГ натиҷаи табъизи сохтории амиқ решагирифта аст, ки давлатҳо ӯҳдадоранд алайҳи он мубориза баранд. Ин падида инчунин ба меъёрҳои гендерӣ дар робита бо мардонагӣ такя мекунад, ки он зарурати намоиш додани назорат ё қувва (қудрат), таъмин намудани иҷрои нақшҳои муқарраршуда ё пешгирӣ кардан, боздоштан, ҷазо доданро барои рафторе, ки бинобар мувофиқат накардани он ба меъёрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муқарраршуда ғайриқобили қабул дониста мешавад, пешбинӣ мекунад.

Зӯроварии гендерӣ (ЗГ) на танҳо ҳамчун нақзи ҳуқуқи инсон баррасӣ мешавад: чунин зӯроварӣ инчунин як шакли шадиди табъиз аст, ки муқаррароти Конвенсияи барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбат ба занон (КБТЗ)-ро фаро мегирад. Он ба татбиқи дигар ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосӣ, аз ҷумла ҳуқуқи озод будан аз шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ҳуқуқ ба амнияти шахсӣ ва ҳуқуқ ба ҳифзи баробар мутобиқи қонун халал мерасонад ё комилан онҳоро аз байн мебарад[16].

**Меъёрҳои гендерӣ**– меъёрҳо ва интизориҳое ҳастанд, ки ба онҳо маъмулан ҳувияти гендерӣ мувофиқат мекунад ва дар ҳудуди ба ҷамъияти мушаххас хос, фарҳанг ва ҷомеа дар лаҳзаи муайян вуҷуд доранд.

Сарчашма: UNICEF, UNFPA, UNDP, UN Women, Gender Equality, UN Coherence and You (ЮНИСЕФ, ЮНФПА, ПРООН и «СММ-занон», баробарии гендерӣ, фаъолияти сохторҳои СММ ва шумо).

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бахусус созмонҳои байналмилалӣ дар саҳеҳтар кардани таърифи ЗГ ва шаклҳои гуногуну сабабҳои он ва омилҳои осебпазирии шахсони алоҳида нисбат ба ин падида, инчунин масъулияти давлатҳо дар робита ба ин мушкилот ба пешравиҳои назаррас ноил шудаанд. Дар ин росто консенсуси афзоянда дар ҷомеаи байналмилалӣ махсусан муҳим аст, ки ЗГ бояд ҳамчун падидаи аз дигар шаклҳои зӯроварии байнишахсӣ фарқкунанда дарк карда шавад, зеро он аз табъиз сарчашма мегирад ва худ як зуҳури табъиз буда, ба пойдории он мусоидат мекунад.

ЗГ натиҷаи нобаробарии қувваҳо дар асоси омили гендерӣ аст; дар ҳоле ки ҷабрдидагони зӯроварӣ, хоҳ мард ва хоҳ зан, афрод ё гурӯҳҳои алоҳида, маҳз аз рӯи мансубият ба ҷинсашон мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд.[17]

16 Дар ҳамон ҷо, м. 7.

17 Mending Inequalities: Men and Gender Equality in the OSCE Region [Барҳам додани нобаробарӣ: мардон ва занон ва баробарии гендерӣ дар минтақаи САҲА ], Vienna, OSCE, 2011, https://www.osce.org/gender/80978.

Дар соли 2018 Шӯрои вазирони САҲА иловатан таъкид кард, ки занон ва духтарон метавонанд ба намудҳои гуногун, баъзан якбора ба якчанд намуди табъиз дучор шаванд. Ин маънои онро дорад, ки нисбат ба онҳо сатҳи хатари зӯроварӣ баланд аст; дар айни замон ин омехтагии омилҳо метавонад боиси табъизи боз ҳам бештар гардад.

**Намунаи ҳодисаи судӣ:**
**парвандаи «*Инга Абрамова бар зидди Беларус*»**
**(Протоколи иловагӣ ба КБТЗ, с.2011)**

Инга Абрамова ҳангоми ширкат дар як чорабинии оммавӣ бо иттиҳоми авбошии хурд боздошт шуд. Вай дар боздоштгоҳи муваққатӣ панҷ рӯз дар ҳабси маъмурӣ қарор дошт. Ҳангоми боздошт ба гуфти ӯ ба шаклҳои гуногуни бадрафторӣ дучор шудааст, аз ҷумла ӯро дар муассисае нигоҳ доштанд, ки кормандонаш танҳо мардон буданд ва дар он ҷо аксар вақт ба ӯ ҳарфҳои таҳқиромез мегуфтанд. Вай ҳамчунин изҳор дошт, ки ҳангоми боздошт як корманди муассиса ӯро мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода, ба ламскуниҳои номатлуб роҳ додааст ва як корманди дигар таҳдид кардааст, ки ӯро бараҳна мекунад.

Арзкунанда изҳор дошт, ки шароити боздошти ӯ «аз шароити боздошти мардон бадтар будааст, зеро вай таҳти озори ҷинсӣ ва муносибати таҳқиркунандаи шаъну шараф аз ҷониби кормандони мард қарор гирифтааст».[18]

Кумита ба хулосае омад, ки муносибат ба шикояткунанда, инчунин беътавaҷҷуҳӣ ба эҳтиёҷоти махсуси ҷинси занони боздоштшуда метавонад ҳамчун зӯроварии гендерӣ ва табъиз тибқи КБТЗ муайян карда шавад.

Дар маҷмуъ дар ҷомеа, ЗГ ба таври номутаносиб ба занон, инчунин духтарон, маҳз аз сабаби зан будани онҳо таъсир мерасонад. Сабаби ин таассуб (бадгумонӣ) ва табъиз, нобаробарии гендерӣ дар ҷомеа, стереотипҳои зараровари гендерӣ ва муносибатҳои нобаробари қувваҳо дар асоси гендерӣ аст. Дар баробари ин, дар баъзе ҷомеаҳои умдатан мардона,масалан, дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ – ЗГ нисбат ба мардону ҷавонмардон низ ҳамчун воситаи таҳқир, дашном додан ва назорат кардани онҳо истифода мешавад. Ҷабрдидагони ЗГ дар ҶМО ва дар маҷмуъ дар ҷомеа низ метавонанд мардоне бошанд, ки аз сабаби ҳувияти ҷинсӣ ё тамоюли ҷинсии воқеӣ ё тахминшуда, ба мафҳумҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда мувофиқат намекунанд.

---

18 Назари Кумитаи барҳамдиҳии табъиз нисбат ба занон, Паёми № 23/2009, 27 сентябри с. 2011, м. 3.3.

Аз сабаби номувофиқатӣ ба тасаввуроти маъмули занонагӣ ва мардонагӣ, дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ инчунин трансгендерҳо ва интерсексуалҳо низ зери хатар қарор доранд.

Нобаробарӣ ҳамзамон сабаби аслӣ ва ҳам оқибати ЗГ мебошад, зеро он метавонад ба муроҷиати ҷабрдидагон барои ҷустуҷӯи ҳимоят ё барои ба даст овардани ҷуброн барои нақзи ҳуқуқи инсонии онҳо мамониат кунад.

Бо ин сабаб , дар пешгирӣ аз ЗГ ривоҷ додани баробарии гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аҳаммияти калон пайдо мекунад.

**Нақшаи амалиёти САҲА оид ба дастгирии баробарии гендерӣ дар соли 2004**

- Баҳисобгирии самаранокии мушкилоти гендерӣ барои комёб шудан ба баробарии мардону занон барои истифодаи комили сармояи инсонӣ дар минтақаи САҲА зарур аст.Баробарии гендерӣ ба таъмини амнияти ҳамаҷониба, ба он ҳадафе мусоидат мекунад, ки барои ноил шудан ба он кӯшишу талошҳои САҲА дар ҳар се ченаки амният равона карда шудаанд.

### Тавсифоти асосии ЗГ

* Сарчашмаи ин падида интизориҳои иҷтимоӣ дар асоси стереотипҳои гендерӣ мебошад.

* ЗГ аксар вақт бар зидди шахсоне содир мешавад, ки ба фаҳмиши дар ҷомеа қабулшуда ва бартаридоштаи нақшҳои гендерӣ номувофиқ ҳисобида мешаванд.

* Чунин зӯроварӣ натиҷаи таносубҳои нобаробари қувваҳои марбут ба фарқияти гендерӣ ва бар асоси тафовути байни мардону занон, тафовут дар байни мардон ва фарқиятҳои байни занон аст.

* Қувваи бавуҷудоварандаи ЗГ хоҳиши нишон додани назорат ё қувва мебошад.

Яке аз пешрафтҳои муҳимтарин дар мухолифат ба ЗГ ин татбиқи меъёри «таваҷҷуҳи зарурӣ» мебошад, ки бори аввал дар моддаи 4(в) Эъломияи СММ дар бораи барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон дар соли 1993 муқаррар шудааст. Меъёри мазкур ба мубориза бар зидди беамалии таърихии давлатҳо нисбат ба мушкилоти ЗГ равона шуда, он давлатҳоро ӯҳдадор мекунад, ки «ба масъалаҳои пешгирӣ, тафтиш ва муҷозот додан барои амалҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва мутобиқи қонунгузории миллӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намояд»[19]. Талабот ба давлатҳо дар ин бобат аз ҷониби ҳуқуқи байналмилалӣ ва амалияи судӣ муайян карда мешавад. Ба ғайр аз пешгирӣ, тафтиши ҳама ҳолатҳои ЗГ ва ҷазо додан, аз ҷумла дар ҶМО, давлатҳо бояд кафолат диҳанд, ки новобаста аз он ки амалҳои чунин зӯроварӣ аз ҷониби субъектҳои давлатӣ (масалан, аз ҷониби полис ё хадамоти маҳбас), шахсони воқеӣ ё боздоштшудагон/маҳбусон содир мешаванд ё не, чораҳои дахлдор андешида шаванд[20].

### Принсипҳои асосии мубориза(аксуламал) ба ЗГ аз ҷониби давлат

* Ҳангоми мубориза ба ЗГ, давлатҳо бояд равиши ба ҳуқуқи инсон асосёфта ва ба эътиборгирандаи ҷанбаҳои гендериро истифода намоянд ва эътироф кунанд, ки нобаробарии гендерӣ ҳам сабаб ва ҳам оқибати ЗГ мебошад.

* Давлатҳо бояд барои пешгирии ЗГ, ҳифзи ҷабрдидагон, тафтиши ҳодисаҳои ЗГ ва таъқиби гунаҳкорон чораҳо андешанд.

* Давлатҳо бояд тавассути ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон ва қабули сиёсати таҳаммулнопазирӣ нисбат ба ЗГ ба беҷазоӣ хотима бахшанд.

* Ҳангоми таҳияи чораҳои ҷавобӣ аз ҷониби низоми ҳифзи ҳуқуқ таҷрибаи ЗГ бояд ба эътибор гирифта шавад.

* Ҳуқуқҳои инсон, эҳтиёҷот ва амнияти ҷабрдидагон бояд авлавият дошта бошанд (ин принсип аксар вақт чунин номида мешавад: «Муносибати ба ҷабрдида нигаронидашуда».

19 Нигар. Эъломияи СММ оид ба барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон, 20 декабри с. 1993, моддаи. 4(с), https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/violence.shtml.

20 Дар ҳамон ҷо.

## 2.2. Зӯроварии ҷинсӣ(шаҳвонӣ) ва гендерӣ (ЗЧГ)

▶ Санади Маскав аз с. 1991: «Давлатҳои узв ба ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо инсондӯстӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонӣ, ки ба шахсияти инсон хос аст, муносибат намуда, меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалиро оид ба татбиқи адолати судӣ ва ҳуқуқи инсонии боздоштшудагон риоя хоҳанд кард».

### Тавсияҳои асосӣ

✓ Қонунгузории миллӣ бояд таърифи саҳеҳи зӯроварии ҷинсӣ ва гендериро дошта бошад ва инчунин ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани чунин зӯроварӣ пешбинӣ намояд.

Зӯроварии ҷинсӣ шакли хоссаи ЗГ буда, ҳама гуна амали дорои хусусияти шаҳвонидошта, инчунин кӯшиши содир намудани чунин амалҳо; эродҳои номатлуби хусусияти ҷинсидошта ё таъқиб барои амали ҷинсӣ; амалҳо бо мақсади хариду фурӯш ё дигар амалҳо нисбат ба шахсе аз ҷониби ягон шахси дигар бо истифодаи зӯроварӣ, сарфи назар аз муносибати ҷабрдида бо ӯ ва дар ҳар гуна ҳолатро дар бар мегирад[21]. Зӯроварии ҷинсӣ аз рӯи табиати худ ҷинояти гендерӣ аст, зеро сабаби он асосан аз нобаробарии гендерӣ ва қолабҳои гендерӣ ба вуҷуд омадааст,- масалан, тасаввурот дар бораи он, ки занон бояд дар масоили ҷинсӣ мутеъ бошанд ва ё таҷовузи ҷинсӣ ва зердаст кардан нишондишандаи асосии пурқувват будан ва мардонагӣ аст .

Ҳамин тариқ, истилоҳи «зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ» (ЗЧГ) хеле муҳим аст, зеро дар он хусусияти дугонаи чунин зӯроварӣ инъикос шудааст – он табиати ҷинсӣ дорад ва дар айни замон вай аз як шакли табъиз дар асоси мансубияти гендерӣ ва тамоюл ё ҳувияти ҷинсӣ иборат мебошад.

Ҳарчанд ки дар бисёре аз ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ механизмҳои ошкор кардани зӯроварии ҷинсӣ ва муқобилат ба он вуҷуд доранд, аммо арзёбии гендерии чунин зӯроварӣ на ҳамеша эътироф карда ва ба инобат гирифта мешавад. Ба ин далел, ис-

21 Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар чорчӯби адолати давраи гузариш, Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, моҳи октябри с. 2014 ., https://www.ohchr.org/Documents/Issues/Women/WRGS/OnePagers/Sexual_and_gender_ru.pdf

тилоҳи «зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ» низ ба он сабаб муфид аст, ки вай таваҷҷуҳро ҳам ба омилҳои ҷинсӣ ва ҳам гендерии ин шакли зӯроварӣ ҷалб мекунад.

Дар ҶМО амалҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ аксар вақт манъ карда мешаванд ва ин мавзуъ мамнуъ (табу) боқӣ мемонад. Дар аксари муассисаҳо ин гуна алоқаи ҷисмонӣ ва рафтори ҷинсӣ, ҳам бо ризоияти субъектҳои он ва ҳам бидуни ризоияти онҳо дақиқан манъ карда шудаанд ва ин мамнуъиятҳо метавонанд худирзоъӣ (мастурбатсия)-ро низ фаро гиранд. Ҳамин тариқ, боздоштшудагон ё маҳбусон метавонанд барои иштирок дар амали ҷинсӣ бо розигии тарафайн низ муҷозоти интизомӣ гиранд.

Набудани таърифи дақиқи он чизе, ки бояд ЗҶГ дар ҶМО чунин баррасӣ шавад, инчунин набудани қоидаҳои возеҳи вокуниш ба ин масъала ва омодагии нокифояи кормандон барои ошкор кардани ЗҶГ метавонад ба ҳолатҳое оварда расонад, ки ҳатти байни зуҳур кардани амалҳои шаҳвонӣ ва амалҳои зӯровариро норавшан гардонад.

Вақте ки одамон аз озодӣ маҳруманд, муайян кардани он душвор аст, ки оё розигии ҳақиқӣ мавҷуд буд ё не. Аз ин сабаб, тахмин кардан дуруст аст, ки бисёре аз амалҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ дар шароити маҳрумият аз озодӣ метавонанд амалҳои зӯроварии ҷинсӣ бошанд.

Сарфи назар аз талошҳо барои фароҳам овардани шароити инсондӯстона барои маҳбусон, дар бисёре аз муассисаҳои низоми адлияи суди ҷиноятӣ, маҳбасҳо ва дигар ҷойҳои боздошти маҷбурӣ маъмулан вазъияти фишорро ба вуҷуд меоранд, ки дар он як гурӯҳи одамон (кормандони муассиса) салоҳияти назорат кардан ва боздоштани гурӯҳи дигари одамон (боздоштшудагон ва маҳбусон)-ро доранд. Дараҷаи мустақилияте, ки маҳбусон аз он бархурдоранд, дар муқоиса бо дараҷаи баланди вобастагӣ аз кормандон ва аз ҳамдигар хеле маҳдуд аст[22].

**Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ метавонад намудҳои зерини зӯроварӣ ва муносибати бераҳмонаро дар бар гирад:** таҷовуз ба номус ва кӯшишҳои таҷовуз ба номус, таҳдидҳои зӯроварии ҷинсӣ, озори ҷинсӣ, истисмор, таҳқир, таҷовуз, таъқиб, табодули ҷинсӣ[23], шиканҷа, бе ризоият ё бо мақсади расонидани зарар ба сурохиҳои узвҳои таносул ворид кардани ашё. Сухан инчунин метавонад дар бораи

22 Sexual Violence in Detention [Зӯроварии ҷинсӣ дар ҷойҳои боздошт], Geneva, ICRC, 2017, https://www.icrc.org/en/publication/4293-sexual-violence-detention.

23 Бартер (мубодила)-и ҷинсӣ ин раванди мубодила аст, ки аз мубодилаи хидматрасонии ҷинсӣ бар ивази молҳо (масалан, маводди мухаддир ё сигаретаҳо) ва /ё хидматрасонӣ (масалан, пешниҳоди авлавият ҳангоми тақсими кор ё ҷойгиронӣ дар камераҳо) дар асоси нобаробарии қувваҳо ё тафовути қувваҳои байни маҳбусон ва кормандони муассисаи ислоҳӣ ба амал меояд. См.: Pardue, A., Arrigo, B. A., & Murphy, D. S. (2011), Sex and Sexuality in Women's Prisons: A Preliminary Typological Investigation [Алоқаи ҷинсӣ ва тамоюл ба алоқаи ҷинсӣ дар маҳбасҳои занона: таҳқиқи пешакии типологӣ], The Prison Journal, 91(3), 279-304, https://doi. org/10.1177/0032885511409869.

бордоркунии маҷбурӣ, бенаслгардони (стерилизатсия)- и маҷбурӣ, қатъи маҷбурии ҳомиладорӣ, хариду фурӯши одамон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ, ғуломии шаҳвонӣ, хатнакунии маҷбурӣ, ахта кардан (кастратсия), маҷбуран бараҳна кардан равад.

Дар нашрияи мазкур масъалаи ЗҶГ ба таври муфассал ҳамчун як масъалаи ҷудогона баррасӣ шудааст, аммо дар амал шаклҳои гуногуни зӯроварӣ дар ҶМО бо ҳам алоқаманданд ва метавонанд дар якҷоягӣ бо зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ рух диҳанд. Масалан, зӯроварии ҷисмонии характери ғайригендерӣ байни боздоштшудагон ё маҳбусон метавонад бо амалҳои ЗҶГ якҷо содир шавад. Бо вуҷуди он ки дар ин ҳолат ҷудо кардани амалҳои зӯроварӣ аз ҳамдигар то андозае сунъӣ хоҳад буд, ЗҶГ бояд алоҳида баррасӣ карда шавад, зеро ин намуди зӯроварӣ чораҳои вокунишҳои мушаххасро тақозо мекунад, ки бояд ба андозагирии гендерӣ таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа диҳанд.

## 2.2.1. Шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ

Аз ҷиддитарин вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон (таҷовуз ба номус ва зӯроварии ҷинсӣ) то дигар амалҳои истисмори шаҳвонӣ ва таҳқир аз рӯи гендерӣ ба муносибати бераҳмона ва зӯроварӣ дохил мешаванд, ки метавонанд ҳангоми нобаробар будани қувваҳо (қудратҳо)-и хос дар маҳбасҳо ва муассисаҳои боздошти маҷбурӣ ҷой дошта бошанд.

Таърифи амалҳои мушаххас ҳамчун амали ЗҶГ ба он вобаста аст, ки ин падида дар қонунгузории миллӣ чӣ гуна баррасӣ мешавад. Масалан, дар баъзе давлатҳо таҷовуз ба номус ба гунаи бетарафии гендерӣ муайян карда мешавад ва воридшавӣ ба узвҳои таносул шарти ҳатмӣ барои таснифи амал ҳамчун зӯроварии ҷинсӣ баррасӣ намешавад. Дар дигар кишварҳо қонунгузории ҷиноятӣ танҳо амали ҷинсиеро, ки мард алайҳи зан содир кардааст, таҷовуз ба номус мешуморад.

Амали зӯроварӣ вобаста ба хусусияти муносибатҳои байни таҷовузкор ва ҷабрдида (корманд ё боздоштшуда/маҳбус) ва ҷинси ҷинояткор ва ҷабрдида метавонад ба таври гуногун тасниф карда шавад. Дар зер таърифҳои баъзе истилоҳҳои марбут ба ЗҶГ оварда шудаанд

Қайд кардан муҳим аст, ки шаклҳои зӯроварии дар поён овардашуда, якдигарро истисно намекунанд, яъне амали ЗҶГ метавонад ҳамчун амали шаклҳои гуногуни чунин зӯровариро дарбаргиранда тавсиф карда шавад.

### *Зӯроварии ҷинсӣ*

Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх қайд мекунад: «Зери мафҳуми зӯроварии ҷинсӣ амалҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ фаҳмида мешаванд, ки аз ҷониби ягон шахс нисбат ба шахси дигар бо роҳи маҷбурӣ анҷом дода мешавад. Маҷбуркунӣ метавонад бо чунин ҳолатҳо, аз қабили тарс аз зӯроварӣ, фишор, қувваи ҷисмонӣ, таҳдиди қувваи ҷисмонӣ, фишори равонӣ ё сӯиистифода аз қудрат (ҳокимият) ба вуҷуд ояд. Ба зӯроварии ҷинсӣ инчунин амалҳои дорои хусусияти шаҳвонидоштае дохил мешаванд, ки дар натиҷаи истифодаи вазъи умумии фишороварӣ ё имконияти ризоияти самимӣ надодани шахс ба чунин амалҳо содир шудаанд»[24].

### *Таҷовуз ба номус ё таҳдиди таҷовузи ба номус*

Таҷовузи шаҳвонӣ ё таҷовуз ба номус ҳамла ба бадани шахс бо роҳи содир кардани «амале мебошад, ки дар натиҷаи он ба ягон қисми бадани ҷабрдида ё ҷинояткор, узвҳои таносул ё ягон ашё ё ягон қисми бадани шахс ба мақъад ё сӯрохии узвҳои таносули ҷабрдида пурра ё қисман (ҳатто ба таври ночиз) ворид карда мешавад»[25]. Он истифодаи қувва, таҳдид бо зӯрӣ ё маҷбуриро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки вазъияти боздошти маҷбурӣ ё суиистифода аз ваколат метавонад барои қонеъ кардани меъёри маҷбуркунӣ кифоя бошад.

### *Ҳамла бо қасди зӯроварии ҷинсӣ*

Ҳамла бо мақсади зӯроварии ҷинсӣ - амали зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ нисбат ба шахсе мебошад, ки бе ризоияти ин шахс содир мешавад ва ин ҳамла ба тамомият (амният)-и бадан ва мустақилияти ҷинсии ӯ мебошад. Иҷрокунандагону ҷабрдидагони чунин ҳамлаҳо метавонанд ҳам мардон ва ҳам занон бошанд[26].

### *Тамоси шаҳвонии хусусияташ ҷиноятӣ*

Истилоҳи «тамоси шаҳвонии хусусияташ ҷиноятӣ» барои ишора ба алоқаи ҷинсӣ ё ламс кардани хусусияташ шаҳвонӣ истифода мешавад, ки ин таҷовуз ба номус ё ҳамла бо қасди зӯроварии шаҳвонӣ нест, вале «бо вуҷуди ин, вайронкунии ӯҳдадориҳои вазифавӣ» дар маҳбасҳо ва муассисаҳои боздошти муваққатӣ мебошад (дар ин маврид рафторҳое дар назар дошта мешаванд, ки аз ҷониби кормандон содир карда мешаванд)»[27].

---

24 Sexual Violence in Detention, ос. зикршуда, поварақи 22.

25 Ин таърифи густурдаи таҷовузи ҷинсӣ аст, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ қабул шудааст. Нигар: Ёддошти тавзеҳӣ ба асосномаи Рум, фасли В «Унсурҳои ҷиноятҳо», моддаи 7(1)(g)–1 «Ҷиноят бар зидди инсоният дар намуди таҷовузи ҷинсӣ», https://www.un.org/ru/documents/rules/icc_elements.pdf.

26 Definition of sexual assault and other elements, UN Women Virtual Knowledge Centre to End Violence Against Women and Girls [Таърифи ҳамла бо мақсади зӯроварии ҷинсӣ ва дигар унсурҳои ҷиноятҳо – СММ-занон, Маркази онлайнии донишҳо барои барҳам додани зӯроварӣ алайҳибар зидди занон ва духтарон], http://www.endvawnow. org/en/articles/453-definition-of-sexual-assault-and-other-elements.html.

27 Niyi Awofeso and Raymond Naoum, Sex in prisons – a management guide [Робитаи ҷинсӣ дар маҳбасҳо: ҷӣ гуна бояд роҳбарият амал кунад], Australian Health Review, Vol. 25, No. 4, 2002, p. 155.

Ба ин гуна кирдорҳо, аз ҷумла, даст задани номатлуб ба узвҳои шармияти ҷабрдида, аз ҷумла узвҳои таносул, мақъад, бағал (байни пойҳо), сина ё рон дохил мешаванд.

### *Шиканҷаи моҳияташ шаҳвонӣ*

Зӯроварии шаҳвонӣ, ки аз қасдан расондани дарди шадид ё азоби рӯҳӣ ё ҷисмонӣ расондан бо мақсади ба даст овардани маълумот ё эътироф, инчунин бо мақсади ҷазо додан, тарсондан ё маҷбуркунӣ ё бо ҳама гуна сабабҳои марбут ба ҳама гуна намуди табъиз иборат аст, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона ва ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон таҳти таърифи шиканҷа қарор мегирад. Амалҳои шиканҷа ё муносибати бераҳмона метавонанд қасдан бо кӯшиши дидаю дониста бештар шарманда кардан ё таҳқир кардани шахс бар асоси шахсият ё дигар хислатҳои шаҳвонӣ содир карда шаванд. Зӯроварии ҷинсӣ метавонад дар сурати мавҷуд набудани унсури қасд ҳамчун муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ҳисобида шавад. Он метавонад таҷовузи ҷинсиро дар бар гирад, ки ҳамчун як шакли шиканҷа, муносибати бераҳмона ё ҷазо, инчунин шаклҳои дигари таҷовуз ва таҳқири моҳияти шаҳвонидошта бо ин мақсад истифода мешавад[28]. Шиканҷаи ҷинсӣ ба ғайр аз чизҳои дигар таҷовузи ҷинсӣ ва таҳдиди таҷовуз ба номус, ворид кардани ашёи бегона ба мақъад, маҷбуран бараҳна кардан (кашидани либос), таъсир бо зарбаи барқ ба узвҳои таносул, ё сина, инчунин таҳқир кардан ва пастзании моҳияти ҷинсидоштаро дар бар мегирад.

### *Таҳқири ҷинсӣ ва рафтори зиддиҳуқуқии ҷинсӣ*

Таҳқири ҷинсӣ ва фаъолияти ғайриқонунии ҷинсӣ амалҳои таҳқир, таъқиб ва истисмор, инчунин рафтори ғайриқонунии шаҳвонӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё муассисаҳои маҳбасиро дар бар мегирад. Дар байни чунин амалҳо иҷборӣ бараҳна кардани бадан, рафтори номатлуби кормандон ҳангоми тафтиш ва кофтукови аз ҳад дағалонаи бадан бо ворид кардан ашё ба сурохиҳо дохил мешаванд.

Дар баъзе давлатҳо, «тафтишу кофтукови занони боздоштшуда талаби дар назди ҳама либос кашидан ё зону дар бағал нишастан, инчунин муоинаи узвҳои таносули бадан, аз ҷумла маҳбал ва мақъадро дар бар мегирад»[29]. Тибқи маълумоти Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, чунин тафтишу кофтуковҳои бадан «метавонанд ҳамчун зӯроварии ҷинсӣ тасниф карда шаванд ва аз ин рӯ, бояд манъ карда шаванд»[30].

---

28 Sexual Violence in Detention, ос.зикршуда., поварақи 22.

29 Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Пешгирии татбиқи шиканҷа ва муносибати бераҳмона нисбат ба заноне, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, 18 январи с. 2016 ., CAT/OP/27/1, п. 27.

30 Дар ҳамон ҷо.

Шаклҳои дигари таҳқири ҷинсӣ аз мушоҳидаи номуносиб ва шаҳвони (вуайеризм)-и маҳбусон ҳангоми оббозӣ ё истифодаи ҳоҷатхона, озори моҳияти ҷинсидошта ва инчунин ҳарфҳо ё имову ишораҳои қабеҳ (ба монанди хуштак задан ё лабханд кардани кормандон ё дигар боздоштшудагон /маҳбусон) иборатанд.

### *Таҳқир ва озору азият бар асоси тамоюли ҷинсӣ ё ҳувияти ҷинсӣ*

Таҳқир ва таъқиб бар асоси тамоюли ҷинсӣ ё ҳувияти гендерӣ рафтори номатлуб нисбат ба ашхоси тамоюли ҷинсии ғайрианъанавӣ ва/ё ҳувияти гендерӣ ва ифодаи гендеридоштаро дар бар мегирад. Кормандон метавонанд дар чунин таъқибот шарик бошанд,масалан, ҳангоми гузаронидани кофтукови шахсии беасоси дағалонаи бадан ё муоинаҳое, ки барои онҳо розигии маҳбусон гирифта нашудааст. Онҳо инчунин метавонанд дар зӯроварӣ шарик бошанд, агар ба содир кардани чунин зӯроварӣ аз ҷониби боздоштшудагон/маҳбусон вокуниш нишон надиҳанд.

## 2.3. Дигар шаклҳои ЗҶГ

Шаклҳои дигари зӯроварӣ низ вуҷуд доранд, ки танҳо ба занон ё танҳо ба мардон нигаронида шудаанд. Ба инҳо, масалан, маҷбур кардани занон барои нигоҳ доштан ё қатъ кардани ҳомиладорӣ ҳангоми маҳрумият аз озодӣ ва ҳамчунин «озмоиши бакорат» дохил мешаванд.

Санҷиши бакорати занони аз озодӣ маҳрумшуда метавонад бештар ҳамчун усули таҳқир ва тарсонидани занон, вале на барои ҳама гуна ҳадафҳои судӣ-тиббӣ истифода шавад. Ба сифати далел ба тарафдории ин тартиб онро меноманд, ки ин амал барои ошкор кардани таҷовуз ба номус, ки ҳангоми қарор доштан дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ рух додааст, истифода мешавад ва ба он ишора мекунад, ки занон ҳангоми ворид шудан ба муассисаи ислоҳӣ ва баромадан аз он муоина карда мешаванд; инчунин далеле зикр мешавад, ки чунин санҷиш метавонад ҷузви тафтишоти полисӣ нисбат ба танфурӯшӣ бошад. Стерилизатсияи занон[31] ва мардон[32]–и маҳбусшуда инчунин метавонад аз ЗҶГ иборат бошад, агар он маҷбурӣ ё бе ризоият сурат гирад.[33]

---

31 Далелҳои стерилизатсияи занони маҳбус бе ризояти онҳо дар чандин кишварҳо, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳида ошкор шуданд. Қайд бояд кард, ки баъди нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба амалияи стерилизатсияи занони маҳбус аз ҷониби Дафтари иҷрои ҷазо ва эҳёи иёлати Калифорния дар иёлати мазкур соли 2014 қонуне қабул шуд, ки чунин таҷрибаро манъ мекунад.

32 Ҳангоми сафарҳо ба Олмон (солҳои 2010 ва 2013) Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз далелҳои кастратсияи ҷарроҳии маҳбусони барои ҷинояти ҷинсӣ маҳкумшуда изҳори нигаронӣ кард, зеро чунин амалияро метавон ҳамчун муносибати таҳқиркунандаи шаъну шараф арзёбӣ кард.

33 Шӯрои Аврупо қайд мекунад, ки таҷрибаи кастратсияи маҷбурӣ ё стерилизатсия дар давлатҳои узв хеле кам мушоҳида мешавад, аммо дар робита ба кастратсияи ҷарроҳии маҳбусон қайд мекунад, ки муқаррар кардани розигии маҳбус метавонад душвор бошад, зеро маҳбус метавонад бовар кунад, ки ин тартиб «Ягона алтернативаи дастрас ба маҳбусии дарозмуддат мебошад.» Нигар: Putting an End to Coerced Sterilisations and Castrations, Committee on Social Affairs, Health and Sustainable Development, Council of Europe Parliamentary Assembly [Кумитаи PACE оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, тандурустӣ ва рушди устувор, Хотима додан ба стерилизатсия (безараргардонӣ) ва кастратсия (ахтакуни)-и маҷбурӣ], 26 June 20.

Навъи дигари мушаххаси ЗҶГ бо истифодаи ғайриқонунии маводи мухаддир дар баъзе маҳбасҳо алоқаманд аст. Таҳқиқоти ҳодисаҳои таҷовуз ба номуси занони маҳбус аз ҷониби занони дигар дар низомиислоҳии Британияи Кабир нишон дод, ки аксари чунин амалҳо ба маводи мухаддир марбут мебошанд. Аз ҷумла, зани таҷовузгар метавонад кӯшиш кунад, ки маводи мухаддири қочоқшудаи пинҳонкардаро (ба истилоҳ «пӯк» ё «мехкуб») аз ковокиҳои бадани маҳбусзани дигар зӯран хориҷ кунад34. Аксар вақт эпизодҳои ин гуна хушунат ва таъқиб пас аз як давраи боздидҳо оғоз мешуданд[34]. Бо такя бар тахмине, ки «таҷовузи гетеросексуалӣ ба номус дар байни маҳбусон хеле кам мушоҳида мешавад муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «ин амалҳо хатти байни таҷовуз ба номус ва таҳқирро дар маҳбасҳои занона норавшан мекунанд», зеро дар аксари маҳбасҳо маҳбусони як ҷинс ҷойгир карда мешаванд.[35]

### 2.3.1. Озору азияти ҷинсӣ дар ҷои кор

Озору азияти ҷинсӣ дар ҷои кор метавонад амалҳои ҷисмонӣ, шифоҳӣ ва ғайришифоҳиро дар бар гирад. Муҳим он аст, ки дар ҶМО сиёсати таҳаммулнопазирии мутлақ нисбат ба озору азияти ҷинсии кормандон бояд вуҷуд дошта бошад, зеро беҷазоӣ ва табъизи гендерӣ ва нобаробарӣ барои ба вуҷуд омадани сабабҳои асосии ЗҶГ мусоидат мекунанд. Вазифаи кормандони маҳбасҳо ва муассисаҳои боздошти маҷбурӣ аз таъмини муҳити бехатари корӣ барои кормандон, инчунин механизмҳои босамар барои гузориш (иттилоъ) додан дар бораи таъқибу озор ва татбиқи чораҳои интизомӣ нисбат ба қонунвайронкунандаҳо мебошад.

## 2.4. ЗҶГ ва шиканҷа ва инчунин дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф

Манъи мутлақи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф як меъёри ҳатмӣ ва принсипи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад[36]. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди шиканҷа (КЗШ) шиканҷаро чунин таъриф медиҳад:

> **Шиканҷа** «ҳар гуна амалест, ки қасдан ба шахс дарди сахт ё ранҷу азоби ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонида мешавад, то аз ӯ ё шахси севвум маълумот ба даст оварда шавад ё гуноҳ эътироф карда шавад; ҷазо

34 Awofeso and Naoum,oc. зикршуда, поварақи 27, с. 156.

35 Дар ҳамон ҷо.

36 Моддаи 7 Эъломияи Байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ; Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар муносибатҳо ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф; моддаи 3 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон.

додани ӯ барои кирдоре, ки вай ё шахси саввум анҷом додааст ё ӯ ё шахси саввум ба содир кардан гумонбар мешавад; инчунин тарсондан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси саввум ё бо ягон сабабе дар асоси табъизи хусусияташ дилхоҳ, вақте ки чунин ранҷу дард ё азобу азият аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё аз ҷониби шахсе, ки ба таври расмӣ баромад мекунад ё аз ҷониби шахси дигар бо таҳрики онҳо ба ё бо огоҳӣ ё ризояти хомӯшонаашон расонда мешавад»[37].

Ҳамаи 57 кишвари узви САҲА Конвенсияи зидди шиканҷаи СММ-ро ба тасвиб расонида, ӯҳдадор шудаанд, ки шиканҷа ва дигар муносибатҳо ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро комилан манъ кунанд[38].

Давлатҳо ӯҳдадоранд, ки амалҳои шиканҷа, инчунин дигар амалҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафро, ки ба таърифи КЗШ оид ба шиканҷа мувофиқат намекунанд, пешгирӣ кунанд, аз ҷумла агар чунин кирдорҳо аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё шахси дигаре, ки ба сифати шахси расмӣ баромад мекунад, ё аз ҷониби шахси дигар бо таҳрики онҳо ба ё бо огоҳӣ ё ризояти хомӯшонаашон расонда шавад[39].

Азбаски барои дақиқан муайян кардани фарқияти байни шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аксар вақт таҳлили нуктасанҷонаи ҳар як ҳолати мушаххас талаб карда мешавад[40], бояд қайд кард, ки истилоҳи «шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона» дар нашрияи мазкур барои ифодаи шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф истифода мешавад. Ин мафҳум инчунин метавонад барои ишора ба кирдорҳои содиршуда аз ҷониби давлатҳо, шахсони мансабдори давлатӣ ё дигар шахсони ба сифати расмӣ (хизматӣ) баромадкунанда, инчунин субъектҳои ғайридавлатӣ истифода шавад, агар аз ҷониби давлат чораҳои самаранок, аз ҷумла дар соҳаи қонунгузорӣ, маъмурӣ, судӣ ё моҳияташ дигар барои пешгирии истифодаи шиканҷа дар ҳама гуна қаламрави зери тобеияти он андешида нашуда бошад.

Гузоришгарони махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар навъҳои муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф қайд мекунанд, ки зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои боздошт метавонад дар ҳолатҳои муайян ҳамчун шиканҷа тасниф карда шавад. Соли 1986

37 КЗШ, моддаи 1.

38 Уҳдадориҳои мувофиқи САҲА дар санадҳои зерин мавҷуданд: Вена 1989, Копенгаген 1990, Маскав 1991, Истамбул 1999, Любляна 2005, Хелсинки 2008, Афина 2009.

39 КЗШ, моддаи 16.

40 The Definition of Torture, Proceedings of an Expert Seminar [Таърифи истилоҳи «шиканҷа»: маводҳои семинари коршиносон], Geneva, APT, November 2001, https://www.apt.ch/content/files_res/Definition%20of%20Torture_Seminar_EN.pdf.

Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа Петер Койманс ба хулосае омад, ки таҷовузи ҷинсӣ дар маҳбас бояд ҳамчун шиканҷа баррасӣ шавад. Ин ба муҳокима ва рамзбандии меъёрҳо оид ба масъалае ибтидо гузошт[41], ки пештар ба эътибор гирифта намешуд,. Гузоришгари махсус ба хулосае омад, ки таҷовуз ба номус ба рӯйхати дарози усулҳои нисбат ба маҳбусон истифодашаванда, ки шиканҷаро ташкил медиҳанд, ворид карда шавад[42].

Дар гузориши худ дар моҳи январи соли 2008, Гузоришгари махсуси СММ Манфред Новак таъкид кард, ки зӯроварӣ нисбат ба занони дар боздоштгоҳ қарордошта аксар вақт таҷовуз ба номус ва дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ, масалан, таҳдиди таҷовуз кардан ба номус, баданро ламс кардан, «озмоиши бакорат», комилан бараҳна кардан , кофтукови ҷисмонӣ бо тадохул, таҳқир кардан ва пастзании дорои хусусияти шаҳвонӣ ва ғайра мебошад. Ин далел ба таври густурда эътироф шудааст (аз ҷумла аз ҷониби гузоришгарони махсуси собиқ оид ба масъалаи шиканҷа, инчунин дар амалияи судии минтақавӣ), ки таҷовузи ҷинсӣ шиканҷа мебошад, агар он аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ ё бо ташаббуси онҳо ё бо огоҳии онҳо ва ё бо розигии хомӯшонаашон содир шуда бошад[43].

**Тавсияи асосӣ**

✓ Мақомоти судӣ ҳангоми шунидани далелҳои ҷабрдидагон, шоҳидон ва айбдоршавандагон (судшавандагон) дар ҳама ҳолатҳои дахлдор бояд эҳтимолияти нисбат ба ҷабрдидагон истифода шудани шиканҷаро ба назар гиранд. Илова бар ин, агар сухан дар бораи ҳолатҳои вазнини ЗҶГ, аз ҷумла таҷовузи ҷинсӣ рафта бошад, онҳо бояд имконияти ба масъулияти ҷиноӣ кашиданро барои истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона баррасӣ кунанд. Дар чунин ҳолатҳо қарорҳо бояд дар асоси баназаргирии ҳар як ҳолати мушаххас ва мувофиқи хоҳиши шахси ҷабрдида қабул карда шаванд.

Дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ қарорҳои Трибунали байналмилалии Югославияи собиқ оид ба парвандаи конслагери Челебичи ва парвандаи Фурунджия

41 Felice D. Gaer, Rape as a Form of Torture: The Experience of the Committee Against Torture [Таҷовуз ба номус ҳамчун шакли шиканҷа: таҷрибаи Кумитаи зидди шиканҷа], CUNY Law Review, Vol. 15, No. 2, 2012, pp. 293-308, http://academicworks.cuny. edu/clr/vol15/iss2/14.

42 См.: Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, Петер Койманс, Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон, U.N. Doc. E/CN.4/1986/15, п. 119 (1986).

43 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи Манфред Новак, A/HRC/7/3, 15 январи с. 2008, п. 34, https://undocs.org/ru/A/HRC/7/3.

ба эътирофи байналмилалии таҷовузи ҷинсӣ ҳамчун як шакли шиканҷа мусоидат карданд.

Илова бар ин, трибуналҳои байналмилалӣ дар амалияи судии худ таърифи ҷиноятҳои зӯроваронаи моҳияташ ҷинсиро, ки барои онҳо метавонанд ҳамчун таҷовуз ба номус таъқиб карда шаванд, васеътар карданд ва ин руйхатро ба алоқаи ҷинсии даҳонӣ, инчунин воридшавӣ ба маҳбал ё мақъад бо истифода аз ашёи гуногун ё ягон қисми бадани ҷинояткор васеъ намуданд.[44] Ғайр аз ин, «ҳангоми истифодаи таҷовуз аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ, ранҷу азоби расонидашуда метавонанд аз ранҷу азоби бо шиканҷаи муқаррарӣ расондашуда бештар бошад, зеро он бо қасди изолятсияи ҷабрдида ва аксаран ба ин мақсад расидан, яъне қарордиҳии ҷабрдида ба инзиво вобаста аст. Тибқи анъанаҳои баъзе кишварҳо, ҷабрдидагони таҷовузи ҷинсӣ боиси остракизм(бегонакунӣ) аз ҷомеа ё оила хориҷ ё амалан бадарға карда мешаванд. Чунин бегонасозӣ ба барқароршавии равонии ҷабрдида ба таври ҷиддӣ монеъ мешавад ва аксар вақт ӯро ба маҳрумият ва фақри шадид гирифтор мекунад»[45].

Дар гузориши худ дар моҳи январи соли 2016 Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа Хуан Э. Мендес ба робитаи байни таҳқири ҷинсӣ ва таҷовузи ҷинсӣ ва шиканҷа дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ишора кард[46].

Вай қайд кард, ки «занҳо ҳангоми ҳабси пешакӣ ба хавфи махсуси шиканҷа ва рафтори бераҳмона гирифтор мешаванд, зеро таҳқири ҷинсӣ ва зӯроварӣ метавонанд ҳамчун воситаи маҷбуркунӣ ва ба даст овардани иқроршавӣ» истифода шавад[47]. Аксар вақт, дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ, ки маъмулан бидуни баҳисобгирии масъалаи гендерӣ ташкил ё идора карда мешаванд, занон ба хидматрасонии махсуси тиббӣ-беҳдоштӣ ва барномаҳои таълимӣ ё омодакунии касбӣ дастрасӣ надоранд. Онҳо, вақте ки дар муассисаҳо якҷо бо мардони қонуншикан ё боздоштшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ё вақте ки аз болои онҳо нозирони мард назорат мебаранд, бо афзоиши хатари ҳамла бар асоси ҷинсӣ ва зӯроварии ҷинсӣ рӯ ба рӯ мешаванд[48]. Тибқи маълумоти Кумитаи зидди шиканҷа, «муҳлати дурударози беасоси давраи пеш аз мурофиаи судии ҳабс як навъ муносибати бераҳмона аст, ҳатто агар ҷабрдида дар ҳабс набошад»[49]. Кумитаи зидди шиканҷа инчунин қайд кард: «Ҳабси аксаран ба муддати тӯлонӣ баъзан бо баҳонаи «ҳимояти» занони ҷабрдида аз зӯроварии ҷинсӣ, зӯроварӣ бо баҳонаи ҳимояти шаъну шараф ва дигар таҳқирҳо ё бо мақсади таъмини шаҳодати онҳо алайҳи ҷинояткор дар суд истифода мешавад. Чунин амалияҳо ба

---

44 Дар ҳамон ҷо, м. 35.

45 Дар ҳамон ҷо, м. 36.

46 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, A/HRC/31/57, 5 январи с. 2016, https://undocs.org/ru/A/HRC/31/57.

47 Дар ҳамон ҷо.

48 Дар ҳамон ҷо.

49 Дар ҳамон ҷо, б. 20.

виктимизатсия (ҷабрпазирӣ)-и минбаъдаи занон мусоидат намуда, онҳоро аз огоҳ кардан дар бораи таҷовузи шаҳвонӣ ва зӯроварии ҷинсӣ бозмедорад ва худ аз худ метавонад ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона баробар карда шавад[50].

Ба ғайр аз ин, Гузоришгари махсус қайд кард, ки «шиканҷа дар натиҷаи ба амал омадани вазъияти нотавонӣ ба амал меояд, ки дар он ҷабрдида таҳти назорати пурраи шахси дигар қарор мегирад»[51]. Ҳам мардон ва ҳам занон, инчунин писарон ва духтарон метавонанд ҷабрдидаи ҳуқуқвайронкуниҳои [КЗШ] аз сабаби номувофиқатии воқеӣ ё пешбинишавандаи онҳо ба нақши гендерии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншуда гарданд»[52]. Чунин меъёрҳои муайян кардани шиканҷа аз рӯи КЗШ ҳамчун «мақсад» ва «ният» ҳамеша вуҷуд доранд, агар амали зӯроварӣ моҳияти гендерӣ дошта бошад, ё алайҳи ашхос «аз рӯи ҷинси онҳо, ҳувияти гендерӣ, тамоюли воқеӣ ё пешбинишавандаи ҷинсӣ ё риоя накардани меъёрҳои иҷтимоӣ оид ба гендер ва шаҳвоният содир шуда бошад», яъне агар ин амал табиатан табъиз бошад[53].

### Тавсияҳои асосӣ

Усулҳо ва таҷрибаҳои мавҷудаи анҷом додани бозпурсӣ бо мақсади пешгирӣ кардани ЗҶАГ бояд аз нав баррасӣ шаванд. Тартиби дақиқи бозпурсӣ бояд мавҷуд бошад, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯянд:

- ✓ ба ҳар як шахси ҳабсшуда бояд сари вақт имкони дастрасии ба таври махфӣ ба хидматрасонии ҳимоятгар (адвокат), аз ҷумла ҳангоми бозпурсӣ, дода шавад ва имкон дода шавад, ки ба хешовандон ё шахси дилхоҳи дигаре дар бораи ҳабсаш ва макони ҷойгиршавиаш хабар диҳад;
- ✓ бояд сабти муфассали ҳама бозпурсиҳо бо нишон додани маълумот дар бораи шахсияти ҳамаи ҳозирон анҷом дода шавад;
- ✓ ҳамаи шахсони мансабдоре, ки дар гузаронидани бозпурсӣ иштирок мекунанд, бояд ба таври зарурӣ аз ҷумла дар мавзуи манъи ЗҶГ омӯзонида шаванд.

---

50 Дар ҳамон ҷо, б. 24.

51 Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа, A/63/175, п. 50.

52 Кумитаи СММ оид ба шиканҷа, Тавзеҳи умумии № 2 «Имплементатсия»(татбиқ)-и моддаи 2 аз ҷониби давлатҳои узв», 2008, CAT/C/GC/2, п. 22.

53 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 15 январи с. 2008, A/HRC/7/3; Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 5 январи с. 2016, A/HRC/31/57.

Дар таърифи шиканҷа мувофиқи КЗШ чор унсури асосии ҳадаф вуҷуд дорад: ба даст овардани эътироф, ҷазодиҳӣ, таҳдидкунӣ–тарсонидан/маҷбур кардан ва табъиз. Кумитаи КБТЗ дар Тавсияи умумии худ № 19 ЗГ-ро ҳамчун як шакли табъиз нисбат ба занон тавсиф медиҳад; ба таври шабеҳ, дар гузориши соли 2016-и Гузоришгари махсус оид ба масъалаи шиканҷа қайд карда мешавад, ки ин ҷузви ҳадаф ҳамеша ҳангоми ба гендер марбут будани амал вуҷуд дорад. Вақте ки сухан дар бораи ҳабси пешакӣ меравад, эҳтимол дорад, ки он ҳамчун як шакли маҷбуркунӣ барои ба даст овардани эътироф (иқроршавӣ) ва ё ягон маълумот истифода шавад, яъне дар ин ҳолат метавонад ҳамзамон якчанд ҳадаф вуҷуд дошта бошад, ки ҳар кадоми онҳо ба меъёрҳои шиканҷа ба КЗШ мувофиқат кунанд.

Баҳисобгирии ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гендерӣ дар ҳама гуна таҳлили ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона «аҳамияти калидии таъмини он аст, ки қонуншиканиҳои дар натиҷаи вайрон кардани меъёрҳои иҷтимоии ба амал оянда, комилан эътироф гардида, решакан ва ислоҳ карда шаванд»[54]. Ҳарчанд ки КЗШ зӯроварии ҷинсиро ба таври возеҳ зикр намекунад ва аз ҷиҳати гендерӣ бетараф аст, он ақидаеро дар бар мегирад, ки мувофиқи он ҳар гуна табъиз метавонад шиканҷаро барангезад.

Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар қайд кардааст, риоя накардани манъи шиканҷа ва дигар муомилаи бераҳмона «мумкин аст, вақте рух диҳад, ки ҳадаф ё нияти амал ё беамалии давлат беобрӯ кардан, таҳқир кардан ё ҷазо додани ҷабрдида набошад, аммо маҳз ҳамин натиҷа [ин гуна амал ё беамалӣ] ҳосил шуд»[55]. Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа дар бораи таърифи шиканҷа бо дарназаргирии ҷанбаи гендерӣ сухан ронда, таъкид кард, ки «барои зӯровари гендерӣ нисбат ба занон ҳамеша як унсури ҳадаф хос аст, ки чунин зӯроварӣ ногузир табъизӣ аст ва яке аз ҳадафҳои имконпазири дар Конвенсия зикршуда, ин табъиз мебошад»[56].

Ҳамин тариқ, кирдорҳои ЗҶГ-е, ки ҳангоми дар боздоштгоҳи полис қарор доштан, ҳабси пешакӣ ё ҳангоми адои ҷазо дар муассисаи маҳрумият аз озодӣ содир шудаанд, новобаста аз он ки аз ҷониби субъектҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ содир шудаанд, метавонанд ба шиканҷа ва дигар муомилоти бераҳмона баробар карда шаванд. Давлатҳо вазифадоранд, ки маҳбусонро аз ЗГ муҳофизат намоянд ва аз чунин зӯроварӣ пешгирӣ кунанд. Агар намояндагони мақомоти давлатӣ ё шахсони дигаре, ки ба сифати расмӣ амал мекунанд, барои пешгирии ЗГ кафолатҳои мувофиқро таъмин накунанд, ё барои тафтиш, барои ба ҷавобгарӣ кашидан ва амалисозии таъқиби судӣ аз рӯи паврандаҳои ба ЗГ вобаста чора наандешанд, он вақт ин

54 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 5 январи соли 2016, банди 66.

55 Нигар Peers v. Greece [Парвандаи «Пирс бар зидди Юно»], Application No. 28524/95 (2001), paras. 68, 74; Grori v. Albania [Парвандаи «Грори бар зидди Албания»], Application No. 25336/04 (2009), п. 125.

56 Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа, A/HRC/7/3, п. 68.

мансабдорон бояд ҳамчун шарикони ҷиноят эътироф карда шаванд[57]. Агар мансабдорони давлатӣ аз истифодаи мунтазами зӯроварӣ дар маҳбас огоҳ шаванд ё асосе дошта бошанд, ки ягон гурӯҳ ё шахс мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд, бояд барои назорат кардани вазъият, таҳлил ва вокуниш чораҳои фаъол андешанд; дар акси ҳол, онҳо шарики ҷиноят мешаванд.

### Мисоли ЗЧГ, ки аз шиканҷа иборат аст

Моҳи марти соли 2012 Сергей Назаров пас аз нигоҳдорӣ дар боздоштгоҳи полис гӯё дар натиҷаи муомилаи хеле золимона (аз ҷумла таҷовузи ҷинсӣ) аз ҷониби кормандони полис дар Шӯъбаи полиси №9 «Далний»-и шаҳри Қазон (Ҷумҳурии Тотористон, Федератсияи Русия) даргузашт[58]. Сергей Назаров пас аз бистарӣ шудан бо шикояти дарди шикам ва пеш аз ба кома афтодан ба наздиконаш гуфтааст, ки чаҳор корманди полис ӯро лату кӯб карда, бо шишаи шампан ба номусаш таҷовуз кардаанд. Дар ибтидо дар соли 2012 аз рӯи парвандаи Назаров панҷ корманди полис айбдор шуда буданд. То соли 2014 ҳашт корманди собиқи полиси Тотористон дар шиканҷаи гумонбаршудагон маҳкум шуда, ба муҳлати аз 2 то 15 сол аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Моҳи июли соли 2018 пас аз нашри маводи видеоӣ дар рӯзномаи русии «Новая газета» (Рӯзномаи нав) оид ба латукӯби шадиди маҳбус, аз ҷумла дар минтақаи таносул, муфаттишони федералӣ дар Ярославл тибқи моддаи 286 Кодекси ҷиноии Федератсияи Русия- сӯиистеъмоли ваколатҳои вазифавӣ бо истифодаи зуроварӣ парвандаи ҷиноӣ боз карданд. Дар тафтиши парвандаи мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Русия низ ширкат кардааст.

Тибқи қарори Суди аврупоии ҳуқуқи башар, худи амали таҷовузи шаҳвонӣ тибқи моддаи 3 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, ҳатто агар он бо шаклҳои дигари муомилаи бераҳмона ҳамроҳ содир нашавад ҳам, ба шиканҷа баробар ҳисобида мешавад[59].

---

57 Кумитаи СММ бар зидди шиканҷа, Тавзеҳи умумии № 2 «Татбиқи моддаи 2 дар давлатҳои узв», 2008, CAT/C/GC/2.

58 Report to the Russian Government on the visit to the Russian Federation carried out by the European Committee for the Prevention of Torture and Inhuman or Degrading Treatment or Punishment (CPT) from 21 May to 4 June 2012 [Гузориши Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ва ҷазои ғайриинсонӣ ва таҳқиркунадаи шаъну шараф ба Ҳукумати Федератсияи Русия ҳангоми сафари корӣ ба Федератсия Русия, 21 май – 4 июни с. 2012], б. 18, http://hudoc.cpt.coe.int/eng?i=p-rus-20120521-en-7.

59 European Court of Human Rights, Judgment in the Case of Aydin v. Turkey [Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, қарор оид ба парвандаи суд «Айдин бар зидди Туркия»], 25 September 1997, б. 86.

**Ҳодисаи судӣ:**
**парвандаи «Меҳмет Эрен бар зидди Туркия»60**
**(Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, с.2009)**

Аризадиҳанда изҳор дошт, ки ҳангоми боздошт ӯ ба шаклҳои гуногуни муносибати бераҳмона дучор шудааст. Аз ҷумла, ӯро дар ҳуҷраи торик бидуни ҳавокаши дуруст нигоҳ дошта, аз ғизо ва об маҳрум карда, барои рафтан ба ҳоҷатхона иҷозат намедоданд. Ӯро маҷбур мекарданд, ки соатҳои зиёд дар як ҳолат бо завлона яксон истад. Ҳангоми бозпурсӣ ӯро бараҳна карда, таҳқир менамуданд, бо таҷовузи ҷинсӣ ва марг таҳдид мекардаанд. Ба аризадиҳанда ба қисмҳои гуногуни баданаш зарба зада шудааст. Аз ҷумла, ӯро борҳо ба шикамаш зада , ба тухмдонаш фишор оварда, мавриди зӯроварии ҷинсӣ қарор додаанд. Ниҳоят, ӯро маҷбур кардаанд, ки лаҳзаҳои таҷовузи ҷинсии нисбат ба зани боздоштшударо тамошо кунад. Аз рӯи моҳияти парванда Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар ба хулоса омад, ки ҷароҳатҳои ба бадани ӯ расонидашуда натиҷаи бадрафтории бераҳмонаи шадид нисбат ба аризадиҳанда ҳангоми боздошт буда, давлат барои он ҷавобгар аст. Илова бар ин, дар мавриди иҷрои расмиёти корӣ Суд ба хулосае омад, ки даъвои аризадиҳанда оид ба муносибати золимона аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлат, мувофиқи талаботи моддаи 3 Конвенсия ба таври самаранок тафтиш карда нашудааст. Ҳамин тариқ, вайронкунии моддаи 3-юми Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи башар ҷой доштааст.

Маҷбуран бараҳна кардани бадан метавонад ба шиканҷа оварда расонад, зеро ин вазъ маҳбус ё боздоштшударо дар ҳолати ногузири осебпазир мегузорад. Мутобиқи «Роҳнамо оид ба таҳқиқ ва ҳуҷҷатгузории босамари шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (Протоколи Истанбул), бараҳнагӣ тарси равонии марбут ба ҳар як ҷанбаи шиканҷаро зиёд мекунад», зеро ҳамеша хатари пинҳони қурбонии муносибати бераҳмона, таҷовузи шаҳвонӣ ё содомия (ҳамҷинсгарой) шудан вуҷуд дорад61. Дар ин замина ламскунии дағалона низ метавонад осебпазир бошад ва метавонад «ҳамчун дигар намуди муносибати бераҳмона» тасниф карда шавад.

60 Mehmet Eren v. Turkey [Парвандаи «Мехмет Эрен бар зидди Туркия»], Application No. 32347/02, https://hudoc.echr.coe.int/eng#{%22itemid%22:[%22001-88895%22]}.

61 Протоколи Истамбул «Роҳнамо оид ба тақиқ кардан ва ҳуҷҷатӣ кунондани шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф», Ню-Йорк ва Женева, Созмони Милали Муттаҳид, 2004, https://www.ohchr.org/Documents/Publications/training8Rev1ru.pdf.

### Мисоли судӣ:
### парвандаи «Хеллиг алайҳи Олмон»[62]
### (Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, с. 2011)

Герберт Хеллиг дар маҳбаси Бутсбах дар камераи яккаса зиндонӣ шуда буд. Моҳи октябри соли 2000 маъмурони маҳбас аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба як ҳуҷраи умумӣ гузарад, аммо ӯ рад кард, зеро фикр мекард, ки шароити он камера барояш мувофиқ нест. Аз сабаби розӣ нашуданаш, ӯро ба муддати ҳафт рӯз дар изолятори ҷаримавӣ ҷойгир карданд. Нисбат ба ӯ тафтиши дағалонаи ҷисмонӣ карданд ва ба гуфти ӯ, дар тамоми муддати буду бошаш дар изолятор, гӯё ба хотири ҷилавгирӣ аз зиён ба худаш бошад, комилан урён нигоҳ доштанд. Аризадиҳанда дар даъвои худ изҳор доштааст, ки маъмурони маҳбас ӯро ҳангоми интиқол ба изолятор латту кӯб кардаанд ва инчунин вай қонунӣ будани нигоҳдориашро дар изолятор бо дар назар доштани он, ки маҷбуран барои бараҳна мондан маҷбур карданд, зери шубҳа гузошт. Ҳар ду шикоят тибқи моддаи 3-юми Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод шудаанд. Суд ба хулосае омад, ки муомила бо аризадиҳанда ҳангоми интиқоли ӯ ба камераи ҷаримавӣ ба ҳадди ниҳоии рафтори ғайриинсонӣ нарасидааст, аммо қайд кард, ки маҷбуран аз либос маҳрум кардани маҳбус метавонад тарсу ҳарос, изтироби рӯҳӣ ва эҳсоси инсони паст буданашро ба вуҷуд орад ва метавонад муносибати таҳқиромез ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи вай бошад. Ҳамчунин қайд карда шуд, ки ягон нишонае вуҷуд надорад, ки роҳбарияти маҳбас имконияти чораҳои сабуктарро, аз қабили таъмин аризадиҳанда бо либоси ба осонӣ дариданашавандаро баррасӣ карда бошад.

Давлат барои асоснок кардани чунин кирдори хеле золимона, ба монанди аз либосаш маҳрум кардани аризадиҳанда дар тамоми давраи дар изолятор буданаш далелҳои асоснок пешниҳод накард. Суд қарор кард, ки аризадиҳанда ба муомилаи ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ва вайрон кардани моддаи 3 дучор шудааст.

62 Hellig v. Germany [Парвандаи «Хеллиг бар зидди Олмон»], 7 July 2011 (Application No. 20999/05), https://www.conjur.com. br/dl/decisao-corte-europeia-direitos-humanos26.pdf.

**Тавсияи асосӣ**

✓ Ҳамаи маҳбусон ё боздоштшудагоне, ки дар изолятсия нигоҳ дошта мешаванд, бояд бо кафолатҳои зарурии ҳимоят аз ЗЧГ таъмин карда шаванд.

Таҳдиди ҷинсии шифоҳӣ, таҳқир ва тамасхур низ ҷузвҳои маъмули шиканҷаи моҳияташ ҷинсӣ мебошанд, зеро онҳо эҳсоси таҳқирёбӣ ва шармро афзоиш медиҳанд.

Зарбаи барқӣ ба узвҳои таносул, ки баъзан ҳамроҳи шиканҷа ба мақъад анҷом дода мешавад, асосан ба мардон равона мешавад. Мардон ва занон низ метавонанд ба мастурбатсияи маҷбурӣ дучор карда шаванд. Зарбаи психологии дар натиҷаи ин кирдор ба амал оянда бо таҳқирҳои лафзӣ қавитар карда мешавад. Инчунин, маҳбусонро дар ҳолати бараҳнагӣ дар камераҳо якҷо бо хешовандон, дӯстон ё ашхоси бегона бар хилофи қонунҳои мамнуи фарҳангӣ ҷойгир кардан, шаъну шарафи онҳоро паст мезанад ва дар ҳабс як ҷузви таҳқири ҷинсиро зам мекунад. Набудани имконияти риояи махфият ҳангоми истифода аз ҳоҷатхона метавонад вазъиятро боз ҳам бадтар кунад.

Илова бар ин, метавонанд маҳбусонро ба зӯроварии шаҳвонӣ нисбат ба ҳамдигар маҷбур кунанд ва бо ин кор дар сатҳи эмотсионалӣ мубориза бурдан (худро нигоҳ доштан) махсусан душвор аст[63]. Занҳо ва духтарон ҳангоми ҳабси пешакӣ зери хатари шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор мегиранд, зеро муфаттишон метавонанд зӯроварии шаҳвониро ҳамчун роҳи ба даст овардани иқроршавӣ ё ба даст овардани маълумоти зарурӣ ё ҳамчун воситаи ҷазо ва таҳқир истифода баранд. Хусусан занони ҳомила аз нуқтаи назари шиканҷа осебпазиранд. Зане, ки таҳти шиканҷа қарор мегирад, метавонад бачапартоӣ ва дигар оқибатҳои номатлуб барои саломатӣ дошта бошад ва ба кӯдаки батн метавонад осеб расад[64].

Як осеби иловагӣ барои занон метавонад тарс аз дучори таҷовузи шаҳвонӣ шудан бошад, махсусан агар доғи амиқи фарҳангии марбут ба таҷовуз ба номусро ба назар гирем. Дигар осебҳои ҷиддие, ки танҳо занҳо аз сар мегузаронанд, тарс аз ҳомиладоршавии эҳтимолӣ, тарси аз даст додани бакорат ва тарси аз даст додани қобилияти фарзанддоршавӣ маҳсуб мешаванд[65].

63 Протоколи Истамбул, ос. зикршуда, поварақи 61.

64 Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон. Масъалаи ҳуқуқи инсон барои ҳамаи ашхосе, ки таҳти ҳама гуна шаклҳои боздошт ё ҳабс қарор доранд, аз ҷумла: шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф. Гузориши Гузоришгари махсус Найҷел С. Родли, E/CN.4/1995/34, 1995, б. 18

65 Протоколи Истамбул, ос. зикршуда,поварақи 61.

Шиканҷа инчунин метавонад аз рӯи мансубият ба ҷинс ангезиш ёбад, масалан, дар ҳолатҳое, ки «ба номуси занҳо гӯё барои иштироки фаъолонаашон дар ҳаракатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҷовуз мекарданд»[66].

**Намунаи судӣ:**
**парвандаи «Ойдин бар зидди Туркия»**
**(1997)[67]**

Шукран Ойдин 17-сола буд, ки як гурӯҳи аскарони маҳаллӣ (мардумӣ) бо як «жандарм» ба деҳааш омаданд. Чаҳор узви ин гурӯҳ ба хонаи онҳо рафта, аз наздиконаш дар бораи боздидҳои ахири аъзои Партияи коргарии Курдистон ба манзили онҳо пурсуҷӯ кардаанд. Пас аз таҳдиду таҳқир Шукранро бо аҳли хонаводааш маҷбуран аз хона берун карда, ба майдони марказии деҳа овардаанд, ки он ҷо дигар сокинонро низ ҷамъ карда буданд. Дар он ҷо чашми Шукран, падар ва келинашонро баста, сипас онҳоро ба штаби «жандармерия»-и ноҳияи Дерик бурданд. Шукранро аз оилааш ҷудо нигоҳ медоштанд. Зиёда аз се руз ӯро сахт лату кӯб карда, бараҳна карда, аз шлангҳои фишори баланд оби хунук мепошиданд; ба шина(чарх)-и мошин андохта, ӯро чарх мезанонданд. Шукрани либоспӯшида, вале чашмонаш бастаро, ба утоқи бозпурсӣ бурданд ва дар он ҷо як марди либоси низомипуш дар тан либоси ӯро даронда, ба номусаш таҷовуз кард. Пеш аз раҳо кардан, ӯро маҷбур карданд, ки ба ҳуҷрае баргардад, ки таҷовуз ба номус рӯй дода буд. Дар тӯли як соат ӯро чанд нафар лату кӯб карданд ва ҳушдор доданд, ки аз коре, ки бо ӯ кардаанд, ба касе сухан накушояд. Суд ба хулосае омад, ки «таҷовуз ба номуси боздоштшуда аз ҷониби як мансабдори давлатӣ бояд як шакли махсусан золимона ва зиштии бадрафтории бераҳмона ҳисобида шавад, зеро таҷовузгар ба осонӣ метавонад аз осебпазирии ҷабрдидаи худ ва қобилияти заифшудаи ӯ ба муқобилат кардан сӯистеъмол кунад. Илова бар ин, таҷовузи ҷинсӣ ба рӯҳияи ҷабрдида осори амиқи манфӣ мегузорад, ки бо мурури замон аз хотираҳо на ба мисли дигар шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ пок намешавад. Суд қарор кард, ки моддаи 3 (манъ кардани шиканҷа) ва моддаи 13 (ҳуқуқ ба воситаи босамари ҳифзи ҳуқуқӣ ) вайрон шудааст.

66 Гузориши Гузоришгари махсус, 12 январи 1995 г., E/CN.4/1995/34, п. 18.

67 Case of Aydin v. Turkey [Парвандаи «Ойдин бар зидди Туркия»], № 57/1996/676/866, 25 September 1997; дар ҳамон ҷо: Aydin v. Turkey [Парвандаи «Ойдин бар зидди Туркия» дар веб-сомонаи Маркази дастгирии занон, сулҳ ва амният], Centre for Women, Peace and Security website, http://blogs.lse.ac.uk/vaw/landmark-cases/a-z-of-cases/aydin-v-turkey/.

Дар ин ҳукми муҳими Суд эътироф карда шуд, ки амали таҷовуз ба номус, ки аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё шахси дигаре, ки ба сифати расмӣ амал мекунад, содир шудааст, дигар тибқи қонунгузории миллӣ танҳо ҷинояти моҳияташ ҷинсӣ набуда, балки поймолкунии ҳуқуқи инсон барои озод будан аз шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф мебошад.

Баррасии падидаи ЗҶГ дар ҶМО ҳамчун шакли эҳтимолии шиканҷа ё дигар бадрафтории бераҳмона муҳим аст, зеро он моҳияти вазнинии чунин зӯровариро эътироф мекунад. Ҳуқуқи байналмилалӣ имкон намедиҳад, ки дар манъи шиканҷа ягон маҳдудият бошад. Бо мақсади таъқиб ва ҷазо додани гунаҳкорон бояд ягон хел масуният (иммунитет) аз таъқиб барои ҷиноятҳое, ки ҳамчун шиканҷа тасниф карда шудаанд, вуҷуд надошта бошад.

Дар баробари ин баррасӣ намудани шаклҳои алоҳидаи ЗГ аз нуқтаи назари шиканҷа метавонад мушкилоти иловагиро пеш орад. Масалан, «дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун шиканҷа эътироф намудани таҷовуз ба номус метавонад далелҳои иловагиро барои тасдиқи мавҷудияти аломатҳои ҳарду ҷиноят талаб намояд»[68]. Дар гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ метавонад душворӣ ба амал ояд ва қоидаҳои мӯҳлати даъво чунин маъно дошта метавонанд, ки «ҳатто дар он ҷое ки қонунҳои зидди шиканҷа вуҷуд доранд, ҳодисаҳои ҷалб кардан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва баровардани ҳукмҳо нисбатан кам ба назар мерасанд ва дар сурати ҷой доштани чунин ҳодисаҳо ҳукмҳо барои ҷиноятҳои сабуктар, аз қабили сӯиистифода аз ваколат, ҳамла ё расонидани зарари ҷисмонӣ бароварда мешаванд»[69].

Динамикаи мураккаби ЗГ ва таъсири он ба ҷабрдидагон аксар вақт норавшан аст ва ҷанбаҳои гендерии ин шакли зӯровариро дар амалияи судӣ оид ба парвандаҳои шиканҷа на ҳамеша дафъатан эътироф мекунанд. Далели он, ки мардон низ гирифтори чунин зӯроварӣ шуда метавонанд, аксар вақт дар паси категорияҳои «муносибати бераҳмона» ва «шиканҷа» пинҳон мешавад ва аз ин рӯ, таъқиби ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус метавонад ба ин шакли зӯроварӣ равшанӣ андозад ва инчунин қолабҳо (стереотипҳо)-ро, аз қабили «мардҳо дар алоқаи ҷинсӣ ташаббускоранд ва аз ин рӯ онҳо ҷабрдидаи таҷовузи ҷинсӣ шуда наметавонанд» ё «мард ҷабрдидаи таҷовуз ба номус шуда наметавонад, зеро ӯ метавонад муқовимат нишон диҳад ва худро ҳифз намояд», бишканад»[70].

Аз ҷониби дигар, истифодаи истилоҳи «шиканҷа» нисбат ба ҳолатҳои таҷовуз ба номус ва зӯровариии ҷинсӣ нисбат ба занони ҷабрдида, бе дар назар доштани ҷанбаи

---

68 Sarah Fulton, Redress for Rape: Using international jurisprudence on rape as a form of torture or other ill-treatment [Ҷазо барои таҷовуз ба номус: истифодаи таҷрибаи байналмилалии судӣ оид ба парвандҳои таҷовуз бар номус ҳамчун шакли шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона], Redress Trust, 2013, p. 26.

69 Torture in Europe: The Law and Practice, Regional Conference Report [Маводҳои конференсияи минтақавии «Шиканҷа дар Аврупо: қонунгузорӣ ва амалия»], Redress Trust, 2012, pp. 28-29.

70 Fulton, ос. зикршуда, поварақи 68, с. 26.

гендерӣ, метавонад маънои онро дошта бошад, ки зӯроварӣ нисбат ба занон худ аз худ ҳамчун вайронкунии ҳуқуқи инсон эътироф карда намешавад, яъне ҳамчун зӯроварии гендерӣ баррасӣ намешавад.

Бо дар назар доштани он, ки табиатан масъала мураккаб аст, қарор дар бораи татбиқ кардан ё татбиқ накардани чаҳорчӯби ҳуқуқӣ оид ба манъи шиканҷа нисбат ба парвандаҳои ЗҶГ метавонад ба таври босамар дар ҳар як ҳолати мушаххас ва мувофиқи хоҳиши ҷабрдидагон, бо дарназаргирии эҳтиёҷоти онҳо ва ризоияти даркгардидаи онҳо қабул карда шавад.

# 3. ИТТИЛООТИ УМУМӢ: МО ОИД БА ЗӮРОВАРИИ ҶИНСӢ ВА ГЕНДЕРӢ ДАР ҶОЙҲОИ МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ ЧИРО МЕДОНЕМ ?



# 3. ИТТИЛООТИ УМУМӢ: МО ОИД БА ЗӮРОВАРИИ ҶИНСӢ ВА ГЕНДЕРӢ ДАР ҶОЙҲОИ МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ ЧИРО МЕДОНЕМ?

Алҳол таҳқиқотҳое, ки масъалаҳои марбут ба паҳншавии ЗҶГ дар ҶМО, тавсифоти таҷовузкорон ва ҷабрдидагон; шаклҳое, ки чунин зӯроварӣ дар онҳо зуҳур меёбанд ва омезиши онҳоро бо шаклҳои дигари зӯроварӣ баррасӣ мекунанд, хеле каманд. Бар хилофи дигар шаклҳои ЗГ, ягон таҳқиқоте дар мавриди ин мушкилот вуҷуд надорад, ки дар он маълумот аз рӯи як гурӯҳи тамоми кишварҳо баррасӣ карда шавад ва хеле теъдоди ками кишварҳои узви САҲА дар ин мавзуъ таҳқиқоти густурда анҷом медиҳанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти мавҷуда дар бораи чунин намудҳои зӯроварӣ, таҷовузкорон ва ҷабрдидагон ва инчунин омилҳои гуногуне , ки метавонанд осебпазириро нисбат ба ЗҶГ афзоиш диҳанд, маълумоти муҳимеро дар бар мегиранд.

## 3.1. Хусусиятҳои хосси ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ

Ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аз рӯи хусусияти худ муассисаҳои пӯшида, дур аз чашми мардум, таҳти назорати қатъӣ қарордошта ва аслан муҳити якҷинса мебошанд. Дар онҳо ҳамарӯза аз болои маҳбусоне, ки бар хилофи хоҳишашон дар он ҷо нигоҳ дошта мешаванд ва дар собиқаашон амалҳои зӯроварӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ дошта метавонанд, назорати қатъӣ анҷом дода мешавад. Аз ҷиҳати назариявӣ, ба туфайли назорати афзоишёбанда, ки ҳамеша дар ҶМО амалӣ мешавад, чораҳои пешгирии ЗҶГ бояд дар онҳо назар ба тамоми ҷомеа самараноктар бошанд.

Зӯроварии гендерӣ ифодаи нобаробарии қувваҳо дар байни шахсони алоҳида ё байни гурӯҳҳои шахсон аз рӯи мансубияти ҷинсиашон мебошад. Муҳити назоратшаванда дар ҶМО метавонад унсурҳои нобаробарӣ ва назоратро, ки барои ҳолатҳои ЗҶГ хос аст, пӯшонад. Дар натиҷаи ин сабабу оқибатҳои ин шакли зӯроварӣ ба таври бояду шояд дуруст муайян нашуда ва вобаста ба ин чораҳо андешида намешаванд. Динамикаи қувва ва назорат метавонад дуруст муайян карда нашуда ва вобаста ба ҷинси таҷовузгар ва ҷабрдида ва инчунини намуди махсуси ЗҶГ шаклҳои гуногун қабул кунад. Муайян кардани чунин динамика қадами аввалин дар роҳи ҳифзи одамон аз ин намуди зӯроварӣ мебошад.

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Таҳқиқот оид ба хатарҳои ЗҶГ дар ҶМО бояд анҷом дода шавад. Ба ғайр аз ин, ҳама гуна маълумоти мавҷуда оид ба ҳолатҳои ЗҶГ дар ҶМО бо мақсади таҳияи чораҳои зарурӣ ва механизмҳои муҳофизатии дахлдор бояд таҳлил карда шаванд.

✓ Ба муҳокимаи мушкилоти ЗҶГ тамоми вазоратҳои дахлдор, мутахассисони, ки дар ҶМО кор мекунанд, ассотсиатсияҳои маҳбусон, созмонҳои ҳуқуқи инсон ва коршиносон оид ба масъалаҳои гендерӣ бояд ҷалб карда шаванд. Дар ҷараёни ин муҳокимаҳо барои таҳияи барномаҳои амал маълумоти муфид ба даст овардан мумкин аст.

✓ Полис ва маъмурияти маҳбасҳо бояд ба кори мақомоти назораткунанда, аз ҷумла тавассути фароҳам овардани дастрасии бемамоният ва махфӣ ба ҳамаи боздоштшудагон ва/ё маҳбусон мусоидат кунанд.

## 3.2. Ҷабрдидагон ва таҷовузкорон – онҳо кистанд?

Доираи шахсоне, ки метавонанд кирдорҳои ЗҶГ-ро содир кунанд, мисли доираи ҷабрдидагон васеъ аст. Дар ин бахш тавсифи умумии таҷовузкорон ва ҷабрдидагони эҳтимолӣ оварда шудааст.

**Ба сафи таҷовузгарон ва ҷабрдидагони эҳтимолӣ инҳо дохил мешаванд:**

* шахсони мансабдоре, ки дар раванди ҳабскунӣ, нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ, кофтуков, тафтиш ва бозпурсӣ иштирок мекунанд;
* кормандон ва роҳбарияти маҳбасҳо, инчунин шахсони дигаре, ки дар ҷойҳои боздошти маҷбурӣ кор мекунанд, аз ҷумла кормандони соҳаи тиб;
* боздоштшудагон/маҳбусон;
* хидматрасонҳо, кормандони соҳаи тиб, адвокатҳо ё намояндагони ҷомеа, ки дар муассисаҳои боздошти маҷбурӣ кор мекунанд;

* намояндагони мақомоти назоратӣ;
* боздидкунандагон /меҳмонон, аз ҷумла аҳли оила (аз ҷумла дар вақти мулоқот бо зан ё шавҳар), дӯстон ва ашхоси дигар.

Ба гурӯҳи хавф инчунин кӯдакони дар маҳбасҳо бо волидонашон зиндагикунанда ва фарзандони кормандони маҳбас дохил мешаванд.

Ба таври умум эътироф шудааст, ки аксаран амалҳои ЗҶГ аз ҷониби мардон рух медиҳанд ва ҷабрдидагон занон ва духтарон мебошанд. Бо вуҷуди ин, бояд дар хотир дошт, ки мардон ва ҷавонписарон низ метавонанд ҷабрдида аз ЗҶГ, махсусан дар ҶМО шаванд. Илова бар ин, на танҳо мардон, балки занон низ метавонанд ба чунин зӯроварӣ даст зананд.

Таҳқиқот дар бораи занone, ки амалҳои ЗҶГ содир мекунанд, хеле кам аст, аммо ин гуна занҳо метавонанд гунаҳкори зӯроварӣ дар ҶМО низ бошанд. Дар Иёлоти Муттаҳида, мутахассисони амалкунанда қайд мекунанд, ки кормандони муассисаҳои ислоҳӣ, ба мисли одамони дигар, «аксар вақт зӯроварии ҷинсиеро, ки аз ҷониби занон содир мешавад, дар қиёс бо зӯроварии аз ҷониби мардон баамаломада, ҷиддӣ қабул намекунанд» ва маъмурияти маҳбасҳо аксар вақт зӯроварии ҷинсии занонро нодида мегиранд ва онро «ҷангҳои гурбаҳо» ё танҳо як қисми «таҷдиди сохторҳои оилавӣ» дар шароити маҳбас меноманд[71].

Таҷовуз ба номус ва таҷовузи ҷинсӣ аз ҷониби занон умуман ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва мансабдорон метавонанд ҷанбаи гендерӣ ё динамикаи ҷогузории қувваҳои марбут ба онҳоро пайхас накунанд ё дарк намекунанд. Масалан, дар доираи фокус-гурӯҳҳо, ки дар маҳбасҳои занонаи Иёлоти Муттаҳида гузаронида шуданд, баъзе кормандон ҳангоми тавсифи рафтори ҷинсии занони маҳбус аз истифодаи калимаи «рафтори хушунатомез" худдорӣ мекарданд, гарчанде онҳо эътироф мекарданд, ки баъзе аз занон аз мароми дилҷӯӣ ва бахудромкунии ҷабрдида истифода мебаранд, ё бо роҳи тарсондан иродаи ҷабрдидагонро мешикананд» [72].

71 David Kaiser and Lovisa Stannow, The Shame of Our Prisons: New Evidence [Шармсории маҳбасҳои мо: далелҳои нав], The New York Review of Books, 24 October 2013, http://www.nybooks.com/articles/2013/10/24/shame-our-prisons-new- evidence/#fn-3.

72 Sexual Violence in Women's Prisons and Jails: Results From Focus Group Interviews [Зӯроварии ҷинсӣ дар маҳбасҳои занона ва боздоштгоҳҳо (изоляторҳо): натиҷаҳои пурсишҳо дар фокус-гурупҳо], Staff Perspectives: Sexual Violence in Adult Prisons & Jails, National Institute of Justice, Vol. 3, March 2009, pp. 8-9.

## Мо дар бораи онҳое, ки кирдорҳои ЗҶГ-ро содир мекунанд, чиро медонем?

Маълумот дар бораи хусусиятҳои хосси ашхосе, ки ЗҶГ содир мекунанд метавонад барои такмил додани тарзи арзёбии хатар кумак расонад. Он инчунин дар муайян кардани шахсоне, ки ба зӯроварӣ майл доранд, ёрӣ медиҳад. Ҳарчанд ки маълумот дар бораи ин мавзуъ кам аст ва метавонад барои муқоисаи вазъият дар саросари кишварҳо мувофиқ набошад, рӯйхати дар поён овардашуда метавонад муфид бошад.

Баррасии таҳқиқоте, ки дар Иёлоти Муттаҳида гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки ҳам омилҳои статикӣ ва ҳам динамикӣ[73] метавонанд ҳамчун шохисҳои хатар хидмат кунанд, ки эҳтимолияти аз ҷониби маҳбус содир кардани зӯроварии ҷинсиро дар маҳбас ё боздоштгоҳи пешакӣ нишон медиҳанд (дар хотир доред, ки ҷинси ҷинояткорон нишон дода нашудааст):

* синни аз 30 сола хурдтар, вале аз ҷабрдида бузургтар;

* дорои қувваи ҷисмонии аз ҷабрдида бештар будан;

* мутобиқшавии бештар дар ҳаёти паси панҷара нисбат ба ҷабрдида.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки маҳбусоне, ки дар маҳбасҳо ё боздоштгоҳҳо амалҳои зӯроварии ҷинсӣ содир мекунанд:

* аксар вақт таҷрибаи будубош дар муассисаи қонуншиканони ноболиғ доштанд;

* аксар вақт пеш аз маҳбус шудан дар шаҳр зиндагӣ мекарданд;

* аксар вақт ҷинояти зӯроварона содир мекарданд;

* аксар вақт бо гурӯҳи ҷиноятӣ алоқамананд;

* аксар вакт дигар қоидаҳои дохилиро вайрон мекунанд.

73 Kim English et al., Sexual Assault in Jail and Juvenile Facilities: Promising Practices for Prevention and Response, Final Report [Ҳамлагарӣ бо мақсади зӯроварии ҷинсӣ дар изоляторҳои боздошти иҷборӣ ва муассисаҳо барои қонуншиканҳои ноболиғ: амали умедворкунанда барои пешгирӣ ва вокуниш (гузориши ниҳоӣ)], United States Department of Justice, 2011, p. 6.

### 3.2.1. Занҳо

Заноне, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, на танҳо аз сабаби нобаробарии гендерӣ, номутавозинии қувваҳо ва табъиз дар ҷомеа зери хатари ЗҶГ қарор мегиранд, балки инчунин аз сабаби он, ки дар ҶМО одатан ҳолатҳои мухталифи зиндагӣ ва ниёзҳои маҳбусон ба инобат гирифта намешаванд. Ҳолатҳое, ки боиси гирифтории занон бо низоми адлияи судӣ мешаванд, аксар вақт ба табъиз ва нобаробарӣ, ки занон дар ҷомеа дучор мешаванд, таъкид мекунанд. Аз ин сабаб, чунин ҳолатҳо бояд таҳлил карда шаванд, то муайян гардад, ки чӣ гуна самаранокии чораҳо оид ба пешгирии ЗҶГ дар шароити маҳрумият аз озодӣ беҳтар карда шавад.

Заминаҳои мушаххаси зиндонӣ шудани занон дар «Қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо занони маҳбус ва андешидани чораҳои ҷазо барои занони қонуншикан, ки ба маҳрумият аз озодӣ марбут нестанд» (Қоидаҳои Бангкок)– аввалин роҳнамоии ҳамаҷонибаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои вазъи занон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ муқаррар карда шудаанд[74] .

Занҳо нисбат ба мардон барои ҷиноятҳои зӯроварӣ хеле камтар зиндонӣ мешаванд[75]. Дар миқёси ҷаҳон, ҳиссаи занон нисбат ба мардон дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳо кам аст (дар кишварҳои гуногун аз 2% то 9%). Ҳарчанд ки аксарияти кулли маҳбусонро мардон ташкил медиҳанд, аммо таҳқиқоте, ки дар доираи лоиҳаи «Рӯйхати ҷаҳонии занон дар маҳбасҳо» (World Female Imprisonment List), гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки шумораи занон дар маҳбас назар ба мардон хеле зудтар меафзояд: аз с. 2000 то с.2017 шумораи занону духтарон дар маҳбасҳо 50% зиёд шудааст, дар ҳоле ки шумораи мардон ҳамагӣ 20% афзудааст[76].

Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида шумораи заноне, ки дар изолятори маҳаллӣ (боздоштгоҳи пешакӣ) нигоҳ дошта мешаванд, дар солҳои 1970 то 2014 панҷ маротиба афзоиш ёфтааст. Ин афзоишро бо омилҳое, аз қабили тағйирот дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба моводи мухаддир ва афзоиши боздошти занон барои ҷиноятҳои хурд вобаста мекунанд.

Аксари занон барои ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ҷиноятҳои ғайризӯроварӣ, ки аксаран ба вазъи молиявӣ ё таҷрибаи аз сар гузарондани зӯроварӣ аз ҷониби онҳо иртибот доранд, ба маҳбас интиқол дода мешаванд. Ба омилҳое, ки эҳтимолияти зиндонӣ шудани занонро бештар мекунанд, камбизоатӣ, қонунҳои табъизӣ, мавҷуд набудани имкониятҳои дастрасӣ ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва инчунин

74 Матни пурраи Қоидаҳои Бангкок, нигар дар суроғаи https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/bangkok_ rules.shtml.

75 Ниг..: Key facts, Penal Reform International website [Далелҳои асосӣ, веб-сомонаи созмони «Ислоҳоти байналмилалии судӣ], https://www.penalreform.org/priorities/women-in-the-criminal-justice-system/key-facts

76 Roy Walmsley, Institute for Criminal Policy Research, World Female Imprisonment List [Институти таҳқиқотҳо дар соҳаи сиёсати ҷиноятӣ, Феҳристи байналмилалии занон дар маҳбасҳо], 4th edition, 2017.

монеаҳо барои дастрасӣ ба адолат, ки дар натиҷаи ин ҳолатҳо ба амал меоянд, дохил мешаванд. Масалан, занон аксар вақт имкони пардохти ҳаққи адвокат ё пӯшонидани хароҷоти марбут ба ҷазоҳои алтернативӣ ба ҳабс (ҷарима ва гарав)-ро надоранд.

Бисёре аз заноне, ки зиндонӣ мешаванд, дучори зӯроварӣ шудаанд ва ин онҳоро дар ин ҷойҳо низ ба зӯроварӣ осебпазир мекунад. Гузоришгари махсус оид ба масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон қайд кард, ки муҳимтарин омили осебпазирӣ ба ЗҶГ ин «алоқамандии зичи зӯроварӣ нисбат ба занон ва зиндонишавии занон аст, хоҳ қабл аз он, чӣ дар давоми он ва чӣ баъд аз маҳбас мебошад»[77].

Ҳангоми таҳлили хатари ҷабрдидаи ЗҶГ шудани занон, бояд як қатор омилҳо, аз ҷумла ҳама гуна зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё равонӣ, аз ҷумла зӯроварии оилавӣ, ки занон пеш аз ҳабс аз сар гузаронидаанд, ба назар гирифта шаванд; инчунин эҳтиёҷоти солимии психикӣ (равонӣ), вобастагӣ ба моводи мухаддир ё машрубот ва мавҷудияти масъулияти нигоҳубини оила низ бояд ба эътибор гирифта шаванд. Таҳқиқоте, ки дар Британияи Кабир анҷом дода шуд, нишон дод, ки шумораи осеби сар дар занони маҳбус афзоиш ёфтааст. Аз 173 зани қонуншикан, ки бо истифода аз услуби муайянкунии осеби мағзи сар муоина карда шуданд, дар 64%-ашон осори осеби мағзи сар ошкор карда шуд, ба замми ин бисёре аз ин занон аз зӯроварии хонаводагӣ осеб дидаанд [78].

Илова бар ин, ҳангоми озодшавӣ бинобар аз сар гузаронидани зӯроварии ҷинсӣ ё зӯроварии гендерӣ эҳтимолияти ҷабрпазирӣ ва аз оила берун кардани онҳо бояд ба назар гирифта шавад.

Заноне, ки ба истилоҳ «ҷиноятҳои шарафу номус», зӯроварии хонаводагӣ ё хариду фурӯши одамон ва танфурӯширо аз сар гузаронидаанд, барои таъмини амният ё офиятбахшии худ метавонанд ба ҳабси маъмурӣ кашида шаванд.

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки занон аксар вақт пеш аз ҳабс ё ҳангоми рух додани ҳодисаҳое, ки онҳоро ба маҳбас овардаанд, ба зӯроварӣ дучор шуда буданд. Аз ин сабаб, зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ, ки ҳангоми маҳрумият аз озодӣ аз сар гузаронида мешавад, метавонад зарари ҷисмонӣ ва равонии онҳоро боз ҳам шадидтар гардонад ва/ё дар онҳо чунин механизмҳои мутобиқшавиро рушд диҳад, ки ин дар онҳо хатари таҷовузи такрории муомилоти золимона ва ё зӯровариро афзоиш медиҳанд. Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ, ки дар вақти маҳрумият аз озодӣ аз сар гузаронида мешавад, метавонад ба мушкилоти дарозмуддати равонӣ, депрессия (ошуфтагӣ), изтиробнокӣ, ихтилоли стрессии пас аз осеб, ба бадани худ расондани осеб ва дигар мушкилоти ҷиддӣ бо саломатиашон оварда расонад.

---

77 Гузориши Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, сабабҳо ва оқибатҳои он «Сабабҳо, шароит ва оқибатҳои ҳабси занон дар маҳбас», 21 августи с. 2013 , A/68/340, п. 2.

78 Penal Reform International, Global Prison Trends Report 2019 [Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо, Гузориш дар бораи тамоюлоти ҷаҳонӣ дар соҳаи нигаҳ доштан дар маҳбасҳо с. 2019 ], https://cdn.penalreform.org/wp-content/uploads/2019/05/PRI-Global-prison-trends-report-2019_WEB.pdf.

Азбаски занон дар байни маҳбусшудагон ақаллиятро ташкил медиҳанд, кормандони маҳбас ва роҳбарияти он метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои онҳо ба таври кофӣ омӯзонида нашуда бошанд. Ин эҳтиёҷот «бо дарназаргирии ҳувияти гендерӣ ва тафовутҳои биологӣ ё табъиз, ки дар таърихи зӯроварӣ ва виктимизатсия (қурбонишавӣ) инъикос ёфтааст, метавонанд аз ниёзҳои мардон ба таври назаррас фарқ кунанд»[79].

Дар як қатор давлатҳои узви САҲА равиши арзёбиеро истифода мекунанд, ки ба ғайр аз чизҳои дигар, имкон медиҳад дараҷаи хавф аз нуқтаи назари содир кардани ҷинояти такрорӣ аз ҷониби маҳбуси мушаххас, ҷои муносиб ва хусусияти ҷойгиркунии маҳбус дар муассисаи ислоҳӣ ва аз ҷумла намудҳои барномаҳо ва хидматрасониҳое, ки маҳбус бояд ҳуқуқи истифодаи онҳоро дошта бошад, муайян карда шавад. Дар айни замон, дурустии ин усулҳо маъмулан дар интихобкуние санҷида мешавад, ки он танҳо ё асосан мардонро дар бар мегирад. Чунин методикаҳо таҳқиқотҳоеро ба инобат намегиранд[80], ки тибқи онҳо ба занҳо умуман хатари пасти такрор (ретсидив)-и қонуншиканӣ хос аст. Дар натиҷаи ин занон метавонанд аз воқеъияти аслии худ дида бештар хатарнок тасниф шаванд, ки ин иштироки онҳоро дар барномаҳои таълимӣ, касбӣ, офиятбахшӣ ва дигар барномаҳое, ки ба маҳбусон пешниҳод мегардад, монеъ мешавад[81]. Яке аз таҳқиқотҳо нишон дод, ки барои бисёре аз ин усулҳои баҳодиҳӣ, омили ғаразнокӣ дар асоси нажод, ба хусус барои одамони африқоӣ, низ хос аст[82].

Талаботи занони маҳбус гуногунанд: аз ниёз ба маҳсулоти беҳдоштии занона то талаботи афзоишёбанда ба омӯзиши касбӣ. Илова бар ин, эҳтиёҷоти ҷисмонӣ, равонӣ ва эмотсионалии занон аз чунин ниёзҳои шабеҳи мардон фарқ мекунад, масалан, масъалаи бартараф кардани таҷрибаи муносибати бераҳмонае, ки занон ба он дучор шуда буданд. Занон инчунин «ба реҷаи амният ба таври дигар вокуниш нишон медиҳанд ва ба онҳо шаклҳои нисбатан сабуки маҳдудкунии ҷисмонӣ зарур аст» [83].

79 Jo Baker and Therese Rytter, Conditions for Women in Detention, Needs, Vulnerabilities and Good Practices [Шароит барои занон дар боздоштгоҳҳо: ниёзҳо, осебпазирӣ ва таҷрибаи хуб], Dignity Danish Institute Against Torture, 2014, p. 23.

80 Key facts, ос. зикршуда, повараҳи 75.

81 Stephanie S. Covington, Women in Prison: Approaches in the Treatment of Our Most Invisible Population [Занҳо дар маҳбас: равишҳои муолиҷаи гӯрӯҳи аз ҳама ноаёни мардуми мо], Women and Therapy Journal, Vol. 21, No. 1, 1998, pp.141-155, https://www.centerforgenderandjustice.org/assets/files/15.pdf.

82 Anthony W. Flores, Christopher T. Lowenkamp and Kristin Bechtel, False Positives, False Negatives, and False Analyses: A Rejoinder to 'Machine Bias: There's Software Used Across the Country to Predict Future Criminals. And it's Biased Against Blacks' [Таҳлили нодуруст: носаҳеҳии таъминоти барномавие, ки ҷиноятконрони ояндаро пешгӯӣ мекунад], http://www.crj.org/assets/2017/07/9_Machine_bias_rejoinder.pdf; http://www.motherjones.com/politics /2016/05/machine-police-future-crime-algorithm-bias.

83 Women in Prison: A Review of the Conditions in Member States of the Council of Europe [Занон дар маҳбас: гузориш аз таҳқиқи шароитҳо дар кишварҳои узви Шӯрои Аврупо], The Quaker Council for European Affairs, 2007, p. 8.

### Таҳқиқоти миллӣ оид ба таҷрибаи ЗГ дар ҳаёти занони маҳбус

**Англия ва Уэлс.** Пурсиши занони маҳбус дар бораи давраи кӯдакӣ ва таърихи оилавиашон нишон дод, ки 53%-и онҳо қаблан ба ягон намуди зӯроварии эмотсионалӣ, равонӣ ё ҷинсӣ, аз ҷумла дар кӯдакӣ гирифтор шудаанд[84].

**Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо.** Натоиҷи назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки аз 30,7% (Финландия[85]) то 57% (Олмон[86]) занони маҳбус дар тӯли умри худ ба зӯроварии ҷинсӣ дучор шудаанд, дар ҳоле ки 58% (Маҷористон[87]) пеш аз боздошт дар ҶМО мавриди зӯроварии ҷисмонӣ қарор гирифтаанд.

**Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон ва Қирғизистон.** Таҳқиқотҳо дар ин кишварҳо робитаи равшани байни ҳабс шудани занон ва таҷрибаи гузаштаи таҷовузи ҷисмонӣ ва/ё ҷинсӣ доштани онҳоро нишон медиҳанд. Масалан, дар Қирғизистон аз шумораи ками интихобшудаи занони маҳбус, ки барои қасдан ё ногаҳон куштани як узви оила– мард маҳкум шудаанд, тақрибан 50% арз карданд, ки нисбат ба онҳо зӯроварии ҷинсӣ содир карда шудааст. Дар Арманистон ва Гурҷистон тақрибан сеяки занони маҳбуси пурсидашуда эътироф карданд, ки дар гузашта ҳадди ақал як маротиба ба зӯроварии ҷинсӣ дучор шудаанд[88].

---

84 Cathy Robinson, Women's Custodial Estate Review [Таҳлили мавқеи занон дар маҳбас], National Offender Management Service, 2013, p 26.

85 Anniina Jokinen and Natalia Ollus, STRONG: Presentation of the results from WS2-WS4; Finland and Scandinavia [Лоиҳа оид ба рушди имкониятҳои занони маҳбус STRONG: рӯйнамои натиҷаҳо – Финляндия ва кишварҳои Скандинавия], European Institute for Crime Prevention and Control, affiliated with the United Nations (HEUNI), 2012.

86 Mariona Bosch et al., Comparative Report: Hungary Germany, Spain, ALTRA Project: In-Prison Support and Therapy for Victims and Perpetrators of Domestic Violence [Гузориши муқоисавӣ: Маҷористон, Олмон, Испания – Лоиҳаи ALTRA (Дастгирӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва табобати ҷабрдидаҳо аз зӯроварии оилавӣ)], 2007, p. 23.

87 Ҳамон ҷо, с. 22.

88 Frances Sheahan, Who are women prisoners? Survey results from Kazakhstan and Kyrgyzstan [Онҳо-занони маҳбус кистанд? – Натиҷаҳои пурсиш дар Қазоқистон ва Қирғизистон ], Penal Reform International 2(PRI),014, pp. 14-15; Tomris Atabay, Who are women prisoners? Survey results from Armenia and Georgia [Онҳо-занони маҳбус кистанд? Натиҷаҳои назарсанҷӣ дар Арманистон ва Гурҷистон], PRI, 2013, p. 20.

**Тавсияи асосӣ**

✓ Баъди боздошт ё ба маҳбас ворид шудани занони маҳбус аз миёни онҳо нафаронеро, ки зери хатари ЗҶГ қарор мегиранд (аз ҷумла дар гузашта ба зӯроварӣ дучор шудаанд) муайян намуда , барои ҳимояти онҳо чораҳои фаврӣ андешидан зарур аст.

Занҳое, ки дар гузашта таҷовузи ҷисмонӣ ва ҷинсиро аз сар гузаронидаанд, аз сабаби номутаносибии қувваҳо, ки ба муассисаҳои пӯшида, аз қабили маҳбасҳо, боздоштгоҳҳои полис ё инзиво (изоляторҳо)-и тафтишотӣ хос аст, ба истисмори ҷинсӣ махсусан осебпазиранд. Бинобар вобаста будани маҳбусон ба кормандони маҳбас, занони маҳбусро метавонанд маҷбур кунанд, ки ба алоқаи ҷинсӣ ё ба мубодилаи хидматҳои шаҳвонӣ бар ивази мол ё муносибати беҳтар розӣ шаванд.

Маҳбусоне, ки дар гузашта нисбат ба онҳо зӯроварӣ анҷом дода шуда буд, метавонанд дубора аз ҷониби маҳбусон ё кормандони дигар ба виктимизатсия дучор шаванд. Онҳое, ки ЗҶГ-ро аз сар гузарониданд, маъмулан стратегияҳои мутобиқшавии хешро ташаккул медиҳанд[89], ки ин метавонад осебпазирии онҳоро дар шароити маҳрумият аз озодӣ зиёд кунад. Тартиби дар баъзе ҶМО мавҷуда,масалан, кофтукови шахсии бадан ва назорат ҳангоми либоспӯшӣ, қабули душ ё истифодаи ҳоҷатхона барои занон (хусусан барои ҷабрдидагон аз ЗҶГ) агар зери наззораи мардон бошанд, метавонад осебпазир ва вазнин бошад. Инчунин бояд қайд кард, ки боздоштшудагон ё маҳбусоне, ки нисбат ба шахсони дар гузашта ба зӯроварӣ дучоршуда амалҳои ЗҶГ-ро содир мекунанд, аз тарсу ҳароси онҳо, паст будани худбаҳодиҳӣ ва майл ба қабули зӯроварӣ ҳамчун чизи ногузири ҷабрдидагон истифода мебаранд. Барои бисёре аз занон, зӯроварии гендерӣ пеш аз маҳрумият аз озодӣ, дар давоми он ва баъд аз он идома меёбад[90].

Таҷрибаи ҷабрбинии занони маҳбус аксар вақт аз ҷониби мақомоти ҶМО нодида гирифта мешавад ё ба он аҳамият дода намешавад. Эҳтиёҷоти махсуси ҷабрдидагон, махсусан онҳое, ки мушкилоти иловагии марбут ба таҷрибаи зӯроварӣ доранд, на ҳамеша ба таври кофӣ таъмин карда мешаванд. Ин мушкилотро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки занон дар маҳбасҳо ақаллиятро ташкил медиҳанд ва ба ғайр аз ин дарки мушкилоти зӯроварии гендерӣ то ба ҳол ба сохтори фаъолият ва идоракунии кори маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт таъсири хеле кам дорад.

---

89 Coping Strategies of Adult Sexual Assault Victims [Стратегияҳои батарафкунии зӯроварии ҷинсии аз сар гузаронида дар ҷабрдидагони калонсол], Criminal Justice website, http://criminal-justice.iresearchnet.com/forensic-psychology/coping-strategies-of-adult-sexual-assault-victims/.

90 Гузориши Гузоришгари махсуси СММ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон «Сабабҳо. Шароит ва оқибатҳои маҳбасӣ шудани занон», 21 августи с. 2013, A/68/340, б. 2.

Дар ҳоле, ки аксаран зӯроварӣ нисбат ба занони маҳбус аз ҷониби кормандони ҷинси мард сурат мегирад, ЗҶГ инчунин дар маҳбасҳои занона ва муассисаҳое, ки дар он ҳама кормандон зан мебошанд, рух медиҳад. Ҳодисаҳои чунин зӯроварӣ шояд нодида гирифта шаванд ё ҷиддӣ қабул нашаванд, ин қисман аз он сабаб рух медиҳад, ки тасаввуроте паҳн шудааст, ки гӯё зӯроварӣ дар муассисаҳои нигаҳдории занон нисбат ба муассисҳаои нигаҳдории мардон камтар паҳн шуда бошад.

Дар КБТЗ ба таври возеҳ зикр шудааст, ки истифодаи усулҳои марбут ба зӯроварии ҷинсӣ ва таҷовуз аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ нисбат ба занони боздоштшуда ё маҳбус дар айни замон ҳам ЗГ ва ҳам зуҳури табъизи гендериро ташкил медиҳад.

Худи занон ва духтарон на танҳо зери хатари шиканҷа қарор мегиранд, балки онҳо метавонанд ҳамчун воситаи шиканҷаи дигарон истифода бурда шаванд. Вақте ки мардон ва занонро маҷбур мекунанд, ки таҷовуз ба номуси хешовандон, аз ҷумла зану хоҳар, шарики наздик, духтару модаронашонро тамошо кунанд, ин як шиканҷаи махсуси равонӣ барои онҳо мебошад. Чи тавре ки дар гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон, сабабҳо ва оқибатҳои он гуфта шудааст, таҷовузи шаҳвонӣ аксар вақт ҳамчун шиканҷа тасниф карда намешавад, балки «ҳамчун абзори дастраси шиканҷакунанда», «усули таъсиррасонӣ ба мард» ва шиканҷаи марди ҷабрдида баррасӣ мешавад[91].

### 3.2.2. Мардон

Зӯроварии гендерӣ нисбат ба мардон ва ҷавонписарон амалҳоеро дар бар мегирад, ки нисбат ба мардон ва ҷавонписарон дар асоси ҷинсияти онҳо, тамоюли ҷинсӣ ва/ё нақшҳои гендерии аз ҷиҳати иҷтимоӣ сохташуда равона шудаанд, новобаста аз он ки чунин амалҳо ба зӯроварии ҷинсӣ алоқамананд ё на. Бо вуҷуди кам будани маълумот, ки дар бораи чунин зӯроварӣ дар аксар маврид ба мақомот хабар намедиҳанд ва ин ҳодисаҳо сабт намешаванд, коршиносон зӯроварии шаҳвониро як зуҳуроти маъмулии ЗГ алайҳи мардон ва ҷавонписарон дар ҶМО мешуморанд. Он, аз ҷумла, дар шакли зӯроварии маҳбусон нисбат ба дигар маҳбусон сурат мегирад. Дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои маҷбурӣ чунин зӯроварӣ метавонад шаклҳои гуногун, аз ҷумла таҷовуз ба номус, таҷовузи дастаҷамъона ба номус, ғуломии ҷинсӣ, бараҳнакунии маҷбурӣ ва маҷбуркунии шаҳвонӣ дошта бошад. ЗҶГ бар зидди мардон дар ҶМО як намоиши зӯрӣ ва усули саркӯбии маънавии шахси алоҳида ё гурӯҳи афрод аст. Агар мардон ҷабрдидаи зӯроварӣ ва таҷовуз дар шароити маҳрумият аз озодӣ шаванд, ин маъмулан бо ҷанбаи гендерии қудрат ва қуввате маънидод карда шавад, ки дар ҷомеа вуҷуд дорад ва дар муассисаҳои навъи пӯшида шакли гиперторофияшуда (ҳадди аксар вайроншуда)-ро мегирад.

91 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, сабабҳо ва оқибатҳои он. 26 январи с. 1998, E/CN.4/1998/54, б. 131.

Азбаски дар чунин муассисаҳо одатан мардон бартарӣ доранд, шакли бартаридоштаи мардонагӣ метавонад бо зӯроварӣ алоқаманд бошад ва аз мардон интизор меравад, ки ба он тобеъ шаванд ва қоидаҳои нонавиштаи аз ҷониби умум қабулшударо риоя кунанд. Агар ин амалро иҷро накунанд, онҳо зери хатар мемонанд. Ҳамон тавре ки дар мавриди занон вуҷуд дорад, ЗҶГ барои мардон бояд ҳамчун падидаи бисёрҷониба баррасӣ карда шавад. Масалан, ҳангоми арзёбии хатари ЗҶГ нисбат ба шахси муайян омилҳое, аз қабили хусусиятҳои фарҳангӣ, дин, мансубият ба ақаллиятҳо, синну сол ва мақоми иҷтимоӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Дар муассисаҳои навъи пӯшида, мардон метавонанд аз ҷониби дигар маҳбусон бо мақсади ҷазо додан, намоиши қудрат ва назорат, тарсондан, таҳдид кардан ё маҳрум кардани шахси алоҳида ё гурӯҳи комил аз ҳуқуқ ва имкониятҳо мавриди зӯроварӣ қарор гиранд.

Дар баъзе ҷомеаҳо марде, ки аз зӯроварӣ ҷабр дид, марди заиф ва барои ҳимоят кардани оила ё ҷомеа ғайриқобил маҳсуб мешавад.

Соли 2002 Созмони ҷаҳонии тандурустӣ зӯроварӣ нисбат ба мардҳо ва ҷавонписаронро мушкилоти муҳиме номид, ки аксар вақт ба он аз ҷониби муассисаҳои тандурустӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатӣ, низоми судӣ ва дигар субъектҳо таваҷҷӯҳ зоҳир карда намешавад[92]. Сарфи назар аз ин вазъияти баамаломада, қабули ҳамаҷониба ва эътирофи миқёс ва ҷиддияти мушкилоти ЗҶГ нисбат ба мардҳо ва ҷавонписарон дар ҶМО дар сатҳи паст қарор дорад ва то ҳол асосан дар заминаи тафтиши шиканҷа ва муносибати бераҳмона баррасӣ карда мешавад. Баланд бардоштани огоҳии мутахассисони амалкунанда инчунин бо он мураккаб мегардад, ки дар бисёр низомҳои ҳуқуқӣ таҷовузи шаҳвонӣ, ки ҷабрдидаҳо метавонанд мардҳо низ бошанд, ҷиноят маҳсуб намешавад. Вобаста ба он, ки мардҳо зӯроварии шаҳвониро ҳамчун таҷовуз ба номуси мард – маҳрум кардан аз шаъну шарафи мардӣ мешуморанд, ҷабрдидагон кӯшиш мекунанд, ки дар бораи ҳодисаи чунин зӯроварӣ арз накунанд ва хубтараш ин ҳодисаро муносибати бераҳмона ё шиканҷа меноманд. Чунин эҳсоси ҳодиса дар мавриди ҳамҷинсгароии пешбинишавандаи ҷабрдида ё дар ҳолате, ки ҷабрдида, чи тавре ки тахмин меравад, худ барои ин кирдор ташаббус зоҳир кардааст (ба хусус агар ӯ баъди зӯроварӣ ангезиши ҷисмониро эҳсос карда бошад) қавитар мешавад.

Ба мисли ҳолати занон, оқибатҳои ҷисмонии зӯровари ҷинсӣ метавонад вайроншавии функсияҳои репродуктивӣ ё ҷинсӣ, бемориҳои зуҳравӣ (венерӣ) ва дигар бемориҳои сироятӣ, осебёбии узвҳои таносул, дошт надодани пешоб, алоими музмини дард ва бисёр чизҳои дигар бошад.

Ба гурӯҳи оқибатҳои равонӣ, ки аз он мардони ҷабрдида азият мекашанд, мушкилоти дарозмуддати равонӣ, ошуфтаҳолӣ ,ба таҳлука афтодан, ихтилоли стрессии

92 Этьенн Г. Круг ва диг (муҳар.). Зӯроварӣ ва таъсири он ба саломатӣ: гузориш дар бораи вазъият дар ҷаҳон. Женева/Маскав, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, 2003, https://www.who.int/publications/list/9241545615/ru/.

баъдиосебӣ, ба худ расондани осеб ё маъюбӣ ва ғ. шуда метавонанд. Яке аз оқибатҳои асосии равонию иҷтимоӣ ин гирифтори руҳафтодагии ғайриахлоқӣ шудани ҷабрдида дар натиҷаи феминизатсияи пешбинишаванда ва аз даст додани мардонагӣ мебошад. Стигматизатсия(тамғазанӣ)-е, ки ба он ҷабрдидаҳо гирифтор мешаванд, дар баъзе мавридҳо ба занон ва фарзандонашон интиқол ёфтанаш мумкин аст[93].

Қобилияти пешгирӣ намудани ЗҶГ аз ҷониби давлат нисбат ба мардон бо амали ба мақомоти давлатӣ надодани маълумот дар ин бора маҳдуд мешавад. Сабабҳои ин падида бисёранд. Яке аз онҳо, чи тавре ки дар боло зикр шуд, дар баъзе қонунгузориҳо (юрисдиксияҳо) мардҳо наметавонанд дар мақоми ҷабрдида аз таҷовуз ба номус баромад кунанд. Ғайр аз ин агар ЗҶГ аз ҷониби мард нисбат ба мард анҷом дода шуда бошад, ҷабрдидагон метарсанд, ки онҳоро ба ҳамҷинсгароӣ айбдор месозанд ё метавонанд худро шармсоршуда ҳисоб кунанд.

Барҳамдиҳии монеаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ худ аз худ кафолат намедиҳад, ки таҷрибаи ҷабрдидагон нозуксанҷона дарк карда шавад.

Дар бисёр ҳолатҳо кормандони соҳаи тиб оид ба муайян кардани мардҳои ҷабрдида ва кор бо онҳо омӯзонда нашудаанд, ё гумон мекунанд, ки мардҳо наметавонанд дар ин замина ҷабрдида бошанд[94].Дар баъзе кишварҳо ҷабрдидагонеро, ки зӯроварии шаҳвониро аз ҷониби шахсони ҳамҷинс аз сар гузаронидаанд, бо роҳи ба парвандаи онҳо гузоштани аломати махсус ё гузоштани нишона ба либоси онҳо, камера ё корти шиносоиашон аз дигарон ҷудо мекунанд[95]. Ба ғайр аз ин кормандони маҳбас оид ба пешгирӣ ё барҳам додани чунин муносибати золимона ҷораҳои зарурӣ андешида наметавонанд, худашон метавонанд чунин таҷовузро анҷом диҳанд ва ё ҳамшарики муносибати табъизӣ ва зӯроварӣ бошанд.

### Тавсияҳои асосӣ

✓ Дар заминаи ҳуқуқӣ бояд муқаррароти саҳеҳ оид ба ҷавобгарии ҷиноӣ барои зӯроварии шаҳвонӣ нисбат ба мардон вуҷуд дошта бошад.

---

93 When No One Calls It Rape: Addressing Sexual Violence Against Men and Boys in Transitional Contexts [Вақте ки касе онро таҷовуз бар номус наменомад: мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба мардон ва писарон дар вазъияти давраи гузариш], International Center for Transitional Justice, December 2016, https://www.ictj.org/sites/default/files/ICTJ_Report_SexualViolenceMen_2016.pdf.

94 Дар ҳамон ҷо.

95 Tomris Atabay, Handbook on Prisoners with special needs [Роҳнамо барои кор бо маҳбусони талаботашон махсус]. Vienna, United Nations Office on Drugs and Crime, 2009, p. 106, https://www.unodc.org/pdf/criminal_justice/Handbook_on_Prisoners_with_Special_Needs.pdf.

✓ Дар ҷойҳои боздошт тамоми кӯшишҳо ба харҷ дода шаванд, ки мардон дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ-и нисбат ба онҳо содиршуда маълумот диҳанд.

✓ Кормандони соҳаи тиб бояд тамоми аломатҳои ЗҶГ-ро, ки дар бораи он маълумот пайдо мекунанд, дар санад қайд кунанд ва дар мавриди чунин кирдорҳо ба мақомоти салоҳиятдор, аз рӯи имконият бо розигии боздоштшуда/маҳбус хабар диҳанд.

### 3.2.3. Маҳбусони ноболиғ

Сарфи назар аз он, ки мавзуи адлияи ювеналӣ (ноболиғон) ба таври комил дар нашрияи мазкур баррасӣ намешавад, аммо маълумот дар бораи чандин омилҳое ворид шудааст, ки хатари виктимизатсияи одамони ҷавонро баланд мекунад[96]. Саргузашт ва вазъиятҳои ҳаётии маҳбусони ноболиғ хеле гуногун мешаванд ва ба мақомоти ҳукумат зарур аст, ки ба тамоми маҷмуи талаботи инфиродии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Ин чунин маъно дорад, ки на танҳо синну соли ин маҳбусон, балки ҷинс, сатҳи рушд ва бакамолрасӣ, сатҳи маълумот, таҷрибаи собиқи бархӯрд бо фарҳанги маҳбасӣ, инчунин таҷрибаи гирифтор шудан ба зӯроварӣ, истисмор ва тарсонидани онҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Қонуншиканҳои ноболиғ дар давраи боздошт, дар вақти бозпурсӣ ва ба хусус дар ҳолатҳое, ки онҳо «ба падару модар ё парастор ва ба кумаки ҳуқуқӣ дастрасии фаврӣ надоранд», зери хатари махсуси ЗҶГ аз ҷониби кормандон ё дигар маҳбусон мемонанд»[97]. Дар вақти интиқол додан ва ҳабси пешакӣ қонуншиканҳои ҷавон метавонанд бо одамони калонсол нигоҳ дошта шаванд; ғайр аз ин қонуншиканҳои ҷавон метавонанд бо ҷинояткорони ноболиғи маҳкумшуда дар як ҷо ҳузур дошта бошанд. Амалияи ҷойгир намудани ноболиғон дар он муассисаҳое, ки дар онҳо одамони калонсол нигоҳ дошта мешаванд, ҷавононро зери хатари мустақими маҷбуркунӣ ба амалҳои моҳияташон шаҳвонӣ ё дигар намуди зӯроварӣ аз ҷониби маҳбусони калонсол мегузорад. Дар айни замон далелҳои содир кардани ЗҶГ дар муассисаҳо барои ноболиғон– маҳбусон нисбат ба якдигар, инчунин кормандони муассисаҳо нисбат ба маҳбусон низ ҷой доранд. Хавфи баланд инчунин дар ҳолати

96 Тибқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кудак, ҳама гуна одами то18 сола кудак маҳсуб мешавад; дар айни замон давлатҳо метавонанд синну соли ҷавобгарии ҷиноятиро аз ин синну сол пасттар муқаррар намоянд. Дар меъёрҳои минималӣ (хурдтарин)-и қоидаҳои СММ оиди ба амал баровардани адолати судӣ нисбат ба ноболиғон (Қоидаҳои Пекинчунин зикр шудааст, ки истилоҳи «қонуншикани ноболиғ метавонад фосилаи синнусолии аз 7 сола то 18 сола ва бузургтар аз онро фаро гирад».

97 Jean-Jacques Gautier NPM Symposium, Outcome Report: Addressing children's vulnerabilities in detention [Симпозиум Ж.-Ж. Готйе барои ММП, гузориши ниҳоӣ «Мушкилоти осебпазирии ноболиғоне, ки дар маҳбас нигоҳ дошта мешаванд, ва равишҳои ҳалли он»], Association for the Prevention of Torture, 2014, p. 14.

дар як муассиса якҷо ҳузур доштани ҷавонписарон ва ҷавондухтарон, инчунин якҷо нигоҳ доштани бачаҳои синнашон хурд бо бачагони синнашон нисбатан бузург низ вуҷуд дорад[98]. Ҳангоми якҷо нигоҳ доштани ҷавонони талаботашон гуногун ва сатҳи осебпазириашон мухталиф низ метавонанд мушкилот ба вуҷуд оянд.

Оид ба таҷрибаи духтарон ва ҷавонписарон дар муассисаҳо барои қонуншиканони ноболиғ таҳқиқот хеле кам гузаронида шудааст, аммо пурсишҳое, ки дар Иёлоти Муттаҳида анҷом дода шудаанд, манзараи хеле равшанро нишон медиҳад. Тибқи ин пурсиш сатҳи зӯроварии ҷинсии ноболиғон дар муассисаҳои занона нисбат ба муассисаҳои мардона беш аз се маротиба зиёдтар аст (5,3% нисбат ба 1,5%). Дар айни замон, дар муассисаҳои мардона 5,7% ноболиғони ҳабсшуда оид ба содир кардани зӯроварии ҷинсӣ аз ҷониби кормандон хабар доданд, дар муассисаҳои занона бошад, ин нишондод 1,4% -ро ташкил медиҳад[99]. Дар айни замон тафовути сатҳи ЗҶГ, ки дар натиҷаи пурсишҳо ошкор карда шуданд, метавонад бо як қатор омилҳо шарҳ дода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки духтарон ва ҷавонписарони аз озодӣ маҳрумшуда ба таври гуногун осебпазиранд. Аз ин сабаб, дар тадбирҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои онҳо бояд ҷанбаҳои гендерӣ ба инобат гирифта шаванд.

Наврасон бахусус ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона осебпазиранд ва эҳсоси дард ва ранҷу азият аз сабаби дигар будани рушди ҷисмонӣ ва эмотсионалиашон ва эҳтиёҷоти махсуси онҳо аз калонсолон фарқ мекунанд. Аз ин сабаб ҳангоми ҳал кардани масъала дар бораи таснифи ин ё он кирдорҳо ҳамчун шиканҷа ё муносибати бераҳмона синну соли ҷабрдидагон ва хусусияти зарари ҷисмонӣ ва равонии ба онҳо расонидашударо ба таври бояду шояд ба эътибор гирифтан зарур аст.

Вақте сухан дар бораи ноболиғон меравад, барои таснифи муносибат ва ҷазои ҳам бераҳмона ва ҳам ғайринсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф бояд меъёрҳои нисбатан сахттаре татбиқ карда шаванд. Илова бар ин, осебпазирии хоси ноболиғон давлатҳоро вазифадор мекунад, ки назоратро нисбатан сахттар кунанд ва барои таъмини ҳуқуқи онҳо ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, амнияти ҷисмонӣ ва рӯҳии онҳо чораҳои иловагӣ андешанд.

### 3.2.4. Боздоштшудагон ва маҳбусони гурӯҳи ЛГБТИ

Шахсони мансуб ба гурӯҳҳои ЛГБТИ дар шароити маҳрумият аз озодӣ нисбат ба дигар маҳбусон бештар гирифтори зӯроварии ҷинсӣ мешаванд, аз ихтилоли равонӣ (психикӣ) азият мекашанд, дар камераҳои яккаса нигоҳ дошта мешаванд ва

98 Дар ҳамон ҷо.

99 Facility-level and Individual-level Correlates of Sexual Victimization in Juvenile Facilities 2012 [Тасҳеҳи маълумот дар бораи зӯроварии ҷинсӣ, ки дар ҳолати инфиродӣ ва дар сатҳи муассисаҳои ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғ расонда шудааст, 2012 г.], Bureau of Justice Statistics, 2016, p. 12

нисбат ба онҳо чораҳои интизомӣ дида мешаванд[100]. Азбаски онҳо ба интизориҳои гендерӣ ҷавобгӯ нестанд, аксар вақт ба табъиз, зӯроварӣ ва таъқиб дучор мешаванд.

Чӣ тавре ки Ассотсиатсияи пешгирии шиканҷа қайд мекунад, дар шароити маҳрумият аз озодӣ шахсони мансуб ба гурӯҳи ЛГБТИ ва ё шахсоне, ки ба ин гурӯҳ шомил дониста мешаванд, дар вазъияти махсусан осебпазир қарор дошта, зери хатари вайронкунии ҳуқуқи инсон ва муносибати бераҳмона (аз ҷумла аз ҷониби дигар маҳбусон), боқӣ мемонанд; ин ҳолат дар миқёси тамоми низоми адлияи суди ҷиноятӣ рӯй медиҳад[101].

Соли 2010 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо тавсияҳоро ба кишварҳои узв оид ба чораҳои мубориза зидди табъиз бар асоси тамоюли ҷинсӣ ё ҳувияти ҷинсӣ тасдиқ кард. Дар тавсияи № 4 чунин гуфта мешавад: «Давлатҳои узв бояд барои таъмини амният ва эҳтироми шаъну шарафи ҳамаи ашхосе, ки дар маҳбас қарор доранд ё ба тариқи дигар аз озодӣ маҳрум шудаанд, бо шомил кардани шахсони гурӯҳи ЛГБТИ ва аз ҷумла, тадбирҳои муҳофизатӣ аз зӯроварии ҷисмонӣ, таҷовуз ба номус ва шаклҳои дигари таҷовузи ҷинсӣ, сарфи назар аз он ки ин гуна ҷиноятҳо аз ҷониби шахсони дар ҳабсбуда ё аз ҷониби кормандон содир шудаанд, бояд андешанд; ин тадбирҳо бояд барои ҳимояти зарурӣ ва эҳтироми ҳувияти гендерии трансгендерҳо (транссексуалҳо ) амалӣ карда шаванд» [102].

Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа қайд кард, ки маҳбусон аз гурӯҳи ЛГБТИ дар бораи сатҳи баланди зӯроварии шаҳвонӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ, назар ба чунин зӯроварӣ нисбат ба теъдоди асосии маҳбусон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва дар бораи он ки зӯроварӣ нисбат ба ин гурӯҳи ашхос дар шароити маҳбас хеле васеъ паҳн шудааст, хабар медиҳанд[103]. Ин чиз инчунин ба табақабандаии шадиди маҳбасҳо вобаста аст, ки маҳбусон дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ онро риоя мекунанд ва онҳое, ки дар сатҳҳои поёнии ин табақабандӣ (иерархия) қарор доранд, маъмулан ба табъизи дукарата ё секарата гирифтор мешаванд[104].

100 Global Prison Trends (2019), ос. зикршуда, поварақи 78.

101 Association for the Prevention of Torture, Towards the Effective Protection of LGBTI Persons Deprived of Liberty: A Monitoring Guide [Ассотсиатсияи пешгирии шиканҷа, Дар роҳи ҳимояти босамари шахсони гурӯҳи ЛГБТИ, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд: роҳнамо оид ба мониторинг], 2018, https://apt.ch/en/resources/lgbti-monitoring-guide/.

102 Тавсияи CM/Rec(2010)5 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо, ки 31 марти с. 2010 дар ҷаласаи 1081-ум дар сатҳи муовинони вазирон қабул шудааст, https://search.coe.int/cm/Pages/result_details.aspx?ObjectId=0900001680665340.

103 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаи шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 5 январи с. 2016 , A/HRC/31/57, б. 35.

104 Report of the Special Rapporteur on Torture to the UN Human Rights Council, Study on the phenomena of torture, cruel, inhuman or degrading treatment or punishment in the world, including an assessment of conditions of detention [Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ба Шӯро оид ба ҳуқуқи инсони СММ «Таҳқиқи падидаи умумиҷаҳонии шиканҷа ва муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, аз ҷумла арзёбии шароити нигоҳ доштан дар маҳбас»], 5 February 2010, A/HRC/13/39/Add.5, para. 231.

Дар баъзе муассисаҳо шахсоне, ки аз ҷониби дигар маҳбусон ҳамчун шахсони мансуб ба гурӯҳи ЛГБТИ қабул карда мешаванд, дар зинаи поёни иерархияи иҷтимоии ғайрирасмии маҳбусон қарор мегиранд. Масалан, дар маҳбасҳои мардонаи Гурҷистон қоидаҳои нонавиштае амал мекунанд, ки тибқи онҳо мардони ҳамҷинсгаро ё дуҷинса (бисексуал), ки бо мардон бо алоқаи ҷинсӣ машғул мешаванд, дар як камера бо дигар маҳбусон ҳузур дошта наметавонанд. Ғайр аз ин, маҳбусони боқимонда ба ин мардон иҷозат намедиҳанд, ки «бо онҳо як ҷо хӯрок хӯранд, ҳамон як зарфҳои хӯрокхӯриро истифода баранд ё бо онҳо бо даст фишурдан салом кунанд»[105]

Дар ҶМО тамғагузорӣ, табъиз ва набудани ҳимояти ҳуқуқӣ (падидаҳое, ки шахсони гурӯҳи ЛГБТИ умуман дар ҷомеа ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад) метавонанд дубора таҷдид ё шадидтар шаванд.

Занҳо ва мардони гурӯҳи ЛГБТИ, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, инчунин тахти хатари махсуси шиканҷа ва дигар муносибати золимона аз он ҷиҳат низ қарор мегиранд, ки «низоми адлияи суди ҷиноӣ эҳтиёҷоти махсуси онҳоро аксар вақт дар ҳама сатҳҳо нодида мегирад ва аз он сарфи назар мекунад»[106]. Ҳодисаҳои сабтшудаи татбиқи шиканҷа дар муассисаҳои навъи пӯшида нисбат ба ашхоси ба гурӯҳи ЛГБТИ мансуб ё онҳое, ки ҳамчун ЛГБТИ қабул мешаванд, вуҷуд доранд, ки аз ҷониби «кормандони полис, нозирони маҳбас ё маҳбусони ҳамкамера содир шудаанд, вале намояндагони давлат бошанд, аз ин кирдорҳо чашм мепӯшанд».[107]

Шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона нисбат ба одамони гурӯҳи ЛГБТИ метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, аз ҷумла кофтуковҳои таҳқиромез ва инвазиви(вориди)-и ҷисмонӣ, инчунин муоинаи маҷбурии минтақаи мақъад бо мақсади «тасдиқ кардани» ҳамҷинсгароии мардони ҳамҷинсгаро. Зикр кардан муҳим аст, ки барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи ЛГБТИ мушкилоти ба худашон хос вуҷуд дорад : масалан, осебпазирии трансгендерҳо ва интерсексуалҳо дар ҶМО метавонад аз осебпазирии ҳамҷинсгароҳо-гейҳо ё дуҷинсаҳо (бисексуалҳо) фарқ кунад. Аксар вақт, ин шахсон аз тарси интиқом ва эътимод надоштан ба механизмҳои расмии баррасии шикоятҳо дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ ҳангоми боздошт ба мақомот хабар намедиҳанд. Бо баҳонаи «таъмини бехатарии шахсии онҳо» дар камераи яккаса ё изолятсияи маъмурӣ ҷойгир кардани онҳо метавонад ҳамчун вайронкунии қонуни манъи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати золимона ҳисобида шавад. Давлатҳо ӯҳдадоранд барои пешгирӣ ва бартараф кардани зӯроварӣ нисбат ба ашхоси тамоюли ҷинсиаш фарқкунанда ва дорои ҳувияти гендерӣ ё худифодакунии гендерӣ аз ҷониби дигар маҳбусон, бидуни вайронкунии иловагии ҳуқуқҳои ин шахсони осебпазир, чораҳои дахлдор андешанд.

105 Legal Situation of LGBTI Persons in Georgia [Вазъи ҳуқуқии ЛГБТИ дар Гурҷистон], Human Rights Education and Monitoring Center (EMC), 2016, p. 65.

106 Дар ҳамон ҷо.

107 Маводи маълумотӣ: зӯроварӣ дар заминаи гомофобия ва трансфобия, Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, https://www.unfe.org/wp-content/uploads/2017/05/Violence-Factsheet-Russian.pdf.

**Тавсияҳои умумӣ**

✓ Роҳбарони ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд сиёсати таҳаммулнопазирии мутлақро нисбат ба табъизи шахсони мансуб ба гурӯҳи ЛГБТИ аз ҷониби кормандон ва маҳбусон/боздоштшудагон амалӣ созанд.

✓ Изолятсия бо мақсади таъмини амният метавонад танҳо бо ризоияти маҳбус/боздоштшуда истифода шавад ; ин тадбир бояд бо кафолати ҳимоят татбиқ гардида, мунтазам аз нав бозбинӣ карда шавад.

Чи тавре ки дар «Роҳнамо оид ба кор бо маҳбусони эҳтиёҷоташон махсус», ки аз ҷониби Дафтари мубориза бо маводди мухаддир ва ҷинояти СММ (UNODC) нашр шудааст: «дар бисёре аз низоми маҳбасҳо афсона (устура)-и пойдор дар бораи «ҳомосексуалҳои хашин» вуҷуд дорад, яъне чунин ақида мавҷуд аст, ки гӯё шахсони дорои тамоюли ҳамҷинсгароӣ худашон ба зӯроварии шаҳвонӣ ва таҷовуз ба номус рағбат доранд»[108]. Дар асл, маҳбусон аз гурӯҳи ЛГБТИ ё ашхосе, ки тамоюли ҷинсиашон аз он чизе, ки «дар заминаи гетеромеъёри (гетеронормативӣ)-и иҷтимоӣ интизоришаванда аст» фарқ мекунад[109], таҳти хатари баланди ҷабр дидан аз ЗҶГ аз ҷониби дигар маҳбусон/боздоштшудагон ё кормандон мемонанд, агар дар муассиса механизмҳои амалкунанда барои пешгирии чунин зӯроварӣ ё ҳимоят аз он мавҷуд набошад. Масалан, таҳқиқоти соли 2005 дар Иёлоти Муттаҳида анҷомдодашуда нишон дод, ки 41% мардони ҳамҷинсгаро ва мардони бисексуал дар маҳбасҳо мавриди таҷовузи ҷинсӣ қарор гирифта буданд, дар ҳоле ки барои мардони гетеросексуал ин нишондод ба 9% баробар буд. Чоряки занони маҳбус, ки дар се маҳбаси таҳқиқшудаи Иёлоти Муттаҳида ба таҷовуз ба номус дучор шудаанд, тамоюли бисексуалӣ доштаанд ё лесбиян (занони ҳамҷинсгаро) будаанд[110].

Мисли мардон, занон ҳам метавонанд аз сабаби тамоюли ҷинсии воқеӣ ё интизоришаванда доштан ё ҳувияти гендерии худ аз ЗҶГ ҷабр бинанд. Чунин зӯроварӣ метавонад аз ҷониби дигар маҳбусон ё кормандони ҳам мард ва ҳам зан сурат бигирад.

Гузоришгари махсус оид ба масъалаи зӯроварӣ бар зидди занон аз он изҳори нигаронӣ кард, ки маҳбусзанони ҳамҷинсгаро (лесбиян) «агар "насяҳои"и шаҳвонии

108 Atabay, ос. зикршуда., поварақи 95, с. 105.

109 Jean-Jacques Gautier NPM Symposium, Outcome Report, Addressing situations of vulnerability of LGBT persons in detention [Анҷумани Ж.-Ж. Готӣ барои ММП, ҳисоботи ниҳоӣ «Кор бо ЛГБТ дар вазъиятҳои осебпазир дар ҷойҳои нигаҳдорӣ дар маҳбас»], Association for the Prevention of Torture (APT), 2015, p. 13.

110 Handbook on Prisoners with Special Needs, ос. зикршуда., поварақи 95, с. 105.

кормандони маҳбасро рад кунанд, онҳоро дар камераҳо бо мардон ҷойгир мекунанд» ва инчунин «занони маҳбусе, ки ба гуфтаи нозирон, намуди зоҳирии «мардсифат» доранд, таҳти фишор, таъқиб, зӯроварии ҷисмонӣ ва «феминизатсия (зансози)-и маҷбурӣ» қарор мегиранд» [111].

Дар баъзе маҳбасҳо, муносибатҳои якҷинсаи байни занони маҳбус метавонанд нисбат ба муносибатҳои байни мардони маҳбус бештар ошкор ва таъийдшуда бошад . Масалан, дар соли 2009 дар доираи як назарсанҷӣ дар фокус-гурӯҳ баъзе кормандони маҳбасҳои занонаи Иёлоти Муттаҳида изҳори ақида карданд, ки «намоиши ҷисмонии дилбастагӣ ва ламс кардан (расиш ба бадан) як ҳодисаи қобили қабул дар ҳаёти занони маҳбус аст», аммо дигарон қайд карданд, ки онҳо ҳангоми таҳияи протоколҳои интизомӣ барои тамоси ҷисмонии заноне, ки бо ҳам дар ягон муносибат буданд, ҳиссиёти дугуна ва шубҳаро» эҳсос карданд[112]. Агар кормандони маҳбасҳо ҳомосексуализми занонаро нисбат ба ҳамҷинсгароии мардон ҳамчун чизи камтар мамнуъшуда баррасӣ кунанд, эҳтимол дорад, ки онҳо барои пешгирии ЗҶГ дар миёни занони маҳбус чорае намеандешанд.

Трансгендерҳо ва интерсексуалҳо метавонанд аз ҷониби маҳбусони дигар ё кормандон ба сабаби табъиз ва фобия нисбат ба онҳо, ки дар ҷомеа васеъ паҳн шудааст, мавриди зӯроварӣ қарор гиранд. Ба замми ин, онҳо метавонанд, агар маъмурият эҳтиёҷоти онҳоро ба инобат нагирад, бахусус ҳангоми тақсим кардан ба маҳбасҳо ё камераҳо ва кофтукови шахсии бадан дар ҳолати осебпазир қарор гиранд. Дар чунин мавридҳо бо маҳбусон дар бораи ҷойгир кардани онҳо дар муассисаи мардона ё занона, инчунин афзалиятҳои онҳо оид ба мансубияти ҷинсии корманде, ки кофтуков ва тафтишро анҷом медиҳад, бояд машварат карда шавад.

> Дар Британияи Кабир Роҳнамои Хадамоти маҳбасҳо № 17/201656 оид ба кор бо қонуншиканҳои трансгендер, ки аз ҷониби Хадамоти Миллӣ оид бо кор бо қонуншиканҳо нашр шудааст,тарзи алоҳидаи муайян кардани ҷинси ҳуқуқии тамоми қонуншиканҳоро ҳангоми анҷом додани арзёбии ибтидоӣ пешбинӣ мекунад. Аз боздоштшудагони трансгендер бояд андешаи онҳо дар бораи он пурсида шавад, ки кадом қисми маҷмааи маҳбас шахсияти гендерии онҳоро, ки ба он худашонро мансуб медонанд, мувофиқ аст. Агар боздоштшудаи трансгендер хоиши ҷойгир шуданро дар қисмати маҷмааи маҳбас, ки ба ҷинси қонунии ӯ мувофиқат намекунад, пайдо кунад, дар ҳар мавриди мушаххас Кумитаи кор бо ашхоси трансгендер қарор қабул мекунад. Полис амдан истилоҳи нисбатан умумии «трансгендер»-ро, на, «транссексуал»-ро,

111 Табъиз ва зӯроварӣ нисбат ба шахсон бо сабаби тамоюли ҷинсии онҳо ва ҳувияти гендерӣ, Дафтари Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, 4 маи с.2015 , A/HRC/29/23, б. 36.

112 Sexual Violence in Women’s Prisons and Jails, ос. зикршуда, поварақи 72, с. 5.

истифода мебарад ва эътироф мекунад, ки баъзе ашхос метавонанд нисбат ба ҳувияти гендерии худ назари тағйирпазир)дота шбошанд[113].

Таҷриба дар ин соҳа ҳанӯз хуб ба роҳ монда нашудааст ва умед аст, ки бо мурури замон барои муайян кардани равишҳои тавсияшуда заминаи далелҳо пайдо хоҳад шуд.

Раванди ташаккулёбии таҷрибаи пешқадаме, ки тамоми ҷанбаҳои зикршударо ба эътибор гирад, бинобар набудани меъёрҳои махсуси байналмилалӣ дар соҳаи кор бо маҳбусон аз гурӯҳи ЛГБТИ, инчунин камбуди маълумот дар бораи таҷрибаи ҳузури онҳо дар маҳбасҳо ва муносибати бадбинона нисбат ба онҳо, ки метавонад дар шаклҳои гуногун ифода карда шавад - аз бетаваҷҷуҳӣ ба мушкилоти ЛГБТИ дар маҳбасҳо то гомофобия ё трансфобияи ошкор мушкил мешавад.

### Тавсияи умумӣ

- ✓ Дар ҳама мавридҳои имконпазир кофтуков ва тафтиши шахсии нафарони мансуб ба гурӯҳи ЛГБТИ ва ҷойгиркунии трансгендерҳо ва интерсексуалҳо бояд бо дар назаргирии фикри боздоштшудагон/маҳбусони гурӯҳи ЛГБТИ ва гурӯҳҳои дахлдори коршиносон ва ҳифзи ҳуқуқ анҷом дода шавад.

Ташаббусҳо оид ба пешгирии виктимизатсия (ҷабрпазирӣ)-и ашхоси дорои тамоюли ҷинсии ғайрианъанавӣ ва ҳувияти гендерӣ ё худзоҳиркунии моҳияти гендеридошта дар шароити маҳрумият аз озодӣ таъмини ҷидии тавозунро байни зарурати ҳимоят кардан ва нагузоштани инзиво (изолятси)-и ин афрод ва маҳрум кардани онҳо аз имконияти истифода аз хидматҳо ва иштирок кардан дар чорабиниҳое талаб мекунад, ки дар маҳбасҳо доир карда мешаванд. Дар айни замон, чораҳои муҳофизатӣ бояд тавре анҷом дода шаванд, ки ба далели мансубияти боздоштшуда ё маҳбуси мушаххас ба гурӯҳи ЛГБТИ таваҷҷӯҳи зиёдатӣ ҷалб карда нашавад.

113 Association for the Prevention of Torture (APT), Towards the effective protection of LGBTI Persons Deprived of Liberty [Дар роҳи ҳимояти босамари шахсон аз гурӯҳи ЛГБТИ, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд], Geneva, ATP, 2018, https://apt.ch/content/files_res/apt_20181204_towards-the-effective-protection-of-lgbti-persons-deprived-of-liberty-a-monitoring-guide-final.pdf.

## 3.3. Омилҳое, ки осебпазириро ба зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ афзоиш медиҳанд

Омилҳое, ки боздоштшудагон ва маҳбусонро дар мавқеи осебпазир қарор медиҳанд, «номутаносибии қувваҳои байни маҳбусон ва онҳоеро,ки аз болои онҳо назорат мекунанд ва қариб вобастагии комили маҳбусонро аз муассисае, ки онҳоро аз озодӣ маҳрум месозад ё ҳаракати онҳоро маҳдуд мекунад, инчунин заиф шудани робитаҳои иҷтимоӣ ва доғи вобаста ба ҳабс»-ро инъикос мекунанд»[114].

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Барои анҷом додани таҳқиқот ва таҳлили иттилооти мавҷуда оид ба паҳншавии ЗҶГ дар ҷойҳои ҳабс, аз ҷумла шӯъбаҳои полис, боздоштгоҳҳо ва муассисаҳои ислоҳӣ бояд захираҳо ҷудо карда шаванд. Ба осебпазирии гурӯҳҳои алоҳида, осебпазирӣ ҳамчун натиҷаи маҳрумият аз озодӣ ва ба ҷойҳое, ки эҳтимолияти бештари содир шудани ЗҶГ-ро ба вуҷуд меоваранд, таваҷҷуҳи махсус додан зарур аст.

- ✓ Стратегияҳои мушаххасро барои коҳиш додани хавфи ЗҶГ барои гурӯҳҳо ва афроде, ки таҳти чунин хатар қарор мегиранд, таҳия ва амалӣ кардан зарур аст. Ҳангоми таҳияи стратегияҳо бо коршиносон, ташкилотҳои дахлдор ва шахсони аз ЗҶГ ҷабрдида машварат бояд кард.

Шахсоне, ки ба муассисаҳои низоми адлияи суди ҷиноӣ меафтанд, шояд қабл аз ин ба маҳрумият ва маргинализатсия дучор шуда бошанд. Дар зиндагии онҳо метавонад изолятсияи иҷтимоӣ, ба монанди хориҷ кардан аз мактаб, бекорӣ ё бесарпанохӣ вуҷуд дошта бошад.

Илова бар ин, дар байни боздоштшудагон ва маҳбусон ба таври номутаносиб зиёд онҳое дучор мешаванд, ки дар кӯдакӣ мавриди муносибати бераҳмона ва зӯроварӣ қарор гирифта буданд ва аз нашъамандӣ ё вобастагӣ ба машруботи спиртӣ ё бемории рӯҳии кӯҳнашуда азият мекашанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо метавонанд хатари ЗҶГ-ро барои ин шахсон афзоиш диҳанд ва ба қобилияти онҳо барои таҳаммул кардан ба душвориҳои ҳабс ва мубориза бурдан бо муносибати бераҳмонаи имконпазир дар шароити маҳрумият аз озодӣ таъсир расонанд.

114 Groups in situations of vulnerability [Гурӯҳҳое, ки дар мавқеи осебпазир қарор доранд], Association for the Prevention of Torture Detention Focus website, http://www.apt.ch/detention-focus/en/groups-in-situation-of-vulnerability/.

Маъмурият бояд донад, ки чунин далелҳо дар зидагиномаи онҳо ва эҳтиёҷоти махсуси шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонад сатҳи осебпазирии онҳоро боло барад ва бояд вай тамоми чораҳоро андешад, то ин шахсони осебпазир ба таври бояду шояд ҳимоят карда шаванд. Набудани таваҷҷуҳ ба чунин омилҳои осебпазирӣ (шарҳи муфассалтар дар зер ) метавонад дар мавридҳои муайян ба муносибати бераҳмона баробар дониста шавад[115].

Ассотсиатсияи пешгирии шиканҷа (АПШ) **омилҳои хатареро, ки осебпазириро афзоиш медиҳанд**, ба омилҳои шахсиятӣ, ба муҳити мушаххас марбут ва иҷтимой-фарҳангӣ гурӯҳбандӣ мекунад.

- **Омилҳои шахсиятӣ** - синну сол, ҷинс, сатҳи маълумот, миллат ва мансубияти этникӣ, вазъи солимии ҷисмонӣ ва равонӣ, вазъи ҳуқуқӣ, вазъи молиявӣ, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, худбаҳодиҳии паст, вазъияти осебпазири ҷорӣ ё гузашта (аз ҷумла шиканҷа, зӯроварии хонаводагӣ ва шаҳвонӣ), таҷрибаи зиндагӣ ва ғайра мебошанд.

- **Омилҳои ба муҳити мушаххас вобаста** - омилҳоеанд, ки муносибат аз ҷониби нозирон, таносуби теъдоди нозирон ба теъдоди маҳбусон, муносибат аз ҷониби маҳбусони дигар, мавҷудият ва сатҳи касбии ёрии тиббӣ (аз ҷумла психиатрӣ ё равонӣ), хидматрасонии ҳуқуқӣ ва иҷтимой; системаҳои ғайрирасмии афзалиятҳо; сохтори маҳбас, аз ҷумла имконияти азнавсозӣ/мутобиқсозии бино барои мақсадҳои мушаххас; набудани робитаи оилавии маҳбусон, аз ҳад зиёд будани теъдоди маҳбусон дар камераҳо ва ғайраро дар бар мегиранд.

- **Омилҳои иҷтимоии фарҳангӣ** муносибати ҷомеа ва васоити ахбори омма (ВАО) нисбат ба ашхоси аз озодӣ маҳрумшуда, стигматизатсия ва инзивои иҷтимой, набудани таваҷҷӯҳ аз ҷониби ҷомеа («ноаёнӣ дар фазои иҷтимоӣ»), муносибати ҷомеа нисбат ба ақаллиятҳо, фасод ва ғ. мебошанд[116].

115 Jim Murdoch and Václav Jiřička, Combating ill-treatment in prison: A handbook for prison staff with focus on the prevention of ill-treatment in prison [Мубориза бар зидди муносибати бад дар маҳбасҳо: дастур барои кормандони маҳбасҳо оид ба масъалаҳои пешгирии муносибати бад]. Strasbourg, Council of Europe, 2016, p. 47.

116 Groups in situations of vulnerability [Гурӯҳҳое, ки дар вазъияти осебпазир қарор доранд], APT.ch, http://www.apt.ch/detention-focus/en/groups-in-situation-of-vulnerability/.

Вақте низоми маҳбас назар ба офиятбахшӣ ва озодкунӣ бештар ба ҷазо додан такя мекунад, имкони ҷорӣ кардани ислоҳоте, ки барои беҳтар кардани таъмини ҳуқуқ ва амнияти маҳбусон равон мешаванд, хеле маҳдуд аст. Дар чунин шароит ҳуқуқҳои маҳбусон метавонанд авлавият ҳисобида нашаванд ё умуман сарфи назар карда шаванд.

Ҳама ашхосе, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, метавонанд аз нуқтаи назари ЗҶГ дар вазъияти осебпазир қарор гиранд, аммо онҳое осебпазиртарин хоҳанд буд, ки умуман дар ҷомеа ба маргинализатсия ва табъиз дучор мешаванд, агар дар муассиса механизмҳои зарурии ҳимоят мавҷуд набошад[117]. Маъмурият аксар вақт эхтиёҷоти ин ашхоси маргинализатсияшударо, ки ба маҳбас афтодаанд, таъмин карда наметавонад[118].

На танҳо ЗҶГ нисбат ба ин ашхос метавонад дар ҷомеа «бинобар мавҷуд будани тасаввуроти табъизии решадавонда» қобили қабул бошад, балки худи ҷабрдидаҳо бинобар мақоми маргиналӣ доштани худ маъмулан «имкониятҳои камтар барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкоронро доранд, ки ин ба беҷазоӣ мусоидат мекунад»[119].

Ҷадвали дар поён овардашуда, гарчанде чандон мукаммал нест, дар бораи он гурӯҳҳое иттилоот медиҳад, ки агар маъмурият барои таъмини эҳтиёҷоти онҳо ва амнияти онҳо чораҳои зарурӣ наандешад, дар ҳолати осебпазир қарор мегиранд.

| Омил | Омилҳои алоқаманд бо хатари ЗҶГ |
|---|---|
| Синну сол | Боздоштшудагон/маҳбусони ҷавон бинобар синну соли хеш, нарасидан ба камолот ва намуди зоҳирии ҷавон метавонанд ба ҳимояи махсус аз истисмори шаҳвонӣ ва зӯроварии гендерӣ ниёз дошта бошанд[120]. Тибқи маълумоти Конгресси Иёлоти Муттаҳида, ки асоси Қонуни соли 2003 оид ба барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳоро ташкил медиҳад, имконияти содир кардани зӯроварии шаҳвонӣ нисбат ба ноболиғон дар муассисаҳо барои калонсолон нисбат ба муассисаҳо барои ноболиғон панҷ маротиба зиёдтар аст ва ба зимми ин амалҳои |

117 Дар ҳамон ҷо.

118 Гузориши фосилавии Гузоришгари махсус оид ба масъалаи шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазоҳои золимона, ғайриинсонӣ ё пасткунандаи шаъну шараф, 7 октябри с. 2013, A/68/295, б. 67.

119 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 5 январи с. 2016, A/HRC/31/57, б. 9.

120 No Escape: Male Rape in U.S. Prisons [Халосӣ нест: таҷовуз ба номус дар маҳбасҳои Иёлоти Муттаҳида], Human Rights Watch, https://www.hrw.org/reports/2001/prison/report4.html.

| | |
|---|---|
| | зӯроварӣ аксар вақт дар давоми 48 соати аввали пас аз ҳабс шудан рух медиҳанд[121].Илова бар ин, маҳбусони куҳансол зери хатари зӯроварии маҳбусони ҷавон қарор мегиранд. |
| **Мансубияти этникӣ ва /ё «нажод»** | Ақаллиятҳои этникӣ ва нажодӣ, инчунин халқҳои таҳҷоӣ аксар вақт дар байни маҳбусон ва боздоштшудагон шумораи мутаносибан камтарро ташкил медиҳанд ва метавонанд дар ҶМО зери хатари ЗҶГ қарор гиранд, зеро табъизи дар ҷомеа вуҷуддошта аксар вақт дар маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт такрор ва тақвият дода мешавад[122]. Дар кишварҳое, ки дар таърихи онҳо муноқишаҳои байниқавмӣ вуҷуд доштанд, ақаллиятҳои этникӣ метавонанд бо баҳонаи ҷазо ё қасос мавриди зӯроварӣ қарор гиранд.<br><br>Намояндагии номутаносиби ақаллиятҳо дар маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт аксар вақт инъикоси муносибати табъизӣ ба онҳо аз ҷониби низоми адлияи суди ҷиноятӣ мебошад. Чунин табъиз дар ҶМО низ вуҷуд дорад[123]. |
| **Дин Ё фарҳанг** | Намояндагони гурӯҳҳои муайяни динӣ ё фарҳангӣ метавонанд аз сабаби эътиқод ё рафторҳои мамнуи ҷинсии хеш ба ЗҶГ гирифтор шаванд. |
| **Шаҳрвандӣ** | Хориҷиён ҳадафи хосси зӯроварӣ мебошанд (онҳо метавонанд муҳоҷирон ва гурезаҳо ё шахсоне бошанд, ки аз ҷониби баъзе одамон ҳамчун хатар ба манфиатҳои миллӣ қабул карда мешаванд масалан, шахсоне, ки террористи воқеӣ ё эҳтимолӣ ё тарафдорони ғояҳои радикалӣ маҳсуб мешаванд). Илова бар ин, маҳбусон ва боздоштшудагони хориҷӣ |

121 In Prison, Teenagers Become Prey [Дар маҳбас ноболиғон ҷабр мебинанд], The New York Times, 5 June 2012, https://www.nytimes.com/roomfordebate/2012/06/05/when-to-punish-a-young-offender-and-when-to-rehabilitate/in-prison-teenagers-become-prey?mcubz=0.

122 Масалан, дар Испания занони лӯлӣ 1,4% аҳолӣ, вале 25% тамоми занони маҳбусро ташкил медиҳанд. См.: Megan Bastick and Laurel Townhead, Women in Prison: A Commentary on the UN Standard Minimum Rules for the Treatment of Prisoners [Занҳо дар маҳбас: шарҳ ба қоидаҳои меъёрии ҳадди ақал нисбат ба муносибат бо маҳбусон], Quaker United Nations Office, 2008, p. 99. Дар Иёлоти Муттаҳида ҳиссаи занони аслашон африқоию америкоӣ дар ҶМО дар соли 2014 зиёда аз 2 маротиба аз чунин нишондиҳанда барои занони баромадашон аврупоӣ зиёд буд (109 нафар ба 100 000 нафар аҳолӣ). Ниг.: Fact Sheet: Incarcerated Women and Girls [Занон ва духтарон дар маҳбас], The Sentencing Project, 2015, p. 2.

123 Маркази аврупоии ҳуқуқи рома- лӯлиён далелҳои зӯровариро нисбат ба рома мардон ва занон ҳангоми нигоҳ доштани онҳо дар боздоштгоҳи полис дар як қатор кишварҳои аврупоӣ сабт кардаанд. Ниг. маводҳои Маркази аврупоии ҳуқуқи лӯлиён дар суроғаи : http://www.errc.org/index.

| | |
|---|---|
| | аксар вақт бо забони асосие, ки дар ҶМО истифода мешавад, ҳарф намезананд. Чунин маҳбусон низ метавонанд аз хонаҳои худ дур ва дар ин кишвар хешу табор ва ё дӯстоне надошта бошанд, ки онҳоро метавонистанд дастгирӣ кунанд; ин ҳолат онҳоро боз ҳам осебпазиртар мегардонад. |
| **Маъюбӣ (солимии ҷ исмонӣ ва равонӣ)** | Одамони дорои маълулият метавонанд зери хатари зӯроварӣ қарор гиранд, агар эҳтиёҷоти онҳо ба таври кофӣ қонеъ карда нашавад ва маъмурияти маҳбас ё ҷои боздоштгоҳ барои онҳо муҳити бехатар ва мусоид фароҳам наоварад. Боздоштшудагон ва маҳбусони маъюб, махсусан (ва на танҳо) онҳое, ки нуқсонҳои маърифатӣ доранд, метавонанд таҳти табъиз ва ҷабрбинӣ қарор гиранд, ки «ин метавонад боиси таҳқир, муносибати бераҳмона ва зӯроварӣ, аз ҷумла таҷовуз ба номус аз ҷониби кормандон ва дигар маҳбусон гардад»[124]. Шахсоне, ки чунин зӯровариро содир мекунанд, аксар вақт фикр мекунанд, ки шахси дорои нуқсони зеҳнидошта агар тасмим гирад, ки аз зӯроварии ҷинсӣ шикоят кунад, ӯро ҷиддӣ қабул намекунанд. Кормандони маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳо бояд ба ин вазъият таваҷҷуҳ кунанд. |
| **Шахсони машҳур** | Ба ин гурӯҳ шахсони машҳур, мансабдорони давлатӣ ё хешовандони одамони машҳур дохил мешаванд. Онҳо метавонанд аз сабаби мақоми худ дар ҷомеа мавриди зӯроварӣ қарор гиранд. Агар онҳо бо бӯҳрони сиёсӣ ё дигар бухронҳо робита дошта бошанд, ин ҳам метавонад сабаби зӯроварӣ ва бадрафторӣ нисбат ба онҳо гардад. |
| **Шахсоне, ки ба танфурӯшӣ машғуланд** | Шахсоне, ки ба танфурӯшӣ машғуланд, аз нуқтаи назари ЗҶГ махсусан осебпазиранд ва аз сабаби мақоми маргиналӣ, яъне дар канори ҳошияи ҷомеа мондани худ, метавонанд худро боваринок эҳсос накунанд ё аз дастгирии зарурӣ истифода набаранд, дар натиҷа онҳо дар посух ба амалҳои зӯроварӣ ягон амале анҷом намедиҳанд. Ҳодисаҳои бо ҳуҷҷатҳо тасдиқшудаи зӯроварӣ ва таъқиби занони танфурӯш аз ҷониби кормандони полис иборатанд |

124 Persons with Disabilities [Шахсони маъюб, APT.ch, http://www.apt.ch/detention-focus/en/vulnerable_groups/3/.

аз рейдҳои дастгиркунӣ, боздошт ва ҳабс бе ягон асоси қонунӣ , инчунин таҳдиди зӯроварӣ, таҷовуз ба номус, тамаъҷӯӣ, озори ҷинсӣ ва маҷбуркунӣ ба расондани хидматҳои ҷинсӣ бар ивази раҳо кардан аз боздоштгоҳ[125]. Фоҳишаҳои трансгендер низ аз зӯроварии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳанд.

### Рома ва синти дар маҳбасҳои Британия

Тибқи пурсишҳое, ки дар солҳои 2012 ва 2013 аз ҷониби Нозироти бозрасии шоҳигарӣ оид ба маҳбасҳо дар Британияи Кабир[126] анҷом дода шудаанд, маҳбусоне, ки худро ба «сиғҳо, лӯлиҳои рома ва сайркунандаҳо» мансуб медонистанд,[127] нисбат ба дигар маҳбусон дар бораи таҷрибаашон дар маҳбас нисбатан манфитар ҳарф мезаданд. Ин гурӯҳи маҳбусон ба 57% -и саволҳои пурсишнома, ки аз рӯи онҳо барои муқоиса маълумот мавҷуд аст, хеле бештар ҷавобҳои манфӣ додаанд ва танҳо ба 7%- саволҳо ҷавобҳои нисбатан мусбат додаанд.

Маҳбусон аз ин гурӯҳ хеле камтар дар бораи он иттилоъ медоданд, ки ҳангоми интиқол ёфтан ба маҳбас ва/ё шаби аввали худ дар маҳбас худро бехатар ҳис мекарданд. Тибқи назарсанҷӣ 46% -и пурсидашудагон қайд карданд, ки дар ин ё он лаҳза нисбат ба худ таҳдидро ҳис мекарданд (дар муқоиса бо 33%-и маҳбусони ғайрилӯлӣ) ва 24% бошад– дар вақти пурсиш аз ҷониби Нозирот оид ба корҳои маҳбасҳо (нисбат ба 13% -иштирокчиёни пурсиш, ки ба лӯлиён мансуб набуданд). 36% пурсидашудагон аз ин гурӯҳ хабар доданд, ки ба зӯроварӣ аз ҷониби маҳбусони дигар (дар байни дигар иштирокчиёни боқимондаи пурсиш - 23%) ва 40% - аз ҷониби нозирон (дар муқоиса бо 27% дар байни маҳбусон дигар) мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд.

125 Ниг, масалан: Community Report on Structural Violence [Гузориши ҷамъиятӣ дар бораи зӯроварии сохторӣ], International Committee on the Rights of Sex Workers in Europe, 2015.

126 People in prison: Gypsies, Romany and Travellers [Одамон дар маҳбас: лӯлиҳо (сиганҳо), рома ва сайркунандагон ], HM Inspectorate of Prisons, https://www.justiceinspectorates.gov.uk/prisons/wp-content/uploads/sites/4/2014/04/gypsies-romany- travellers-findings.pdf.

127 Истилоҳи сарчашма истифода мешавад.

## 3.4. Осебпазирии динамикӣ ва маҷмуӣ

Шахсони алоҳида дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои маҷбурӣ, бинобар аз шумораи умумии маҳбусон фарқ карданашон, метавонанд ба зӯроварӣ дучор шаванд. Дар баробари ин, осебпазирӣ ҷузви динамикӣ низ дорад. Ба истилоҳ «осебпазирии динамикӣ» бештар дар шароит ё ҷойҳои мушаххас вуҷуд дошта, камтар ба хусусиятҳои шахсияти одами алоҳида вобаста аст. Масалан, таҳқиқи зӯроварӣ дар зиндонҳои Олмон нишон дод, ки бештари зӯроварии ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ дар камераҳои боздошти муваққатӣ ва ҳуҷраҳои душқабулкунӣ рух медиҳад[128]. Маҳбусони дар чунин ҷойҳо қарор дошта, бештар осебпазир мешаванд. Ҷузви динамикии осебпазирӣ метавонад ҳангоми ҳабс кардан, дар вақти пурсиш, бурдан, ба маҳбас интиқол додан , ҳангоми муоинаи тиббӣ ва шабона афзоиш ёбад[129].

Осебпазирӣ инчунин метавонад маҷмуӣ ё муштарак (салибӣ) бошад. Масалан, осебпазирӣ дар асоси ҳувияти гендерӣ, мансубияти этникӣ ё доштани мақоми хориҷӣ метавонад бо омилҳои дигар, ба монанди хусусияти ҷинояти содиршуда, таҷрибаи қаблии ҳабс шудан ё нашъамандӣ як ҷо шавад. Илова бар ин, дараҷаи осебпазирии маҳбус метавонад аз ҳамсоягони ӯ дар камера вобаста бошад. Ҳангоми арзёбии хатарҳо ба маҳбусон ва эҳтиёҷоти ҳифзи онҳо, маъмурият бояд як қатор омилҳоро, аз ҷумла осебпазирии маҷмуӣ ва хусусиятҳои инфиродии ҳар як маҳбуси мушаххасро ба назар гирад.

### Омилҳои имконпазири осебпазирӣ

* **Хусусияти ҷинояти содиршуда.** Маҳбусон/боздоштшудагони гумонбаршуда, маҳкумшудагоне, ки дар содир кардан намудҳои мушаххаси ҷиноят гумонбар, айбдор ва маҳкум шудаанд, метавонанд бештар зери хатари зиёди ЗҶГ бошанд. Масалан, ба хатари махсус маҳбусон барои ҷиноёти хусусияти шаҳвонидор дучор меоянд ва қабл аз ҳама барои ҷиноятҳои таҷовузи шаҳвонӣ, таҷовуз ба номус ё ҷиноятҳое, ки ҷабрдидагонашон кудакон ҳастанд. Агар ба дигар маҳбусон маълум шавад, ки шахси муайян барои ҷиноятҳои шаҳвонӣ алайҳи ноболиғон маҳкум шудааст, ин ҳолат эҳтимолияти содир шудани зӯроварӣ нисбат ба ӯро дар маҳбас афзоиш медиҳад. Бисёре аз маҳбусоне, ки барои чунин ҷиноятҳо маҳкум шудаанд, дар бораи таҷовуз бо мақсади зӯроварии

128 Steffen Bieneck and Christian Pfeiffer, Viktimisierungserfahrungen im Justizvollzug, Research Report No. 119 [Таҷрибаи виктимизатсия дар маҳбасҳо – гузориши таҳқиқотӣ], Kriminologisches Forschungsinstitut Niedersachsen e.V., 2012, p. 14.

129 Таҳқиқот дар Иёлати Муттаҳида нишон медиҳанд, ки зӯроварии ҷинсӣ дар байни маҳбусон дар ҳуҷраи ҷабрдида дар вақти шабона ба амал меояд. См.: Sexual Assault in Jail and Juvenile Facilities: Promising Practices for Prevention and Response [Сексуальное насилие в тюрьмах и учреждениях для несовершеннолетних], Final Report, November 2011, p. 6 https://www.ncjrs.gov/pdffiles1/nij/grants/236738.pdf.

шаҳвонӣ аз ҷониби дигар маҳбусон хабар доданд, ба замми ин ҳамаи онҳо қайд карданд, ки хусусияти ҷинояти онҳо сабаби зӯроварӣ гардид ва эҳтимолияти содир кардани чунин зӯроварӣро афзоиш дод[130].

* **Таҷрибаи ҳузур доштан дар маҳбас.** Маҳбусоне, ки бо фарҳанги маҳбас ошно нестанд, «навомадагон» ва онҳое, ки барои ҷиноятҳои ғайризӯроварӣ маҳкум шудаанд, метавонанд зери хатари зиёди ЗҶГ қарор гиранд.

* **Вақти дар ҳабс гузаронидашуда.** Дараҷаи осебпазирӣ ё хавф инчунин метавонад ба давомнокии вақти дар ҳабс будани одам вобаста бошад. ЗҶГ метавонад нисбат ба одамони бори аввал ҳабсшуда бо истифода аз таъқиб ё таҳдид, ё ваъдаи дӯстӣ ва муҳофизат чанде пас аз ворид шуданашон ба маҳбас, дар ҳоле ки онҳо ҳанӯз ба муҳити маҳбас одат накардаанд, содир карда шавад. Аз ҷониби дигар, осебпазирӣ метавонад бо мурури замон афзоиш ёбад ва шахсоне, ки ба муддати тӯлонӣ ё ҳабси якумра маҳкум шудаанд, метавонанд дар ҳолати осебпазир қарор гиранд, зеро муддати тӯлонӣ дар ҳабс будан, метавонад ба саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии онҳо таъсири манфӣ расонад.

* **Одатҳои бад ва вобастагӣ.** Сухан метавонад, дар бораи майзадагӣ, нашъамандӣ ва қиморбозӣ, инчунин мушкилот,масалан, дар бораи зарурати пардохт кардан қарзҳо ба дигар маҳбусон/боздоштшудагони дигар равад. Агар ба маҳбусон барои рафъи одатҳои бад ё вобастагиҳо кумаки зарурӣ расонида нашавад, осебпазирӣ бештар мешавад.

* **Омилҳои шахсиятӣ ва рафторӣ.** Маҳбусон ё боздоштшудагоне, ки худро аз ҷомеа ҷудо мекунанд ва/ё аломатҳои осебпазириро нишон медиҳанд (ба худ бовар накардан, шармгинӣ, пешниҳодпазирӣ) дар хатари ЗҶГ бештар гирифтор мешаванд[131].

* **Изолятсияи ҷамъиятӣ /вазъи молиявӣ.** Мардуми хеле камбизоат барои зинда мондан дар маҳбас шояд имкон надошта бошанд ва аз ин рӯ маҷбур мешаванд, ки худро дар ҳолати осебпазир қарор диҳанд, то пул ва ғизо ба даст оранд.

---

130 Маълумот дар рафти мусоҳиба бо намояндагони ДНДҲИ аз ҳуқуқшиносони таҷрибадор ба даст оварда шуд.

131 Ин омилҳоро коршиносони таҷрибадор ошкор намуда,дар ҷавоби Олмон ба пурсишномаи ДНДҲИ қайд карданд.

* **Мансубият ба ягон гурӯҳи ҷиноӣ ё мавҷуд набудани чунин мансубият.** Мансубият ба як гурӯҳи ҷиноятии муайян ё мавқеъ дар табақабандии (иерархия)-и ҷиноятӣ метавонад маҳбусонро ба зӯроварии дигар гурӯҳҳои мухолиф ё дигар аъзои воломақоми гурӯҳи худ осебпазир гардонад.

* **Тамос бо ҷаҳони беруна.** Боздоштшудагон /маҳбусоне, ки бо хешовандон, дӯстон, адвокатҳо ё ҷомеаи берун аз маҳбас алоқаи кам доранд ё тамоман тамос надоранд, метавонанд қисман аз сабаби дар изолятсия буданашон зери хатари махсуси зӯроварӣ қарор гиранд ва инчунин барои он, ки мавҷуд будани робитаҳо бо ҷаҳони беруна метавонад имконияти хеле муҳимро барои хабар додан дар бораи муносибати бераҳмона ё таҳдиди чунин муносибат фароҳам орад.

* **Робита бо низоми адолати судии ҷиноятӣ.** Мансабдорони собиқ, бахусус кормандони полис, маҳбас ё низоми судӣ, хабаркашҳои полис ва дигар шахсоне, ки қаблан бо мақомот ҳамкорӣ доштанд, ба хатари бештари ЗҶГ гирифтор мешаванд.

* **Шахсоне, ки барои бехатарии худ таҳти муҳофизат қарор доранд,** масалан, шоҳидони парвандаҳои ҷиноӣ ё заноне, ки нисбат ба онҳо содир кардани ба истилоҳ «ҷиноятҳои шараф» таҳдид мекунанд, ҳангоми боздошт метавонанд дар ҳолати махсусан осебпазир қарор гиранд.

---

**Намунаи судӣ:**
**парвандаи «Ҷ. Л. бар зидди Латвия»**
**(Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, 2012)**

Соли 2005 арзкунанда ба полис барои дарёфти далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси дигар кумак кардааст. Соли 2006 худи арзкунанда барои содир кардани ҷинояти дигар маҳкум шуд ва пас аз интиқол ба маҳбас, бо 11 маҳкумшудаи дигар дар ҳуҷраи ҷудокунӣ (филтратсия) ҷойгир карда шуд ва дар он ҷо ба сабаби ҳамкории гузаштааш бо полис мавриди ҳамла ва таҷовузи шаҳвонӣ қарор гирифт. Аризадиҳанда бо сабаби нисбат ба ӯ таҳдид кардани шахсоне, ки ӯ қаблан бар зидди онҳо шаҳодат дода буд, дархост кардааст, ки ӯро ба маҳбаси дигар интиқол диҳанд.

Баъдан ӯ ба маҳбаси дигар интиқол дода шуд, аммо маълумот дар бораи хатари эҳтимолӣ барои маҳбус ва ҳодисаҳои қаблӣ аз ҷониби маъмурият ба таври зарурӣ сабт нашуда буд ва дар натиҷаи ин маҳбус дар ҳолати осебпазир қарор ёфт.

Суд ба хулосае омад, ки аз ҷониби полис Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон (ҷанбаи мурофиавии моддаи 3 оид ба манъи шиканҷа) вайрон карда шудааст. Суд ҳамчунин: «набудани ҳамоҳангсозии заруриро дар байни муфаттишон, прокурорҳо ва муассисаҳои ислоҳӣ бо мақсади пешгирии эҳтимолии муносибати бераҳмона нисбат ба маҳбусон, ки бинобар мусоидат карданашон дар кушодани ҷиноятҳои ҷиноӣ, дар ҳолати махсусан осебпазир қарор гирифтаанд ва ба зӯроварӣ дар маҳбас дучор шудаанд»,- қайд намуд.[132]

## 3.5. Нигаҳдорӣ дар ҳабс ва динамикаи қувва ва назорат

Сатҳи баланди назорат дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки самаранокии чораҳои пешгирии ЗҶГ дар ҶМО нисбат ба самаранокии ҳамон тадбирҳо умуман дар ҷомеа хубтар санҷида мешавад. Бо вуҷуди ин, азбаски зӯроварии гендерӣ бо моҳияти худ ифодаи нобаробарии қувваҳо аст, муҳити назоратшаванда дар ҶМО унсурҳои нобаробарӣ ва назоратро, ки ҳодисаҳои ЗҶГ-ро тавсиф медиҳаду маҳз аз сабаби таносубҳои нобаробари қувваҳо дар маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт пайдо мешавад, метавонад пинҳон кунад.

Дар натиҷаи ин, агар маъмурият барои пешгирӣ ва бартараф кардани он чораҳои зарурӣ набинад, чунин зӯроварӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида метавонад ба як ходисаи маъмулӣ табдил ёбад.

Илова бар ин, агар боздоштгоҳ (СИЗО) дуруст идора карда нашавад, ҷабрдидагони ЗҶГ наметавонанд барои фаъолона мубориза бурдан алайҳи таҷовузгарон имкон пайдо кунанд. Онҳо шояд эҳсос кунанд, ки вазъиятро назорат карда наметавонанд, дар баъзе ҳолатҳо бошад, пешниҳоди шикоят онҳоро боз ҳам бештар зери хатар мегузорад.

132 J J.L. v. Latvia, Final Judgement [Парвандаи «Й. Л.бар зидди Латвия», қарори ниҳоӣ], 17 April 2012

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Пас аз ба ҳабс гирфтан ё ворид шудани маҳбусони нав ба боздоштгоҳ (СИЗО), онҳое, ки дар гурӯҳи аз нуқтаи назари ЗҶГ зери хатар қарор доранд, аз ҷумла онҳое, ки дар гузашта аз чунин зӯроварӣ ҷабр дидаанд, бояд фавран муайян гардида, барои ҳифзи онҳо чораҳои дахлдор андешида шаванд.

✓ Дар муассиса бояд дастурҳои хаттӣ мавҷуд бошанд, ки дар онҳо тартиби пешниҳоди шикоятҳо аз ҷониби боздоштшудагон/маҳбусон, инчунин чораҳои ҳатмии вокуниш ба шикоят пас аз қабули он муайян карда шаванд. Ғайр аз ин, тартиби махсуси пайгирӣ барои мушоҳидаи шахсоне бояд ҷорӣ карда шавад, ки дар бораи зӯроварӣ ё бо сабаби дигар шикоят кардаанд ва дар гурӯҳи зери хатар қарор доранд.

Муҳим аст, ки маъмурият ва кормандони муассисаҳои навъи пӯшида далели мавҷудияти динамикаи қувва ва оқибатҳои онҳоро дар заминаи зӯроварӣ дарк кунанд. Вақте мардон нисбат ба занон кирдорҳои ЗҶГ содир мекунанд, динамикаи қувва маъмулан равшан аст. Дарки динамикаи қувва дар масъалаҳое, ки масалан, ба назорат кардан вобастаанду ногузир дар ҳолатҳои ЗҶГ-и нисбат ба мардон содиршуда вуҷуд доранд ё дар ҳолатҳое , ки чунин зӯроварӣ аз ҷониби занон содир мешавад, хеле мураккабтар аст.

Дар ҶМО мардоне, ки алайҳи мардони дигар ЗҶГ содир мекунанд, маъмулан ин кирдори онҳоро хоҳиши намоиш додани қувва ва қудраташон ба ҷабрдида бармеангезанд. Дар бисёре аз ҷомеаҳо чунин ақида мавҷуд аст, ки мардон бар занон бояд бартарӣ дошта бошанд ва аз ин рӯ, мардоне, ки бар зидди мардони дигар ЗҶГ содир мекунанд, метавонанд «ба таври стратегӣ амал кунанд, то он мардонро дар назари дигарон ба «зан» табдил диҳанд ... [ва] мардоне, ки аз «меъёр» дур мешаванд» [масалан, занони трансгендерҳо ё онҳое, ки ҳамчун ҳомосексуалист (ҳамҷинсгаро) эътироф мешаванд] [...] метавонанд ба зӯроварии ҷинсӣ дучор шаванд, ки ҳадафи ин кирдор маҷбур кардани онҳо барои мувофиқ шудан ба нақшҳои муайяни гендерӣ мебошад»[133].

Тибқи қонунҳои байналмилалӣ давлатҳо вазифадоранд, ки барои пешгирии ЗҶГ ва ҳифзи маҳбусон аз ин шакли зӯроварӣ чораҳо андешанд. Дар робита ба ин,

133 Callum Watson, Preventing and Responding to Sexual and Domestic Violence against Men: A Guidance Note for Security Sector Institutions [Пешгирӣ ва вокуниш ба зӯроварии шаҳвонӣ ва хонаводагӣ нисбат ба мардон: муқаррароти роҳнамо барои ниҳодҳои бахши бехатарӣ], DCAF, 2014, p. 12.

намояндагони ҳукумат – кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маҳбасҳо, таҳиягарони сиёсат, мутахассисони соҳаи тиб ва роҳбарони муассисаҳои дахлдор – бояд сабабҳои гуногун ва оқибатҳои зӯровариро дар робита бо динамикаи қувваҳо дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои ҳузури маҷбурӣ дарк кунанд. Чораҳои ҷавобӣ вобаста ба он, ки зӯровариро кӣ содир кардааст (корманди муассиса ё маҳбус) ва дар кадом шароит зӯроварӣ содир шудааст, бояд фарқ кунанд. Ин чиз инчунин барои муайян кардани осебпазирии марбут ба ҷанбаҳои гендерӣ, инчунин омилҳои хавф ва сабабҳои хабар надодан дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ муҳим аст.

**Тавсияи асосӣ**

✓ Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ сиёсати идоракуние, ки ҷанбаҳои гендериро ба назар мегирад, инчунин кодекси рафтори кормандон бояд ҷорӣ карда шавад; ин ҳуҷҷатҳо бояд ба роҳ надодан ба ЗҶГ равона шуда, принсипи таҳаммулнопазирии мутлақро нисбат ба зӯроварӣ ва табъиз пешбинӣ намоянд.

### 3.5.1. Фарҳанги маҳбасҳо ва зерфарҳангҳо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ

Усулҳои идоракунии муассисаи навъи пӯшида, фарҳанг ва зерфарҳангҳои дар он бартаридошта, ки дар байни боздоштшудагон ва маҳбусон вуҷуд доранд, вобаста аз он, ки оё онҳо барои тарбияи эҳтиром мусоидат мекунанд ё ба зӯроварӣ ва ифодаи манфии мардонагӣ роҳ медиҳанд, метавонанд ба паҳншавии ЗҶГ мусоидат кунанд ё баръакс онро коҳиш диҳанд. Дар бораи нақши фарҳанги маҳбасҳо ва зерфарҳангҳои мушаххас дар дақиқсозии мушкилоти ЗҶГ дар ҶМО назарияҳои гуногун мавҷуданд.

Аз ин назарияҳо дутоашон шарҳи хосси падидаи рушди зерфарҳангҳои зӯровариро дар маҳбасҳо ва инчунин роҳҳои беҳтар кардани шароити зиндагии боздоштшудагон/маҳбусонро бо мақсади коҳиш додани зӯроварӣ дар байни онҳо пешниҳод мекунанд:

- **Модели маҳрумият**, ки тибқи он шахсони аз озодӣ, мустақилият, амният, қонеъгардонии физиологӣ ва эмотсионалӣ ва ҳатто аз неъматҳои асосӣ маҳрумшуда, метавонанд «оседи амиқи равонӣ»-ро эҳсос кунанд, ки он ба пайдоиши зерфарҳанге оварда мерасонад, ки зӯровариро ҳамчун воситаи худмуҳофизаткунӣ дастгирӣ мекунад[134].

134 Awofeso and Naoum, ос.зиркшуда, поварақи 27, с. 149.

- **Модели воридотӣ**, ки тибқи он боздоштшудагон/маҳбусон ба коллективи маҳбас таҷрибаи зиндагии хеш, робитаҳои иҷтимоӣ ва робитаҳояшон бо гурӯҳҳои ҷинояткорро бо худ меоранд[135].

Маълум аст, ки омилҳои ба мавҷудияти зӯроварӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида мусоидаткунанда «хусусияти хосси муҳити иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ»-и ин муассисаҳо (маҳбасҳо ва ғ.) мебошанд, ки хислатҳои инфиродии маҳбусон, тавсифоти сохторӣ ва вазъиятии худи муассиса (масалан, сохти меъморӣ ва сатҳи амнияти он), таҷрибаҳои идоракунӣ ( интихоби кормандон ва омӯзиши онҳо, услуби роҳбарӣ) ва ҳатто таъсироти беруна (масалан, масъалаҳои сиёсӣ дар кишвар)-ро инъикос мекунанд[136].

Дар баъзе мавридҳо, роҳбарияти маҳбасҳо метавонанд воқеан назоратро ба сохторҳои худидоракунии маҳбусон ё дигар сохторҳои зинанизомии ғайрирасмӣ вогузор кунанд, ки қоидаҳои нонавиштаи рафтори худро ҷорӣ мекунанд. Чунин зерфарҳангҳои маҳбас эҳтимолан бештар маҳбусони заифтарро истифода намуда, бар зидди онҳое, ки қоидаҳои нонавиштаи рафторро вайрон мекунанд, зӯроварӣ нишон медиҳанд. Ташкили дастаҳо ва бандаҳо дар маҳбас ё дастаҳои барои худмудофиакунӣ ташкилшуда метавонад онро нишон диҳад, ки монополияи маъмурият ба зӯроварӣ назорат карда намешавад.

Ҳалли мушкилоти ЗҶГ дар маҳбасҳо дарки усулҳои вокуниш нишон додан ба зерфарҳанги бартаридоштаи маҳбасро нисбат ба зӯроварӣ ва муносибати бераҳмона талаб мекунад. Бо дар назар доштани хусусияти маҷмӯӣ ва ба ҳам алоқамандии омилҳои ба рушди зерфарҳанги маҳбасҳо мусоидаткунанда, ки ЗҶГ-ро дастгирӣ мекунанд, муайян кардани чораҳои мушаххас оид ба пешгирии босамар ва барҳам додани ин намуди зӯроварӣ метавонад душвор бошад. Дар робита ба ин, ҳукумат, таҳиягарони сиёсат ва муасссисаҳои низоми адлияи суди ҷиноӣ бояд равишеро пеш гиранд, ки он тамоми омилҳоро ба инобат мегирад, ба мисолҳои таҷрибаи пешқадам такя мекунад. Бо ин роҳ, онҳо дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳо ба таври босамар муҳитеро, ки дар он ба ҳуқуқи инсон эҳтиром ба ҷо меоранд (дар баробари риоя кардани тавозун бо мувозинат бо талаботи амният) ва фарҳангеро., ки эҳтироми мутақобила ва таҳаммулпазириро инъикос мекунанд, метавонанд фароҳам оваранд.

### Намунаҳои зерфарҳанги маҳбас

Дар як қатор давлатҳои минтақаи САҲА зерфарҳангҳои ҷиноятӣ ва маҳбасӣ вуҷуд доранд, ки дар доираи онҳо гурӯҳҳои маҳбусон дар як табақабандии ғайрирасмӣ ташкилшуда ба риояи қоидаҳо ва қонунҳои рафтори худ тобеъ мешаванд. Чунин фарҳангҳо ба осонӣ

135 Ross Homel and Carleen Thompson, Causes and Prevention of Violence in Prisons [Сабабҳо ва пешгирии зӯроварӣ дар маҳбасҳо ], Griffith University, 2005, p. 1.

136 Дар ҳамон ҷо, с. 2.

дар шароите пайдо мешаванд, ки дар муассиса худидоракунии ғайрирасмии маҳбусон вуҷуд дорад ва маъмурият танҳо аз болои ҳудуди беруна назорат мекунад. Маҳбусоне, ки дар зинаи поёнии табақабандӣ қарор мегиранд, метавонанд ба муносибати таҳқиркунандаи шаъну шараф, зӯроварӣ ва дигар ҷазоҳо аз ҷониби маҳбусон/боздоштшудагон, на маъмурияти маҳбас, дучор шаванд.

**Иёлоти Муттаҳида.** Институти миллии адлия муайян кард, ки маҳбусон дар маҳбас «низоми мураккаби эътиқод ва меъёрҳоро нисбат ба рафтори ҷинсӣ» доранд, ки дар якҷоягӣ ба рафтори онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд[137]. Таҳқиқоти анҷомдодашуда инчунин нишон дод, ки кормандони бисёре аз маҳбасҳо «дар бораи динамикаи фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳаёти иҷтимоии маҳбусон фаҳмиши хеле маҳдуд доранд, ки ин ба қобилияти онҳо ҷиҳати вокуниш ба мушкилоти маҳбусон ва мушоҳида кардани тағйирот дар рафтори онҳо таъсири манфӣ мерасонад»[138]. Ошкор карда шуд, ки маҳбусон дар ҷомеаи маҳбасҳо барои ин кор тавассути таҳияи механизмҳои дифоъи иҷтимоӣ «худашон ба нигоҳ доштани тартибот машғуланд».

**Гурҷистон.** Коршиносон таваҷҷуҳро ба он далел ҷалб мекунанд: бинобар ҳузур доштани маҳбусони дорои мақоми баланд («duздон дар қонун»), ки метавонанд беҷазо амал кунанд, маҳбасҳое мавҷуданд, ки зӯроварии байни мардони маҳбус аз ҷониби маъмурият ҳеҷ боздошта намешавад [139].

**Молдова ва Латвия.** Дар ҳар ду кишвар, Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (КАПШ) далелҳои муносибат бо маҳбусони ба истилоҳ «пастшуда» (яъне бо онҳое, ки дар зинаҳои поинтарини иерархияи маҳбасҳо бинобар доштани тамоюли шаҳвонии ғайрианъанавӣ ё бо сабаби қаблан нисбат ба онҳо содир кардани зӯроварии шаҳвонӣ ё содир намудани ҷиноятҳои ҷинсӣ қарор доранд) -ро ҳуҷҷатгузорӣ кардааст[140].

137 Mark S. Fleisher and Jessie L. Krienert, The Culture of Prison Sexual Violence [Фарҳанги зӯроварии шаҳвонӣ дар маҳбасҳо]. United States Department of Justice, 2006, p. 15, https://www.ncjrs.gov/pdffiles1/nij/grants/216515.pdf.

138 Дар ҳамон ҷо, с. 18.

139 Иттилоот дар ҷараёни сафар ба Тифлис (Гурҷистон) моҳи сентябри с. 2016 ба даст оварда шудааст.

140 Қайд бояд кард,ки дар гузориши Кумита мансубияти ҷинсӣ ва синну соли маҳбусони мушаххас зикр карда нашудааст.

**Латвия.** КАПШ аз сатҳи зӯроварӣ дар байни маҳбусон дар яке аз маҳбасҳои Латвия изҳори нигаронӣ кард, ки дар он ҷо «дурнамои ҷабр дидан аз лату кӯб, дарафтодан бо мақсади таҷовузи шаҳвонӣ, тамаъҷӯӣ ва бисёр дигар шаклҳои бадрафторӣ барои бисёре аз маҳбусони осебпазир воқеияти ҳамарӯза буд». Дар ин муассиса маҳбусон барои ба бахши нисбатан бехатар гузаштан борҳо ба бадани худ зарар расонидаанд. КАПШ, аз ҷумла, изҳори нигаронии худро аз вазъи «каста (табақа)-и пасттарини маҳбусон аз рӯи табақабандии (иерархия)-и ғайрирасмии маҳбасҳо, ба истилоҳ «нафриншудагон» таъкид кард, ки борҳо аз ҷониби дигар маҳбусон ва ҳатто кормандон таҳқир гардидаанд. [...]. Чунин маҳбусон аксар вақт аз ҷониби маҳбусони дигар мавриди таҷовузи ҷинсии ритуалӣ қарор мегирифтанд (бар ивази чизҳои хурде ба мисли сигор ё чой)[141].

**Федератсияи Руссия.** Колонияҳои ислоҳӣ дар Федератсияи Руссия ба таври ғайрирасмӣ ҳамчун «сурх» (дар он тамоми ҳокимият ба маъмурият тааллуқ дорад) ва «сиёҳ» (бештар аз ҷониби маҳбусон идора мешавад) тасниф карда мешаванд. Колонияҳои занонаро ҳамеша ба гурӯҳи «сурх» ва ҳатто «сурхтар» нисбат ба ҳама колонияҳои мардона мансуб медонанд[142].

## Тадбирҳо барои тағйир додани зерфарҳанги маҳбас

**Лаҳистон.** Ҳукуматдорони Лаҳистон барои коҳиш додани таъсири зерфарҳанги маҳбасҳо ва таъмини амнияти ҳамаи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ ҳузур доранд, як қатор чораҳо андешиданд[143]. Тибқи фармоиши Директори генералии Хадамоти маҳбасҳо, ки соли 2016 ба тасвиб расидааст, кормандони маҳбас бояд корҳои зеринро анҷом диҳанд:

141 European Committee for the Prevention of Torture and Inhuman or Degrading Treatment or Punishment, 2007, Report to the Latvian Government on the visit to Latvia [Кумитаи Аврупо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибат ё ҷазои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Гузориш ба Ҳукумати Латвия аз рӯи натиҷаҳои ташриф ба Латвия, 2007], п. 40.

142 Judith Pallot, Laura Piacentini and Dominique Moran, Gender, Geography, and Punishment: The Experience of Women in Carceral Russia [Гендер, ҷуғрофия ва ҷазо: таҷрибаи занон дар маҳбасҳои Руссия]. Oxford, Oxford University Press, 2012, https://ssrn.com/abstract=2240944.

143 Иттилоот дар ҷавобҳои Лаҳистон ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шуда буд.

- таҳлил кардани сабабҳои шомил шудани маҳбусон ба зерфарҳангҳо;
- таъмин намудани маҳбусон бо воситаҳои алтернативӣ барои қонеъ кардани ниёзҳояшон дар ҷои бехатар ва мансубият ба ҷомеа;
- муайян кардани маҳбусоне, ки метавонанд мавриди таъқиб ва таҷовуз қарор гиранд;
- кам кардани накши пешвоёни зерфарҳангҳои ғайрирасмӣ тавассути маҳдуд кардани иртиботи онҳо бо маҳбусони дигар.

Пас аз ворид шудани маҳбус ба муассисаи ислоҳотӣ, маъмурият эҳтимолияти онро арзёбӣ мекунад, ки оё маҳбуси мазкур кирдорҳои зӯровариро содир мекунад ё ҷабрдидаи зӯроварӣ мешавад. Пас аз он барои таъмини амнияти маҳбус тавсияҳо таҳия карда мешаванд. Таҷовузкорони эҳтимолӣ ба хотири барқарорсозиашон дар бораи оқибатҳои манфии вайрон кардани тартиботи дохилӣ огоҳ карда мешаванд.

Зимни будубоши маҳбус дар маҳбас рафтору кирдори ӯро кормандони муассиса назорат ва мушоҳида мекунанд. Дар асоси ин мушоҳидаҳо онҳо хатареро арзёбӣ мекунанд, ки ин маҳбус метавонад ба кормандони маҳбас, дигар маҳбусон ва худаш эҷод кунад.

**Федератсияи Руссия.** Дар соли 2002 созмони ҷамъиятии Руссия «Инсон ва қонун» бо яке аз боздоштгоҳҳои қонуншиканҳои ноболиғ, ки бо далелҳои таҳқири маҳбусон, зӯроварӣ ва мавҷудияти зерфарҳанги ҷиноӣ бо 36 зинаи табақабандии ҷиноӣ маъруфият пайдо кардааст, ба кор шурӯъ кард. Зерфарҳани мазкур аз ҷониби кормандон низ дастгирӣ меёфт, зеро ба онҳо ба тарзи муносибат кардан бо ҷинояткорони ноболиғ дар муассисаи навъи пӯшида дуруст омӯзонида нашуда буданд. Дар муддати 10 сол созмони ҷамъияти «Инсон ва қонун» барои аз байн бурдани ин зерфарҳанг ва фароҳам, овардани чунин муҳити зист, ки дар он бо ЗҶГ дигар муросо карда намешавад, кор кард . Яке аз ҷузвҳои босамари равиши онҳо барқарор кардан ва нигоҳ доштани робитаи байни ин муассиса бо коршиносони ҷомеаи шаҳрвандӣ буд. Дар байни усулҳои истифодашуда, инҳоро бояд қайд кард:

- боздиди мунтазами коршиносон аз муассиса (бо мақсади омӯзиш, гузарондани чорабиниҳо ё сӯҳбатҳо дар мавзуъҳо, ба монанди таҳаммулпазирӣ);

- исрори қотеъона барои даст кашидан аз корбурди сленгҳои ҷиноӣ, лафзӣ ва суханони қабеҳ аз ҷониби кормандон ва маҳбусон;

- сарфи назар кардани қоидаҳои нонавиштаи табақабандии зинанизоми маҳбас ва эҳтироми шоиста гузоштан ба маҳбусоне, ки аз табақаи поёнтар ҳисобида мешаванд;

- ташкили сафарҳои муштараки кормандон ва маҳбусон берун аз муассиса, ки ин амал имкон дод, «қоидаҳои» зерфарҳанги маҳбасҳо вайрон карда, бо муносибатҳои мусбат иваз карда шаванд;

- гузаронидани семинарҳои таълимӣ барои кормандон оид ба масъалаҳо, аз қабили ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқи кӯдак ва ҳалли муноқиша бидуни зӯроварӣ ;

- дар муассиса гузаронидани озмуни ҳуқуқи инсон (озмун шаш моҳ гузаронида шуда, якчанд номинаро дар бар гирифт – масалан, корманди хушмуомила, отряди муваффақтарин ва маҳбуси муваффақтарин дар отряд. Дар ҳар як даста ғолибон аз рӯи натиҷаҳои овоздиҳии маҳбусон ва кормандон муайян карда шуданд ва ин азноболиғон талаб мекард, ки бо ҳамдигар ва кормандон муносибатҳои боэътимод ва боварибахш барқарор кунанд).

Дар соли 2012 пурсише, ки дар байни кормандони муассиса ва наврасон гузаронида шуд, нишон дод, ки зӯроварӣ, аз ҷумла ЗҶГ дигар дар муассиса рух намедиҳад[144].

144 Маълумотро Сергей Подузов, ҳамраиси созмони «Инсон ва қонун», моҳи декабри с. 2016 пешниҳод кардааст.

## 3.6. Миқёси мушкилот

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Муассисаҳои адлияи суди ҷиноятӣ бояд барои ҷамъоварӣ, таҳлил кардан ва коркарди маълумот оид ба ҳодисаҳои ЗҶГ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳанд.

✓ Маълумот бояд аз рӯи таснифоти мушаххас, аз ҷумла рӯи шумораи шикоятҳои воридшуда, шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба гурӯҳҳои мушаххас ва намуди ҷароҳатҳои сабтшуда гурӯҳбандӣ карда шавад.

✓ Чораҳои вокунишии минбаъда ва чораҳои назорат бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд.

Яке аз омилҳое, ки андешидани чораҳоро барои ҳалли мушкилоти ЗҶГ дар маҳбасҳо мушкил мекунад, набудани маълумот дар бораи паҳншавии ин падида мебошад. Камбуди маълумот метавонад бо чанд сабаб, аз ҷумла эътирофи нокифояи расмии мушкилот аз ҷониби ҷабрдидагон, шикоят пешниҳод накардани шахсони дигар дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ ва инчунин теъдоди маҳдуди таҳқиқот дар ин мавзуъ вобаста бошад.

Дараҷаи паҳншавии ЗҶГ-ро метавон аз якчанд манбаъҳо, аз ҷумла назарсанҷии маҳбусон, маҳбусони собиқ, сабти расмии маъмурӣ дар санадҳо ва инчунин шикоятҳое, ки аз боздоштшудагон/маҳбусон ба нозирон, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, судҳои кишвари мушаххас ё мақомоти байналмилалӣ дастрас шудаанд, арзёбӣ кард.

Гуногунии манбаъҳо, тафовут дар тарзҳои ҷамъоварии маълумот ва набудани таърифи маъмулан қабулшудаи ЗҶГ маънои онро дорад, ки маълумот аксар вақт номукаммал мешавад. Дар айни замон, коршиносон ҳама ба як ақида розӣ ҳастанд, ки маълумоти мавҷуда миқёси мушкилотро ба дараҷаи комил инъикос намекунад.

Як қатор кишварҳои узви САҲА тасдиқ карданд, ки онҳо дар бораи ЗГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ маълумот ҷамъоварӣ намекунанд. Дар дигар давлатҳо, шумораи ҳодисаҳои сабтшуда аз 30 адад дар як сол то ягон адад (ҳеҷ чиз) дар тӯли чанд сол фарқ мекунанд.

Тибқи посухҳои пурсишномаҳое, ки аз Босния ва Ҳерсеговина, Гурҷистон, Ӯзбекистон ва Шветсия, дастрас шудаанд, дар солҳои охир дар ин кишварҳо ягон ҳолати

гирифторӣ ба ЗҶГ ба қайд гирифта нашудааст. Дар Италия аз соли 2009 инҷониб маҳбусон ва/ё боздоштшудагон дар бораи 35 мавриди зӯроварии ҷинсии пешбинишаванда ба мақомот хабар додаанд. Дар Маҷористон дар солҳои 2011-2016 шумораи ҳодисаҳои зӯроварии ҷинсӣ, ки дар аризаҳои маҳбусон зикр шудааст ё аз ҷониби нозирон муайян гардидааст, ба ҳисоби миёна дар як сол 29 ҳодисаро ташкил медиҳад. Дар Испания, Латвия, Литва, Лаҳистон, Македонияи Шимолӣ ва Эстония дар давоми якчанд сол на бештар аз панҷ ҳодиса дар як сол ба қайд гирифта шудааст.

Мувофиқи ҷавобҳо ба саволҳои назарсанҷӣ дар Олмон, ки дар он ҷо барои ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ (ҳабсхонаҳои полис ва маҳбасҳо) дар сатҳи федералӣ ва минтақавӣ баҳисобгирии алоҳида анҷом дода мешаванд, шумораи ҳодисаҳо аз сифр то шаш адад дар як солро ташкил медиҳад.

Маълумоти як кишварро набояд бо маълумоти кишварҳои дигар муқоиса кард, зеро сабту бақайдгирии ҳодисаҳо дар ҳар кишвар ба усулҳои гуногун анҷом дода шуда, натиҷаҳо ба он вобастаанд, ки оё шумораи гузоришҳо, шикоятҳои тасдиқшуда ё парвандаҳое, ки дар судҳо баррасӣ мешаванд, ба инобат гирифта мешаванд ё не.

Маълумоти омории интихобшуда, ки дар зер оварда шудаанд, типологияи зӯровариро, ки дар маҳбасҳо содир карда мешаванд, нишон медиҳад. Онҳо инчунин ба мушкилоти сабти ҳодисаҳои ЗҶГ ва муайян кардани он, ки оё ин ҳодисаҳо воқеан рух додаанд ё не, ишора мекунанд.

**Намунаҳои маълумоти оморӣ, ки аз рӯи натиҷаҳои назарсанҷии миллӣ оид ба ЗҶГ дар маҳбасҳо оварда шудаанд.**

**Канада.** Дар соли 2007 дар як назарсанҷии умумимиллӣ оид ба бемориҳои сироятии маҳбусон ва рафтори хавфнок дар ҶМО, тақрибан аз ҳар панҷ як мард (17%) ва аз се як зан (31%) хабар доданд, ки дар ягон намуди амалҳои ҷинсӣ дар давоми шаш моҳи қаблии ҳузур дар ҶМО иштирок кардаанд (зери ин амалҳо алоқаи шаҳвонии даҳонӣ, маҳбалӣ ё мақъадӣ дар назар дошта шудааст)[145]. Дар пурсиш байни амалҳои шаҳвонии бо ризоият ва бе ризоият фарқ гузошта нашудааст.

**Дания.** Соли 2015 Хадамоти иҷрои ҷазоҳо ва назорати Дания як назарсанҷӣ анҷом дод, ки ба он беш аз 2000 маҳбуси зери тафтишот

145 Summary of Emerging Findings from the 2007 National Inmate Infectious Diseases and Risk-Behaviours Survey [Хулосаҳои мухтасар аз Назарсанҷии миллӣ дар бораи бемориҳои сироятӣ ва рафторҳои хавфноки маҳбусон], Correctional Services of Canada website, http://www.csc-scc.gc.ca/research/005008-0211-01-eng.shtml#Toc253473351.

қарордошта ва маҳкумшудагоне, ки ҷазоро адо мекунанд (64% аз шумораи умумии маҳбасиён) ҷалб карда шуданд. 2%-и мардони пурсидашуда ва 9% -и занони дарназарсанҷӣ иштироккарда гузориш доданд, ки онҳо бо мақсади зӯроварии ҷинсӣ аз ҷониби дигар маҳбусон мавриди ҳамла қарор гирифтаанд ва 4%-и онҳо арз карданд, ки онҳо ба чунин ҳамлаҳо аз ҷониби нозирон дучор шудаанд, ки аз ҷиҳати оморӣ байни маҳбусони марду зан дар ин вазъият фарқияти назаррас мушоҳида нашудааст. Нишондиҳандаҳои сабтшудаи ҳамлаҳо бо қасди таҷовуз - ҳам аз ҷониби маҳбусон ва ҳам аз ҷониби кормандон - дар низоми маҳбасҳои умумимиллӣ нисбат ба маҳбасҳои маҳаллӣ баландтар буд[146].

**Олмон.** Солҳои 2011-2012 Институти таҳқиқоти криминологии Саксонияи Поён[147] бо истифода аз пурсишномаи бе сабти ном, ки дар бораи мундариҷаи он ба маъмурияти маҳбусҳо хабар дода нашуд, дар 33 маҳбаси панҷ иёлати федералии Олмон (Бранденбург, Бремен, Саксонияи Поён, Саксония ва Тюрингия) таҳқиқи ҳодисаҳои зӯровариро анҷом дод. Аз 6384 пурсидашудагон 78,7%-ро мардони калонсол, 7,2% занони калонсол ва 14,7%-ро маҳбусони ноболиғи ҳарду ҷинс ташкил доданд. Пурсишнома саволҳоро дар бораи якчанд шаклҳои зӯроварӣ, ки посухдиҳандагон дар давоми моҳи гузашта аз сар гузаронида метавонистанд, дар бар мегирифт. Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки 4,5% мардони калонсол, 3,6% занони калонсол ва 7,1% ноболиғон ба зӯроварии ҷинсӣ дучор шудаанд[148]. Аз пурсидашудагон инчунин дар бораи иштироки онҳо дар зӯроварӣ пурсида шуд. Ҳарчанд ки шумораи хеле зиёди пурсидашудагон иштироки худро дар амалҳои хушунат ва зӯроварии ҷисмонӣ арз карданд, танҳо 1%-и иштирокчиёни пурсиш эътироф карданд, ки онҳо дар содир намудани зӯроварии шаҳвонӣ иштирок кардаанд[149].

**Иёлоти Муттаҳида.** Дар Иёлоти Муттаҳида, маълумот дар бораи ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ дар ҶМО тавассути пурсишҳои ба меъёр даровардашудаи миллӣ ҷамъоварӣ карда мешавад. Маълумоти

146 Маълумот дар ҷавобҳои Дания ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шуда буд

147 Нигар ба веб-сомонаи Институти илмӣ таҳқиқотии криминологияи Саксонияи Поён (Kriminologisches Forschungsinstitut Niedersachsen e.V.): http://en.kfn.de.

148 Bieneck and Pfeiffer, ос. зикршуда, поварақи 128, с. 11.

149 Дар ҳамон ҷо.

охирини дастрас дар бораи маҳбусони болиғ аз нишондодҳои зерин иборатанд[150]:

- 4%-и маҳбусони маҳбасҳои иёлат ва маҳбасҳои федералӣ ва 3,2%-и маҳбусон дар боздоштгоҳи муваққатӣ[151] гузориш доданд, ки ҳангоми дар ҳабс қарор гирифтан як ё якчанд ҳодисаи зӯроварии шаҳвониро аз ҷониби маҳбуси дигар ё корманд ҳангоми боздошт ё маҳбас аз сар гузарониданд.

- Аз 2,9% (маҳбасҳо) то 1,6% (аз изоляторҳо) маҳбусон дар бораи зӯроварии аз сар гузаронидаашон аз ҷониби маҳбуси дигар хабар доданд. Аз 2,4% (маҳбасҳо) то 1,8% (изоляторҳо) маҳбусон дар бораи ҳодисаҳо бо иштироки нозирон хабар доданд.

- Сатҳи зӯроварии ҷинсӣ дар байни маҳбусони зан нисбат ба мардон баландтар буд (мувофиқан 6,9% ва 1,7%). Нишондиҳандаи зӯроварии ҷинсӣ аз ҷониби нозирон, ки аз ҷониби мардони маҳбус хабар дода шудааст, тақрибан бо чунин нишондиҳанда барои занон баробар аст (мувофиқан 2,4% ва 2,3%).

- Маҳбусоне, ки ба «сафедон»-и этникӣ мансубанд, дар бораи нишондиҳандаҳои нисбатан баланди зӯроварии шаҳвонӣ миёни маҳбусон назар ба чунин нишондодҳои мутааллиқ ба ақаллиятҳои этникӣ хабар доданд. Маълумотҳои дастрасшуда инчунин аз он шаҳодат медиҳанд, ки амалҳои моҳияташон шаҳвонӣ аз ҷониби нозирон бо ақаллиятҳо нисбат ба «сафедҳо» бештар рух медиҳад.

- Маҳбусони калонсоли трансгендерҳо (ҳам дар маҳбасҳо ва ҳам дар боздоштгоҳҳо) дар бораи сатҳи баландтари таҷовузи шаҳвонӣ (аз ҷониби дигар маҳбусон ва нозирон) нисбат ба калонсолони сисгендерҳо хабар доданд[152].

---

150 Маълумот аз нашрияи зерин оварда шудааст: Sexual Victimization in Prisons and Jails Reported by Inmates [Зӯроварии ҷинсӣ дар маҳбасҳо ва изоляторҳо аз рӯи гузориши маҳбусон], 2011-12. National Inmate Survey, 2011-12, 2013, pp. 6, 17 and Supplemental Tables: Prevalence of Sexual Victimization Among Transgender Adult Inmates [Ҷадвалҳои иловагӣ, Паҳншавии зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба шахсони калонсоли трансгендерҳо], p. 2.

151 Зери мафҳуми «маҳбасҳо» (prisons) муассисаҳои пенитенсиарии боздошти дарозмуддат ва тобеияти мутамарказ фаҳмида мешавад, «изоляторҳо» (jails) бошанд, ин муассисаҳои боздошти кӯтоҳмуддат буда, маъмулан ба мақомоти маҳаллии ҳифзи ҳуқуқ тобеанд.

152 «Истилоҳи «сисгендер» нисбати одаме истифода мешавад, ки эҳсоси ҳувияти шахсии ӯ ва гендер бо ҷинси биологии ӯ ҳангоми таваллуд шудан мувофиқат мекунад.

Маълумоте, ки дар Иёлоти Муттаҳида ҷамъоварӣ шудааст, инчунин аз рӯи муассисаҳо ба гурӯҳҳо тасниф ва пешниҳод карда шуданд ва дар натиҷаи ин манбаи маълумоти муҳим дар бораи паҳншавии ЗҶГ дар ҶМО-ҳои мушаххас мебошанд.

Маълумоти назарсанҷии маҳбусон аз омори расмии шикоятҳо ва аризаҳое, ки аз шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба даст оварда шудаанд, ба таври куллӣ фарқ мекунад. Тибқи пурсишҳо, тақрибан 4%-и маҳбусон дар Иёлоти Муттаҳида мавриди таҷовузи шаҳвонӣ қарор гирифтаанд; аммо дар соли 2006 камтар аз як фоизи (0,29%) маҳбусон дар маҳбасҳо, боздоштгоҳҳо ва дигар муассисаҳои ислоҳии калонсолон ба маъмурият хабар доданд, ки онҳо ба ЗҶГ дучор шудаанд[153].

Тафовут дар низомҳои миллии баҳисобгирӣ ба он таъсир мерасонад, ки то чӣ андоза маълумоти расмӣ миқёси паҳншавии ЗҶГ-ро инъикос мекунанд. Масалан, дар баъзе кишварҳо танҳо ҳодисаҳои тасдиқшуда сабт карда мешаванд. Барои ба даст овардани омори пурра дар бораи ЗҶГ инчунин метавонад мавҷуд будани усулҳои гуногуни таснифоти ЗҶГ аз ҷониби мақомоти айбдоркунӣ (прокуратура) халал расонад. Масалан, дар баъзе кишварҳо қонунҳои ҷиноятӣ пешбинӣ мекунанд, ки танҳо занон ба таҷовуз ба номус дучор шуданашон мумкин аст. Дар ҳолатҳои дигар, мақомоти айбдоркунӣ метавонанд ЗҶГ-ро ҳамчун шиканҷа ё сӯиистифода аз мақом муайян кунанд ва дар сурати марг дар ҳабс, иддаои камтар дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ бо айбномаи вазнинтари куштор мубаддал шудааст.

## 3.7. Хусусияти пинҳонии зӯроварӣ ва мушкилоти ариза надодан дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ

ЗҶГ дар ҶМО як мушкилоти сарбаста аст: бисёре аз ҷабрдидагон кӯшиш мекунанд, ки дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ хабар надиҳанд. Таҳқиқоти мушкилоти ЗҶГ умуман дар ҷомеа нишон медиҳанд, ки ҷабрдидагон бо сабабҳои гуногун дар бораи ҳодисаҳо ба мақомот хабар намедиҳанд, зеро аҳамияти ҳар яки онҳо метавонанд дар шароити маҳрумият аз озодӣ боз ҳам баландтар шаванд. Ба ғайр аз ин, барои хабар додан дар бораи чунин ҷиноятҳо дар маҳбасҳо ва муассисаҳои боздошти маҷбурӣ монеаҳои мушаххас вуҷуд дошта метавонанд.

Аз рӯи натиҷаҳои назарсанҷии 42 000 зани маҳбус дар 28 кишвари узви Иттиҳоди Аврупо ошкор карда шуд, ки камтар аз се яки заноне, ки аз ҷониби шахси дигар ба

153 Kim English, Peggy Heil and Robert Dumond, Sexual Assault in Jail and Juvenile Facilities: Promising Practices for Prevention and Response, Final Report [Ҳамла бо мақсади зӯроварии шаҳвонӣ дар изоляторҳо ва муассисаҳо барои қонуншиканҳои ноболиғ: амалияи пешрафта дар соҳаи пешгирӣ ва барҳамдиҳӣ -гузориши ниҳоӣ ], United States Department of Justice, 2011, p. 1.

ғайр аз шарики наздики худ зӯроварии шаҳвониро аз сар гузаронидаанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё дигар созмони махсус бо аризаи шикояти муроҷиат кардаанд[154].

Маълумоти шабеҳ дар бораи мардони ҷабрдида вуҷуд надорад, аммо натиҷаҳои як қатор таҳқиқоти миқёсашон хурдтар нишон медиҳанд, ки мардон нисбат ба занон хеле камтар дар бораи зӯроварии ҷинсие, ки аз сар гузаронидаанд, ба мақомот хабар медиҳанд. Масалан, пурсиши ҷабрдидагони калонсол оид ба таҷовузи шаҳвонӣ дар ҷомеаи Иёлоти Муттаҳида нишон дод, ки танҳо 13%-и мардон (дар муқоиса бо 19% занон) ба полис дар бораи таҷовуз ба номус хабар додаанд[155].

Ба ғайр аз ин, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаи маҳбасҳо метавонанд аз тарси вокуниши эҳтимолии ҳамкорон ё боздоштшудагон/маҳбусон аз гузориш дар бораи ҳолатҳои ЗҶГ худдорӣ кунанд. Онҳо метавонанд битарсанд, ки кормандони дигар барои хабар додан дар бораи ин мушкилот онҳоро ба остракизм дучор мекунанд ё метарсанд, ки ҷои корро аз даст медиҳанд ё дар вазифа/мансаб паст карда мешаванд. Дар бахшҳои минбаъда баъзе сабабҳои эҳтимолие оварда шудаанд, ки барои онҳо ҷабрдидагон дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ хабар намедиҳанд.

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Кормандони давлатӣ, аз ҷумла таҳиягарони сиёсатҳо ва қонунгузорон, бояд муҳокимаҳои ҷамъиятӣ оид ба монеаҳо дар роҳи гузоришдиҳӣ дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ дар ҶМО ва тафтиши чунин ҳодисаҳоро дастгирӣ кунанд ва дар ин муҳокимаҳо иштирок намоянд.

✓ Нисбат ба роҳбарият ва кормандони маҳбас, ки аз ҳолатҳои ЗҶГ огоҳӣ доштанду барои пешгирӣ ё бартараф кардани ин зуҳурот тадбирҳои дахлдор наандешидаанд, бояд чораҳои дақиқ андешида шаванд. Агар ин гуна тадбирҳо кайҳо боз вуҷуд дошта бошанд, самаранокии онҳо бояд таҳлил карда шаванд.

### 3.7.1. Монеаҳои равонӣ ва тамғагузорӣ

Меъёрҳои ҷомеа ва стереотипҳои гендерӣ ба он мусоидат мекунанд, ки ҷабрдидагон аз ЗҶГ, бахусус ҷабрдидагони зӯроварии ҷинсӣ, худро таҳқиршуда ва

154 Violence against women: an EU-wide survey, Main Results [Зӯроварӣ нисбат ба занон: назарсанҷӣ дар доираи ИА – натиҷаҳои асосӣ], European Union Agency for Fundamental Rights, 2014, p. 60.

155 English, Heil and Dumond, ос. зикршуда, поварақи 153, с. 7.

шармандашуда эҳсос мекунанд. Дар назарсанҷии дар миқёси Иттиҳоди Аврупо гузарондашуда, ки дар боло зикр гардид, шарм ва таҳқир ҳамчун яке аз сабабҳои асосии ба полис муроҷиат накардани занон қайд шуданд ва бинобар ин сабабҳо онҳо ба полис пас аз дучори ЗҶГ шудан аз ҷониби шахси дигар, ба ғайр аз шарики наздики худ (26%-и пурсидашудагон) муроҷиат накардаанд[156]. Бездоштшудагон ва маҳбусони мард низ аз хабар додан дар бораи зӯроварии ҷинсӣ худдорӣ мекунанд ва барои ин гуна одамон бартараф кардани ҳисси шарм метавонад боз ҳам мушкилтар бошад, зеро онҳо ба хидматрасонии психотерапевтӣ ва пас аз осеби равонӣ, ки дар озодӣ дастрас шуда метавонанд, дастрасӣ надоранд. Ҷабрдидагони дар бораи далелҳои зӯроварӣ ва муносибати бераҳмона аз тарсе, ки гӯё ба онҳо бовар намекунанд, инчунин барои эҳсоси гуноҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншуда ва набудани эътимод ба низоми адлия хабар намедиҳанд.

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Дар ҶМО бояд шароит ва кафолатҳои зарурии ҳимоят мавҷуд бошанд, то ки ҷабрдидагон аз ҳодисаҳои ЗҶГ дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ ба шахсони мансабдор хабар диҳанд.
- ✓ Ба маҳбусон ва боздоштшудагон, ки аз ҳодисаҳои ЗҶГ огоҳанд, бояд имкон дода шавад, ки дар бораи онҳо ба таври бехатар ва махфӣ хабар диҳанд.
- ✓ Ба ҳамаи ҷабрдидагон аз ЗҶГ кумаки зарурии касбӣ ва ёрии тиббӣ расонида шуда, имконият барои ҳамкорӣ бо ходамоти дахлдори беруна ва созмонҳои ҷамъиятӣ фароҳам оварда шавад.

Дар ҷомеа дар бораи таҷовуз ба номус ва зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба мардону писарон тасаввуроти нодуруст ва қолабҳои зиёде вуҷуд дорад. Ин тасаввурот шояд аз он сабаб пайдо шуда бошанд, ки мардони ҷабрдида дар бораи дучор шудан ба зӯроварӣ ҳарф намезананд. Мардон аз эҳсоси шарм ва гунаҳ ва инчунини тарси «аз сабаби бо онҳо рух додани ин ҳодиса дучор шудан ба нобоварӣ ё маҳкум кардан» метавонанд ба мақомот дар бораи ЗҶГ хабар надиҳанд[157]. Аз сабаби бадгумонӣ дар бораи моҳияти шаҳвонии мардон, мардони ҷабрдида аз зӯроварии шаҳвонӣ аз ҷониби мардони дигар, хоҳ дар муассисаҳои пӯшида бошад ва хоҳ дар дигар ҷойҳо, барои пайдо накардани доғи тамғагузорӣ ва шармандагӣ намехоҳанд дар бораи

156 Дар ҳамон ҷо, с. 64.

157 Krug et al., ос. зикршуда, поварақи 92, с. 154.

он хабар диҳанд», зеро ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ бахусус дар муҳите, ки ҳиссиёти ҳомофобӣ (якҷинсӣ) бартарӣ дорад, рӯ ба рӯ мешаванд. «Вақте ки мардон аз ҷониби мардони дигар мавриди таҷовузи ҷинсӣ қарор мегиранд, онҳо аз «доғ (тамғазанӣ)-и дугона», яъне аз дучори таҳқир гардиданашон ҳамчун ҷабрдида ва ҳамчун «ҳамҷинсгаро» шинохта шудан метарсанд, ҳатто агар ҳамҷинсгароӣ нисбат ба онҳо асос надошта бошад»[158].

### Тавсияи асосӣ

✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд иштироки кормандон, маҳбусон, хешовандон, хадамотҳои хидматрасонӣ ва коршиносони соҳаро ҳавасманд намоянд, то ки дар пурсишҳо, мубоҳисаҳо ва чорабиниҳои гурӯҳие, ки ба пешгирӣ ва барҳам додани ЗҶГ дар ҶМО нигаронида шудаанд, иштирок намоянд. Ба ин фаъолият инчунин созмонҳои маҳаллии ҷамъиятиро, ки бо ҷабрдидагон кор мекунанд, бо мақсади дастгирии ташаббусҳо ҷиҳати баланд бардоштани огоҳонӣ ҷалб намудан зарур аст.

### Намунаи судӣ: парвандаи «B. L. бар зидди Швейтсария» (Кумитаи зидди шиканҷа, с.2007)

Дар шикояти худ, ки аз ҷониби Кумитаи зидди шиканҷаи СММ баррасӣ шудааст, шикояткунандаи дар Швейтсария паноҳандагӣ хоста, хабар додааст, ки ҳангоми бозпурсӣ дар бораи фаъолиятҳои сиёсии шавҳараш аз ҷониби се афсари полис дар Беларус нисбати ӯ таҷовузи шаҳвонӣ содир шудааст. Кумита муайян кард, ки лату кӯб ва таҷовуз ба номуси аз ҷониби полис содиршуда таҷовузи шаҳвонӣ буд ва аз рӯи таъриф ба шиканҷа мувофиқат мекунад, гарчанде ки ҳамаи ин кирдор берун аз ҳабсхонаҳои расмӣ содир шудааст[159]. Инчунин Кумита қайд кард, ки мақомоти Беларус, чи тавре ки маълум шуд, тафтишот нагузарониданд ва кормандони полисро барои ин кирдорҳояшон ҷазо надоданд.

158 Watson, ос. зикршуда, поварақи 133, с. 27.

159 Кумитаи зидди шиканҷа, Қарор, Ахбор № 262/2005, 22 январи с. 2007, б. 8.10.

Кумита баъзе аз омилҳоеро, ки бинобар мавҷуд будани онҳо ҷабрдидагон аз хабар додан дар бораи шиканҷа – ҳодисаи бо онҳо рухдода монеъ мешаванд, аз ҷумла омилҳоеро, ки ҷанбаи гендерӣ доранд, муфассал шарҳ дод. «Хуб маълум аст, ки ифшо кардани маълумоти шахсӣ ва эҳтимоли дар вазъияти таҳқиршуда қарор доштан, баъди хабар додан дар бораи ҳодисаҳои рухдода, сабаби он мешаванд, ки ҳам занон ва ҳам мардони ба таҷовуз ба номус ва/ё дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ гирифторшуда, то охир кӯшиш мекунанд, ки ин кирдорро пинҳон кунанд. Дар мавриди зан бошад, тарси изофӣ вуҷуд дорад, ки ӯро ҳамхоба ва ё аъзои оилааш баъди ин ҳодиса метавонад таҳқир, хору зор ва рад кунад»[160]

### 3.7.2. Тарси таъқиб ва интиқом

**Тавсияи асосӣ**

✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд ҳамаи маҳбусон ва кормандонро бо механизми пешниҳод кардани шикоятҳо шинос кунанд ва ба онҳо имкони пешниҳод кардани шикоятҳоро ҳангоми рух додани ҳолатҳои ЗҶГ дар шароити махфияти комил, бе тарси интиқом ва дигар оқибатҳои манфӣ фароҳам оваранд.

Тарс аз ҷинояткор ва тарси интиқом яке аз сабабҳои маъмултарин буда, занон умуман дар ҷомеа шарҳ медиҳанд, ки чаро онҳо аз ҳодисаҳои зӯроварии ҷинсӣ хабар намедиҳанд. Масалан, натиҷаҳои назарсанҷии дар саросари Иттиҳоди Аврупо оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон анҷомшуда нишон медиҳанд, ки тарс аз ҷинояткор ё тарси интиқом метавонад ҳангоми гирифтор шудан ба зӯроварии шаҳвонӣ нисбат ба зӯроварии ҷисмонӣ зиёдтар бошад[161]. Дар муассисаҳои навъи пӯшида тарси интиқом ва таҳдидҳои эҳтимолии таҷовузгарон боз ҳам миқёси бузургтар мегирад. Чи тавре ки дар яке аз таҳқиқотҳо оид ба фарҳанги маҳбасҳо дар Иёлоти Муттаҳида қайд карда шудааст, маҳбусоне, ки ба онҳо бо содир кардани зӯроварии шаҳвонӣ таҳдид мекунанд, бо интихоби душвор рӯ ба рӯ мешаванд: онҳо метавонанд аз болои таҷовузкор ба маъмурият шикоят кунанд, аммо дар натиҷа, ба онҳо шояд ҳамчун хабаркаш лақаб гузоранд, ки ин онҳоро аз нуқтаи назари интиқом бештар

160 Дар ҳамон ҷо,б. 8.8.

161 Violence against women: an EU-wide survey, Main Results, ос.зикршуда, поварақи 154, с. 64.

осебпазир мекунад ва ин «шояд, ҳатто бадтар аз таҷовузи шаҳвонӣ бошад, ки ҷабрдидаи эҳтимолӣ мехоҳад аз он канораҷӯӣ кунад»[162]. Ҷойгузини пешниҳоди шикоят «муқовимат нишон додан ё итоат кардан ба таҷовузкор хоҳад буд»[163].

Ноболиғоне, ки бо ҷинояткорони болиғ нигоҳ дошта мешаванд, махсусан аз интиқомгирӣ метарсанд. Тарс аз интиқом инчунин ба кормандон ва шоҳидони ҳодиса аз хабар додан дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ монеъ мешавад.

### 3.7.3. Дигар оқибатҳои эҳтимолии ариза додан дар бораи зӯроварӣ

**Тавсияи асосӣ**

✓ Боварӣ бояд ҳосил кард, ки чораҳои ҳимояти боздоштшудагон/маҳбусон аз зӯроварӣ боиси табъиз, тамғагузорӣ ё маҳдудияти дастрасӣ ба хадамот ва барномаҳо нашаванд. Изолятсия бо мақсади таъмин кардани амният бояд танҳо бо ризоияти маҳбус ва бо кафолати муҳофизат амалӣ карда шавад ва мунтазам аз нав баррасӣ карда шавад.

Ба ғайр аз тарси интиқом ва зӯроварии бештар дар оянда, ҷабрдидагон аз ЗҶГ дар муассисаҳои навъи пӯшида метавонанд дар бораи аз сар гузарондани таҷовуз ба маъмурият хабар надиҳанд, зеро онҳо медонанд, ки барои ин ҷазо гирифта метавонанд. Масалан, онҳо метавонанд аз маҳбусон бо мақсадҳои амният ҷудо карда шуда, ба ин васила аз иштирок дар фаъолиятҳои умумӣ маҳрум карда шаванд, ё онҳоро метавонанд ба дигар муассисае гузаронанд, ки шароиташ бадтар аст; дар мавриди занҳо бошад, «қариб бешубҳа маънои онро дорад, ки онҳо боз ҳам дуртар аз хонаводаашон хоҳанд буд»[164].

Шахсоне, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, метавонанд дар бораи зӯроварӣ хабар надиҳанд, зеро онҳо медонанд, ки пас аз ин онҳоро аз муоинаи тиббии инвазивӣ мегузаронанд ва бозпурсӣ мекунанд. Илова бар ин, вақте ки маҳбусони дар гузашта осебёфта бо таҳдиди ЗҶГ дучор мешаванд, дар онҳо аксуламали равонии «бизан,

162 Fleisher and Krienert, ос.зикршуда, поварақи 137, с. 42.

163 Дар ҳамон ҷо, с. 42.

164 Дастур барои Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид, ки ба мурочиати занони маҳбус марбут аст ва чораҳои ҷазо барои занони қонуншикан, ки ба маҳрумият аз озодӣ вобаста нест (Қоидаҳои Бангкок). Лондон, Ислоҳоти Байналмилалии маҳбасҳо, 2014, с. 69, https://cdn.penalreform.org/wp-content/uploads/2013/09/PRI-TIJ-Bangkok-Rules-Guidance-Document_RUSSIAN-Final-April-2014.pdf.

бидав ё дам шин» ба вуҷуд меояд. Чунин вокунишро роҳбарияти муассиса аксар вақт намефаҳмад ва ин метавонад боиси татбиқи чораҳои ҷазодиҳӣ гардад[165].

### 3.7.4. Хусусияти муносибатҳои байни ҷабрдида ва таҷовузгар

Азбаски ЗҶГ-ро ҳам маҳбусон ва ҳам нозирон содир карда метавонанд, хусусияти муносибатҳои байни таҷовузгар ва ҷабрдида худ аз худ метавонад барои хабар додан ба маъмурият дар бораи зӯроварии баамаломада монеъ шавад. Масалан, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоте, ки дар Британияи Кабиранҷом дода шуданд, ошкор шуд, ки маҳбусони аз ЗҶГ ҷабрдида ба нозирон дар бораи чунин ҳодисаҳо аз он сабаб хеле кам хабар медиҳанд, чунки «ҷабрдидагон ва таҷовузгарон аксар вақт гурӯҳҳои алоҳида нестанд ва эҳтимол аст, ки онҳое, ки ба дигарон таҷовуз мекунанд, худашон низ метавонанд ҷабрдида шаванд»[166].

Маҳбусони аз ҷониби нозирон аз ЗҶГ ҷабрдида метавонанд ба он дучор шаванд, ки маъмурият ба иддаои онҳо бовар накунад. Ин хусусан дар он вақт ба амал меояд, ки ҷабрдида мард бошаду таҷовузгар зан .

Дар он мавридҳое, ки ЗҶГ (аз ҷониби нозир ё маҳбуси дигар) шакли амали маҷбурии шаҳвониро бар ивази ягон манфиат гирад, ҷабрдидагон аз тарси аз даст додани «имтиёзҳо» ё шарик шудан дар ягон намуди қонунвайронкунӣ (масалан, агар нисбати ҷабрдида муомилаи махсус зоҳир шавад ё вай аз маъмурияти маҳбас бар ивази хидмати моҳияташ шаҳвонӣ ягон мол гирад) ҷабрдидагон дар ин бора хабар намедиҳанд.

### 3.7.5. Қабули ЗҶГ ҳамчун «ҷузви ҷазо» ё ҳамчун ҳодисаи ногузир

Тасаввуроти бардурӯғ дар бораи динамикаи ЗҶГ ва иддаои гунаҳкор будани ҷабрдида, дар ӯ пайдо шудани эҳсоси гунаҳкорӣ ё эътиқоди онро, ки гӯё худаш дар содир шудани зӯроварӣ алайҳи худаш саҳм гузоштааст, меафзояд. Дар ҷомеа дар умум, занон метавонанд дар бораи ҳодисаҳои зӯроварии шаҳвонӣ хабар надиҳанд, зеро худро гунаҳкор ҳис мекунанд[167]. Дар айни замон, бояд қайд кард, ки маҳбусон шояд фикр кунанд, ки вақте онҳо аз озодӣ маҳруманд, муносибати бераҳмонаро бояд таҳаммул кард, зеро ин як ҷузви ҷазо мебошад.

Таҳқиқоти дар маҳбасҳои Иёлоти Муттаҳида анҷомёфта нишон доданд, ки ҳангоми сӯҳбати шиносоӣ нозирон ба маҳбусони нав ҳикоя мекардаанд, ки таҷовуз ба номус дар маҳбас ҳодисаи маъмул аст ва онҳо бояд «бо он зиндагӣ карданро ёд гиранд» ва

165 Swavola, Riley and Subramanian, Overlooked: Women and Jails in an Era of Reform [Одамони бидуни таваҷҷӯҳ: занон дар инзиво дар давраи ислоҳот], Vera Institute of Justice, New York, August 2016, p. 14, https://www.vera.org/publications/overlooked-women-and-jails-report.

166 Homel and Thompson, ос.зикршуда, повароқи 135, с. 6.

167 Violence against women: an EU-wide survey, Main Results, ос.зикршуда, повароқи 154, с. 64.

«зӯроварии ҷинсӣ як ҷузви ҳаёт дар маҳбас аст» ва ҳатто «ҷузве аз ҷазои онҳост»[168]. Чунин амалияҳо на танҳо осебпазирии шахсони алоҳидаро афзоиш медиҳанд, балки ҷабрдидагонро аз пешниҳоди шикоят дар бораи зӯроварӣ бозмедорад.

Онҳое, ки дар гузашта ЗҶГ-ро аз сар гузаронидаанд, ҳангоми рух додани таҷовуз онро ё дарк намекунанд ё онҳо кайҳо боз унсурҳои маҷбуркуниро эҳсос намекунанд. Ба гуфтаи кормандони яке аз маҳбасҳо, «бисёре аз ин занон [маҳбусон] муддати чунон тӯлонӣ мавриди таҷовуз қарор гирифтаанд, ки дигар фикр намекунанд, ки [истисмори ҷинсӣ] ин кори нодуруст аст. Фикр мекунанд, ки сабаб дар худи худашон аст ва «шояд айби худи ман бошад»[169]. Шахсоне, ки дар гузашта ЗҶГ-ро аз сар гузаронидаанд, метавонанд худро беҳуқуқ эҳсос кунанд ва намехоҳанд, ки ба кӯмак мурочиат кунанд ё бо хадамоти дахлдор дар маҳбас ҳамкорӣ кунанд; онҳо ҳатто метавонанд аз озод шудан аз маҳбас тарсанд, зеро онҳо бояд ба назди шарике баргарданд, ки онҳоро таҷовуз мекард[170].

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Масъулини ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд маҳбусонро дар давоми тамоми будубоши онҳо дар чунин муассисаҳо дар бораи он огоҳ созанд, ки ЗҶГ ҷузви фарҳанги муассиса нест ва ҳамаи чунин ҳодисаҳо тафтиш карда шуда, гунаҳкорон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

- ✓ Қонунгузорон ва таҳиягарони сиёсатҳо бояд муҳокимаҳои ҷамъиятиро оид ба мушкилоти ҶМО дастгирӣ намоянд ва дар ин гуна мубоҳисаҳо иштирок карда, инчунин монеаҳоро барои ариза додан ва тафтиши парвандаҳои ЗҶГ муайян намоянд. Маъмурияти маҳбасҳо бояд иштироки кормандон, маҳбусон, хешовандон, дастраскунандаҳои хидматрасонӣ ва коршиносони соҳаро дар пурсишҳо, мубоҳисаҳо ва фаъолиятҳои гурӯҳӣ, ки ба пешгирӣ ва мубориза бо ЗҶГ дар маҳбасҳо нигаронида шудаанд, ҳавасманд кунанд. Маъмурият инчунин бояд барои иштироки онҳо дар ин чорабиниҳо шароити бехатар фароҳам оварад.

168 Fleisher and Krienert, ос.зикршуда, поварақи 137, с. 15.

169 Sexual Violence in Women's Prisons and Jails, ос.зикршуда, поварақи 72, с. 8

170 Morag MacDonald and Caren Weilandt, Breaking the Cycle: Responding to the Needs of vulnerable women and female offenders, presentation at the WHO/Health in Prison Programme Conference [Гусастани даври сарбаст: таъмини эҳтиёҷоти занони осебпазир ва қонуншиканҳои ҷинси зан – рӯйнамо дар конференсияе, ки аз ҷониби СУТ /Барномаи «Ҳифзи саломатӣ дар маҳбасҳо» доир карда шудааст], Portlaoise, Ireland, 2-3 October 2014.

### 3.7.6. Мавҷуд набудани механизмҳои мустақил ва босамари пешниҳоди шикоятҳо

Дар Қоидаҳои ҳадди ақали меъёрии СММ оид ба муносибат бо маҳбусон (ки ҳамчун «Қоидаҳои Нелсон Мандела» маъруфанд) гуфта мешавад, ки ба ҳамаи маҳбусон бояд маълумот дар бораи тарзи пешниҳоди шикоят дода шаванд ва онҳо бояд ба зинаҳои гуногуни маъмурияти маҳбас шикоят пешниҳод карда тавонанд ва ба онҳо барои ба таври бехатар ва махфӣ пешниҳод кардани шикоятхо кафолату шароит муҳайё карда шавад. Қоидаҳои Нелсон Мандела инчунин пешбинӣ мекунанд, ки ҳама шикоятҳо бояд фавран баррасӣ гардида, ба онҳо бидуни таъхир ҷавоб дода шавад[171].

Дар баъзе ҷойҳои боздошти маҷбурӣ метавонанд тартиби расмии пешниҳоди шикоят вуҷуд надошта бошанд. Дар дигар муассисаҳо, маҳбусон шояд намедонанд, ки чӣ гуна шикоят пешниҳод кунанд ва ё қобилияти шикоят кардан надоранд.

Гузоришгари махсуси СММ оид ба шиканҷа таъкид кард, ки «фақат мавҷуд будани механизмҳои пешниҳоди шикоят кофӣ нест; онҳо бояд мустақил ва беғараз бошанд ва бояд онҳоро чунин ҳисоб кунанд ва онҳо бояд кафолати самаранокӣ, ошкорият ва фаврӣ буданро таъмин намоянд[172].

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Ҳама муассисаҳо бояд дастурҳои хаттӣ бо маълумот дар бораи тартиби пешниҳоди шикоятҳо аз ҷониби маҳбусон ва тадбирҳои вокунишӣ ба шикоятҳо оид ба ҳолатҳои ЗҶГ дошта бошанд.

✓ Мӯҳлатҳои муқарраршудаи ҷавоб додан/анҷом додани тафтиши шикоятҳо бояд ҳамеша риоя карда шаванд ва барои таъмини амнияти ҷабрдидагон ва ҳамаи шоҳидон ва нигоҳ доштани махфияти маълумот дар бораи онҳо чораҳои қаблан андешидашуда таҳия шаванд.

171 Қоидаҳои ҳадди ақали меъёрии СММ нисбат ба муносибат бо маҳбусон (Қоидаҳои Нелсон Мандела),Қоидаҳои 54-57), https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/Nelson_Mandela_Rules-R-ebook.pdf.

172 Гузориш оид ба ташрифи Зеркумитаи пешгирии шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ба Бразилия, CAT/OP/BRA/1, п. 32.

### 3.7.7. Андеша дар бораи он, ки пешниҳоди шикоят бемаънӣ аст ва/ё нобоварӣ ба механизмҳои пешниҳоди шикоят

Дар ҳолатҳое, ки маъмурият барои пешгирии ЗҶГ қодир нест ё барои ҷазо додани гунаҳкорон чорае намебинад, ҷабрдидагон метавонанд умедашонро гум кунанд ва дар бораи зӯроварӣ хабар надиҳанд, зеро бовар доранд, ки ин корро анҷом додан маъно надорад ё хатарнок аст. Агар зӯроварӣ аз ҷониби кормандони муассиса содир шавад, ҷабрдидагон метавонанд мутақоид бар он бошанд, ки гуё тамоми низом (система) ба зӯроварӣ шарик аст ва ягон шонсе нест, ки пас аз пешниҳоди шикоят ягон чорае дида шавад. Ғайр аз ин, кормандони муассисаҳо метавонанд шикоятҳои ЗҶГ-ро бе ягон сабабе рад кунанд. Масалан, дар бораи ҳолатҳое гузориш дода шудааст, ки дар он шикоятҳо дар бораи таҷовуз ба номус аз ҷониби маҳбусони ҳамҷинсгаро аз ҷониби нозирон бо баҳонаи он, ки ин алоқаи ҷинсӣ бо розигии тарафайн буд, рад карда мешуд[173].

Қарори ҷабрдидагон аз ЗҶГ дар бораи пешниҳоди шикояти расмӣ низ метавонад ба ҷинс ва синну соли шахси мазкур вобаста бошад ва инро бо омори муқоисавӣ оид ба шумораи шикоятҳои аз мардон ва занон воридшуда метавон нишон дод. Солҳои 2013-2014 дар Англия ва Уэлс занон ва ҷавонон 6%-и шумораи умумии маҳбусонро ташкил медоданд, аммо аз онҳо танҳо 2,1%-и шикоятҳои бо ҳама гуна сабабҳо ба омбудсмен– ваколатдор оид ба масъалаҳои маҳбасҳо ва назорат пробатсия пешниҳод гардид. Дар байни сабабҳои кам будани шикояти занону ҷавонон ин бовар накардан ба баррасии воқеъбинона ва ҳарос аз он мебошад, ки пешниҳоди шикоят метавонад ба баррасии ариза дар бораи шартан пеш аз мӯҳлати адои ҷазо озод кардан таъсири манфӣ расонад[174]. Муҳим он аст, ки роҳбарияти маҳбасҳо дарк кунанд, ки набудани шикоят аз занон, ҷавонон ва дигар гурӯҳҳо маънои онро надорад, ки ЗҶГ алайҳи онҳо содир намешавад.

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Нисбат ба роҳбарияти маҳбасҳо ва кормандони маҳбасҳое, ки аз ҳолатҳои ЗҶГ огоҳанд, вале барои пешгирӣ ё барҳам додани ин падида чораҳои дахлдор намеандешанд, бояд муҷозоти дақиқ муқаррар карда шаванд. Агар ин гуна тадбирҳо дер боз вуҷуд дошта бошанд, самаранокии онҳо бояд таҳлил карда шавад.

173 Atabay, ос. зикршуда., поварақи 95, с. 105, 107.

174 Why do women and young people in custody not make formal complaints? [Чаро занон ва ҷавонон, ки дар маҳбас қарор доранд, шикоятҳои расмӣ пешниҳод намекунанд], Prisons and Probation Ombudsman for England and Wales, 2015, p. 6.

✓ Пас аз гирифтани шикоят, вале то оғози тафтишот, ашхосе, ки гӯё дар ЗҶГ иштирок карда буданд, бояд муваққатан аз иҷрои ҳама гуна ваколатҳои идоракунӣ маҳрум карда шаванд.

### 3.7.8. Боздоштшудагон/маҳбусон оид ба ҳуқуқи худ дар бораи шикоят пешниҳод кардан ё тартиби пешниҳод кардани он хабар надоранд

Мустақилияти боздоштшудагон / маҳбусон маҳдуд аст ва аз ин рӯ, дар масъалаи пешниҳоди шикоят онҳо ба маъмурияти муассиса ва ё мақомоти дигар, ки барои ин ба онҳо чунин имконият ва каналҳои заруриро бояд фароҳам оваранд, вобастаанд. Шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ҳуқуқи худро барои ҳифз шудан аз зӯроварӣ ва ҳуқуқи гирифтани ҷубронро дар сурати содир шудани чунин зӯроварӣ нисбат ба онҳо шояд надонанд. Ба ғайр аз ин, онҳо метавонанд дар бораи ЗҶГ хабар надиҳанд, зеро онҳо раванди пешниҳоди шикоятҳоро намедонанд, онҳо хонда наметавонанд ё маълумоти ба онҳо пешниҳодшударо намефаҳманд.

## 3.8. Оқибатҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ

ЗҶГ дар ҶМО ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам барои ниҳодҳо оқибатҳои хеле ҷиддӣ ва тулонӣ дорад. Дар ҳолати бадтарин, ЗҶГ метавонад фавран дар натиҷаи зарари расонидашуда ба саломатӣ ё дар натиҷаи худкушӣ ё сӯистеъмол аз нашъамандӣ ё машруботи спиртӣ, ки дар натиҷаи осеби расида ба амал омадааст, ба марг оварда расонад.

ЗҶГ нақзи дағалонаи ҳуқуқи инсонии шахсони ҷабрдида буда, метавонад боиси оқибатҳои дарозмуддати ҷисмонӣ ва равонӣ гардад. Ҷабрдидагон метавонанд ҷароҳатҳои ҷиддии ҷисмонӣ гиранд ва бо хатари афзояндаи мушкилоти солимии репродуктивӣ ва бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ интиқолёбанда, аз ҷумла вируси норасоии масуният (ВНМ, ВИЧ) ва бемории зуҳравӣ рӯбарӯ шаванд. Занҳо ва духтарон ба хатарҳо, аз қабили ҳомиладории номатлуб, мушкилоти ҳомиладорӣ ва исқоти ҳамл дучор мешаванд. Ба замми ин, ҷабрдидагон аз ЗҶГ дар муассисаҳои навъи пӯшида метавонанд ба худ осеб расонанд ва майли худкуширо пайдо кунанд.

Зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ метавонад ба саломатии эмотсионалӣ ва равонии шахси ҷабрдида таъсири манфӣ расонад. Шахсоне, ки ЗҶГ-ро аз сар гузарониданд (новобаста аз он ки зӯроварӣ дар куҷо рух додааст) эҳсоси шадиди шарм ва гунаҳкор будан, инчунин хашм ва ҳолати шокиро аз сар мегузаронанд. Ба оқибатҳои психологии дарозмуддат метавонад афсурдаҳолӣ (депрессия), ҳисси гунаҳкорӣ, изтиробнокӣ, эҳсоси осебпазирӣ, мушкилоти хобу тамаркузи ақлу ҳуш ва ҳамлаҳои ваҳм дохил шаванд. Шахсони дар ҶМО қарордошта метавонанд аз кумак ва

хидматрасоние, ки барои ҷабрдидагони ЗҶГ дар озодӣ дастрасанд, маҳрум бошанд. Ҳатто вақте ки чунин хидматҳо дастрасанд, хоҳ ҳангоми маҳрумият аз озодӣ бошад, хоҳ дар шакли дастгирии пас аз озодшавӣ, онҳо маъмулан ба занон ва духтарон нигаронда шудаанд. Хидматҳои махсусгардонидашуда барои мардони ҷабрдида ҳодисаи нодир аст ва аз ин рӯ оқибатҳои дарозмуддати ЗҶГ барои мардон ва писарон метавонанд ҳатто бадтар бошанд.

### Тавсияи асосӣ

✓ Ба ҳамаи ҷабрдидагони аз ЗҶГ, то ҳадди имкон дар ҳамкорӣ бо хадамоти дахлдори беруна ва созмонҳои ғайридавлатӣ кумаки зарурии касбӣ ва ёрии тиббӣ расонида шавад. Сифати чунин хидматрасониҳо бояд ба сифати ҳамин навъ хидматрасониҳо дар берун аз маҳбас мувофиқат кунад.

ЗҶГ дар ҶМО инчунин боиси оқибатҳои номатлуб дар муассисаи мушаххас ва умуман ҷомеа ба маънои васеъаш мегардад. Чунин зӯроварӣ амниятро дар ҷойҳои боздошт халалдор мекунад, боиси зӯроварии минбаъда мегардад ва нобаробарии гендерӣ, ҷинсгароӣ ва табъизро қавитар мекунад.

Муассисаеро, ки дар он зӯроварӣ ҷой дорад, идора кардан душвортар ва гаронтар аст. Таъсири зӯровариро ба ҳолати ахлоқӣ, бехатарӣ ва устувории кормандон набояд нодида гирифт. Масалан, агар як муассисаи муайяне чунин обрӯ дошта бошад, ки дар он зӯроварӣ ва муносибати золимона ривоҷ мёбад, ин ҳолат одамон, махусус занонро аз даромадан ба кор ба ин муассиса ё хоҳиши идома додани корро дар чунин муассиса бозмедорад.

Талафоти иқтисодиро, ки аз ЗҶГ ба вуҷуд меоянд, бо талафоти марбут ба шиканҷа муқоиса кардан мумкин аст. Чи тавре ки АПШ, қайд мекунад, хароҷоти иқтисодии шиканҷа хеле бузург аст [...] Хароҷоти зарари равонии дарозмуддат ба шахсоне, ки мавриди муносибати золимона қарор гирифтаанд ё дар ҳабси яккаса қарор доштанд, ба зиммаи низомҳои тандурустии давлатӣ ва корфармоён дар шакли аз даст додани маҳсулнокии меҳнат меафтад. Дар он ҷое, ки ҷабрдидагон тавонистанд ҷуброн гиранд, хароҷоти низоми адлияи суди ҷиноӣ метавонад хеле баланд бошад»[175].

Паҳншавии ЗҶГ инчунин метавонад самаранокиро коҳиш диҳад ва арзиши барномаҳоеро гаронтар кунад, ки аз ҷониби маҳбасҳо барои паст кардани паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз қабили сил ва бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда

175 Understanding the true costs of torture [Дарк кардани арзиши воқеии шиканҷа], APT.ch, http://www.apt.ch/en/blog/understanding-the-true-costs-of-torture/.

(масалан, касалиҳои зуҳравӣ) амалӣ мекунанд. Илова бар ин, зӯроварӣ дар маҳбасҳо барномаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсияи иҷтимоиро бадном мекунад.

ЗҶГ на танҳо ба шахсони алоҳида, балки ба оилаҳои онҳо, ҷомеаҳо ва умуман ҷамъият низ таъсир мерасонад. Гузашта аз ин, агар ба ҷинояткорон дар муассисаҳои навъи пӯшида иҷозат дода шавад, ки беҷазо амал кунанд, ин ба намуди зӯроварии гендерӣ мақоми як падидаи муқаррариро мегирад. Таҳаммулпазирӣ нисбат ба ЗҶГ дар муассисаҳои навъи пӯшида метавонад мустақиман ба он вобаста бошад, ки ин падида дар маҷмуъ дар ҷомеа чӣ гуна қабул карда мешавад: сатҳи баланди таҳаммулпазирӣ ба чунин зӯроварӣ кафолат медиҳад, ки вокуниши зарурӣ дар шакли кумак ба ҷабрдидагон ва маҳкумкунии оммавии ҷинояткорон вуҷуд надорад; дар бораи ба ҷавобгарии судӣ кашидани онҳо бошад, ҳатто сухан намеравад.

# 4. АРЗЁБИИ ХАТАРҲО ВА НИЁЗҲО



# 4. АРЗЁБИИ ХАТАРҲО ВА НИЁЗҲО

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Вазоратҳои соҳавӣ, таҳиягарони сиёсат ва қонунгузорон бояд усулҳои арзёбиро таҳия кунад ё усулҳои мавҷударо мутобиқ созанд, ки он истифодаи меъёрҳои возеҳ барои муайян кардани хатарҳо барои шахси муайян аз нуқтаи назари эҳтимолияти ҷабр дидан аз ЗҶГ ё таҷовузгар шуданро дар бар мегирад. Дар доираи ҳалли ин масъала бо мутахассисони дахлдор, аз ҷумла, агар имконият бошад, бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ машварат кардан лозим аст.

✓ Маъмурияти ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд арзёбии пурраи хатарҳоеро, ки ҳар як боздоштшуда/маҳбус аз нуқтаи назари ЗҶГ ба худ, ба кормандони муассиса,ба дигар маҳбусон ва боздидкунандагон эҷод карда метавонад, арзёбӣ кунанд ва ҳангоми ҷойгиркунии маҳбусон ин баҳогузориро ба инобат гиранд.

✓ Гурӯҳҳои мутахассисоне, ки арзёбиро анҷом медиҳанд, бояд ҳайати аз ҷиҳати гендерӣ мутавозин дошта бошанд ва ба қадри имкон коршиносони соҳаи мушкилоти ЗҶГ-ро дар бар гиранд.

## 4.1. Анҷом додани арзёбӣ

Анҷом додани арзёбии эҳтиёҷот ва хатарҳо – салоҳияти калидӣ барои ҳама гуна муассисаи ҳифзи ҳуқуқ ё муассисаи маҳбас мебошад. Чунин арзёбӣ барои муайян кардани аломатҳои осебпазирӣ ё таҷовузгарӣ, таъмини табобат ва барқарорсозии зарурӣ, нақшаи барномаҳои реинтегратсия (азнавиҷтимоишавӣ) ва таъмини амнияти ҳар як шахс хеле муҳим аст. Қоидаҳои Нелсон Мандела ва Қоидаҳои Бангкок даъват ба амал меоранд, ки муносибати инфиродӣ ба таснифи маҳбусон,

ки арзёбии инфиродӣ ва мунтазами хатарҳо ва ниёзҳоро дар бар мегирад, бояд истифода карда шавад. Ин чиз имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти инфиродии маҳбусон, инчунин талабот барои амният дуруст ба инобат гирифта шаванд ва интихоби дурусти категория ҳангоми тасниф кардан амалӣ гардад[176]. Қоидаҳои Бангкок ба таври возеҳ муқаррар мекунанд, ки арзёбии хатарҳо ва ниёзҳо бояд бо назардошти омили гендерӣ анҷом дода шавад[177].

Барои арзёбиии босамари ниёзҳо ва хатарҳо бояд намудҳои гуногуни эҳтиёҷот ва хатарҳо баррасӣ шуда, хусусиятҳои инфиродии ҳар як маҳбус, аз ҷумла ҷанбаҳои начандон аёни шахсият ва ҳолномаи зиндагӣ ба назар гирифта шаванд. Арзёбии босамар низ динамикӣ ва чандир аст ва тағйиротеро, ки бо мурури замон ба вуҷуд меоянд, ба эътибор мегирад.

Арзёбии хатарҳо ва ниёзҳоро метавонанд гурӯҳҳои гуногуни мутахассисони касбӣ, аз ҷумла кормандони полис ва маҳбасҳо, нозирони пробатсия (тафтишот), равоншиносон ва кормандони созмонҳои хидматрасонӣ истифода баранд. Шӯрои Аврупо тавсия медиҳад, ки байни хатаре, ки ҷинояткор дар маҷмуъ ба ҷомеа расонда метавонад ва бевосита ҳангоми адои ҷазо эҷод мекунад, фарқият гузошта шавад; ҳамин тариқ, ин ду шакли хавфро алоҳида арзёбӣ кардан зарур аст[178]. Дар нашрияи мазкур раванди муайянкунӣ ва идоракунии хатарҳо дар робита бо содир кардани ЗҶГ ҳангоми адои ҷазо аз ҷониби маҳбуси мушаххас ба таври муфассал баррасӣ карда мешавад.

Арзёбии хатар ва ниёзҳо бояд ҷузви муносибати пешбинишуда ба боздошти қонуншикан, ҳабс кардан ва нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ; аз ҷониби суд қабул кардани қарор дар бораи чораи боздошт ва баровардани ҳукм барои маҳрум сохтан аз озодӣ; омодасозии кормандон ва таъмини амнияти динамикӣ бошад. Арзёбии хатарҳо ва ниёзҳо бояд дар тӯли будубоши шахси муайян дар маҳбас ё боздоштгоҳ якчанд маротиба гузаронида шавад. Онро бояд мутахассисони дорои дониш ва таҷриба дар ин соҳа анҷом диҳанд.

176 Роҳнамо оид ба татбиқи қоидаҳои Нелсон Мандела: иҷроиши меъёрҳои ҳадди ақали қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо маҳбусон, ДНДҲИ ва Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо, 2018, с. 13, б. 3, https://www.osce.org/ru/odihr/426056.

177 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 40 ва Қоидаи 41.

178 Council of Europe, Recommendation CM/Rec (2014)3 of the Committee of Ministers to member states concerning dangerous offenders [Тавсияи Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо вобаста ба давлатҳои узв оид ба қонуншиканҳои ашаддӣ CM/Rec (2014)3], 2014.

### Марҳилаҳое, ки дар онҳо арзёбии хатарҳо ва ниёзҳоро гузаронидан зарур аст:

| | |
|---|---|
| **Боздошт** | * Корманде , ки бозшдоштро анҷом медиҳад<br>* Корманди боздоштгоҳ (изолятор)-и нигаҳдории муваққатӣ<br>* Прокурор (функсияи назорат)<br>* Суде, ки ҳабс карданро баррасӣ мекунад |
| **Ворид кардан ба ИБМ** | * Корманди изолятори боздошти муваққатӣ<br>* Прокурор<br>* Суд<br>* Кормандони иловагӣ (кормандони тиб, равоншиносон ва дигарон.) |
| **Нигаҳдошт дар боздоштгоҳ** | * Нозири боздоштгоҳи тафтишотӣ<br>* Прокурор<br>* Суд (муайян кардани андозаи ҷазо)<br>* Кормандони иловагӣ (кормандони тиб, равоншиносон –психологҳо ва дигарон |
| **Ҳабс кардан дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ** | * Кормандони ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ<br>* Прокурор<br>* Суд (баровардани ҳукм, назорати адои ҷазо, шартҳои озодкунӣ)<br>* Кормандони иловагӣ (кормандони тиб, равоншиносон ва дигарон) |

Арзёбии хатарҳо ва ниёзҳо бояд омилҳои хатареро, ки барои шахси муайян вуҷуд доранд, ба инобат гирад.

**Дар байни намунаҳои таҷрибаи хуб дар соҳаи анҷом додани арзёбии хатарҳо ва пешгирии ЗҶГ нуктаҳои зеринро қайд кардан мумкин аст:**

* Омӯзиши хатарҳо барои ҷабрдидагони эҳтимолӣ, инчунин хатари содир кардани ЗҶГ аз ҷониби шахси муайян.

* Арзёбии хатари содир кардани ЗҶГ аз ҷониби нозирон, кормандони созмонҳои хидматгузорӣ ва бозбинандагон, ё хатари содир кардани ЗҶГ нисбат ба ин шахсон.

* Истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои маълумот дар бораи маҳбус, аз ҷумла вуҷуд доштани доғи судӣ ва хусусияти ҷинояти содиркардаи ӯ, иштироки вай дар амалҳои зӯроварӣ дар байни маҳбусон дар гузашта, далелҳои тарҷумаи ҳоли шахсӣ (зӯроварии аз сар гузаронидашуда, мушкилот бо саломатӣ, баромади иҷтимоӣ, рушди камолоти эмотсионалӣ, нашъамандӣ ё сӯистеъмол аз машрубот ё вобастагии дахлдор ).

* Рад кардани хулосаҳое, ки дар асоси стереотипҳо дар бораи шахсон ва гурӯҳҳои алоҳида баровáрда мешаванд. Арзёбӣ бояд ба маълумоти объективӣ ва донишҳои амалӣ дар бораи гурӯҳҳои дорои эҳтиёҷоти махсус ё дар бораи омилҳои мушаххасе, ки осебпазирӣ ё хатари зӯроварироро зиёд мекунанд, асос ёбад. Ҳангоми арзёбии хатарҳо истифодаи методикаҳои ба стандарт (меъёр) даровардашуда хеле муҳим аст.

* Баҳисобгирии маълумот дар бораи тасаввуроти худи маҳбус дар бораи хатарҳо ва осебпазириҳо.

* Хабар додани натиҷаҳои арзёбии хатар ба ҳамаи кормандони дахлдор ҳангоми боздошт, интиқол ва пеш аз озод кардани маҳбус дар асоси принсипи зарурати хидматӣ.

* Бо боздоштшудагон ва маҳбусон дар бораи натиҷаҳои арзёбии хатарҳо маълумот додан ва ба онҳо додани имконияти шарҳдиҳӣ.

* Баррасии давра ба давраи натиҷаҳои арзёбии хатарҳо ва ворид намудани тағйироти зарурӣ.

* Ташкили омӯзиши ҳамаҷониба ва стандартии кормандон оид ба масъалаҳои арзёбии хавфҳо. Муҳим аст, ки ҳамаи кормандоне, ки барои анҷом додани арзёбии хатарҳо ва эҳтиёҷот масъуланд - ҳам дар дохил ва ҳам берун аз системаи адлияи суди ҷиноӣ - онро тибқи ҳамон як маҷмуи меъёрҳо гузаронанд.

* Таҳлили самаранокии усулҳои арзёбии хатар.

* Таҳлили методикаҳои арзёбии хатарҳо «бо мақсади муайян кардани унсурҳои омилҳои фарҳангӣ, гендерӣ ва иҷтимоӣ»[179].

Арзёбии хатарҳо ва ниёзҳо бояд ҳарчи зудтар пас аз расидани боздоштшуда ё маҳбус ба ҷои ҳабс гузаронида шавад; ҳамзамон, раванди арзёбӣ бояд барои вокуниш ба тағйироти вазъиятҳо ва рафтор ва таъмини имкон додани «гузарондани арзёбии динамикии такрории хатарҳои маҳбус» хусусияти бефосила дошта бошад»[180].

### Тадбирҳое, ки барои бартараф кардани хатарҳо истифода мешаванд

**Канада.** Дастурамали Хадамоти иҷрои ҷазои Канада дар бораи ҷойгиркунонии маҳбусон (CD 550) дар камераҳои яккаса авлавият медиҳад ва агар дар як камера ҷойгир кардани ду маҳбус зарур бошад, арзёбии хатарҳоро талаб мекунад. Арзёбӣ аз рӯи нӯҳ меъёр анҷом дода мешавад: хусусият ва вазнинии ҷинояти содиршуда, созгорӣ, осебпазирӣ, рафтори хашмгинона/итоаткорона, мулоҳизаҳои амниятӣ, маълумоти тиббӣ, сабти судӣ, маълумоти равонӣ ва категорияи таҳдид ба амният[181].

**Ҷумҳурии Чехия.** Тартиби гузаронидани арзёбии хатарҳо бо қоидаҳои дохилии хадамоти пенитенсиарӣ танзим карда мешавад[182]. Мутобиқи ин қоидаҳо, роҳбарони шуъбаҳои ҳабси пешакӣ ва маҳрумият аз озодии маҳкумшудагон ба ҳар як маҳбус яке аз

179 Дар ҳамон ҷо.

180 Council of Europe, Recommendation CM/Rec (2014)3 of the Committee of Ministers to member states concerning dangerous offenders [Тавсияи Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо вобаста ба қонуншиканҳои ашаддӣ CM/Rec (2014)3 ба давлатҳои узв], 2014.

181 Тавсифи пурраи меъёрҳои ҷойгиронии маҳбусон тибқи CD 550: http://www.csc-scc.gc.ca (англ.).

182 Аз ҷумла бо фармоиши Директори кулли Хадамоти пенитенсиарии Ҷумҳурии Чехия № 12/2012 дар бораи барҳам додан, пешгирӣ кардан ва сари вақт ошкор намудани зӯроварӣ дар байни айбдоршавандагон, маҳкумшудагон ва маҳбусон.

дараҷаҳои зеринро таъйин мекунанд: «маҳбусоне, ки ҳамчун ҷабрдидагони эҳтимолии зӯроварӣ ҳисобида мешаванд; шахсоне, ки ба содир кардани зӯроварӣ майл доранд; шахсоне, ки вазни баданашон ба таври назаррас кам аст; шахсоне, ки қобилиятҳои зеҳниашон баръало паст мебошад; ба ном шахсони дигари муайяншуда ва дигар шахсони муқарраргардида, ки бо касбашон тавсиф дода мешаванд»[183]» Ҳангоми тасниф намудани маҳбусон ба рафтори имрӯзаи онҳо, инчунин ба маълумот дар бораи ҳолномаи шахсӣ ва ҷиноятии онҳо, аз қабили «сатҳи худназораткунӣ, вазъияти саломатӣ, вазнинии ҷинояти содиршуда, тарзи содир шудани он ва оқибатҳое, ки ба он оварда расонд, диққати махсус дода мешавад»[184].

**Гурҷистон.** Вазорати корҳои иҷрои ҷазои Гурҷистон аз низоми махсус барои арзёбӣ барои қабули қарорҳо ва муайян кардани хатарҳо ҳангоми ҷойгиркунонии маҳбусҳо истифода мебарад[185]. Қаблан маҳбусон аз рӯи намуди ҷинояти содиршуда ба муассисаҳо тақсим карда мешуданд. Дар ҳоли ҳозир ҳамаи маҳбусон бо истифода аз ҳафт меъёр ба таври инфиродӣ арзёбӣ карда мешаванд ва бар асоси ин арзёбӣ онҳоро ба муассисаҳои камхатар, нимпӯшида, реҷааш сахт ё навъи пӯшида ҷудо мекунанд. Ҳангоми қабули қарор дар бораи ҷойгир кардани маҳкумшуда дар муассисаи дорои низоми сахт ё навъи пӯшида, ба ғайр аз бисёр омилҳо меъёрҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

- таҳдиде, ки маҳкумшуда карда метавонад;
- шахсияти маҳкумшуда;
- вазнинии ҷинояти содиршуда ва оқибатҳои он;
- рафтори маҳкумшуда дар маҳбас нисбат ба дигар маҳбусон ва нозирон;
- риоя кардани тартиботи дохилӣ;

183 Šárka Blatníková, Nebezpečnost a násilí ve vězeňském prostředí [Хатар ва зӯроварӣ дар шароити маҳбас], Institute for Criminology and Social Prevention, 2016, p. 96.

184 Дар ҳамон ҷо, с.. 97.

185 Соли 2015 Вазорат фармони № 70-ро, ки барои тақсимоти маҳбусон ба муассисаҳои мушаххас муқаррар мекунад, ба тасвиб расонид.

- иштирок дар барномаҳои офиятбахшӣ ва аз нав мутобиқшавии иҷтимоӣ[186].

Арзёбии хатар аз ҷониби гурӯҳи байнисоҳавӣ анҷом дода мешавад ва маҳбус ҳуқуқи шикоят кардан аз ин ё он категорияи хатари нисбаташ таъйиншударо дорад. Низоми нав инчунин назорат ва мониторинги дарозмуддатро пешбинӣ мекунад[187].

**Маҷористон.** Дар асоси Кодекси ҷиноӣ ва фармони № 16/2014 Вазири адлияи Маҷористон барномаи арзёбӣ ва таҳлили хатарҳоро ҷорӣ кард, ки он ба мусоидат ба азнавҳамгироишавии маҳбусон равона шудааст. Ба ғайр аз хатарҳои худкушӣ, фирор, рафтори зӯроварона ва истеъмоли маводи мухаддир, маҳбусон инчунин аз рӯи он арзёбӣ карда мешаванд, ки онҳо эҳтимолан кадом ҷойро дар зинанизоми маҳбас ишғол мекунанд. Маҳбусоне, ки ба онҳо гурӯҳи миёна ё баланди хатар таъйин шудаанд, метавонанд ба барномаи омӯзишӣ оид ба коҳиш додани сатҳи хашмгинӣ шомил карда шаванд[188].

186 Гузориши Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳо ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, дар бораи мақсади сафари ӯ дар Гурҷистон, 1 декабри с. 2015 , A/HRC/31/57/Add.3, б. 81.

187 Иттилоот дар ҷараёни ташриф овардан ба Тифлис (Гурҷистон) моҳи сентябри с. 2016 пешниҳод шуда буд.

188 Иттилоот дар ҷавобҳои Маҷористон ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шуда буд.

# 5. КАМ КАРДАНИ ХАТАР ДАР ҲОЛАТҲОИ МУАЙЯН



# 5. КАМ КАРДАНИ ХАТАР ДАР ҲОЛАТҲОИ МУАЙЯН

Боздоштшудагон ва маҳбусон вобаста ба мақомашон худ аз худ дар ҳолати осебпазирии баланд қарор доранд, вале хатар метавонад дар ҳолатҳои алоҳида ё барои гурӯҳҳои мушаххаси маҳбусон вобаста ба ҳолатҳои муайян афзояд. Дар ин қисмат як қатор ҳолатҳое баррасӣ мешаванд, ки дар онҳо боздоштшудагон/маҳбусон метавонанд махсусан осебпазир бошанд. Инчунин чораҳое пешниҳод мешаванд, ки бо мақсади кам кардани хатари ЗҶГ метавонанд татбиқ карда шаванд.

## 5.1. Ҳамкории мутақобила бо полис: дастгиркунӣ, боз доштан ва дар маҳбас нигоҳ доштан

ЗҶГ дар ҳолатҳои гуногуни таъсири мутақобилаи одамон бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷой дошта метавонад. Дар фосилаи байни боздошт ва ҷойгиркунии расмӣ дар изолятори боздошти муваққатӣ шахси боздоштшуда ба хатари бузурги ЗҶГ дучор мешавад. Хабарҳо дар бораи далелҳои истифода ё иҷозати зӯроварӣ нисбат ба шахсоне, ки боздошт шудаанд, ғайриқонунӣ дастгир гардидаанд, ба шуъбаи полис бурда шудаанд ё бозпурсӣ шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки зарурати татбиқи кафолати ҳуқуқии ҳифзи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда мавҷуд аст[189]. Дар он ҳолатҳое, ки назорати босамар аз болои ниҳодҳои соҳаи амниятӣ мавҷуд нест ё ин ниҳодҳо тобеияти камтар доранд, ё барои ҷамъият дорои манзалати намояндагӣ нестанд (аз ҷумла нисбат ба миқдори занон дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ), занҳое, ки боздошт мешаванд метавонанд мавриди зӯроварӣ қарор гиранд, зеро дар ин ҳолат ҷабрдида метарсад, ки барои хабар додан аз зӯроварӣ бо- иси гирифтани ҷазо шавад, бахусус агар ин зан аз қишри камбизоати аҳолӣ бошад. Мардҳои боздоштшуда дар ҳолате зери хатар қарор мегиранд, ки бо дигар боздоштшудаҳо якҷо ҷойгир шуда бошанд. Онҳо метавонанд ин мардро мавриди зӯроварии шаҳвонӣ қарор диҳанд ё нисбати ӯ дигар шаклҳои зӯровариро истифода баранд.

Гузоришгари махсуси СММ доир ба масъалаҳои зӯроварӣ ва дигар муносибат ё ҷазоҳои ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф таъкид мекунад, ки давлат

189 Мониторинги нигоҳ доштан дар боздоштгоҳи полис: роҳнамои амалӣ. Женева, Ассотсиатсия оид ба пешгирии шиканҷа, 2013, https://www.apt.ch/content/files_res/police-guide-ru.pdf; Safeguardsinthe First HoursofPoliceDetention [Кафолати ҳимоят дар соатҳои аввали пас аз дастгир шудан аз ҷониби полис], ConventionagainstTorture Initiative, 2017, https://cti2024.org/content/docs/CTI-Safeguards-final%20rev.pdf.

бояд ба ҳолатҳое, ки дар онҳо инсон дар шароити беҳуқуқӣ қарор мегирад, диққати ҷиддӣ диҳад, «намунаи классикии он ҳолатҳое аст, ки маҳбуси дар ҳолати боздошт қарордошта, пинҳон шуда ё худашро ҳифз карда наметавонад». Инчунин, масалан, дар ҳолати гирдиҳамоиҳои сиёсӣ, ки дар он «шахс метавонад қобилияти вокуниш ба истифодаи қувваро аз даст диҳад, масалан, дар ҳолати дасташ дар завлона дару-ни мошини полис қарор доштан»[190].

Маҷмуи қоидаҳое, ки аз тарафи СММ қабул шудаанд ва барои ҳифзи тамоми шах-сон, новобаста ба кадом шакли боздошт ё ҳабс гирифторшуда, равона шудааст, як қатор муқаррароте дорад, ки ҳангоми нигоҳдории одамон дар боздошт бояд риоя карда шаванд. Дар байни ин талабот додани маълумот дар бораи сабабҳои боздошт, айбдоркуниҳои пешниҳодшаванда, ҷойи нигоҳдорӣ дар боздошт, ҳуқуқҳои даст-гиршуда ва усулҳои ҳифзи онҳо ва ҳамчунин ҳуқуқи бо наздикон ба робита баро-мадан ва истифода аз хидматрасонии адвокат мебошанд[191].

**Намунаи ҳуҷҷати роҳнамо барои пешгирии ЗҶГ ҳангоми боздошт дар полис**

Кодекси амалияи зарурии касбӣ, ки аз ҷониби Коллеҷи полис – маркази такмили ихтисоси полисҳо дар Шоҳигарии Муттаҳида таҳия гардидааст, маълумотномаи мукаммалеро доир ба масъа-лаҳои боздорӣ дар бар мегирад. Ин кодекс барои кормандони полис дар соҳаи татбиқи қонунҳо ва риояи меъёрҳои муомила бо гумонбаршудагон ва боздоштшудагон ҳамчун роҳнамо хидмат мекунад.

Яке аз принсипҳои баланд бардоштани сатҳи амнияти маҳбусон амалисозии ин меъёрҳо ба таври бояду шояд, бо иҷозати мақо-моти салоҳиятдор ва ба фосилаи замонии на бештар аз муҳлати зарурӣ аст. Дар баробари ин бояд муносибати афсарон ва корман-дони дигар бо боздоштшудагон дар доираи «эҳтиром ба шаъну шараф ва дар назар доштани ҳуқуқҳои инсон ва гуногунии эҳтиё-ҷоти инфиродии онҳо» бошад. Кормандони ҷойи нигоҳдорӣ низ бояд «эҳтиромро ҳаррӯза [...]ба ҷо оварда, дар бораи ҳамаи хатарҳо ва осебпазирӣ донанд ва ба таври зарурӣ вокуниш нишон диҳанд».

Дастурамал доир ба нигоҳдорӣ дар ҳабс баъзе дастурҳоро оид ба чанд масъалаи вобаста ба пешгирии мушкилоти ЗҶГ дар бар

190 Маърӯзаи Гузоришгари махсуси СММ дар бораи масъалаи шиканҷа ,15 январи с. 2008,A/HRC/7/3.

191 Маҷмӯи ҳимояти ҳамаи шахсоне, ки дар ин ё он шакл боздошт ё ҳабс мешаванд, Дафтари Комиссари Олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, 1988, https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/detent.shtml.

мегирад. Масалан, дар он дар бораи арзёбии осебпазирӣ ҳангоми боздошт ва дар ҳолати ворид шудан ба минтақаи полис, кор бо боздоштшудагони бадқаҳр ва аз ҳад зиёд осебпазир, тақсимоти боздоштшудагон баъди тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва идораи хатарҳо дар ҷойи нигоҳдории муваққатӣ «бо назардошти талабот ба амнияти тамоми нафароне, ки дар ҳудуди муассисаҳои нигоҳдории муваққатӣ қарор доранд»[192] маълумот дода шудааст.

Дар байни чораҳои дигари мушаххас, ки маъмурият барои пешгирии ЗЧГ андешида метавонад, дастгирии бозфиристии гурӯҳҳои алоҳидаи шахсон (масалан, наврасон ва одамони гирифтори бемориҳои равонӣ) аз муассисаҳои нигоҳдории муваққатӣ ва интиқоли онҳо ба хадамоти тиббӣ ё иҷтимоӣ мебошад[193].

## 5.2. Марҳилаи тафтишот: пурсишҳо ва истинтоқ

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Бо мақсади пешгирии ЗЧГ усулҳо ва амалияи анҷом додани истинтоқ бояд аз нав баррасӣ карда шаванд, аз ҷумла тавассути ҷорӣ кардани равишҳову расмиёти дақиқ.
- ✓ Чораҳои пешгирии ЗГ ҳангоми интиқоли боздоштшудагон/ маҳбусон бояд андешида шаванд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки интиқол аз тарафи муассисаҳои ғайридавлатӣ амалӣ карда мешавад. Кормандони чунин муассисаҳо бояд омодагии зарурӣро гузаранд ва дар ҳолати содир кардани ЗЧГ дар асоси ҳуқуқи баробар ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.
- ✓ Бояд протоколи муфассали тамоми бозпурсиҳо(истинтоқҳо) бо нишон додани маълумот дар бораи тамоми шахсони ҳузурдошта тартиб дода шавад. Тамоми шахсони вазифадоре, ки дар раванди

192 Матни пурраи «Маълумотнома оид ба масъалаҳои нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ ва маҳбас», ки ба Кодекси амалияи касбии зарурӣ вобаста аст, дар суроғаи зерин дарёфт кардан мумкин аст: http://www.app.college.police.uk/detention-and-custody-index (англ.).

193 Бозрасии пулиси саворанизоми Шоҳигарӣ (Her Majesty's Inspectorate of Constabulary Her Majesty's Inspectorate of Constabulary HMIC) осебпазириро ҳангоми боздошт дар полис таҳлил кард ва дар қатори дигар чораҳо ба полис тавсия дод, ки бо хадамоти касбии тиббӣ ва хадамоти иҷтимоӣ «равиши омӯзиши муштараки бисёрсоҳавии кормандонеро, ки бо боздоштшудагон кор мекунад, аз ҷумла кормандонеро,ки дар боздоштгоҳ адои вазифа менамоянд, оид ба табдирҳои амалӣ ҷиҳати мусоидат ба истифодаи алтернативаҳои ҳабс, инчунин усулҳои арзёбии осебпазирӣ ва идоракунии хавфҳоро таҳия намоянд. Нигаред: The welfare of vulnerable people in police custody [Некӯаҳволии одамони осебпазир дар ҳабси полис] HMIC, 2015, p. 125.

бозпурсӣ иштирок мекунанд, омодагии заруриро бо дар назардошти маълумот дар бораи манъ намудани ЗҶГ дар соҳаи бозпурсии гумонбаршудагон бояд гузаранд.

Дар марҳилаи тафтиш гумонбаршудагон метавонанд, махсусан дар ҳолати бозпурсӣ (истинтоқ), хатари зиёди дучор шудан ба ЗҶГ дошта бошанд, ки барои эътирофи гунох ё барои ба даст овардани маълумот ба сифати шоҳид равона карда шудааст. Гузоришгари махсуси СММ доир ба масъалаҳои шиканҷа раванди бозпурсиии гумонбаршудагонро «бевосита бо таҳқир, маҷбурсозӣ ва муомилаи номуносиб» тасвир мекунад[194]. Шахсоне, ки дар ҷойҳои нигоҳдории муваққатӣ бозпурсӣ мешаванд, махсусан дар ҳолатҳои «ҳабс ва марҳилаҳои аввали нигоҳдорӣ дар ҳабс, вақте ки назорати далел ва шароити нигоҳдорӣ ва худи гузаронидани бозпурсӣ аз тарафи ҳамон як мақомот амалӣ карда мешавад», ба хатари зиёд рӯ ба рӯ мешаванд»[195].

Дар принсипи 21-уми Маҷмуи принсипҳои ҳимояти шахсоне, ки сарфи назар аз шаклба боздошт ё ба ҳабс гирифта мешаванд, чунин омадааст: «Сӯистифода аз ҳолати боздоштшуда ё шахси маҳбус ба хотири ба даст овардани эътирофи гуноҳи худаш ё додани баёнот бар зидди шахси дигар манъ карда мешавад». Дар он ҳамчунин омадааст: «Набояд ягон шахси боздоштшуда ҳангоми бозпурсӣ/истинтоқ мавриди шиканҷа, таҳдид, истифодаи усулҳое қарор гирад, зеро ин қобилияти аз ҷониби ӯ қабул кардани қарор ва баровардани хулосаро коҳиш медиҳад»[196].

Гузоришгари махсуси СММ доир ба масъалаҳои шиканҷа ба тарафдории таҳияи протокол ва маҷмуи универсалии меъёрҳое, ки ба истифодаи усулҳои ғайримаҷбурии бозпурсиҳо дахл доранд, инчунин кафолатҳои мурофиавӣ баромад кард. Ин санадҳо бояд ба тамоми бозпурсиҳое татбиқ карда шаванд, ки аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар шахсони барои гузаронидани тафтишот салоҳиятдошта анҷом дода мешавад. Ба ғайр аз кафолатҳои тавсияшаванда барои тамоми боздоштшудагон, протокол бояд барои гурӯҳҳое, ки ҳангоми бозпурсӣ бештар осебпазиранд, «аз ҷумла кӯдакон, занону духтарон, маъюбон, шахсоне, ки ба ақаллиятҳо ё гурӯҳҳои аҳолии таҳҷоӣ ва ғайришаҳрвандон мансубанд, аз ҷумла муҳоҷирон (сарфи назар аз мақоми муҳоҷирӣ), гурезаҳо, шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, шахсони шаҳрвандӣ надошта ва бетобеият» муқаррароти махсусеро дар бар гирад»[197].

194 Гузориши мобайнии Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳо ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 5 августи с. 2016 г., A/71/298, б. 8.

195 Дар ҳамон ҷо.

196 Маҷмуи принсипҳои муҳофизати ҳамаи шахсоне, ки дар ин ё он шакл боздошт шуданд ё ҳабс гардиданд, Принсипи 2

197 Гузориши мобайнӣ, с. 2016,ос. зикршуда,повараќи194,б.79.

## Кафолатҳое, ки барои ба ЗҶГ ҳамчун шиканҷа дучор нашудани боздоштшудагон дар марҳилаи тафтишот бояд таъмин карда шаванд:

* бетаъхир муайян кардани ниёзи шахсони махсусан осебпазир, аз ҷумла вобаста ба ҳувият (шинохт)-и гендерӣ ва синнусолӣ ва андешидани чораҳои муҳофизатӣ барои таъмин намудани ин ниёзҳо;
* танзими ҷиддии раванди интиқоли шахси боздоштшуда барои пурсиш ё истинтоқ;
* ба шахси боздоштшуда дастрас намудани иттилоот дар бораи ҳуқуқи ӯ ҷиҳати истифода аз хидмати адвокат ва таъмини дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ дар марҳилаи аввал;
* риояи ҳуқуқи шахси боздоштшуда барои бохабар кардани тарафи севвум дар бораи ҳодисаи боздоштшавиаш ва ҷойи қарордошт;
* ба шахси боздоштшуда фароҳам овардани имконияти муроҷиат ба духтур ва гузаштани муоинаи тиббӣ;
* таъмини алоқаи шахси боздоштшуда бо хешовандонаш;
* назорати бетаъхири судӣ дар шакли аз тарафи суд баррасӣ кардани қонунӣ будани боздошт ё ҳабскунӣ;
* тафтиши тамоми хабарҳо дар бораи шиканҷа ва/ё ЗҶГ;
* баррсии мунтазами усулҳо ва таҷрибаҳои гузаронидани истинтоқҳо бо мақсади пешгирии ЗҶГ[198] (аз ҷумла назорати ҳатмии прокурорӣ аз болои усулҳои гузаронидани истинтоқ, ки аз тарафи полис истифода мешавад).

198 Моддаи 6 Эъломияи СММ дар бораи ҳифзи ҳамаи шахсон аз шиканҷа ва дигар муомила ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф.

**Намунаи пешниҳод кардани дастрасӣ ба адвокат дар марҳилаи аввал**

**Шоҳигарии Муттаҳида.** Мувофиқи дастуруламал, кормандони боздошгоҳ бояд пеш аз интиқоли шахси боздоштшуда ба ихтиёри шахси бозпурсикунанда тафтиш кунанд, ки шахси боздоштшуда барои ёрии адвокат муроҷиат кардааст ё не, ӯ дастрасӣ ба чунин ёрӣ дорад ё не; тамоми ҳаракатҳои боздоштшуда бо нишондоди ошкоршавии тамоюл аз меъёр бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд[199].

## 5.3. Кофтуков ва тафтиши шахсӣ

**Тавсияҳои асосӣ**

- ✓ Сиёсатандешон ва қонунгузорон бояд заминаи меъёрии масъалаҳои гузаронидани кофтуков ва тафтиши шахсиро мутобиқи меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи инсон, бо назардошти принсипҳои қонунӣ будан, зарурат ва мутаносибӣ таҳия созанд. Таҳия ва истифодаи усулҳои алтернативии тафтишотро дастгирӣ бояд кард.
- ✓ Кормандони ҶМО ҳангоми тафтишу кофтукови шахсии занон бояд муқаррароти Қоидаҳои Бангкокро ба таври ҳатмӣ риоя кунанд.
- ✓ Бояд қоидаҳои алоҳидаи кофтуков ва тафтиши шахсии намояндагони аққалияти ҷинсӣ ( ЛГБТИ) аз рӯи имконият бо назардошти андешаи боздоштшудагон /маҳбусони намояндаи ЛГБТИ ва гурӯҳи коршиносони марбут таҳия шаванд.
- ✓ Ҳамаи кормандони ҶМО бояд омодагии заруриро вобаста ба меъёрҳо ва расмиёти тафтиши шахсӣ, аз ҷумла вобаста ба соҳаҳои ҷинсӣ гузаранд.

199 DetentionandCustodyIndex,Section4.2,Interviews[Маълумотнома оид ба масъалаҳои нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ ва маҳбас,фасли

Истилоҳи «кофтуков ва тафтиши шахсӣ» дар се ҳолати гуногун истифода мешавад: тафтиши ибтидоӣ ё зоҳирӣ, ки танҳо аз рӯи либос гузаронида мешавад; тафтиш бо кашидани либос, ки дар он либос қисман ё пурра барои азназаргузаронии зоҳирии бадан кашида мешавад, вале расиши ҷисмонӣ ба вуҷуд намеояд, тафтиши ва кофтукови сӯрохиҳои бадан, ки азназаргузаронии инвазивӣ ё маҳрамона номида мешавад ва тафтишу кофтукови ҷисмонии ковокиҳои бадан– маҳбал ва мақъадро пешбинӣ мекунад[200]. Ҳангоми тафтиши шахсӣ, махсусан тафтиш бо кашидани либос ва кофтукови сурохиҳои бадан занҳо махсусан осебпазир мебошанд.

Тибқи Қоидаҳои Нелсон Мандела ҷустуҷӯҳо, аз ҷумла кофтукову тафтишҳо, бояд «чунон гузаронида шаванд, ки эҳтироми шаъну шарафи инсонӣ ва дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсии одами тафтишшаванда, инчунин принсипҳои мутаносибӣ, қонуният ва зарурат риоя карда шаванд». Тафтиши шахсӣ «набояд бо мақсади таҳдид ва тарсонидан, дастрасии номатлуб ба дахлнопазирии ҳаёти шахсии маҳбус истифода шавад», балки азназаргузаронии интрузивӣ бояд танҳо дар ҳолати ниҳоят зарурӣ анҷом дода шавад[201]. Мувофиқи қоидаҳои Бангкок кофтуков ва тафтиши бадани занҳо ва духтарон бояд «танҳо аз ҷониби занҳо– кормандоне гузаронида шавад, ки омодагии кофиро вобаста ба усулҳои гузаронидани тафтиш ва бо тартиботи муқарраршуда гузаштаанд»[202].

Қоидаҳои Нелсон Мандела (Қоидаи № 60) муқаррар кардаанд, ки «раванди тафтишу кофтукови шахсӣ ва иҷозатдиҳии боздидкунандагон набояд таҳқиромез бошанд ва бояд дар асоси принсипҳои ҳадди ақал моҳияти ҳимоятидошта, ки барои маҳбусон муқаррар шудаанд, танзим карда шаванд»[203].

Маъмурият бояд ҳисоботи раванди ҷустуҷӯро бо нишон додани сабабҳои гузаронидани он, маълумот дар бораи тафтишкунандагон ва натиҷаҳои онро нигоҳ дорад[204]. Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қоидаҳои хаттӣ бо нишон долани ҳолатҳое, ки дар онҳо кофтукову тафтиш, аз ҷумла азназаргузаронии маҳбусон, боздидкунандагон ва кормандон иҷозат дода мешавад, бояд қабул гардад.

Кофтуков ва тафтиши шахсиро дар ҳолати амалӣ кардани он ба хотири зарари равонӣ ё дарди ҷисмонӣ расонидан ба шахс, метавон ба шиканҷа баробар кард. Хатари он, ки кофтуков ва тафтиши шахсӣ баробар ба шиканҷа ё дигар муносибати бераҳмона мешавад, дар ҳолате зиёд аст, ки он ба таври мунтазам, бе зарурат,

---

200 Барои таърифҳои муфассалтар нигаред: Азназаргузарониҳои бадан: баррасии омилҳои хавф барои пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона, АПШ/Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо, с.2015, https://apt.ch/content/files_res/fs-4-searches-russian.pdf.

201 Қоидаҳои Нелсон Мандела,Қоидаҳои 50-52.

202 Қоидаҳои Бангкок,Қоидаи 9.

203 Қоидаҳои Нелсон Мандела,Қоидаи 60.

204 Қоидаҳои Нелсон Мандела,Қоидаи 51.

нисбати гурӯҳи муайяни маҳбусон ва аз тарафи корманди ҷинси мухолиф гузаронида шавад[205].

Дар баъзе кишварҳо кофтукови бадани заноне, ки дар ҳабс қарор доранд, «талаботи бараҳнашавӣ дар назди омма, зону задан , инчунин тафтиши узвҳои маҳрамона, аз ҷумла воридшавӣ ба маҳбал ва мақъад»-ро дар бар мегирад[206]. Мувофиқи хулосаи Зеркумитаи пешгирии шиканҷа ба дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсониро «метавон чун таҷовузи шаҳвонӣ муайян кард, бинобар ин онҳо бояд манъ шаванд»[207].

Кормандони ҶМО на танҳо манъи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмонаро бояд риоя кунанд, балки осебпазирии баланди гурӯҳи муайянро ҳангоми кофтуков ва тафтиши шахсӣ эътироф намоянд. Масалан, барои онҳое, ки дар гузашта ба зӯроварии гендерӣ дучор шудаанд, ин амал метавонад зарбаи нав ва ҳисси баланди таҳқирро расонад. Ҳарчанд тафтиши шахсӣ барои тамоми нафароне, ки ин равандро аз сар мегузаронанд, таҳқиромез аст, вале омилҳои иловагии марбут ба бартарияти мардон дар таносуби қувва ва афкори дар ҷомеа ҳукмрон дар бораи бадани зан, инчунин эҳтимолияти баланди таҷрибаи ЗҶГ-ро аз сар гузаронидан дар байни занон, маънои онро дорад, ки таъсири он ба занон нисбатан ҷиддитар буда, бо эҳтимолияти зиёд аз осеби гузашта ба онҳо ёдрас мекунад. Ба ғайр аз ин, тафтиши шахсӣ барои шахсони ҳамҷинсгаро (ЛГБТИ), «махсусан шахсе [...], ки ҳамҷинсгарои ошкоро аст, ҳамҷинсгарозани ошкоро ё дуҷинса (бисексуал) аст, ё нафаре, ки либоси ҷинси мухолифро мепӯшад ва ё ҷинсашро иваз кардааст/карда истодааст» ногувор аст»[208].

Кормандони маҳбасҳо бояд дар бораи мақсадҳои ҳар як кофтуков ва тафтиш ва дар бораи он ки кадом усулҳои амалӣ кардани ин ҳадаф камтар инвазӣ мешавад, ба худ савол диҳанд. Онҳо бояд таҳлил кунанд, ки қарори онҳо дар асоси хатарҳои муайяни ба миён омада ё дар асоси стереотип (тасаввурот) нисбат ба гурӯҳҳои муайяни маҳбусон қабул шудааст ё на[209].

Қоидаҳои гузаронидани тафтиш бояд гуногунии фарҳангӣ ва динии ҳайати боздоштшудагон/маҳбусонро ба назар гирифта, ислоҳи бохирадонаро пешбинӣ кунад, то ки ҳамаи одамон тартибҳои амниятиро риоя намоянд. Ба ҷои истифодаи раванди тафтишии яксон барои ҳама, муассисаҳо бояд бо ақаллиятҳои этникӣ ва динӣ

---

205 Роҳнамо оид ба истифодаи Қоидаҳои Нелсона Мандела, ос. зикршуда,поварақи 176.

206 Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона нисбат ба занони аз озодӣ маҳрумшуда, 18 январи 2016., CAT/OP/27/1, б. 27.

207 Дар ҳамон ҷо.

208 Jean-Sébastien Blanc, LGBTI persons deprived of their liberty: a framework for preventive monitoring [Шахсони мансуб ба гурӯҳи ЛГБТИ, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд: қолабҳо барои анҷом додани мониторинги пешгирикунанда],APT/PRI, 2013, с. 9.

209 Роҳнамо оид ба истифодаи Қоидаҳои Нелсон Мандела,ос. зикршуда,поварақи 176.

машварат карда, ҷоиз будани равандҳои муайянро аз нигоҳи фарҳанги ин ё он ақалиятҳо дарк намоянд.

### Таҷрибаи хуб барои пешгирии осебҳо ҳангоми кофтуков ва тафтиши шахсӣ:

* Кофтуков ва тафтиши шахсӣ бояд дар асоси принсипҳои мутаносибӣ ва зарурат анҷом дода шавад.

* Кофтуков ва тафтиши шахсӣ бояд ҳамчун чораи ниҳоӣ амалӣ карда шавад ва ҳатман бояд усулҳои алтернативии ҷойгузини тафтиши шахсӣ вуҷуд дошта бошад.

* Шахсони вазифадори маҳбасҳо бояд мунтазам зарурати кофтуков ва тафтиши шахсиро ба таври зарурӣ арзёбӣ карда, бо кадом тартиб ва аз ҷониби кӣ анҷом додани онро муайян кунанд

* Қоидаҳое, ки ҷоиз ё мамнуъ будани рафторро ҳангоми кофтуков ва тафтиши муайян мекунанд, бояд омили гендериро ба назар гирифта, ба меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқат кунанд; тамоми кормандон бояд ин қоидаҳоро омӯзанд.

* Тамоми кофтуков ва тафтиши шахсӣ бояд бо усулҳои таъминкунандаи эҳтиром ба шаъну шараф ва дахлнопазирӣ ба ҳаёти хусусии шахси тафтишшаванда гузаронида шаванд.

* Кофтуков ва тафтиш бояд дар утоқи алоҳидае гузаронида шавад, ки онро дигар кормандон ё боздоштшудагон/маҳбусон дида натавонанд.

* То кофтуков ва тафтиши шахсӣ бояд ба боздоштшудагон ва маҳбусон имкон дода шавад, ки тамоми чизҳои мамнуи пинҳонкардаашонро бо хоҳиши худашон бароварда диҳанд.

* Набояд аз боздоштшудагон/маҳбусон талаб кард, ки пурра бараҳна шаванд; кофтуков ва тафтиш бо кашидани либос бояд марҳила ба марҳила гузаронида шавад (аввал кашидани либос то миён, баъдан аз миён поён).

* Кофтуков ва тафтиши боздоштшуда ё маҳбус бояд аз тарафи корманди ҳамҷинс гузаронида шавад, ҳангоми тафтиши шахсони гурӯҳи ЛГБТИ бояд имкон дода шавад, ки ӯ ҷинси шахси тафтишкунандаро худаш интихоб кунад.

## Намунаҳои ба танзимоварӣ ҳангоми кофтуков ва тафтиши шахсӣ

**Австрия.** Вазорати федералии адлия бо мақсади омода кардани дастурамали кофтуков ва тафтиши шахсӣ, ки дар асоси он эҳтиром ба шаъну шарафи инсонӣ вуҷуд дорад, арзёбии таҷрибаи кофтуков ва тафтиширо дар низоми пенитенсиарӣ гузаронид[210].

**Гурҷистон.** Мувофиқи ҳисоботи омбудсмени Гурҷистон барои соли 2018[211], истифодаи кофтуков ва тафтиши шахсӣ бо бараҳнакунии комил ҳангоми воридшавии занон ба муассисаҳои боздошти маҷбурӣ, махсусан, вақте ки онҳоро ба нишасту хез кардан, ҳатто ҳангоми ҳайз маҷбур мекунанд, ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад. Ин мушкилот солҳои пешин низ қайд гардида буд. Соли 2016 дар муассисаи ислоҳии №5 сканер насб карда шуда, дар оинномаи муассиса ислоҳоти нав ворид гардид, ки мувофиқи он ҳангоми тафтиши боздоштшудагон, ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки навъи онро интихоб кунанд (кофтуков ва тафтиш бо кашидани либос ё сканер кардан). Мувофиқи оинномa ин қоидаҳо раванди қабули шахсон ба муассиса, беруншавӣ ва бозгашт ба муассиса ва дигар ҳолатҳоеро, ки оинномa муқаррар кардааст, танзим мекунанд. Ба вуҷуди ин, мувофиқи ҳисоботи омбудсмен, ҳангоми бори аввал омадани занони боздоштшуда ё маҳбус кофтуков ва тафтиши пурра ҳам бо кашидани либос ва ҳам бо сканер кардан гузаронида мешавад. Ба ғайр аз ин онҳоро маҷбур мекунанд, ки амали нишасту хезро иҷро кунанд. Ҳамин тариқ мушкилот то ҳанӯз пурра ҳал нашудааст.

**Испания.** Дастурамалҳои махсусе мавҷуданд, ки меъёрҳои кофтуков ва тафтишро барои хадамоти полисӣ муқаррар карда, барои ҳифзи ҳуқуқҳои дар полис боздоштшудагон равона гардидаанд. Мувофиқи ин дастурамалҳо тафтиш ва кофтуков бояд дар ҳузури ду нафар корманд ва аз рӯи имконият, корманди ҳамҷинси боздоштшуда амалӣ карда шавад; дар ин ҳол бояд муносибати боэҳтиром ба худшиносии ҷинсии боздоштшуда риоя гардад, махсусан агар сухан дар бораи транссексуалҳо равад, бартарӣ бояд ба

210 Annual Report on the activities of the Austrian National Preventive Mechanism 2015, International Version [Гузориши ҳарсолаи фаъолияти Механизми миллии пешгирии Австрия барои соли 2015], p. 115.

211 State of Women and Juvenile Prisoners in Georgia, 2018 [Мавқеи занон ва қонуншиканони ноболиғ дар маҳбасҳои Гурҷистон, с.2018 ], p. 20, http://www.hridc.org/admin/editor/uploads/files/pdf/hrcrep2018/STATE%20 OF%20WOMEN%20AND%20JUVENILE%20PRISONERS%20IN%20GEORGIA,%202018.pdf.

азназаргузаронии зоҳирии дастӣ дода шавад[212]. Кофтуков бо кашидани либос танҳо дар ҳолати мутобиқат кардани ҳолат ба якчанд меъёрҳо амалӣ мешавад, аз ҷумла мавҷудияти иҷозатнома аз тарафи корманди баландпояи полис ва будани сабабҳои зарурӣ барои кофтуков ва тафтиш. Кофтуков ва тафтиш бояд бо таъмини ҳадди аксари дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ амалӣ карда шаванд[213]. Маълумот дар бораи сабабҳо ва асосҳо барои кашидани либос бояд дар парвандаи шахсии боздоштшуда дарҷ гардад[214].

### Намунаҳои қоидаҳои кофтуков ва тафтиши шахсии занон бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ

**Шоҳигарии Муттаҳида.** Дар соли 2006 бо фармоиши вазири корҳои дохилӣ таҳқиқоти махсус оид ба ҳолати занҳои махсусан осебпазир дар низоми адлияи суди ҷиноятӣ анҷом дода шуд. Дар ҳисоботи ниҳоӣ (бо номи «Гузориши Корстон» машҳур аст) тавсияҳое барои истифодаи кофтуков ва тафтиш бо кашидани либос, ки «таҷрибаи решадавонидаи маҳбасӣ» номида шудааст, оварда шудаанд[215]. Дар Маърузаи Корстон таъкид гардидааст, ки кофтуков ва тафтиши мунтазам такроршаванда ва аз ҳад зиёд «таҳқиромез буда, шаъну шарафро паст мезанад, барои занҳо ношоиста буда, дахолати зишт ба ҳаёти хусусӣ мебошад. Барои занҳое, ки дар гузашта мавриди муносибати дағал, махсусан шаҳвонӣ қарор гирифтаанд, шиносоии нафратовар бо ҳаёти зиндонӣ ва такрори хотираи ногувор аз таҷовузи гузашта мебошад. Ин барои кормандон

212 Instrucción 12/2007 de la Secretaria de Estado de Seguridad Sobre los Comportamientos Exigidos a los Miembros de las Fuerzas y Cuerpos de Seguridad del Estado para Garantizar los Derechos de las Personas Detenidas o Bajo Custodia Policial [Дастури № 12/2007 Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои амният дар бораи рафтори зарурие, ки аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои шахсони аз ҷониби полис боздоштшуда ва дар боздоштгоҳи полис ҳузурдошта талаб карда мешавад], issued by the Secretary of State for Security to the National Police and the Civil Guard.

213 Instrucción Número 19/2005 de 13 de Septiembre del Secretario de Estado de Seguridad Relativa a la Práctica de las Diligencias de Registro Personal por las Fuerzas y Cuerpos de Seguridad [Дастури 19/2005 Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои амният дар бораи таҷрибаи таҳия кардани протоколҳои азназаргузаронии шахсӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ].

214 Instrucción 20/2015 de Estado de Seguridad, por la que Se Aprueba El Protocolo De Actuación en las Áreas de Custodia de Detenidos de Las Fuerzas y Cuerpos de Seguridad del Estado [Дастури № 19/2005 Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои амният, ки тартиби амалҳоро ҷиҳати боздошти боздоштшудагон барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ мекунад].

215 The Corston Report [Гузориши Корстон], Home Office, 2007, с. 31.

низ ногувор буда, барои фароҳам овардани муносибати хуб бо занон, махсусан, шахсони навомада, монеа эҷод мекунад»[216]. Дар ҳисобот тавсия шудааст, ки истифодаи кофтуков ва тафтиши шахсӣ бо кашидани либос «то ҳадди охирин, ки бо талаботи амниятӣ мувофиқат мекунад» кам карда шавад. Инчунин бояд дар муассисаҳои ислоҳӣ барои дарёфти моддаҳои нашъадор ва дигар маводи қочоқӣ дар шакли санҷишӣ аз сканерҳои ионӣ истифода баранд[217]. Баъди нашри Маърузаи Корстон таҷрибаи мунтазами тафтиши бадани занон бо кашидани либос қатъ шуд.

**Федератсияи Руссия.** Дар яке аз боздоштгоҳҳои тафтишотии занона қоидае мавҷуд буд, ки мувофиқи он кофтуков ва тафтиш бо усули инвазивӣ ба тамоми занон ҳангоми омадани онҳо ба муассиса амалӣ карда мешуд. Барои сафед кардани ин рафтор онро таъмини амният ном бурдаанд, то ки гуё барои ба интиқоли чизҳои ғайриқонунӣ ва мамнуъ ба боздоштгоҳ роҳ надиҳанд, вале «дар асл ин кор барои фишоровари равонии маҳбусони нав ва талқин кардани андешаи тобеъ будан роҳандозӣ мегардид»[218]. Дар ҳамкорӣ бо шарикон аз Шоҳигарии Муттаҳида ҳукумати Руссия қарори қатъ кардани тафтиши мунтазами инвазивиро қабул карда, истифодаи онро танҳо дар ҳолатҳои инфиродӣ, вақте ки барои таъмини амният зарур аст, иҷозат додааст.

## Намунаҳои қоидаҳои кофтуков ва тафтиши шахсии трансгендерҳо бо дар назардошт ҷанбаи гендерӣ

**Фаронса.** Механизми миллии пешгирикунанда дастурамалеро доир ба тартибу расмиёте нашр кард, ки он бояд дар равандҳои кофтуков ва тафтиши маҳбусони ба ҷараёни иваз намудани ҷинсияташон шурӯъ кардаанд, новобаста аз он ки аз ҷиҳатии ҳуқуқӣ ҷинсашонро иваз карданд ё не, истифода карда шавад. Тафтиш бояд эҳтиёткорона ва дар шароите амалӣ шавад, ки эҳтироми шаъну шарафи инсонии шахси тафтишшаванда таъмин гардад.

216 Дар ҳамон ҷо.

217 Дар ҳамон ҷо, с. 5.

218 Силсилаи роҳнамоҳои «Гендер ва ислоҳоти бахши амният»: «Гендер ва ислоҳоти низоми пенитенсиарӣ, ДКВС/ДНДҲИ САҲА/МУНИУЖ СММ, 2008, с. 9, https://www.osce.org/ru/odihr/75289?download=true.

Баъди он ки гурӯҳи байнисоҳавӣ далели бебозгашти иваз шудани ҷисниятро муқаррар мекунад, бояд тафтиш ва кофтуков дар шароите амалӣ шаванд, ки эҳтироми шаъну шарафи инсонии шахси тафтишшаванда , аз тарафи кормандони ҳамҷинс (ҷинсе, ки маҳбус баъди ивази ҷинсият ба даст овардааст) гузаронида шавад. Ба ин кормандон бояд аз ҷониби роҳбарон доир ба ин масъала дастури дахлдор дода шавад[219].

## 5.4. Интиқол додан ва гузаронидани маҳбусон ба муассисаи дигар

### Тавсияи асосӣ

✓ Чораҳои пешгирикунандаи ЗҶГ ҳамчунин дар ҳолати интиқоли боздоштшудагон/маҳбусон бояд андешида шаванд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки интиқол аз тарафи муассисаҳои ғайридавлатӣ амалӣ карда мешавад. Кормандони чунин муассисаҳо бояд омодагии заруриро гузаранд ва дар ҳолати содир кардани ЗҶГ мутаносибан барои содир кардани чунин кирдор ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Боздоштшудагон ва маҳбусонро мунтазам аз ҶМО ба суд, аз як ҷойи нигоҳдорӣ ба ҷойи дигар ё аз ҶМО ба муассисаҳои тиббӣ интиқол медиҳанд. Дар вақти интиқол хатари зиёди дучоршавӣ ба рафторҳои ғайриқонунии интиқолгарон (конвой), ё содир шудани ЗҶГ аз ҷониби боздоштшудагон/маҳбусон мавҷуд аст, ки дар дигар ҳолатҳо онҳо ба ҳам дучор шуда наметавонистанд. Ин хатар ҳангоми интиқолдиҳӣ аз тарафи муассисаҳои ғайридавлатӣ меафзояд. Занҳо-трансгендерҳо ҳангоми интиқол ба таври ҷиддӣ ба шаклҳои гуногуни зӯроварӣ (лафзӣ, ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ) аз тарафи дигар маҳбусон дучор шуда метавонанд. Вобаста ба ин андешидани чораҳои муҳофизатии зарурӣ мувофиқи мақсад аст, вале ин чораҳо набояд ба интиқоли боздоштшудагон ба суд ё беморхона монеъ шаванд, ё интиқоли онҳоро ба дигар муассиса ба вақти дигар гузоранд[220].

---

219 J.-M. Delarue, Avis du 30 juin 2010 relatif à la prise en charge des personnes transsexuelles incarcérées [Фармоиш аз 30 июни с.2010, ки ба муносибат ба маҳбусони транссексуал марбут аст.], Journal Officiel de la République Française, 25 July 2010, https://www.legifrance.gouv.fr/jo_pdf.do?numJO=0&dateJO=20100725&numTexte=32&pageD ebut=&pageFin=.

220 Towards the effective protection of LGBTI Persons Deprived of Liberty, ос.зикршуда, поварақи 101, с. 60.

Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ қоидаҳои дақиқи танзимкунандаи интиқоли маҳбусон бо мақсади ҳадди ақал кам кардани хатари зӯроварӣ бояд қабул карда шаванд. Дар ин қоидаҳо бояд ба мушкилоти ЗҶГ ва ба ҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ таваҷҷӯҳи хосса дода шавад.Чораҳои муҳофизатии ҳангоми маҳрум намудан аз озодӣ татбиқшаванда вобаста ба нигоҳдории алоҳида-алоҳидаи маҳбусон бояд дар раванди интиқол низ татбиқ ёбанд, аз ҷумла нигоҳдории алоҳидаи мардон ва занон, маҳбусони ноболиғ ва калонсол. Занҳоро бояд танҳо кормандони ҷинси зан назорат кунанд, трансгендер ва транссексуалҳо бояд бо эҳтиёткории махсус ва пешбинии ҳолатҳои гуногун интиқол дода шаванд.

Ҳангоми қабули қарор дар бораи интиқоли якҷоя ё ҷудогонаи маҳбусони муайян, бояд натиҷаи арзёбии инфиродии хатарҳо ба назар гирифта шавад. Дар айни замон бояд боздоштшудагон ва маҳбусон имконияти барқарор кардани алоқаро бо наздикон ва адвокат ё бохабар кардани шахси севвум дар бораи интиқоли худ дошта бошанд.

## 5.5. Ҷойгиркунонии маҳбусон

Дар бисёр кишварҳо муассисаҳои навъи пӯшида аз маҳбусон пур ҳастанд. Ин мушкилот худ аз худ хатари стресс, ихтилоли равонӣ ва зӯроварӣ, аз ҷумла ЗҶГ-ро меафзояд. Масалан, аз рӯи натиҷаи мониторинги тамоми маҳбасҳои Латвия, омбудсмени ин кишвар ба хулосае омад, ки зӯроварӣ, аз ҷумла ЗҶГ, маъмулан дар муассисаҳои бузург, ки дар як утоқ то 40 маҳбус нигоҳдорӣ мешаванд, ба амал меояд[221].

Ба ғайр аз ин, идора кардани муассисаҳои пур аз одам, ки захираҳои нокифоя доранд, душвор буда, маъмурият бо мушкилоти таъмини талаботҳои бунёдии маҳбусон, аз ҷумла дастрасии онҳо ба хидматрасонии тиббӣ, ғизо ва об дучор мегарданд. Пур будани муассиса ҳамчунин ба амалисозӣ ва натиҷаи барномаҳои барқарорсозӣ, таълим додан ва омодасозии касбӣ, ки барои кам кардани сатҳи зӯроварӣ мусоидат мекунанд, монеа мегардад.

Дар Қоидаҳои Нелсон Мандела ишора шудааст, ки агар «маҳбусон дар утоқ ё ҳуҷраҳо бояд хоб раванд, ҳар яки онҳо дар утоқ ё ҳуҷраи алоҳида ҷойгир карда шаванд. Агар бо сабабҳои махсус, ба мисли пуршавии муваққатии маҳбас, маъмурияти марказии маҳбас маҷбур шаванд, ки аз истифодаи ин қоидаҳо даст кашанд, ҷойгиркунонии ду маҳбус дар як утоқ ё ҳуҷра номатлуб аст». Дар ҷое, ки утоқҳои умумӣ мавҷуданд, «маҳбусонро бояд ба таври ҷиддӣ интихоб кард, то мутмаин бояд шуд, ки онҳо дар якҷоягӣ дар чунин шароит зиндагӣ карда метавонанд». Ҳамчунин назорати доимӣ

221 Presentation by Ieva Krasovska, lawyer with the Office of the Ombudsman of the Republic of Latvia, Preventing and addressing sexual and gender-based violence in closed facilities, Practitioners' Meeting, ODIHR, 17-18 October 2016, Warsaw [Руйнамои Ева Красовская (Дафтари омбудсмени Ҷумҳурии Латвия) дар ҷаласаи мутахассисони таҷрибадор дар мавзӯи «Пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида», ки аз ҷониби ДНДҲИ САҲА 17-18 октябри с. 2016 дар Варшава ташкил карда шудааст].

зарур аст[222]. Мардону занон, калонсолону ноболиғон ҳамеша бояд дар алоҳидагӣ аз ҳам ҷойгир карда шаванд. Мувофиқи АЗШ «трансгендерҳо бояд дар ҷойе ҷойгир карда шаванд, ки мутобиқ ба ҷинсияташон аст, ё агар тасаввуроти фавқулоддаи амният талаб кунад, онҳоро дар қисмати алоҳида бояд ҷойгир кард, ки амнияташон беҳтар таъмин карда мешавад Дар сурати ҷойгир намудани онҳо дар қисмати алоҳида, онҳо бояд ба чорабиниҳои умумӣ ҷалб шуда, вақти озоди худро бо дигар маҳбусоне, ки ба ҷинсияти онҳо мутобиқанд, якҷоя гузаронанд»[223]. Мувофиқи Қоидаи 7(а)-и Қоидаҳои Нелсон Мандела кор бо парвандаҳои шахсии маҳбусон бояд «муайянсозии шахсияти аслии маҳбусонро, бо эҳтиром ба қабули ҳувияти ҷинсиашон»таъмин намояд. Дар асоси ин қоидаҳо трансгендерҳоро, новобаста ба мард ё зан буданашон, ба муассисаҳо аз рӯи интихобашон тақсим кардан лозим аст. Ассотсиатсияи пешгирии шиканҷа қайд мекунад, ки ҳатто дар ҳолатҳое, ки тақсимоти маҳбусон аз рӯи худшиносии гендерӣ сурат мегирад, бояд барои қабули қарор дар бораи тақсимоти онҳо розигии худи маҳбусонро гирифт, зеро баъзеи онҳо ба хотири амният, ё имконияти ба даст овардани кору наздикӣ бо хешовандон якҷо будан бо намояндагони ҷинси биологии худро (ҳангоми таваллуд) авло медонанд.

Дар тамоми ҳолатҳо маъмурияти маҳбас вазифадор аст, ки миқдор ва категорияи маҳбусони дар якҷо ҷойгиршударо назорат барад. Набояд хатарҳои ЗҶГ-ро фаромӯш кард. Ба ғайр аз ин, барои пешгирии зӯроварӣ аз болои кормандон низ назорат кардан зарур аст.



### Намунаи ба назар гирифтани ҷанбаи гендерӣ ҳангоми ҷойгир кардани маҳбусон

**Иёлоти Муттаҳида.** Дар як қатор доираҳои ҳуқуқии Иёлоти Муттаҳида усулҳои ҷойгиркунии занони маҳбусе, ки бо эҳтимоли ҷабрдидаи зӯроварӣ шудан ба гурӯҳи осебпазир дохил мешаванд, таҳия шуданд, ки бе ҷойгир намудани ин занон ба утоқи якнафара метавонанд мушкилотро ҳал кунанд. Дар ҳар як ҳолат қарори ҷойгиркунӣ дар «натиҷаи санҷише, ки аз тарафи кормандони соҳибтахассус таҳти назорати роҳбарият гузаштааст, ба таври инфиродӣ қабул карда мешавад»[224]. Барои таъмини амният дигар усулҳо низ истифода мешаванд. Масалан, Депортаменти иҷрои ҷазои иёлати Вайоминг усули скринингро якҷо бо тартиби махсуси ҷойгиркунонии занон истифода мебарад. Азбаски қисмати зиёди занон дар муассисаҳои ислоҳотӣ бештар ба меъёрҳои реҷаи нисбатан сабуки

222 Қоидаҳои Нелсон Мандела, Қоидаи 12.

223 Towards the effective protection of LGBTI Persons Deprived of Liberty, ос.зикршуда, поварақи 101, с. 34.

224 Swavola,RileyandSubramanian,ос.зикршуда,поварақи165,с.15

адои ҷазо ҷавобгӯянд, таҷрибаи ҷойгиркунии онҳо ба сурати мувофиқ тағйир дода шуд[225].

Дар баъзе доираҳои ҳуқуқӣ истифодаи нигоҳдории алоҳидаи занон-трансгендерҳо кам шудааст, ки қисмати зиёди онҳо дар муассисаҳои мардона, танҳо дар асоси талаботи физиология ва анатомияашон ҷойгир карда мешаванд. Яке аз боздоштгоҳҳо дар Денвер таҷрибаи ба таври “бепурсиш” ҷойгиркунии занони трансгендерро дар асоси ҷинси биологии онҳо қатъ карда, ба маҳбусон пешниҳод менамояд, ки «Ариза дар бораи афзалият» -ро пур намуда, дар он дар бораи тарзи гирифтани ному истифодаи ҷинсияти барояшон писандро зикр кунанд. Ҷойгиркунӣ дар асоси тавсияи кумитаи махсус гузаронида шуда, маҳбусони трансгендер метавонанд аз ҳаммоми алоҳида истифода баранд ва хоҳиш кунанд, ки онҳоро дар як утоқ бо трансгендерҳои дигар ҷойгир намоянд. Дар ҳолати зарурӣ, онҳо метавонанд ҷинси нозиреро, ки кофтуков ва тафтиши шахсиро амалӣ менамояд, интихоб кунанд[226].

## 5.6. Изолятсия

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Полис ва маъмурияти маҳбасҳо бояд мавҷудияти кафолатҳои кофиро барои ҳифз аз ЗҶГ барои шахсоне, ки ҳар гуна ҷазо гирифтаанд ва барои онҳое таъмин кунанд, ки дар изолятсия нигоҳ дошта мешаванд .
- ✓ Дар алоҳидагӣ нигоҳ доштан бо мақсади таъмини амният бояд бо розигии худи боздоштшуда/маҳбус сурат гирифта, кафолати ҳимоят дошта бошад ва ба таври мунтаззам аз нав баррасӣ гардад.
- ✓ Кафолати ҳимоят, ки ба нигаҳдории алоҳидаи маҳбус ва мавҷудияти шумораи кофии кормандон дахл дорад, бояд дар ҳама ҳолатҳои зери ҳабс нигоҳдорӣ, аз ҷумла ҳангоми интиқол, гузаштани омӯзиш ва дар ҳама қисматҳои муассисаҳои нигоҳдории маҷбурӣ истифода шавад.

225 Дар ҳамон ҷо.

226 Дар ҳамон ҷо.

Масъалаи нигоҳдории ҷудогонаи боздоштшудагон ё маҳбусони алоҳида аз контингенти асосӣ бо пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ муносибати бевосита дорад, зеро чунин таҷриба барои пешгирии хатари ЗҶГ ё ба сифати чораи вокунишӣ ба зӯроварии кайҳо боз рухдода истифода мешавад. Дар айни замон нигоҳдории ҷудогона метавонад бозшдоштшуда ё маҳбусро дар ҳолати осебпазир қарор диҳад, зеро метавонад мавриди муносибати хушунатомез аз тарафи нозирон гардад, махсусан, дар ҳолате ки робита бо олами беруна маҳдуд бошад (хусусан, дар ҳолати якканигоҳдорӣ).

Дар баъзе кишварҳо боздоштшудагон ва маҳбусонеро, ки ба гурӯҳи хатар аз диди ЗҶГ ворид шудаанд, ба хотири амнияташон ва баъзан бо хоҳишашон аз гурӯҳ (контингент)-и асосӣ ҷудо ҷойгир мекунанд. Чунин таҷриба метавонад дастрасӣ ба чорабиниҳо ва хидматрасониҳои дар муассиса мавҷудро маҳдуд кунад. Ба ғайр аз ин, нигоҳдории ҷудогона ба натиҷаҳои манфӣ ба саломатии равонӣ оварданаш мумкин аст, зеро он хатари зараррасонӣ ба худ ё худкуширо афзуда, сабаби маҳдудшавии вохӯрӣ бо наздикон мегардад. Нигаҳдории ҷудогонаи боздоштшудагон/маҳбусон ҳамчунин дараҷаи нисбатан баландтари маҳдудсозии дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсиашон низ ба ҳисоб рафта метавонад, махсусан, агар онҳоро ба он қисмати муассиса гузаронанд, ки он маъмулан барои ҷазодиҳии интизомӣ истифода мешавад ё барои маҳбусони хатари баланди ба аъзои бадани худ осеб расонанда дошта ё худкушӣ дошта ҷудо карда шудаанд.

Ҷудо кардани боздоштшуда ё маҳбус, аз контингенти асосӣ бо сабаби мансубияташ ба гурӯҳҳои аз нуқтаи назари ЗҶГ осебпазир, боиси дучоршавии бештар ба тамғагузории онҳо (стигматизатсияшавӣ) мегардад. Ин ҳолат метавонад мушкилоти зиёдтарро баъди бозгашти маҳбусон ба ҷойи асосии нигоҳдорӣ ба вуҷуд оварад, барои шахсони ҳамҷинсгаро (ЛГБТИ) ё шахсоне, ки ҷиноятҳои муайян содир кардаанд (масалан, таҷовуз ба номус) ин махсусан хатари зиёд пайдо мекунад.

Нигоҳдории ҷудогона низ метавонад табъизӣ бошад. Вобаста ба ин, маъмурият бояд усулҳои ҳимояти маҳбусонеро, ки дар вазъияти осебпазир қарор доранд, бо диққат таҳия кунад ва ин роҳҳо набояд на ба тамғагузорӣ (стигматизатсия) ва на ба табъизи ин шахсон оварда расонанд (сухан дар бораи роҳҳои алтернативии новобаста ба нигоҳдори ҷудогона меравад). Агар роҳбарияти муассиса хоҳад, ки бо мақсади ҳимоят нафари ба гурӯҳи ба ЛГБТИ мансубро ҷудо нигоҳ дорад, бояд мувофиқи тавсияҳои АЗШ ва ташкилоти «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» аввал розигии худи маҳбусро ба даст орад[227].

Дар баъзе кишварҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маъмурияти маҳбасҳо нигоҳдории ҷудогонаро ҳамчун усули таъмини амнияти шахсони аз нигоҳи ЗҶГ дар гурӯҳи хатар қарордошта истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, дар Қоидаҳои Нелсон Мандела ва Қоидаҳои Бангкок дақиқан нишон дода шудааст, ки истифодаи ҷудо нигоҳ

227 Blanc, ос.зикршуда, поварақи 208, с. 11.

доштан ба хотири амният танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, ба муҳлати ниҳоят маҳдуд ва ҳангоми мавҷудияти кафолатҳои мурофиавӣ иҷозат дода мешавад.

**Намунаи судӣ:**
**Парвандаи «X бар зидди Туркия»**
**(Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, с. 2012)**

Аризадиҳанда, марди ҳамҷинсгаро, дар утоқи умумӣ бо мардони тамоюли ҷинсиашон анъанавӣ ҷойгир шуда буд ва мавриди таҳқир ва таҳдид қарор гирифт. Барои амнияти худ хавотир шуда, дархост кард, ки ӯро ба утоқи дигар бо ҳамҷинсгароҳо якҷо гузаронанд. Маъмурияти маҳбас ӯро ба утоқи якнафара, ки барои маҳбусони ҷазои интизомӣ гирифта истифода мешавад, гузарониданд. Аризадиҳандаро аз робита бо дигар маҳбусон, инчунин чорабиниҳо ва машқҳои умумӣ дар ҳавои кушод ҷудо карданд. Барои асоснок кардани рафтори худ маъмурияти маҳбас ишора карданд, ки аризадиҳанда аз сабаби тамоюли ҷинсиаш мавриди таҳдиди ҷиддӣ қарор гирифта буд.

Суд ба хулосае омад, ки моддаи 3 (манъи шиканҷа ва муносибати ғайриинсониву пасткунандаи шаъну шараф) ва моддаи 14 (манъи табъиз)-и Конвенсия вайрон шудааст ва дар қарораш таъкид кард, ки «маъмурияти маҳбас арзёбии зарурии хатарҳоро нисбат ба амнияти аризадиҳанда нагузаронидааст. Аз сабаби тамоюли ҷинсии маҳбус, маъмурият шуморидааст, ки вай ба хатари ҷароҳатбардории ҷиддии ҷисмонӣ дучор шудааст. Ба ғайр аз ин, аз нуқтаи назари Суд, андешидани чораҳое, ки аризадиҳандаро комилан аз ҳаёти маҳбас ҷудо мекунад, дар ягон вазъият асоснок ҳисобида намешавад»[228].

228 European Court of Human Rights, Case of X vs. Turkey, Judgment of 9 October 2012 [Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, парвандаи «Х бар зидди Тукия», Қарор аз 9 октябри с. 2012 .

# 6. ТАДБИРҲОИ ДИГАР ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ЗӮРОВАРИИ ҶИНСӢ ВА ГЕНДЕРӢ



# 6. ТАДБИРҲОИ ДИГАР ОИД БА ПЕШГИРӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ЗӮРОВАРИИ ҶИНСӢ ВА ГЕНДЕРӢ

Дар бахши мазкур маълумот дар бораи як қатор амалияҳое пешниҳод мешавад, ки мустақиман бо идоракунии хатарҳо алоқаманд нестанд, вале метавонанд барои пешгирӣ ва барҳам додани ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ кумак расонанд.

Чи тавре ки аз ҷавобҳои давлатҳои узви САҲА ба пурсишномаи ДНДҲИ бармеояд, чанд мисоли таҷрибаи умедбахш дар минтақаи САҲА вуҷуд дорад, аммо танҳо дар чанд кишвар барои ҳалли мушкилоти ЗҶГ сиёсати мақсаднок амалӣ карда мешавад. Дар байни давлатҳое, ки дар робита ба ҳалли мушкилоти ЗҶГ вазъияти нисбатан каму беш хуб доранд, таҷрибаҳои беҳтарини хусусияташон умумӣ, аз қабили дар ҶМО рушд ёфтани фарҳанги муоширати ошкоро ва эҳтиром, ё иваз кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо алтернативаҳои ислоҳи пешакӣ дар маҳбасҳо бештар маъмул аст. Намунаҳое, ки дар ин бахш оварда шудаанд, аз ташаббусҳои мустақил то равишҳои моҳияташон нисбатан умумиро дар бар мегиранд.

## 6.1. Таҳқиқи мушкилоти ЗҶГ ҳамчун асос барои таҳияи сиёсати ба далелҳо такякунанда

**Тавсияҳои асосӣ**

- ✓ Сиёсатандешон ва қонунгузорон бояд барои анҷом додани таҳқиқ ва таҳлили иттилооти мавҷуда оид ба паҳншавии ЗҶАГ дар ҷойҳои боздошт, аз ҷумла шуъбаҳои полис, боздоштгоҳҳо ва муассисаҳои ислоҳӣ захираҳо (маблағҳо) ҷудо кунанд.
- ✓ Ба кори мақомоти назоратӣ, аз ҷумла бо роҳи таъмини дастрасии махфӣ ва бемамонияти онҳо ба ҳамаи дастгиршудагон ва маҳбусон, бояд мусоидат кард.

Ҳама гуна тадбирҳо оид ба барҳам додани ЗҶГ бояд ба дарки дақиқи мушкилот, инчунин ниёзҳои боздоштшудагон ва маҳбусон, кормандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор такя намоянд. Дар шарҳи Қоидаҳои Бангкок гуфта мешавад, ки норасоии иттилоот ва маълумот дар бораи занон дар низоми адлияи судии ҷиноятӣ «ба таҳияи сиёсатҳои босамар ва татбиқи барномаҳое, ки ба таъмини одилона ва босамари ниёзҳои занони қонуншикан нигаронида шудааст, монеъ мешавад»[229].

Қоидаҳои Бангкок, Қоидаҳои ҳадди ақали меъёрии СММ оид ба татбиқи адолати судӣ барои ноболиғон (Қоидаҳои Пекин) ва Қоидаҳои ҳадди ақали меъёрии СММ оид ба чораҳои ғайриҳабсӣ (Қоидаҳои Токио[230]) аҳамияти таҳқиқотро ҳамчун замина барои ташаккули сиёсати хуб асоснокшудае, ки ба далелҳо такя мекунад, таъкид менамояд. Санадҳои зикршуда барои рушди таҳқиқот оид ба вазъи занон дар низоми адолати судии ҷиноятӣ маводи асосӣ мебошанд. Далелҳои воқеӣ ва маълумот дар бораи ЗҶГ на танҳо асоси қабули қарорҳоро ташкил медиҳанд, балки бояд барномаҳои таълимиро муайян кунанд ва барои баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи мушкилот ва барои дарёфти тадбирҳои зарурии вокуниш дар ҳама сатҳҳои сиёсат ва амалия истифода бурда шаванд.

Дастурҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба занон нақши давлатҳоро дар ҳавасмандгардонӣ ба таҳқиқот, ҷамъоварии маълумот ва пешниҳоди омор оид ба паҳншавӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, инчунин «дар бораи самаранокии чораҳои пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварӣ» таъкид мекунанд[231]. Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мушкилоти ЗҶГ ва маълумоти марбут ба он бояд интишор шуда, дастраси умум гарданд.

Мақомоти давлатӣ бояд бо дастгирии ҳукумати марказӣ иқтидору имкониятҳои хешро дар бахши анҷом додани таҳқиқот ва таҳлил оид ба ЗҶГ инкишоф диҳанд. Азбаски таҳқиқоте, ки аз ҷониби созмонҳои давлатӣ гузаронида мешавад, ҳамаҷониба комил буда наметавонад, ба давлатҳо инчунин тавсия дода мешавад, ки ба дигар ташкилотҳо, аз ҷумла ММП, НМҲҲ, муассисаҳои илмӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷозат диҳанд, ки таҳқиқоти мустақили худро анҷом диҳанд. Барои ин ба онҳо бояд дастрасӣ ба ҷойҳои боздошт ва имконияти доир кардани сӯҳбати махфӣ бо боздоштшудагон ва маҳбусон фароҳам оварда шавад.

229 Commentary To The United Nations Rules For The Treatment Of Women Prisoners And Non-Custodial Measures For Women Offenders (The Bangkok Rules) [Тавзеҳ ба Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат ба занони қонуншикан ва чораҳои ҷазое, ки ба маҳрумият аз озодӣ марбут нестанд (Қоидаҳои Бангкок)]: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/Bangkok_Rules_ENG_22032015.pdf.

230 Қоидаҳои ҳадди ақали меъёрӣ (стандарти)-и Созмони Милали Муттаҳид нисбат ба чораҳое, ки бо нигаҳ доштан дар маҳбас вобаста нестанд (Қоидаҳои Токио), бо Қарори 45/110 Ассамблеяи СММ аз 14 декабри с. 1990 қабул шудаанд.

231 Committee on the Elimination of Discrimination against Women, General Recommendation No. 19 on Violence against women [Кумитаи барҳам додани табъиз нисбат ба занон, тавсияи умумии № 19 дар бораи мушкилоти зӯроварӣ нисбат ба занон], 1992, para. 24(c), повараки 14. Ниг. низ моддаи 11 -и Протоколи Истамбул.

## Таҷрибаи қабулшудаи ҷамъоварии далелҳои воқеӣ барои таҳқиқоти ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ

* Гузаронидани пурсишҳое, ки метавонанд боздоштшудагон ва маҳбусони феълӣ, боздоштшудагон/маҳбусони собиқ, кормандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро фаро гиранд.

* Таҳлили маълумоти идорӣ– ҳуҷҷатҳои маҳбас ва полис, протоколҳои судӣ ва шикоятҳои пешниҳодшуда.

* Гирдоварии шарҳу гузоришҳои парвандаҳои ҳуқуқӣ, ки метавонад амалияи судии судҳои миллӣ ва мақомоти байналмилалиро дар бар гиранд ва метавонад шикоятҳои ба мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва гузоришгарони махсус пешниҳодшударо фаро гиранд[232].

* Намояндагиҳо оид ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқҳои натиҷаҳои мониторинг ва далелҳо, ки аз ҷониби ММП, НМҲҲ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил карда шудаанд.

* Омодасозии ташреҳоти маълумоте , ки дар гузоришҳои даврии кишварҳо пешниҳод шудаанд, масалан, дар гузоришҳо дар бораи иҷроиши КБТЗ, КБШ, КПР, инчунин дар доираи механизми Гузориши умумии даврӣ (ГУД)-и Шӯрои ҳуқуқи башари СММ.

Созмонҳо ва шахсоне, ки таҳқиқот анҷом медиҳанд, бояд усулеро истифода баранд, ки дастрас кардани маълумотро аз субъектҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла ҷабрдидагони ЗҶГ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои ислоҳот, кормандони ташкилотҳои хидматрасон, мутахассисони соҳаи тиб, ҳуқуқшиносон ва аъзои оилаи боздоштшудагон/маҳбусонро пешбинӣ мекунанд. Ҳангоми анҷом додани таҳқиқот бо иштироки ҷабрдидагон аз ЗҶГ бояд риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва стандартҳои бехатарӣ, инчунин принсипи махфият таъмин карда шаванд; аммо дар айни замон такроран виктимизатсия шудани(ҷабрпазирӣ)-и ин шахсонро пешгирӣ бояд кард[233].

232 Бо дар назар доштани талаботи истифодаи воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, парвандаҳое, ки судҳои байналмилалӣ баррасӣ мекунанд, инчунин таърихи баррасии онҳоро аз ҷониби судҳои миллӣ дар бар мегиранд.

233 Масалан, нигаред: Researching Violence Against Women: A Practical Guide for Researchers and Activists [Таҳқиқи зӯроварӣ нисбат ба занонро чи гуна бояд анҷом дод: роҳнамои амалӣ барои муҳаққиқон ва фаъолон], Geneva, World Health Organization and PATH, 2005, http://apps.who.int/iris/bitstream/handle/10665/42966/9241546476_eng.pdf;jsessionid=A4F3C8575FB4CBDE86ED753A7EFE54F9?sequence=1; Ethical and safety guidelines for research on gender-based violence [Дастурҳо оид ба масъалаҳои ахлоқӣ ва бехатарӣ, ки бо таҳқиқот оид ба мавзӯи зӯроварии гендерӣ вобастаанд,], Partners for Prevention, 2013.

### Намунаҳои паҳнкунии босамари иттилоот дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот

Ассотсиатсияи Байналмилалии маҳбасҳо ва муассисаҳои ислоҳӣ (International Prisons and Correction Association) дар саросари ҷаҳон барои пешбурди «донишҳо дар бораи низоми ислоҳӣ, ки ба натиҷаҳои таҳқиқот асос меёбанд» корбарӣ мекунад. Махзани додаҳои Ассотсиатсия дар Интернет матлабҳоро дар 17 категория, аз ҷумла бо маълумоти таҳқиқотӣ дар бар мегирад[234].

Созмони аврупоии маҳбасҳо ва хадамоти ислоҳӣ (European Organisation of Prison and Correctional Services – EuroPris) мубодилаи иттилоотро байни созмонҳои мухталифе, ки дар маҳбасҳо ва системаи адлияи судии ҷиноӣ кор мекунанд бо мақсади ноил шудан ба таҷрибаи пешқадам дастгирӣ мекунад. EuroPris ҳамчун ҳалқаи пайванд байни олимон ва мутахассисони ботаҷриба амал мекунад ва китобхонаи онлайнии худро дорад[235].

Таҳқиқот ва таҳлил инчунин метавонанд ҳангоми арзёбии ташаббусҳо оид ба пешгирии ЗҶГ истифода шаванд. Арзёбии усулҳои амалии истифодашавандаро анҷом додан муҳим аст, зеро агар самаранокии онҳо исбот шавад, онҳо метавонанд дар ҷойҳои дигар низ истифода шаванд ва дар ҳолати баръакс истифодаи онҳоро қатъ бояд кард. Мутаассифона, дар айни замон тадбирҳое, ки дар муассисаҳои навъи пӯшида оид ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ истифода мегарданд, хеле кам арзёбӣ мешаванд ё умуман арзёбӣ намешаванд.

### Тавсияи асосӣ

✓ Усулҳои мавҷудаи пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ бояд мунтазам, аз ҷумла аз ҷониби ташкилотҳои беруна барои муайян кардани самаранокии онҳо, арзёбӣ карда шаванд.

Аз 27 давлати узв, ки ба саволҳои пурсишномаи ДНДҲИ посух доданд, 24 давлат гузориш доданд, ки онҳо барномаҳои мавҷудаи ҳалли мушкилоти ЗҶГ-ро дар ҶМО

234 Ниг. веб-сомонаи Ассотсиатсияи байналмилалии маҳбасҳо ва муассисаҳои ислоҳӣ: http://icpa.ca.

235 Ниг. веб-сомонаи Созмони аврупоии маҳбасҳо ва хадамоти ислоҳӣ : http://www.europris.org.

арзёбӣ накардаанд. Посухдиҳандагон тавзеҳ доданд, ки арзёбӣ аз сабаби кам будани ҳодисаҳои сабтшуда анҷом дода нашудааст, ки ин ҳолат бояд дар бораи самаранокии усулҳои мавҷудаи пешгирӣ далолат кунад. Дар се давлат - Финляндия, Маҷористон ва Литва - самаранокии барномаҳои алоҳидае, ки дар заминаи маҳбасҳо амалӣ мешаванд (сухан дар бораи барномаҳо барои шахсоне меравад, ки ҷинояти шаҳвонӣ содир кардаанд ва барномаҳо оид ба паст кардани сатҳи зӯроварӣ), ё ба нақша гирифта шудааст, ё кайҳо боз арзёбӣ шудаанд.

## 6.2. Қонунгузорӣ ва сиёсат

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Қонунгузорон ва сиёсатандешон бояд дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ мавҷудияти таърифи ЗҶГ ва низомнома дар бораи манъи ЗҶГ дар ҶМО-ро таъмин намоянд. Онҳо инчунин бояд қонунҳо, сиёсатҳо ва расмиёти мавҷударо аз назари таҳлил баррасӣ намоянд, то соҳаҳоеро муайян кунанд, ки дар онҳо чораҳои пешгирӣ ва муҳофизат аз ЗҶГ метавонанд тақвият дода шаванд (аз ҷумла муқаррарот дар бораи тадбирҳои алтернативие, ки ба маҳрумкунӣ аз озодӣ вобаста нестанд).

- ✓ Қонунгузорӣ бояд тартиби тафтиш ва таъқиби ҷиноиро барои содир кардани ЗҶГ дар ҶМО танзим кунад, дар айни замон барои кирдорҳои ин гуна зӯроварӣ бояд ба ҷавогарӣ ба ҳамон тартибе кашида шаванд, ки агар фарзан онро дар берун содир мекарданд.

Идоракунии маҳбасҳо бояд дар асоси принсипи волоияти қонун ва тибқи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон сурат бигирад. Қонунгузорӣ, сиёсат ва расмиёти ҷиноии миллӣ бояд тадбирҳои зарурии ҳимоят аз ЗҶГ ва ҷубронро ба ҷабрдидагон,новобаста аз он ки зӯроварӣ дар куҷо содир шудааст, пешбинӣ намоянд. Бояд стратегияҳои мувофиқашуда ва ҳуҷҷатгузоришуда, ки пай дар пай дар ҳама ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бо мақсади пешгирӣ ва бартараф кардани ЗҶГ татбиқ карда мешаванд, инчунин қоидаҳои дақиқе, ки ба кормандон муносибати бераҳмона бо маҳбусонро манъ мекунанд, вуҷуд дошта бошанд. Аз рӯи шикоятҳо аз болои ЗҶГ бояд тафтишоти зарурӣ анҷом дода шуда, гунаҳкорон барои вайрон кардани қонун ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

### 6.2.1. Қонунгузории миллӣ

Қонунҳои миллӣ, ки мушкилоти ЗҶГ-ро дар ҶМО баррасӣ мекунанд, бояд меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсонро оид ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии зӯроварӣ бар асосӣ гендерӣ инъикос кунанд. Тавсияҳои муфидро оид ба мутобиқ кардани қонунгузорӣ ба меъёрҳои ҳатмии байналмилалӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ ва стратегии байналмилалӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо зӯроварӣ нисбат ба занон пайдо кардан мумкин аст. Ин меъёрҳо бояд риоя карда шаванд ва дар баъзе мавридҳо дар умум метавонанд дар қонунҳо оид ба зӯроварӣ бар асоси гендерӣ истифода шаванд[236].

Мушкилоти ЗҶГ-ро дар қонунгузорӣ бо усулҳои гуногун инъикос кардан мумкин аст: масалан, давлатҳо метавонанд қонунҳои махсусеро қабул кунанд, ки ба мушкилоти ЗҶГ комилан бахшида шудаанд, ё ба қонунгузории мавҷуда тағйироти зарурӣ ворид намуда, бо ҳамин онро дар ин бахш қавитар намоянд. Ба ғайр аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, барои пушонидани хисороти ҷабрдидагон механизмҳои ҷуброн карданро дар доираи қонунгузории ҳуқуқи шаҳрвандӣ низ истифода кардан мумкин аст.

#### Хусусиятҳои асосии қонунгузории босамар

* Эътироф кардани ЗГ ҳамчун як шакли табъиз бар асоси гендерӣ, вайронкунии ҳуқуқи инсон ва зуҳуроти нобаробарии гендерӣ.

* Равиши ҳамаҷониба ва байнисоҳавӣ, ки пешгирии зӯроварӣ, ҳимоят аз он ва дастгирии ҷабрдидагон, инчунин ҷазои мувофиқ додан ба гунаҳкоронро дар бар мегирад. Шахсоне, ки дар ҶМО кирдорҳои ЗҶГ-ро содир мекунанд, дар ҳолате ки худашон боздоштшуда ё маҳбус мебошанд, ба тавре ки ин агар ҷиноят дар озодӣ содир мешуд, бояд бо ҳамон тартиб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд

* Равиш/усули истифодашаванда бояд омили гендериро ба эътибор гирад ва онро нодида нагирад. Ин махсусан дар бахши ЗҶГ -и дар ҶМО содиршуда муҳим аст: дар қонун бояд пешбинӣ карда шавад, ки ҳам барои занон ва ҳам барои мардони ҷабрдида аз зӯроварӣ дар ин маврид тартиби махсус ва воситаҳои ҳимояте метавонанд пешбинӣ карда шаванд, ки ба мансубияти ҷинсии ҷабрдидагон вобаста мебошад.

236 Дастур оид ба таҳияи қонунгузорӣ доир ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбат ба занон, Ню Йорк, Созмони Милали Муттаҳид, 2010, https://www.un.org/womenwatch/daw/vaw/handbook/Handbook%20for%20legislation%20on %20VAW%20(English) ).pdf.

* Қонун бояд идораҳои соҳавиро вазифадор созад, ки оид ба рушд додани имконият ва иқтидорҳо фаъолиятро анҷом диҳанд, инчунин чораҳои махсуси вокунишро ба ЗҶГ пешбинӣ намояд (масалан, ташкил кардани шуъбаҳо ё судҳои махсус оид ба баррасии ҳодисаҳои ЗҶГ). Бояд қайд кард, ки қонунҳои миллӣ, ки мушкилоти ЗҶГ-ро дар бар мегиранд, бояд тавсифи дақиқи унсурҳои ҷиноятро дар бар гирифта, тартиби тафтиши таъқиби ҷиноии гунаҳкоронро танзим намоянд; дар айни замон онҳо бояд доираи васеътари танзимро фаро гиранд ва масъалаҳои марбут ба ҷамъоварии маълумот, арзёбӣ, омӯзиш ва маблағгузориро бояд дошта бошанд.

**Намунаҳои қонунгузорие, ки мушкилоти ЗҶГ-ро баррасӣ мекунанд**

**Албания.** Соли 2014 ҳукумати Албания ба қонунгузории миллӣ дар асоси Қоидаҳои Бангкоки СММ як қатор ислоҳоти ба омилҳои гендерӣ ҳассосро ворид кард. Чаҳорчӯби қонунии Албания[237] дерест, ки талаботи қатъӣ оид ба ҷудо нигоҳ доштани мардон ва занон дар ҶМО ва назорати занони маҳбусро аз ҷониби кормандони зан дар бар мегирад; тағйироти нав ӯҳдадории давлатро барои пешгирии ЗГ дар чаҳорчуби муқаррарот оид ба роҳ надодан ба табъиз пешбинӣ мекунад. Ба ғайр аз ин, ба ҳамаи ҷабрдидагон аз ЗГ пешниҳоди ҳимояти фаврӣ ва кӯмаки инфиродӣ, инчунин хидматрасонии тиббӣ, ки эҳтиёҷоти хосси гендерӣ, аз ҷумла ниёзҳои марбут ба тамоюли ҷинсӣ ва ҳувияти гендериро ба назар мегиранд, кафолат дода мешавад[238]. Тағйиру иловаҳое, ки қаблан ба Кодекси ҷиноятӣ дохил карда шудаанд, ба ҷои ҳабскунӣ роҳҳои алтернативии адои ҷазоро ба ҷабрдидагони ЗГ , аз ҷумла барои занони ҳомила ва занони кӯдаконашон то 10 сола ҳабси хонагиро пешбинӣ мекунад[239].

**Испания.** Дар соли 2004, дар Испания қонуне дар бораи чораҳои ҳамаҷониба оид ба муҳофизат аз зӯроварии гендерӣ қабул гардид,

237 Қонуни № 8328 аз 16 апрели соли 1998 «Дар бораи ҳуқуқи маҳкумшудагон ва ҳабсшудагон ва муносибат бо онҳо; Низомномаи маҳбасҳо, ки бо қарори Шӯрои Вазирон № 437 аз 20 майи соли 2015 тасдиқ карда шудааст, бо тағйирот; Низомнома дар бораи маҳбасҳо, ки бо қарори Шӯрои Вазирон № 303 аз 25 марти соли 2009 тасдиқ шудааст.

238 Jo Baker and DIGNITY, Women in Detention in Albania, Needs, vulnerabilities and good practice, Занони боздоштшуда дар Албания: эҳтиёҷот, осебпазириҳо ва таҷрибаи пешқадам, Институти DIGNITY Danish Institute Against Torture, 2015, саҳ. 22-23, https://dignity.dk/wp-content/uploads/pubseries_no10.pdf.

239 Дар ҳамон ҷо, саҳ. 21. Бояд қайд кард, ки хабарҳо дар бораи он мавҷуданд, ки ин муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ ҳанӯз пурра амалӣ нашудаанд.

ки аз ҷониби ҳукумат таҳия шуда буд. Ҳадафи қонун –ҷорӣ намудани муносибати ҳамаҷониба ва байнисоҳавӣ ба мушкилоти ЗГ мебошад. Қонуни мазкур ЗГ-ро ҳамчун шакли алоҳидаи зӯроварие муайян менамояд, ки ҷузви табъизро дар бар мегирад. Барои ҳалли мушкилоти ЗГ таъсис додани мақоми махсус — Шуъбаи марказии полис оид ба корҳои оила ва занон дар назар дошта шудааст. Илова бар ин, қонун вазифаи прокурори махсус оид ба зӯроварӣ нисбат ба занон ва судҳои махсуси дорои салоҳияти ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ, инчунин шабакаи шуъбаҳои кумак ба ҷабрдидагонро ҷорӣ мекунад. Дар он инчунин талабот оид ба ҳамоҳангсозии зичи фаъолияти ҳамаи соҳаҳои ҷалбшуда (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, прокуратура, коршиносони криминалистӣ, равоншиносон, судҳо ва ғайра) пешбинӣ шудааст. Дар доираи амали қонун ҳолатҳои зӯроварии гендерие, ки дар ҷомеа ва дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ содир карда мегарданд, фаро гирифта мешавад[240].

**Иёлоти Муттаҳида.** Якчанд гурӯҳҳои ҳифзи ҳуқуқ аз номи ҷабрдидагони ЗҶГ бар зидди ҳукуматҳои иёлот барои рафъи таҷовузи шаҳвонии паҳншуда аз ҷониби кормандон дар ҷойҳои боздошт, аз ҷумла чораҳои пешгирӣ, ошкор кардани чунин зӯроварӣ ва муҷозот додан барои он даъво пешниҳод карданд. Маъмулан, ба чунин парвандаҳо ворид кардани шумораи зиёди ҷабрдидагон ва баррасии эпизодҳои зиёди зӯроварӣ, ки дар тӯли якчанд сол такрор карда мешаванд, хос аст. Дар натиҷаи даъвоҳои шаҳрвандии дастаҷамъӣ маъмурияти маҳбасҳо маҷбур шуданд, ки ислоҳоти ҷиддиро анҷом диҳанд ва ба ҷабрдидагони ЗГ ҷуброни пулӣ диҳанд[241].

240 Маълумот дар бораи Қонуни органикӣ 1/2004 оид ба чораҳои маҷмуии муҳофизат аз зӯроварии гендерӣ моҳи декабри соли 2016 аз ҷониби Алба Аркерос Торнос, нозири калони Шӯъбаи марказии полис оид ба кор бо оила ва занон ба ДНДҲИ пешниҳод карда шуд. Маълумот дар бораи Қонуни органикӣ 1/2004 оид ба чораҳои маҷмуи муҳофизат аз моҳи декабри соли 2016 аз ҷониби Алба Аркерос Торнос, нозири калони Шӯъбаи марказии полис оид ба кор бо оила ва занон ба ДНДҲИ пешниҳод карда шуд..

241 Масалан, соли 2010, Департаменти муассисаи ислоҳотии иёлати Вашингтон дар асоси даъвои панҷ зани маҳбус (аз ҷумла заноне, ки адои ҷазо мекунанд ва ҳам заноне, ки кайҳо озод шуданд) созиши тосудӣ баст, ки дар он вай розӣ шуд, ки дар омӯзиши кадрҳо, пешниҳоди шикоятҳо ва гузарондани санҷиши шикоятҳо, таҳияи дастурҳои нав барои кормандон ислоҳот гузаронад ва 1 миллион доллар ба сифати ҷуброни зарар пардохт намояд. Дар соли 2011, Департаменти муассисаҳои ислоҳотии Делавэр розӣ шуд, ки 287 000 доллари амрикоиро ба сифати ҷубронпулӣ аз рӯи даъво бо шарти он супорад, ки дар давоми сол омӯзиши кормандон ва расмиёти огоҳонидани маҳбусон аз ҳуқуқҳои онҳо беҳтар карда шуда , инчунин чораҳои амниятӣ такмил дода шаванд

## *Баррасии мисоли мушаххас*: Қонун дар бораи барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо (Иёлоти Муттаҳида)

Дар соли 2003 Конгресси Иёлоти Муттаҳида якдилона Қонун дар бораи барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо (Prison Rape Elimination Act – PREA)-ро қабул кард, ки ин аввалин қонуни федералии ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар бораи барҳамдиҳии зӯроварии шаҳвонӣ дар ҶМО-и Иёлоти Муттаҳида мебошад[242]. Қабули қонуни мазкур натиҷаи таҳқиқот ва талошҳои даҳсолаҳои созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони ҷабрдида аз таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо аст; он инчунин ба ҳолатҳои ба тафсил ҳуҷҷатгузоришудаи ҳодисаҳои таҷовузи шаҳвонӣ дар маҳбасҳои Иёлоти Муттаҳида такя кардааст[243]. Амали қонуни PREA аксари боздоштгоҳҳои маҷбурӣ, аз ҷумла маҳбасҳои федералӣ ва маҳбасҳои иёлот, боздоштгоҳҳо, камераҳои нигоҳдории муваққатии полис (утоқҳо барои боздошти муваққатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мешаванд), марказҳои боздоштгоҳи қонуншиканҳои ноболиғ, маҳбасҳои хусусӣ муассисаҳои ислоҳии ҷомеавӣ (масалан, марказҳои офиятбахшӣ) ва марказҳои боздошти муҳоҷиронро фаро мегирад. Амали PREA ҳодисаҳои таҷовузи шаҳвонӣ, ки байни маҳбусон содир шудааст ва амалҳои зӯроваронаи моҳияти шаҳвонидоштаро, ки аз ҷониби кормандон содир мешавад, низ дар бар мегирад.

PREA якчанд механизмҳоро барои мубориза бар зидди зӯроварии шаҳвонӣ дар маҳбасҳо пешниҳод мекунад:

1. *Фармоишҳои қонунгузорӣ*. Қонуни мазкур талаб мекунад, ки дар ҳама ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, ки ба доираи амали он дохил мешаванд ва мехоҳанд гирифтани маблағгузории федералиро идома диҳанд, принсипи таҳаммулнопазирии мутлақ ба зӯроварӣ татбиқ карда шавад ва маҷмуи пурраи дастурҳо ва тадбирҳои амалии дахлдор, ки бо санадҳои меъёрии федералӣ пешбинӣ шудаанд, қабул гарданд.

2. *Омӯзиши масъала*. Мутобиқи PREA Комиссияи миллӣ оид ба барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо (NPREC) – комиссияи федералиро бо иштироки намояндагони ду партия таъсис дод, ки вазифаи он аз таҳлили маҷмуии қонунгузорӣ ва далелҳои воқеӣ оид ба мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ дар маҳбасҳо ва таҳияи стандартҳои миллӣ иборат буд[244]. Соли 2009 Комиссия гузорише нашр

242 Матни пурраро нигар дар суроғаи: https://www.gpo.gov/fdsys/pkg/PLAW-108publ79/pdf/PLAW-108publ79.pdf (англ.).

243 Масалан, соли 2001 Созмони Human Rights Watch (HRW, Дидбони ҳуқуқи башар як нашрияи «Халосӣ нест: таҷовуз ба номуси мардон дар маҳбасҳои Иёлати Муттаҳида»- ро дар ҳаҷми 378 саҳифа нашр кард. Он гузоришест, ки маълумоти аз 200 маҳбус дар 34 иёлот гирифташуда ва инчунин натиҷаҳои пурсишҳоро, ки аз ҷониби маъмурияти маҳбасҳои иёлат гузаронида шудаанд, дар бар мегирад,. HRW низ якчанд гузориш дар бораи мушкилоти зӯроварии шаҳвонии нисбат ба занони маҳбус аз ҷониби нозирони маҳбасҳо содиршударо нашр кардааст.

244 Маълумоти нисбатан муфассалро дар бораи Комиссия аз суроғаи зер пайдо кардан мумкин аст: http://nicic.gov/preacommission (англ.).

кард, ки дар асоси он Вазорати адлия дар соли 2012 «Меъёрҳо (стандартҳо)-и миллӣ дар соҳаи пешгирӣ, ошкор кардан ва барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо»-ро қабул кард[245].

3. *Ҷамъоварии маълумот, таҳқиқот ва додани иттилоот.* PREA Бюрои федералии омор дар соҳаи адлия (Bureau of Justice Statistics – BJS)-ро ӯҳдадор мекунад, ки ҳар сол назарсанҷӣ (пурсишҳо) ва таҳқиқотро оид ба паҳншавӣ ва оқибатҳои зӯроварии ҷинсӣ дар ҶМО гузаронад ва натиҷаҳои онҳоро таҳлил кунад. Бюро фаъолияти худро дар доираи Барномаи махсуси миллӣ оид ба ҷамъоварии омори таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо анҷом медиҳад. Илова бар омӯзиши санадҳои идорӣ, барнома барои ҷамъоварии маълумот чаҳор тартиби махсусро истифода мебарад: пурсиши ҷабрдидагон аз зӯроварии шаҳвонӣ, пурсиши миллии маҳбусон, пурсиши миллии маҳбусони ҷавон ва пурсиши миллии собиқ маҳбусон[246]. Мувофиқи PREA инчунин Гурӯҳи коршиносон оид ба таҳлили вазъияти марбут ба таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо таъсис дода шуд, ки ба сохтори Вазорати адлия дохил мебошад. Гурӯҳ бахшида ба се муассисаи аз нуқтаи назари омор бадтарин дар робита ба зӯроварии ҷинсӣ ва ду муассисаи омораш беҳтарин, ки тавассути пурсишҳои Бюрои омор дар соҳаи адлия муайян карда шудаанд, муҳокимаҳои ҷамъиятӣ мегузаронад. Ҳадаф аз муҳокимаи ҷамъиятӣ «муайян намудани хусусиятҳои умумии муассисаҳои ислоҳӣ аст, ки дар он ҷо зӯроварии ҷинсӣ паҳн шудааст ва тавсифоти умумии муассисаҳое, ки бомуваффақият ин намуди зӯровариро пешгирӣ мекунанд»[247]. Прокурори генералӣ ҳар сол ҳисоботро дар бораи фаъолияти Бюро ва Гурӯҳи коршиносон ба Конгресс ва Вазорати тандурустӣ ва таъмини иҷтимоӣ пешниҳод мекунад.

4. *Пешгирӣ, тафтишот ва таъқиби ҷиноӣ.* Мутобиқи PREA дар назди Институти миллии низоми муассисаҳои ислоҳӣ маркази миллии коркард ва паҳнкунии иттилоот таъсис дода шуд, ки ҷамъоварии захираҳои иттилоотӣ ва ҳуҷҷатҳои роҳнамоиро барои мақомоти давлатие анҷом медод, ки барои пешгирии зӯроварии ҷинсӣ дар маҳбасҳо ва инчунин тафтиши чунин ҳодисаҳои зӯроварӣ ва ҷазо додан барои он масъуланд[248]. Маркази захиравии миллӣ ҷойи маҳфуз доштани иттилоот дар бораи таҳқиқотҳо, стандартҳо ва таҷрибаҳои хуб; маводи омӯзишӣ, дастурҳои техникӣ ва дастурҳои гузарондани санҷишҳо ва нозирот мебошад[249].

---

245 28 C.F.R. Part 115. Меъёрҳо (стандартҳо)-и миллиро аз суроғаи зер пайдо кардан мумкин аст: http://ojp.gov/programmes/pdfs/prea_final_rule.pdf (англ.).

246 Prison Rape Elimination Act (Sexual Victimization in Correctional Facilities) [Қонун дар бораи барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо (зӯроварии шаҳвонӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ)], Bureau of Justice Statistics, http://www.bjs.gov/index.cfm?ty=tp&tid=20.

247 The Prison Rape Elimination Act Fact Sheet [Маълумотнома ба Қонун дар бораи барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо], Just Detention International, 2009, http://justdetention.org/wp-content/uploads/2015/10/FS-The-Prison-Rape-Elimination-Act.pdf.

248 Prison Rape Elimination Act (PREA) [Қонун дар бораи барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо], United States Department of Justice National Institute of Corrections, https://nicic.gov/prison-rape-elimination-act-prea.

249 Нигар веб-сомонаи Маркази миллии захираҳои ра PREA: https://www.prearesourcecenter.org (англ.).

Дар доираи PREA Институти миллии низоми муассисаҳои ислоҳӣ вазифадор аст, ки барои мақомоти маҳбасҳои сатҳи федералӣ ва сатҳи иёлотӣ ва инчунин барои роҳбарияти муассисаҳои пенитенсираии сатҳи маҳаллӣ барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ гузаронад.

5. *Барномаҳои грантӣ ва маблағгузорӣ.* Қонуни PREA ҷудо кардани маблағҳои федералиро дар шакли грантҳо барои мусоидат ба ҳукуматҳои иёлот ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва инчунин муассисаҳои маҳбасҳо барои иҷрои талаботи дар қонун ва стандартҳои миллӣ мавҷуда пешниҳод мекунад. Тибқи иттилои PREA, штатҳое, ки меъёрҳои миллиро комилан риоя намекунанд, 5%-и ҳама гуна грантҳоеро, ки онҳо метавонанд дар доираи барномаҳо барои маҳбасҳо дарёфт кунанд, аз даст медиҳанд.

6. *Назорат ва санҷишот.* Меъёрҳои миллӣ аз ҳамаи муассисаҳое, ки ба онҳо қонуни PREA татбиқпазир аст, талаб мекунанд, ки ҳар се сол санҷиши мустақилонаро анҷом диҳанд. Чунин санҷишҳо бо истифода аз яке аз чаҳор усулҳои имконпазир (барои маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои калонсолон, муассисаҳои боздоштгоҳи муваққатӣ, муассисаҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳо барои қонуншиканҳои наврас), ки аз ҷониби Маркази миллии захираҳои PREA ва Вазорати адлия таҳия шудаанд, гузаронида мешаванд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин хусусиятҳои PREA он аст, ки қонуни мазкур ба таври возеҳ талаб мекунад, ки зӯроварии шаҳвонӣ дар ҶМО ҳамчун вайронкунии ҳуқуқи инсон баррасӣ карда шавад. Вай ЗҶГ-ро, ки қаблан падидаи пинҳонӣ буд, ҳамчун як мушкилоти васеъ паҳншуда эътироф мекунад. Қонуни мазкур ва меъёрҳо (стандартҳо)-и миллии мувофиқ ба таҷрибаҳои пешқадам асос ёфтаанд ва ба тағйир додани сиёсатҳо ва тартиботу расмиёт равона карда шудаанд. Дар ин кор меъёрҳои миллӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоии оғозкунӣ хизмат мекунанд ва муассисаҳои ислоҳӣ бошанд, барои ҷорӣ намудани усулҳои навоварона ҷиҳати ҳимояти боздоштшудагон ва маҳбусон, инчунин паҳн намудани иттилоот дар бораи равишҳои самарабахш ҳавасманд карда мешаванд.

Дар баробари ин коршиносон ба як қатор масъалаҳои мураккабе ишорат мекунанд, ки роҳи ҳалли худро наёфтаанд. Дар баъзе мавридҳо ба ҷавобгарӣ кашидани маҳбасҳо барои иҷро накардани талаботи PREA ва меъёрҳо (стандартҳо)-и миллӣ кори осон набудааст. Масалан, соли 2014, губернатори иёлати Техас изҳор дошт, ки Департаменти адлияи ҷиноии Техас талаботи PREA-ро риоя намекунад, гарчанде ки дар ин иёлот тибқи назарсанҷиҳои федералӣ «яке аз баландтарин нишондиҳандаҳои сатҳи зӯроварии шаҳвонӣ дар кишвар» вуҷуд дошт250. PREA ҳуқуқи пешниҳоди даъворо барои шахсони алоҳида баррасӣ намекунад, вале ҳуқуқҳои

250 Ignoring Human Rights Crisis, Governor Perry Says Texas Won't Adopt PREA Standards [Бӯҳронро дар соҳаи ҳуқуқи инсон нодида гирифта, губернатор Перри гуфт, ки Техас меъёрҳои PREA-ро қабул намекунад], Just Detention International, 31 March 2014, http://justdetention.org/ignoring-human-rights-crisis-governor-perry-says-texas-wont- adopt-prea-standards/#search.

конститутсионии маҳбусонро (ки бо ислоҳи ҳаштум ҳуқуқи дучор нашудан ба «ҷазои бераҳмона ва ғайриоддӣ» пешбинӣ мешавад) ҳифз мекунад. Қонуни ҷазоии Иёлоти Муттаҳида аз мавҷуд набудани истифодаи пай дар пайи PREA дар судҳо ҳангоми баррасии даъвоҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ далолат мекунад251. Ба ғайр аз такмил додани механизмхои ба ҷавобгарӣ кашидани муассисаҳое, ки талаботи пешбинишударо риоя намекунанд, бояд тартиботи назорати мустақил пурзӯр карда шавад. Аз ҷумла, зарур аст, ки дастрасии аҳли ҷомеа ба ҳисоботҳо оид ба тафтишот беҳтар карда шавад, инчунин андешаи ҷабрдидагон ҳамчун як қисми кӯшишҳои ҷорӣ оид ба пешгирии ЗҶГ бояд ба эътибор гирифта шавад.

---

## 6.2.2. Абзорҳои сиёсӣ

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд сиёсати идоракуние татбиқ карда шавад, ки ҷанбаҳои гендериро ба назар мегирад, инчунин кодекси рафтори кормандон бояд ҷорӣ карда шавад; ин ҳуҷҷатҳо барои роҳ надодан ба ЗҶГ равона карда шуда, бояд принсипи таҳаммулнопазирии мутлақро нисбат ба зӯроварӣ ва табъиз пешбинӣ кунанд.
- ✓ Заминаи сиёсӣ бояд доираи васеи масъалаҳои марбут ба ЗҶГ, аз ҷумла ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, омӯзиш ва маблағгузорӣ, инчунин эътирофи он далелро инъикос ва танзим намояд, ки ҳам занон ва ҳам мардони метавонад ҷабрдида бошанд ; дар айни замон имконияти истифодаи тартибот (расмиёт)-и махсус ё воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки ба мансубияти гендерии ҷабрдидагон вобаста аст, бояд пешбинӣ карда шавад.
- ✓ Ҳангоми таҳияи сиёсат ва ҳуҷҷатҳои роҳнамо оид ба масъалаҳои қонеъ кардани ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазир, бо ташкилотҳои дахлдор машварат кардан зарур аст.

251 Viktoria Kristiansson, Justice for Victims Behind Bars: Improving the Response to Cases of Sexual Abuse in Confinement [Адолат барои ҷабрдидагон дар маҳбасҳо: беҳтар кардани тадбирҳои вокуниш ба зӯроварии шаҳвонӣ дар шароити маҳбас], Aequitas, 2014, https://www.prearesourcecenter.org/sites/default/files/library/justiceforvictimsbehindbars-improvingtheresponsetocasesofsexualabuseinconfinement.pdf.

Чораҳои сиёсӣ барои татбиқи қонунгузорӣ ҷиҳати пешгирӣ, ошкор кардан, шинохтан ва барҳам додани ЗҶГ заруранд. Дар ин бахш абзорҳои сиёсие баррасӣ мешаванд, ки онҳо метавонанд барои ҳалли мушкилоти ЗҶГ истифода шаванд.

Сиёсат дар ин соҳа метавонад шаклҳои гуногун дошта бошанд, аз қабили, масалан, стратегияҳо, кодексҳои ахлоқ, меъёрҳо (стандартҳо)-и касбӣ, принсипҳои роҳнамо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти иҷрои ҷазоҳо, расмиёти тафтиши даъвоҳо оид ба ЗҶГ ва инчунин қоидаҳои дохилӣ, ки ба масъалаҳои мушаххаси бехатарӣ ё омилҳои хавф марбутанд. Қоидаҳои кори муассисаҳои ислоҳӣ бояд принсипи таҳамулнопазирии мутлақро нисбат ба ЗҶГ дар ҳамаи шаклҳои он равшан ва возеҳ муқаррар кунанд.

Қоидаҳо бояд ҳамаҷониба бошанд ва эҳтиёҷот бар асоси гендерии занон ва мардон, инчунин ҷанбаҳои дигари шахсияти боздоштшудагон/маҳбусон, масалан, синну сол, мансубияти этникӣ ва дину мазҳабро ба инобат гиранд. Онҳо инчунин бояд рафтор ва ӯҳдадориҳои кормандонро танзим кунанд. Мутобиқи Қоидаҳои Бангкок, «принсипҳо ва қоидаҳои возеҳ нисбат ба рафтори кормандони муассисаи ислоҳӣ, ки ба таъмини муҳофизати ҳадди аксари занони маҳбус аз ҳама гуна зӯроварӣ, таҳқири ҷисмонӣ ё лафзӣ, таҷовуз ва озори ҷинсӣ вобаста ба ҷинс нигаронида шудаанд, бояд таҳия ва татбиқ карда шаванд»[252].

Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба дастгирии тартиботи ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, ӯҳдадории давлатҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии ҳар як шахс ва манъи «содир кардан, таҳрик додан ё таҳаммул карданро нисбат ба ҳама гуна кирдори иборат аз шиканҷа ё дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф» муқаррар мекунад»[253]. Дар раванди мубориза бар зидди ЗҶГ Принсипҳои этикаи тиббии аз ҷониби СММ қабулшуда, ки нақши кормандони соҳаи тиб, бахусус табибонро дар ҳифзи маҳбусон ва боздоштшудагон аз шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф муайян мекунад, низ муҳиманд. Дар Принсипи 2 аз ҷумла чунин зикр мешавад: «Мутахассисони соҳаи тандурустӣ, бахусус табибон, агар онҳо фаъолона ё ғайрифаъолона ба амалҳое аз қабили расондани шиканҷа, дигар муомила ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, ё ташвиқ ба содир кардани онҳо ё кӯшиши содир кардани онҳо» иштирок кунанд ё шарикӣ намоянд, пас онҳо одоби тиббиро дағалона вайрон карда, инчунин тибқи санадҳои байналмилалии татбиқшаванда ҷиноят содир мекунанд»[254].

---

252 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 31.

253 Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба дастгирии тартиботи ҳуқуқӣ УВКПЧ СММ, 17 декаби с. 1979 , https://www. un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/code_of_conduct.shtml.

254 Принципҳои этика (ахлоқ)-и тиббӣ, ки ба нақши кормандони тандурустӣ, хусусан духтурон дар ҳимояи шахсони маҳбус ва боздоштшуда аз шиканҷа ва дигар муносибатҳо ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф мансуб аст. УВКПЧ СММ, 18 декабри с. 1982, https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/medical_ethics_principles.shtml.

Давлатҳо бо мақсади пешгирӣ ва барҳам додани ЗҶГ тадбирҳои зиёди сиёсиро татбиқ мекунанд. Дар баъзе кишварҳо муносибати умумӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ қабул карда шудааст, ки аз ҷумла танзими масъалаҳои пешгирӣ ва барҳам додани ЗҶГ-ро дар бар мегирад. Дар дигар кишварҳо қоидаҳои дохилӣ амал мекунанд, ки нисбат ба ҷанбаҳои мушаххаси системаи ислоҳӣ татбиқ мешаванд.

## Намунаҳои абзорҳои сиёсӣ барои пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ

**Австрия.** НМҲҲ-и Австрия ба муассисаҳои ислоҳӣ тавсия додааст, ки қоидаҳои мубориза бар зидди озори ҷинсӣ, аз ҷумла манъи овехтани аксҳои занони бараҳна дар утоқҳои кормандон (ҳамчун воситаи пешгирии таҳдидҳо дар ҷои кор ба мустақилияти ҷинсӣ, тамомияти ҷинсӣ ва дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсии кормандон)-ро таҳия кунанд[255].

**Канада.** Гарчанде ки Канада стратегияи умумии пешгирии ЗҶГ-ро дар маҳбасҳои федералӣ надорад, Қонун дар бораи тадбирҳои ислоҳӣ ва озодкунии шартии пеш аз муҳлат[256], ки фаъолияти низоми федералии иҷрои ҷазоро танзим мекунад ва дастурҳои Ваколатдор оид ба корҳои хадамоти маҳбасҳо[257], қоидаҳо ва роҳнамоии мурофиавиро оид ба як қатор масъалаҳо қабул кардааст. Дастурамалҳо тавсифи вазифаҳо ва расмиёт, таърифҳо ва истинодҳои муштарак, инчунин нақшаҳо ва номгуи масъалаҳои назоратиро дар бар мегиранд. Ҳуҷҷатҳои мазкур тартибу дастурҳои масъалаи барҳамдиҳии мубориза бо ЗҶГ, тафтиши ҳодисаҳо, баррасии шикоятҳои маҳбусон, ҷойгир намудани маҳбусон, гузаронидани тафтишоту кофтуков дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ (бо истинод ба дастурҳои кормандон оид ба муносибат бо занони қонуншикан), муайян намудани ниёзи маҳбусон ҳангоми қабули онҳо ба муассиса ва кор бо маҳбусони гирифтори ихтилоли ҳувияти ҷинсиро дар бар мегиранд.

**Малта.** Соли 2016 Хадамоти муассисаҳои ислоҳии Малта қоидаҳои хаттӣ (бо номи «Қоидаҳои муомила бо маҳбусони трансгендер,

---

255 Annual Report 2015 on the activities of the Austrian National Preventive Mechanism, ос. зикршуда, варақи 210, с. 171.

256 Corrections and Conditional Release Act (S.C. 1992, c. 20) [Қонун дар бораи чораҳои ислоҳӣ ва озодшавии шартии томӯҳлат], Government of Canada, http://laws-lois.justice.gc.ca/eng/acts/C-44.6/.

257 Commissioner's Directives, Correctional Service Canada [Дастурамалҳои Комиссар, Хадамоти пенитенсиарии Канада], http://www.csc-scc.gc.ca/acts-and-regulations/005006-0001-eng.shtml.

интерсексуал ва маҳбусони ҳувияти ҷинсиашон тағйирёбанда»)[258] қабул кард ва дар он ҳамзамон бо муқаррароти дигар, аз ҷумла расмиётеро шарҳ дод, ки мақомоти давлатӣ ҳангоми аз озодӣ маҳрум сохтани трансгендерҳо, интерсексуалҳо ва шахсони дорои ҳувияти ҷинсии тағйирёбанда бояд онро риоя кунанд»[259]. Ин қоидаҳо «ба ҳама маҳбусон муносибати одилона ва роҳ надодан ба табъиз ё таъқиб бар асоси ҳувияти гендерӣ, зуҳуроти шахсии гендерӣ ва/ё хусусиятҳои ҷинсиро бояд таъмин кунанд». Онҳо инчунин ба он равона карда мешаванд, ки маҳбусони трансгендер, интерсексуал ва ҳувияти ҷинсиашон тағйирёбанда ба «табъиз, таъқиб, виктимизатсия (ҷабрпазирӣ), озордиҳӣ ё зӯроварии эмотсионалӣ, ҷисмонӣ ва/ё лафзӣ» дучор нашаванд. Дар қоидаҳо оид ба расмиёти мухталифи марбут ба ҳабс дар маҳбас: тартиби қабул ба муассиса, кофтукови шахсӣ, қоидаҳои истифодаи душ, қоидаҳои истифодаи либос ва дастрасӣ ба хидматҳои дигар дастурҳои муфассал дода мешавад. Дар робита ба ҷойгиркунонии маҳбусон дар қоидаҳо қайд карда мешавад, ки маҳбусони трансгендер бояд дар бахши мардона ё занона мувофиқи аломатҳои гендериашон ҷойгир карда шаванд, аммо агар хатарҳои асоснок ба амнияти онҳо вуҷуд дошта бошанд, интиқол ба ҷои дигарро (агар ба назар намояд, ки маҳбус метавонад зери хатари зӯроварии шаҳвонӣ ё муомилаи зӯроварона қарор гирад) баррасӣ кардан мумкин аст.

**Норвегия.** Дар Норвегия дар Гузориши парлумонии № 37 панҷ принсипи асосӣ муайян карда шудааст, ки онҳоро бояд Хадамоти маҳбасҳои Норвегия дар фаъолияти худ риоя кунанд[260]:

- (1) иҷрои ҷазо бо тарзе, ки ба ислоҳи ҷинояткорон ва коҳиши такрории ҷиноят мусоидат мекунад;
- (2) муносибат бо маҳбусон дар асоси принсипи башардӯстона;
- (3) риоя кардани принсипҳои расмиёти ҳуқуқии мувофиқ ва муносибати баробар;

258 Trans, Gender Variant & Intersex Inmates Policy [Қоидаҳои муомила бо маҳбусони трансгендер, интерсексуал ва маҳбусони ҳувияти гендериашон тағйирёбанда], Correctional Services of Malta, 2016, https://homeaffairs.gov.mt/en/media/Policies-Documents/Pages/-Trans-Gender-Variant—Intersex-Inmates-Policy.aspx.

259 Дар ҳамон ҷо .

260 Ин панҷ принсип дар Гузориши парлумони № 37 с.2007-2008. «Ҷазое, ки таъсир мекунад –ҷазо камтар – ҷомеа нисбатан бехатар»оварда шудааст. Шарҳи кӯтоҳи санадро ба забони норвегӣ ва забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ дар суроғаи зерин пайдо кардан мумкин аст: http://www.kriminalomsorgen.no/propositions-to-the- storting.112048.en.html.

- (4) принсипе, ки мувофиқи он маҳкумшудагон баробари ба охир расидани мӯҳлати ҷазо қарзи худро дар назди ҷомеа пардохткарда маҳсуб мешаванд;

- (5) принсипи «мутобиқат ба шароити муътадил» барои боздоштгоҳҳо ва ҷойҳои ҳабс.

«Мувофиқат ба шароити муътадил» маънои зеринро дорад:

- (1) маҳдудияти озодӣ –ин ягона ҷазо барои маҳбус аст ва ҳангоми баровардани ҳукм суд набояд ягон ҳуқуқҳои дигари ӯро маҳдуд кунад;

- (2) маҳрумият аз озодӣ –ин ҷазои воқеӣ аст ва аз ин рӯ, ҳабс «набояд вазнинтар аз талаботи масъалаҳои амниятӣ бошад»;

- (3) ҳангоми адои ҷазо ҳаёт дар муассисаи ислоҳӣ бояд то ҳадди имкон ба ҳаёт дар озодӣ шабоҳат дошта бошад[261].

Дар якҷоягӣ ин панҷ принсип ба таъмини амният дар муассисаҳои низомии ислоҳӣ мусоидат мекунанд. Хадамоти пенитенсиарӣ «бояд нагузорад, ки маҳбусон тахти фишор, таҳдид, зӯроварӣ ва назорати иҷтимоии маҳбусони дигар қарор гиранд» ва инро дар айни замон бо муқаррароти истифода накардани «чораҳои аз ҳад сахти амниятӣ нисбат ба маҳбусон ва шахсони маҳкумшуда» алоқаманд кунад[262].

Хадамот дар асоси принсипи «ҳеҷ кас набояд ҷазоро дар шароите адо кунад, ки сахтар аз зарурати воқеӣ аст» кор мекунад, ки ин бояд ба кам кардани таъсири манфии маҳрумият аз озодӣ ба шахсияти маҳбус мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, ҳамаи ин маънои онро дорад, ки ҳолатҳои зӯроварӣ, аз ҷумла ЗҶГ, аз ҳисоби коҳиши назарраси маҷбуркунӣ бояд хеле камтар рух диҳанд.

**Сербия.** Кодекси қоидаҳои хадамоти маҳбасии Сербия ин қоидаҳои дохилии меъёрии Хадамоти маҳбасҳо мебошанд, ки мувофиқи Қонун дар бораи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ қабул мешаванд. Онҳо тавсифи муфассали тартибот ва дастурҳои муассисаҳои ислоҳиро ҷиҳати бехтар кардани идоракунии хатарҳои амниятӣ ва пешгирии

261 Дар ҳамон ҷо , с. 9.

262 Дар ҳамон ҷо, с. 6.

ҳама шаклҳои зӯроварӣ, аз ҷумла ЗҶГ дар бар мегиранд. Ба ғайр аз масъалаҳои дигар, ин кодексҳо чизҳои зеринро танзим мекунанд:

- ҳуқуқҳои маҳкумшудагон, аз ҷумла ҳуқуқ ба муносибати инсондӯстона (махсусан ҳангоми тафтиши шахсӣ, кофтуков бо кашидани либос ва муоинаи тиббӣ);
- арзёбии хатарҳо ва тартиби тақсимот ва гурӯҳбандии маҳбусон, ки то ба ҳадди ақал расонидани хатари рафтори зӯроварона нигаронида шудааст;
- ҷойгиркунонии боздоштшудагон ва маҳкумшудагон;
- воситаҳои оромкунӣ ва шарту маҳдудиятҳои истифодаи онҳо;
- механизмҳои пешниҳод ва баррасии шикоятҳо[263].

### 6.2.3. Алтернативаҳо ба ҷоий ба ҳабс гирифтани шахсоне, ки зери хатар қарор доранд

► Маскав 1991: «Давлатҳои узв ( ) кӯшиш мекунанд, ки барои бехтар кардани шароите чораҳо андешанд, ки дар он шахсон дар боздоштгоҳ ва маҳбас нигоҳ дошта мешаванд ; ()ба масъалаи истифодаи алтернатива бар ивази ҳабс диққати ҷиддӣ дода шавад».

Истифодаи алтернативаҳо ба ҷои ҳабси пешакӣ дар марҳилаи тосудӣ ва ҳангоми баровардани ҳукм, барои шахсони дар ҳолатҳои махсусан осебпазир ё зери хатари ЗҶГ қарордошта, метавонад як тадбири муҳими пешгирикунанда бошад. Барои арзёбии самараноки хатари ЗҶГ ҳамоҳангсозии босамари фаъолияти байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маҳбасҳо, хадамоти пробатсия (санҷиш) ва мақомоти судӣ оид ба масъалаҳои муайян кардани омилҳои хатар ва критеряҳои мувофиқ зарур аст (шуруъ аз амале, ки дар марҳилаи барвақтӣ аз ҷониби кормандони маҳбас анҷом дода мешавад).

263 Presentation by Mile Pavlović, Treatment Officer, Correction Facility for Adult Men in Niš, Serbia, Preventing and addressing sexual and gender-based violence in closed facilities, Expert practitioners' Meeting, OSCE/ODIHR, 17-18 October 2016, Warsaw [Рӯйнамои нозири муассисаи ислоҳӣ Миле Павлович барои мардони болиғ дар Нише (Сербия) дар ҷаласаи мутахассисони амалӣ дар мавзӯи «Пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида», ки аз ҷониби ДНДҲИ САҲА 17-18 октяби с. 2016 дар Варшава ташкил карда шудааст.

Ҳамоҳангсозӣ бояд то лаҳзаи баровардани ҳукм идома ёбад, то ки алтернативаҳои маҳрумият аз озодӣ барои ашхоси осебпазир баррасӣ шаванд ва ҳуқуқҳои ин шахсон дар баробари таъмини манфиатҳои адолат ҳимоя карда шаванд.

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Низомҳои мониторинг ва арзёбии истифодаи нигаҳдории дастгиршудагон ва ҳабси пешакӣ бояд ҷорӣ карда ё такмил дода шаванд; имкониятҳои ба кор бурдани тадбирҳоеро, ки ба маҳрумият аз озодӣ алоқаманд нестанд, махсусан нисбат ба гурӯҳҳое, ки метавонанд ба ЗҶГ осебпазир бошанд, баррасӣ кардан лозим аст.

- ✓ Критерияҳои стандартие бояд таҳия карда шаванд, ки онҳо ба полис ва мақомоти судӣ баррасӣ кардани истифодаи чораҳои алтернативӣ, аз қабили истифода кардани воситаҳои таъсириислоҳиро бар ивази татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, имкон диҳанд.

- ✓ Қонунгузорон бояд ба полис ва прокурорҳо додани ваколатҳоро ҷиҳати аз нав фиристодани шахсон аз низоми адлияи суди ҷиноятӣ ба дигар хадамот, бо дар назаргирии хусусият ва вазнинии қонунвайронкунӣ ва хатари эҳтимолии ҷабр дидан аз зӯроварӣ ҳангоми ҳузур доштан дар боздоштгоҳ, пешбинӣ намоянд. Бояд барои таҳияи алтернативаҳои қобили қабул барои шахсоне, ки дар хатар аз нуқтаи назари ЗҶГ қарор доранд (аз ҷумла онҳое, ки дар гузашта зӯровариро аз сар гузаронидаанд) захираҳо ҷудо карда шаванд. Дар байни чунин алтернативаҳо, агар зарур бошад, бояд тадбирҳои дастгирӣ ва ёрии равонӣ ташкил карда шаванд.

Қоидаҳои Бангкок робитаи байни зӯроварии аз сар гузаронидаи занон ва ҷиноятҳои содирнамудаашонро қайд намуда, талаб мекунанд, ки барои «таҳияи алтернативаҳои қобили қабул барои занони қонуншикан бо мақсади якҷоя кардани чораҳои ғайриҳабсӣ бо чораҳо барои ҳалли мушкилоти умумӣ, ки боиси тамоси занон бо низоми адлияи суди ҷиноятӣ мегарданд, захираҳо ҷудо карда шаванд. Ин метавонад курси табобат ва машваратро барои ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ ва таҷовузи ҷинсӣ; табобати мувофиқ барои шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ; ва барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ барои беҳтар кардани дурнамои ба кор даромаданро

дар бар гирад»[264]. Қоидаҳои Токио инчунин қайд мекунанд, ки принсипҳо ва кафолатҳои истифодаи чораҳое, ки бо маҳрумият аз озодӣ вобаста нестанд, бояд бидуни ягон табъиз татбиқ карда шаванд[265]. Адвокатҳои ҳимоят, прокурорҳо ва судяҳо бояд пешакӣ хатареро, ки ҷинояткор дар сурати ба ҳабс гирифтан метавонад ба ЗҶГ осебпазир шавад, арзёбӣ кунанд. Ин хатар ҳангоми муайян кардани зарурати воқеии татбиқи чораҳое, ки маҳрумият аз озодиро пешбинӣ мекунанд, ё ҳангоми ҷустуҷӯи алтернативаи қобили қабул, ки ҳамзамон ба манфиатҳои адолати судии ҷиноятӣ ҷавобгӯ мешавад, бояд ба назар гирифта шавад.

**Намунаи алтернатива ба ҷойи маҳбас**

**Швеция.** Соли 1999 дар Шветсия низоми назорати интенсивӣ (шадид) ва мониторинги электрониро нисбат ба шахсони ҷиноятҳои начандон вазнин содирнамуда, ки ба муҳлати на бештар аз 3 моҳ аз озодӣ маҳрум шудаанд, ҷорӣ кард. Ба ин гуна маҳкумшудагон имконият дода шуд, ки ҷазоро берун аз муассисаҳои ислоҳӣ адо кунанд. Ин муносибат имкон дод, ки ҳамасола 250-300 зан ба маҳбас наафтанд, зеро онҳое, ки дар акси ҳол ҳукми худро дар маҳбас баҷо меоваранд, ба ҷои он берун аз маҳбас адои ҷазо мекарданд[266]. Принсипи бунёдии низоми пенитенсиарии Шветсия барқароршавӣ (реабилитатсия) мебошад ва ба эҳтиёҷоти махсуси занон вобаста ба хусусияти ҷинояти занона, нақшҳои гендерӣ ва зӯроварии аз сар гузаронида бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад[267].

## 6.3. Амнияти статикӣ ва динамикӣ

Таъмини амният дар ҶМО чораҳои амниятии ҳам статикӣ (конфигуратсияи физикӣ ва инфрасохтори биноҳо, истифодаи воситаҳои техникӣ) ва ҳам динамикиро пешбинӣ мекунад. Татбиқи чораҳои бехатарии статикӣ ва динамикӣ дар чорчӯби равиши ягона ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ мусоидат мекунад ва инчунин ҷузви зарурии идоракунии хатарҳо ва пешгирии зӯроварӣ мебошад.

264 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 60.

265 Қоидаҳои Токио, б. 2.2.

266 Tamsyn Wilson, International Review of Custodial Models for Women: Key Messages for Scotland [Гузориши байналмалалии амсила (модел)-и нигоҳ доштани занон дар маҳбас: муқаррароти асосӣ барои Шотландия], Justice Analytical Services of the Scottish Government, 2015, p. 19.

267 Дар ҳамон ҷо.

### 6.3.1. Амнияти статикӣ

Тавсифоти статикии амнияти муассисаи навъи иншооти пӯшида, яъне меъморӣ ва инфрасохтор, бояд барои таъмини амнияти ҳамаи онҳое, ки метавонанд ҷабрдидаи ЗҶГ шаванд (пеш аз ҳама боздоштшудагон ва маҳбусон, инчунин кормандон, боздидкунандагон ва шахсони дигар), хидмат кунанд. Тарҳрезии ҷанбаҳои гендериро ба эътибор гиранда бояд ба маҳбусоне, ки дар гурӯҳи хатар аз нуқтаи назари ЗҶГ қарор доранд (аз ҷумла, ба занони боздоштшуда ва маҳбус, вале на фақат ба онҳо), дар дохили муассиса озодии пурраи ҳаракат, иштирок дар барномаҳо ва истифодаи хидматҳо бидуни ҳеҷ гуна хатари дар ҳолати осебпазирӣ қарор гирифтанро фароҳам оварад (масалан, таъмини дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ва ҳимояи шаъну шараф ва инчунин истиснои тамос байни занони маҳбус бо маҳбусон ва кормандони ҷинси мард).

Ҷудо нигоҳ доштани боздоштшудагон ва маҳбусони ҷинсҳои гуногунро тавассути лоиҳакашии меъмории биноҳо ба даст овардан мумкин аст, то ки ҳаддал имкон тамоси визуалӣ (чашм ба чашм) ё шунавоӣ пешгирӣ карда шавад. Масалан, тавсия дода мешавад, ки дохили бино тавре ба нақша гирифта шавад, ки занҳо дар роҳи рафтан ба утоқи таҳсил, кор ё истироҳат аз қисмати мардон нагузаранд[268].

Диққати махсус бояд ба он қисматҳои муассиса дода шавад, ки дар он ҷо ЗҶГ аз чашми дигарон дур мемонад, яъне мушоҳида намешавад. Ба онҳо ҷойҳои хоб, ҳоҷатхона ва ҳуҷраи душкунӣ дохил мешаванд. Назорати ин ҷойҳо бояд бо эҳтироми дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ анҷом дода шавад (масалан, дар ҳуҷраҳои душ деворчаҳо ҷойгир карда мешаванд ва танҳо сар ва пойҳо дар мадди назар қарор мегиранд). Ҳуҷраҳое, ки дар онҳо тафтишу кофтукови шахсӣ анҷом дода мешаванд, бояд тавре ташкил карда шаванд, ки «байни ҳифзи дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ва масъалаҳои амният мувозинат барқарор карда шавад ва ҳисси ба дом афтодан ё таъқиб ва зери хатар шуданро ба вуҷуд наоваранд»[269].

Низомҳои назорати видеоӣ метавонанд барои пешгирии ЗҶГ ва сабти далелҳо, дар сурати рух додани ЗҶГ, истифода шаванд. Дар айни ҳол, коршиносон қайд мекунанд, ки истифодаи назорати видеоӣ на танҳо манфиатҳои ошкоро медиҳад, балки бо хатарҳои муайяне низ вобастагӣ дорад, бахусус ҳангоми боздошт дар полис ва ҳангоми бозпурсӣ. Назорати видеоӣ танҳо вақте як ҷораи басамари пешгирии зӯроварӣ буда метавонад, ки агар он дар якҷоягӣ бо дигар тадбирҳо истифода шавад[270].

---

268 Technical Guidance for Prison Planning, United Nations Office for Project Services [Дафтари СММ оид ба хидматрасонӣ ба лоиҳаҳо, Роҳнамои техникӣ оид ба нақшагирии бинои муассисаҳои маҳбасӣ], 2016, с. 44.

269 Laura Maiello and Stephen Carter, ‘Minus the urinals and painted pink’? What should a women’s prison look like? [«Бе писсуарҳо ва бо ранги гулобӣ»? Маҳбаси занона чӣ гуна намуд бояд дошта бошад?] PRI blog post, 9 December 2015, https://www.penalreform.org/blog/10020/.

270 Ниг., масалан: Сабти видеоии мавриди нигоҳ доштан дар боздоштгоҳи полис: бартараф кардани омилҳои хатар барои пешгирии шиканҷа ва муносибати золимона (бюллетени иттилоотӣ), АПП/Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо, 2015.

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд то ҳадди имкон аз назорати видеоӣ истифода баранд, то ЗЧГ-ро пешгирӣ кунанд ё далелҳои ҳодисаҳоро сабт кунанд.
- ✓ Истифодаи назорати видеоӣ бояд дуруст танзим карда шавад ва риояи ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсиро комилан таъмин намояд.
- ✓ Назорати видеоӣ бояд танҳо барои мақсадҳои муҳофизатӣ ва тафтишотӣ истифода шавад ва набояд чораҳои динамикии амниятро иваз кунад.

Ҳангоми истифода аз назорати видеоӣ коршиносон тавсия медиҳанд, ки омилҳои муҳими зерин ба назар гирифта шаванд: ҷойгиршавии таҷҳизот (оё камераҳо ба «ҷои ноаён» –и мушоҳиданашаванда нигаронида шудаанд, ки дар он ҷо амалҳои ЗЧГ рух дода метавонанд ва оё онҳо дар айни замон кафолати дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф ва махфиятро медиҳанд? Оё дар утоқҳои бозпурсӣ тамоми ҳуҷра ва ҳамаи онҳое, ки дар он ҳузур доранд, ба сабти видеоӣ фаро гирифта шудаанд?); нигоҳдорӣ ва истифодаи сабтҳо (оё он шахсоне, ки ба наворҳои назоратӣ дастрасии расмӣ доранд, аз қоидаҳои ҷорӣ дар бораи мушкилоти ЗЧГ огоҳанд? Наворҳо чӣ гуна нигоҳ дошта мешаванд, кӣ барои дидани онҳо ваколатдор аст ва оё онҳо метавонанд ҳамчун далел истифода шаванд?); навъи муассиса ва қоидаҳои амалкунанда (оё муассисаҳо бо хатари баланди содир кардани ЗЧГ бо воситаҳои назорати видеоӣ муҷаҳҳаз мебошанд? Ин масъала чӣ гуна танзим карда мешавад?).

АПШ ва «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» қайд мекунанд, ки: «Дар баъзе ҳолатҳо, ННП [низомҳои назорати телевизионии пӯшида] метавонанд барои ҷуброн кардани норасоии кормандон истифода шаванд, гарчанде ки далели мазкур метавонад эътироф карда нашавад. Боварии аз ҳад зиёд ба ННП низ метавонад хатари ғайриинсонигардонии ҷойҳои ҳабсро зиёд кунад»[271].

271 Дар ҳамон ҷо

### 6.3.2. Амнияти динамикӣ

**Тавсияҳои**

✓ Ҳамаи кормандоне, ки бо маҳбусон кор мекунанд, бояд консепсияи амнияти динамикиро омӯзанд; ҳавасмандии фаъолонаи кормандонро ба таъмини некӯаҳволии боздоштшудагон / маҳбусон ва инчунин ба роҳ мондани муносибатҳои мусбат бо онҳоро ташвиқ кардан лозим аст

✓ Омӯзиши масъалаҳои бехатарии динамикӣ бояд ҷанбаҳои гендериро ба инобат гирад ва ба ҳалли масъалаҳои марбут ба пешгирии ЗҶГ мусоидат намояд.

Аксари ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ба технологияҳои пешрафта, аз қабили низомҳои назорати видеоӣ ва сканерҳои электронии амният, дастрасӣ надоранд. Амнияти динамикӣ - таъмини ҳаррӯзаи амнияти муносибатҳои байни нозирон ва маҳбусон мебошад. Ҳамин тариқ, муносибати динамикӣ ба амният ба мавҷудияти таҷҳизоти технологияи баланд камтар вобаста аст ва онро дар ҳама гуна муассисаҳо татбиқ кардан мумкин аст. Инчунин қайд карда шудааст, ки «унсурҳои амнияти динамикӣ, масалан, афзоиши робитаҳо ва ҳамкории байни нозирон ва маҳбусон метавонанд набудани ҷузвҳои амнияти статикиро дар маҳбаси мушаххас ҷуброн кунанд»[272].

Дар Қоидаҳои аврупоии маҳбасҳо гуфта мешавад: «Тадбирҳои физикӣ ва техникии амният як ҷузви ҷудонопазири ҳаёти маҳбас мебошанд, аммо танҳо онҳо барои нигоҳ доштани тартибот кофӣ нестанд. Амният инчунин аз ҳушёрии кормандоне, ки мустақиман бо маҳбусон кор мекунанд, аз он ки онҳо дар бораи ҳодисаҳои дар он рухдиҳанда то кадом дараҷа огаҳанд ва кӯшиши онҳо барои нигоҳ доштани рӯҳияи мусбат дар байни маҳбусон вобаста аст»[273].

Амнияти динамикӣ дар пешгирии ЗҶГ метавонад махсусан босамар бошад, зеро барои кормандоне, ки бо маҳбусон мунтазам дар тамос ҳастанд, ошкор кардани аломатҳои осебпазирӣ ё муайян кардани ҷинояткори эҳтимолӣ хеле осонтар аст. Ин ҳолат метавонад мушкилотро қабл аз пайдо шуданаш пешгирӣ намояд. Ба ҳамин монанд, дар муассисаҳое, ки дар онҳо усулҳои динамикии амниятро истифода

272 Prison Incident Management Handbook [Маълумотнома оид ба тартиби амалҳо ҳангоми рух додани ҳодисаҳо дар маҳбасҳо], New York, United Nations, 2013, p. 21.

273 Тавзеҳ ба матни Қоидаҳои аврупоӣ ба маҳбасҳо (Қоидаи 51),), https://www.legislationline.org/download/id/1969/file/1f88ddfd51a4d5f841d64861701e.pdf.

мебаранд, ошкор кардани нишонаҳои аввалини муносибати бераҳмона осонтар хоҳад буд. Илова бар ин, эҳтимолияти зиёд дорад, ки ҷабрдидагон дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ ба кормандоне, ки медонанд ва ба онҳо эътимод доранд, хабар диҳанд. Вобаста ба ин, кормандон барои вокуниш ба хабарҳо дар бораи зӯроварӣ беҳтар омода хоҳанд шуд.

Чунин равишҳо танҳо дар сурате самаранок хоҳанд буд, ки агар кормандони муассисаҳо дар бораи консепсияи амнияти динамикӣ ва татбиқи он, ки аз ҷониби Қоидаҳои Нелсон Мандела тавсия шудааст, ба таври кофӣ омӯзонида шуда бошанд [274]. Самаранокии ҳадди аксари усулҳои динамикии бехатарӣ он вақте ба даст оварда мешавад, ки агар онҳо дар якҷоягӣ бо арзёбии ҳамаҷониба ва доимии хатар ва ниёзҳо истифода карда шаванд.

### Ҷузвҳои асосии бехатарии динамикӣ[275]:

* кормандон бо боздоштшудагон ва маҳбусон тавассути ҳамкории мусбат ва истифодаи малакаҳои муошрати байнишахсӣ муносибат барқарор мекунанд;
* барои муайян кардани таҳдидҳо ба амният дар марҳилаи ибтидоӣ равиши пешгирикунанда истифода мешавад;
* паст кардани шиддати ҳодисаҳои эҳтимолӣ ё барқарор кардани тартибот тавассути муколама ва гуфтушунид аз муносибати касбии байни кормандон бо маҳбусон вобаста аст;
* дар зеҳни маҳбусон ҳисси муносибати одилона ва некӯаҳволӣ дар нисбаташон вуҷуд дорад;
* кормандон ба шуғли фаъолонаи маҳбусон дар рӯҳияи созанда ва мусбат ёрӣ мерасонад, ки ин ба ҳамгироишавии ояндаи онҳо ба ҷомеа мусоидат мекунад;
* кормандон аз хусусиятҳо ва ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни шахсоне, ки дар муассиса нигоҳ дошта мешаванд, огоҳанд.

274 Қоидаҳои Нелсон Мандела, Қоидаи 76(с).

275 Аз маводи зер таҳия шудааст: Handbook on Dynamic Security and Prison Intelligence [Роҳнамо оид ба амнияти динамикӣ ва мушоҳида аз болои маҳбусон дар маҳбасҳо ], Vienna, United Nations Office on Drugs and Crime, 2015,p. 29; Қоидаҳои маҳбасии Аврупо , Қоидаҳои 51 ва 64.

## Намунаҳои амнияти динамикӣ дар маҳбасҳо

**Италия.** Дастурҳои раҳнамо оид ба таъмини бехатарии динамикӣ дар низоми пенитенсиарии Италия дар соли 2000 пайдо шуданд ва дар соли 2013 аз ҷониби Шуъбаи Маъмурияти маҳбасҳо ба он иловаҳо ворид гардиданд. Ин дастурҳо принсипҳои асосиро барои ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар саросари кишвар муайян карда, ҳамзамон ба муассисаҳои алоҳида дар татбиқи консепсияи амнияти динамикӣ, бо дар назардоштани шароити минтақавӣ ва маҳаллӣ, андаке чандирӣ зоҳир карданро иҷозат медиҳанд[276]. Принсипҳои асосӣ дарки хусусиятҳои инфиродии вазъияти ҳар як маҳбус, муҳайё кардани шароите, ки маҳбусон бештари рӯзро берун аз ҳуҷраи худ мегузаронанд; кори муштараки кормандон барои таъмини амнияти динамикӣ ва мубодилаи иттилоотро дар бар мегиранд. Кормандони маҳбасҳо оид ба масъалаҳои динамикии амният омӯзонида мешаванд, ки дар доираи он - омузиш ба чунин масъалаҳо, аз қабили тарзи муошират бо маҳбусон, омӯхтани ниёзи онҳо, мушоҳида ва назорат кардани рафтори онҳо ва мусоидат намудан ба офиятбахшии онҳо нигаронида шудааст[277]. Кормандони маҳбас ба туфайли тамосҳои доимӣ бо маҳбусон барои муайян кардани тарзи рафтор ва ошкор кардани инҳироф аз чунин рафтор беҳтар омода мешаванд.

**Норвегия.** Хадамоти маҳбасҳои Норвегия дар кори худ оид ба пешгирии зӯроварӣ ба равишҳо бо истифодаи амнияти динамикӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Ин ҳавасмандгардонии таваҷҷуҳи фаъоли кормандони маҳбасро ба некӯаҳволии маҳбусон пешбинӣ мекунад. Зимни боздид аз ду маҳбаси Норвегия барои омода кардани нашрияи мазкур қайд карда шуд, ки ба туфайли равиши динамикӣ, кормандон метавонанд мушкилотро дар марҳилаҳои аввали пайдоишашон муайян кунанд, метавонанд тағйиротро дар рафтори маҳбусон беҳтар пай баранд ва метавонанд хатарҳои эҳтимолии амниятро тавассути андешидани чораҳои пешгирикунанда то ба ҳадди ақал кам кунанд ё бартараф намоянд. Кормандони маҳбас қайд карданд, ки суҳбат бо маҳбусон ва ошноӣ бо ҷузъиёти зиндагӣ ва шахсияти онҳо як ҷузви хеле муҳими

276 Мактуби даврӣ (сиркуляри)-и № 3649/6099 Шӯъба (Департамент)-и маъмурияти маҳбасӣ ба директорҳои маъмурияти маҳбасии минтақавӣ.

277 Руйнамои Карла Чяварелла (Вазорати адлияи Италия) дар вохӯрии мутахассисони амалӣ дар мавзӯи «Пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида», ки аз ҷониби ДНДҲИ САҲА 18 октябри с. 2016 дар Варшава ташкил карда шудааст.

фаъолиятҳои ҳаррӯзаи онҳо шудааст ва ҳавасмандгардонии эҳтироми мутақобила эҳтимоли ҳама гуна зӯроварӣ ва муомилаи дағалона ва золимонаро коҳиш медиҳад. Намояндагони ММП Норвегия қайд карданд, ки кормандони маҳбас ҳатто ба зуҳуроти ночизи зӯроварӣ пайваста вокуниш нишон медиҳанд, ки ин ба пешгирии авҷ гирифтани шиддат мусоидат мекунад. Нишондиҳандаи таносуби теъдоди кормандон ба теъдоди маҳбусон дар Норвегия хеле баланд аст (102 нафар корманд ба 100 маҳбус дар маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳо)[278].

## 6.4. Иттилоотонӣ дар бораи ҳуқуқҳо, қоидаҳо ва рафтори матлуб/мавриди интизор

**Тавсияҳои асосӣ**

✓ Сиёсатандешон ва қонунгузорон бояд мавҷудияти дастурҳои хаттиро барои маҳбасҳо бо шарҳи раванди пешниҳоди шикоятҳо аз ҷониби маҳбусон ва тадбирҳои вокуниш ба шикоятҳо дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ таъмин кунанд. Барои ирсоли ҷавоб / гузарондани таҳқиқи шикоятҳо бояд мӯҳлатҳои муайян муқаррар карда шуда, инчунин барои таъмини амнияти ҷабрдидаҳо ва ҳамаи шоҳидон ва нигоҳ доштани махфӣ будани маълумот дар бораи ин шахсон тадбирҳо пешбинӣ карда шаванд.

✓ Полис ва маъмурияти маҳбасҳо бояд ҳамаи боздоштшудагон/маҳбусон ва кормандонро дар бораи механизми пешниҳоди шикоятҳо огоҳ созанд ва ба онҳо имконияти пешниҳод кардани шикоятро дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ дар шароити махфияти пурра, бидуни тарси қасос ва дигар оқибатҳои манфӣ таъмин кунанд.

✓ Кормандон бояд боздоштшудагон ва маҳбусонро (дарҳол пас аз қабули онҳо ба ҶМО) дар бораи сиёсати таҳаммулнопазирии мутлақ нисбат ба ЗҶГ, ки дар муассиса қабул шудааст, огоҳ созанд.

278 «Correctional Service of Norway Staff Academy, Correctional Statistics of Denmark, Finland, Iceland, Norway and Sweden 2010-2014 [Академияи Хадамоти пенитенсиарии Норвегия, Омори низоми муассисаҳои ислоҳии Дания, Исландия, Норвегия, Финляндия ва Шветсия барои с. 2010-2014 .], Oslo, 2016, p. 50.

Ҳамчун як қисми раванди қабул ба муассиса ба ҳар як маҳбус бояд маълумот дар бораи ҳуқуқҳои ӯ дода шавад, аз ҷумла дар бораи тартиби пешниҳоди шикоят дар ҳолате, ки агар ӯ фикр мекунад, ки ҳуқуқҳояш поймол шудааст. Маҳбусон инчунин дар бораи муҷозоти интизомӣ, ки дар ҳолати вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилии муассиса, аз ҷумла вобаста ба ЗҶГтатбиқ мешаванд, бояд огоҳ карда шаванд.

Маълумот дар бораи ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва тартиби пешниҳоди шикоятҳо бояд ба маҳбусон ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ расонида шавад ва инчунин дар ҷои намоён тавре овехта шавад, ки онро ҳамаи боздоштшудагон/маҳбусон бинанд ва фаҳманд; ин, аз ҷумла, мавҷудияти ин маълумотро бо забонҳои гуногун ва дар ҳолати зарурӣ, истифодаи тарҷумонро пешбинӣ мекунад. Тибқи Қоидаҳои Нелсон Мандела, маълумот бояд ба боздоштшудагон/маҳбусон ба таври самаранок ва шакли фаҳмо, аз ҷумла бо дар назар доштани намудҳои гуногуни маъюбӣ, ки онҳо дошта метавонанд ва пешниҳоди иттилоотро бо ҳуруфи Брайл ва дар шакли барои хондан роҳат, бо забонҳои имову ишора барои ношунавоён ё шунавоиашон заъиф»[279], инчунин бо забонҳои дигари роиҷ расонида шавад. Азбаски ҷабрдидагон аз ЗҶГ аксар вақт намехоҳанд дар бораи зӯроварии аз сар гузаронидаашон ба мақомот хабар диҳанд, худро нотавон ва эҳсосоташонро аз дастдода мепиндоарнд ва ҳатто метавонанд дарк накунанд, ки ин ё он амал зӯроварӣ мебошад, маъмурияти ҶМО бояд имконияти пешниҳоди маводи иттилоотиро ба маҳбусони нав ва кормандони нав оид ба мушкилоти ЗҶГ, навъҳои чунин зӯроварӣ, оқибатҳои он ва амалҳои эҳтимолии маҳбусон дар он маврид, агар онҳо ба чунин зӯроварӣ дучор шуда бошанд ё зери хатар қарор дошта бошанд, баррасӣ намояд.

Раванди пешниҳоди иттилоот ба навворидшудагон бояд бо фаъолиятҳои мунтазам оид ба баланд бардоштани огоҳӣ ва/ё барномаҳои омӯзишӣ бо истифода аз сарчашмаҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолият пурра карда шавад.

Масалан, созмони ҷамъияти Just Detention International, ки дар Иёлоти Муттаҳида фаъолият мекунад, тавсия медиҳад, ки ҳангоми қабули маҳбусон ба онҳо дар бораи сиёсати таҳаммулнопазирӣ нисбат ба ЗҶГ ва тартиби хабар додан аз чунин ҳолатҳои зӯроварӣ маълумот пешниҳод кунанд. Сипас, пас аз 30 рӯз ба кормандон тавсия дода мешавад, ки ба маҳбусон «омӯзиши ҳамаҷониба [...] оид ба масъалаи ҳуқуқи онҳо ба озодӣ аз зӯроварии шаҳвонӣ ва озори ҷинсӣ, аз таъқиб барои хабар додан дар бораи чунин ҳодисаҳо ва қоидаҳо ва тартиби вокуниш ба ин ҳодисаҳоро гузаронанд.»[280]. Ин созмон дастури омодасозии чунин барномаҳои омӯзиширо таҳия намуда, барои маҳбусон ду навор (видеои 3-дақиқаӣ барои ба навворидшудагон ва навори 16-дақиқаӣ барои омӯзиши маҷмуӣ) омода кардааст.

279 Қоидаҳои Нелсон Мандела, Қоидаҳои 54-55; Гузориши мобайнии Гузоришгари махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 7 октябри с. 2013 , A/68/295, п. 79.

280 The Inmate Education Facilitator's Guide: PREA: What You Need to Know [Роҳнамо барои ҳамоҳангсоз оид ба омӯзиши маҳбусон: дар бораи қонуни PREA чиро бояд донист], NationalPREA Resource Center, 2014, p. 3

Илова бар ин, барномаҳои таълимӣ аз рӯи принсипи «баробар ба баробар» (ё ҳамсол бо ҳамсол- аз муҳарир) метавонанд истифода шаванд. Дар доираи чунин барномаҳо боздоштшудагон ва маҳбусон, ки кайҳо бо шароит ва расмиёти мушкилоти ЗҶГ ва механизмҳои гузоришдиҳӣ шиносанд, метавонанд ҳамчун мураббиёни навомадагон баромад кунанд ва барои ташаккули фарҳанги бехатари маҳбас масъулият бар дӯш гиранд. Ба истифодаи барномаҳои таълимӣ аз рӯи усули «баробар бо баробар» оид ба мушкилоти ЗҶГ бояд бо оҳистагӣ ва бодиққат муносибат намуда, онҳоро аз мадди назар гузаронда, тартиби самараноки интихоб, омодасозӣ ва назоратро тарҳрезӣ кард.

### Намунаи барномаҳои таълимӣ аз рӯи принсипи «баробар бо баробар»

**Штатҳои Муттаҳида.** Барномаҳои таълимӣ аз рӯи принсипи «баробар ба баробар» дар маҳбасҳо ва баъзе боздоштгоҳҳо ҳамчун василаи пешгирии ЗҶГ тавассути ҳалли сабабҳои аслии ин падида истифода мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки кӯшишҳо барои ноил шудан ба тағйироти фарҳангӣ тавассути таълим, «хусусан дар чунин масъалаи ҳассос, ба монанди мушкилоти зӯроварии шаҳвонӣ, дар ҳолати пешниҳод кардани иттилоот аз ҷониби шахси аз рӯи мақом баробар бештар муваффақ мешаванд»[281]. Чунин барномаҳо барои маҳбусон имконият фароҳам меоранд, ки нақшҳои мусбати роҳбариро ба ӯҳда гиранд. Илова бар ин, ба мураббиён аз гурӯҳи худи маҳбусон бо саволҳои иловагӣ муроҷиат кардан ё маслиҳат пурсидан аз кормандони муассиса ё дигар омӯзгорон осонтар аст.

Бо вуҷуди ин, усули «баробар ба баробар» маҳдудиятҳои худро дорад. Аввалан, он дар муассисаҳо барои ноболиғон на ҳама вақт мувофиқ хоҳад буд, зеро «ҳарчанд ҷавонон метавонанд дар мавзуъҳои динамикаи зӯроварии шаҳвонӣ ва муқаррар кардани сарҳад ҳамчун даструдиҳандагон босамар баромад кунанд ҳам, муносибатҳои таҳаммулнопазирии мутлақ, вақте ки онҳо аз калонсолон бармеоянд, ҷиддитар эҳсос карда мешаванд»[282]. Барои омӯзиши самаранок аз рӯи принсипи «баробар ба баробар» аз ҳайати кормандон ҳамоҳангсозон заруранд, ки метавонанд бо мураббиён ва маҳбусон кор кунанд; дастаи мураббиён аз байни маҳбусон, ки ҳайати онҳо бояд бо гуногунӣ фарқ кунад, инчунин худи мураббиён бояд бо омӯзиш ва инчунин дастгирӣ фаро гирифта шаванд.

281 PREA and Inmate Education: A Resource Guide, National PREA Resource Center/Just Detention International, 2016, с. 31.

282 Дар ҳамон ҷо, с. 44.

## 6.5. Муоинаи тиббӣ ва хидматрасонии тиббӣ

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Ҷойҳои боздошт бояд кафолат диҳанд, ки ҳар нафаре, ки боздошт ё ҳабс шудааст, тибқи дархости худаш ба хидматрасонии тиббӣ дастрасӣ пайдо мекунад.

- ✓ Ҳангоми ошкор шудани далелҳои содир шудани ЗҶГ ба боздоштшудагон/маҳбусон бояд онҳо бо ёрии тиббии махсус, дастгирии психологӣ ва машварати психологӣ таъмин карда шаванд. Агар муассиса чунин мутахассисонро дар ҳайати кормандонаш надошта бошад, маъмурият бояд дар ин ё он шакл таълим гирифтани ҳамаи кормандони соҳаи тибашро ҷиҳати муайян кардани аломатҳои ЗҶГ ва вокуниши муносиб нишон додани онҳоро дар чунин ҳолатҳо таъмин намояд.

- ✓ Ҳамаи боздоштшудагон/маҳбусон ҳангоми ворид шудан аз ҷониби духтур ё дигар корманди тиббии соҳибтахассус дар шароити риояи комили дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ бояд муоинаи тиббиро гузаранд. Кормандони тиб инчунин бояд ба нишонаҳои эҳтимолии ЗҶГ диққат диҳанд.

- ✓ Ба занон имконияти гузаштан аз муоинаи духтури зан ва ҳуқуқи рад кардани ташхиси маҳбал ё ошкор кардани иттилоот дар бораи саломатии репродуктиви (наслдиҳӣ)-и хеш бояд пешниҳод карда шавад.

- ✓ Кормандони соҳаи тиб бояд дар пешгирии ЗҶГ нақши фаъол бозанд. Ҳангоми қабул аз ҷониби мутахассиси соҳаи тиб бо боздоштшудагон/маҳбусон бояд суҳбате анҷом дод, ки он барои муайян кардани нишонаҳои ЗҶГ, ки аз зоҳир метавонанд намоён набошанд, ё ба онҳо барои имконияти хабар додан дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ равона гардидааст.

Ҳангоми ба ҷойи маҳрумият аз озодӣ ворид шудани маҳбус корманди тиббии ботахассус бояд ин шахсро аз муоинаи ҳамаҷонибаи тиббӣ, аз ҷумла аз санҷиши вуҷуд доштани аломатҳои ЗҶГ гузаронад. Тибқи Қоидаҳои Нелсон Мандела, духтур ё дигар корманди тиббии ботахассус «бояд ҳар як маҳбусро қабул кунад ва бо ӯ суҳбат доир намояд, баъд ҳарчи зудтар пас аз воридшавии ӯ аз муоинаи тиббӣ гузаронад

ва чунин муоинаро ҳар дафъа аз рӯи зарурат анҷом диҳад»[283]. Дар доираи ин раванд, кормандони тиб бояд ба ошкор кардани ҳама гуна аломатҳои муносибати бераҳмона, ки маҳбуси воридшуда, шояд, пеш аз ворид шуданаш ба муассиса дучори он шуда бошад, диққати махсус диҳанд.

Дар Қоидаҳои Бангкок тавсия дода мешавад, ки ҳангоми муоинаи тиббии занони маҳбус бояд ба муайян кардани ҳодисаҳои зӯроварии шаҳвонӣ ва дигар шаклҳои зӯроварӣ, ки шояд зан то расидан ба ҳабс дучор шуда бошад, таваҷҷуҳ карда шавад[284]. Таҳияи расмиёти муоинаи тиббии ҳамаи боздоштшудагон ва маҳбусон бо мақсади ошкор кардани аломатҳои ЗҶГ, ки ҷанбаҳои гендериро ба эътибор мегирад, таҷрибаи хуб мебошад.

Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд тартиби муқарраршудаи амалҳо вуҷуд дошта бошад, ки онро корманди тиб ҳангоми гумонбарӣ ҷиҳати рух додани ҳодисаи ЗҶГ бояд риоя кунанд. Дар Қоидаҳои Бангкок тартиби зерин пешниҳод мегардад: ба маҳбусон дар бораи ҳуқуқи худ ба «муроҷиат кардан барои кумак ба мақомоти судӣ» ва дар бораи расмиёти дахлдор ва амалҳои зарурӣ маълумот дода мешавад. «Агар зан ба андешидани амалҳои бо қонун пешбинишуда розӣ бошад, дар ин бора кормандони дахлдор хабардор карда мешаванд ва парвандаро фавран барои тафтиш ба мақомоти салоҳиятдор мефиристанд. Маъмурияти маҳбас ба ин гуна занон дар гирифтани ёрии ҳуқуқӣ кумак мерасонад»[285].

Дар Протоколи Истанбул ӯҳдадориҳои мутахассисони соҳаи тиб ва раванди тафтиш ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа муқаррар карда шудаанд[286]. Маъмурият бояд онро таъмин намояд, ки ҳамаи кормандони дахлдори ҶМО Протоколи Истамбулро омӯзанд ва муқарраротри онро донанд ва махсусан аз тартиби гузориш додан дар бораи ҳодисаҳо огоҳ бошанд.

Ба ғайр аз ошкор кардани ҳодисаҳои ЗҶГ ҳангоми қабули шахс ба муассиса, мутахассисони соҳаи тиб, ки барои расондани кумак ба боздоштшудагон ва маҳбусон масъуланд, метавонанд дар ошкор кардан ва пешгирии зӯроварӣ дар маҳбасҳо нақши хеле муҳим бозанд. Масъалаи он ки чӣ гуна кормандони соҳаи тиб метавонанд ба пешгирии ЗҶГ ҷалб карда шаванд, хеле масъалаи муҳим ва сазовори таваҷҷуҳи махсус аст, аммо он аз доираи ин нашрия берун мемонад. Бо вуҷуди ин, баъзе муқаррароти калидӣ ба ин нашрия дохил карда шудаанд, зеро онҳо барои шахсоне, ки дар низоми адлияи суди ҷиноятӣ кор мекунанд, метавонанд муфид бошанд.

283 Қоидаҳои Нелсон Мандела, Қоидаи 30.

284 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 6(е).

285 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 7(1).

286 Протоколи Истамбул, ос. зикршуда., повараҳи 61.

СУТ нақши фаъоли соҳаи тандурустиро дар пешгирии зӯроварӣ дар ҷомеа ҷониб-дорӣ мекунад. Дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ бояд ин модел (амсила)-и СУТ тат-биқ карда шавад, ки дар доираи он мутахассисони соҳаи тиб шарики равиши бай-нисоҳавӣ оид ба пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварӣ бо ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдоре мебошанд, ки ба ин низом ҷалб карда шудаанд[287].

## Тавсияҳои асосӣ барои хадамоти тандурустӣ дар маҳбасҳо

* Хизматрасонии тиббӣ дар ҶМО бояд аз ҷониби мақомоти тан-дурустии давлатие, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маъмурияти маҳбасҳо вобаста нестанд, таъмин ва назорат карда шавад[288].

* Ба махфиёна будани муносибатҳои байни мутахассисони соҳаи тиб ва мизоҷон -маҳбусон) бояд кафолат дода шавад, то шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар бораи таҳдид ё ҳодисаҳои ЗҶГ бидуни тарси қасос хабар дода тавонанд

* Ба ғайр аз ҳуҷҷатгузорӣ кардани ЗҶГ мутобиқи Протоколи Истам-бул, «дарҳол пас аз хабар додан дар бораи ҳодиса ё ошкор карда-ни он, бояд чораҳои пешгирикунандаи навбатӣ андешида шаван-д»[289], аз ҷумла бояд кумаки психологӣ расонда шавад, инчунин имконияти гузаштан аз санҷиши ихтиёрии сирояти бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда (вируси норасии масуният–ВИЧ, гепа-тит ва ғ.) ва профилактика пас алоқаи ҷинсӣ пешниҳод шаванд. Бо мақсади муайян кардани чораҳои зарурӣ оид ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ, мутахассисони соҳаи тиб бояд маълумотеро ҷамъоварӣ кунанд, ки «барои гузарондани арзёбии паҳншавии сироят ва омилҳои хавф, инчунин муайян кардани шахсоне кумак расонанд, ки дар натиҷаи зӯроварии байнишахсӣ метавонанд зери хатари осебёбии ҷисмонӣ монанд»[290].

* Чунин маълумот бояд давра ба давра таҳлил шуда, ба маъмурияти маҳбас ва ММП хабар дода шавад. Сипас ин маълумот бояд ба мақомоти назоратии байналмилалӣ, аз ҷумла Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа дастрас карда шавад.

287 Jörg Pont et al., Prevention of violence in prison: The role of health care professionals [Пешгирии зӯроварӣ дар маҳбасҳо: нақши кормандони тиб ], Journal of Forensic Legal Medicine, 2015, Vol. 34, pp. 127-132.

288 Gender and SSR Toolkit: Penal Reform and Gender, ос. зикршуда , поварақи 211, с. 9.

289 Pont et al ос. зикршуда, поварақи 287, с. 130.

290 Дар ҳамон ҷо.

### Намунаҳои муносибат ба хидматрасонии тиббӣ дар маҳбасҳо ва муассисаҳои боздошти маҷбурӣ

**Қирғизистон ва Тоҷикистон.** Вазоратҳои тандурустии Қирғизистон ва Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани муқаррароти Протоколи Истамбул ба барномаҳои омӯзишии кормандони соҳаи тиб як қатор иқдомҳои мусбат андешидаанд. Дар ҳарду кишвар дастурҳои клиникӣ ва шаклҳои стандарти(меъёрӣ)-и ҳуҷҷатгузорӣ қабул шудаанд ва шумораи зиёди кормандони соҳаи тиб, аз ҷумла онҳое, ки дар муассисаҳои навъи пӯшида кор мекунанд, оид ба муқаррароти Протоколи Истанбул омӯзонида шудаанд. Ғайр аз ин, фаъолият оид ба такмил додани низоми азнавирсолкунӣ дар байни ходимоти тиббӣ, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ анҷом дода мешавад[291].

Иёлати Муттаҳида. Тибқи Қонун дар бораи барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо, ҷабрдидагон аз ЗҶГ дар ҶМО ба хидматрасонии марказҳои бӯҳронии шаҳрвандӣ барои ҷабрдидагон аз таҷовуз ба номус дастрасӣ доранд[292]. Ин марказҳо аз ходамоти маҳбасҳо ва низоми адлияи суди ҷиноӣ вобаста набуда, ба ҷабрдидагон аз зӯроварӣ ёрии махсуси равонӣ, ҳимоя ва дастгирӣ пешниҳод мекунанд.

## 6.6. Тадбирҳо ва барномаҳо барои маҳбусон

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Ба ҳамаи боздоштшудагон ва маҳбусон бояд имконият дода шавад, то дар чорабиниҳои таълимӣ, омӯзишӣ ва тафреҳие иштирок кунанд, ки ба тавонбахшӣ ва азнавҳамгироишавии иҷтимоии онҳо мусоидат карда метавонанд.

- ✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд барномаҳои кумаки психологиро ҷорӣ кунанд, ки ба паст кардани сатҳи зӯроварӣ ва барои

291 Ниг., масалан: Freedom From Torture Newsletter, NGO Coalitions Against Torture in Kazakhstan, Kyrgyzstan and Tajikistan [Ахбори иттилоотӣ «Озодӣ аз шиканҷа», Коалитсияи созмонҳои ҷамъияии зидди шиканҷа дар Қазоқистон Қирғизистон ва Тоҷикистон], Helsinki Foundation for Human Rights (Poland)/ International иartnership for Human Rights (Belgium), Issue 5, November 2015

292 Prison Rape Elimination Act, зикршуда, поварақи 242.

таҷовузгарони эҳтимолӣ равона карда шудаанд, инчунин барномаҳои махсусгардонидашударо то ҳадди имкон дар ҳамкорӣ бо хадамоти шаҳрвандии соҳавӣ барои шахсоне татбиқ кунанд, ки ҷиноятҳои шаҳвонӣ содир кардаанд.

Иштироки маҳбусон дар чорабиниҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фароғатӣ ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии онҳо ба ҷомеа мусоидат мекунад. Ин чорабиниҳо дар мубориза бо афсурдагӣ ва стресс кумак мерасонанд ва ба ҳаёти маҳбас як унсури муътадилиро меоранд (хусусан, агар онҳо аз ҷониби созмонҳои берун аз ҶМО гузаронида шаванд).

Барномаҳо ва чорабиниҳо инчунин метавонанд муҳити бехатарро барои муносибатҳои бо эҳтироми байни маҳбусон фароҳам оваранд. Ҳамзамон, маъмурият бояд хатарҳои эҳтимолии ЗҶГ-ро дар ҷойҳои баргузории чорабиниҳо сахт назорат кунад хусусан агар дар онҳо маҳбусони ҳам марду ҳам зан иштирок кунанд. Хавфи зўроварӣ нисбат ба маҳбусон, кормандон ва шахсоне, ки омўзишро мегузаронанд, бояд ба инобат гирифта шавад, ба хусус агар чорабиниҳо дар ҳолати назорати маҳдуд, ба монанди дар ҷойҳои корӣ, ошхона ё берун аз маҳбас анҷом дода шаванд. Ба чорабиниҳое, ки аз ҷониби сохторҳои ғайридавлатӣ анҷом дошта мешаванд, назорати иловагӣ зарур аст.

### Намунаҳои фаъолияти муштарак барои маҳбусони мард ва зан

**Фаронса.** Пас аз баста шудани коргоҳе, ки дар он танҳо занони маҳбус кор мекарданд (аз сабаби кам будани шумораи занон ва хароҷоти зиёд доштани амалигардонии назорат), танҳо коргоҳи маҳбусони мард боқӣ мондааст. Дар соли 2015 дар маҳбаси Бордо-Градигнан як коргоҳи муштарак барои мардон ва занон ҳамчун таҷриба оғоз шуд. Дар муассиса қаблан низ чорабиниҳои муштарак барои мардону занон (машғулиятҳои сурудхонӣ дар хор ва чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ) баргузор мешуданд. Муқокима ва тайёрӣ ба ифтитоҳи бахши коргоҳи умумӣ ним сол тўл кашид. Ҳадаф аз он иборат буд, ки ба занҳо барои азхудкунии малакаҳои касбӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо ба ҳаёти муқаррарӣ имкониятҳо фароҳам оварда шаванд; мувофиқи Қоидаҳои маҳбасҳои Аврупо, ҳангоми пешниҳоди кор набояд табъиз аз рўи ҷинс вуҷуд дошта бошад. Қоидаҳо инчунин талаб мекунанд, ки ташкил ва усулҳои кор дар муассисаҳои ислоҳӣ бояд то ҳадди имкон ба ташкил ва

усулҳои кори шабеҳ дар ҷомеа наздик бошанд, то маҳбусон пас аз адои ҷазо ба ҳаёти муқаррарии касбӣ омода шаванд[293].

ММП-и Фаронса ин таҷрибаро таҳлил намуда, қайд кард, ки кормандони маҳбас дар аввал ба ақидаи кушодани як устохонаи умумӣ, қисман аз сабаби нигаронӣ ҷиҳати амнияти занони маҳбус ба таври манфӣ муносибат доштанд[294]. Ба ҳимоят ва назорат аз болои занон диққати махсус дода шуд: бо ин мақсад яке аз нозирзанони дар сехи пештараи занон фаъолиятдошта ба сехи нав гузаронда шуд, камераҳои назорати видеоӣ гузошта шуданд, дастурҳо оид ба чи гуна рафтор кардан қабул шуданд (аз ҷумла, ба устохона омадан ва рафтани занони маҳбус мебоист пеш аз омадану рафтани мардон ба амал меомад, то ки онҳо аз назди маҳбусони мард нагузаранд) ва инчунин низомномаи либоспӯшии муайян (дресс-код) ҷорӣ шудааст.

Тибқи арзёбии ММП, ягон ҳодисаи манфӣ ба қайд гирифта нашудааст ва ташкили устохонаи умумӣ ҳам аз ҷониби кормандон ва ҳам занони маҳбус бомуваффақ дониста шуд (баъзеи онҳо қайд карданд, ки мардон нисбат ба онҳо боэҳтиром рафтор мекарданд ва ба туфайли иштирок дар кори устохона, худро ба ҳаёти мӯътадил наздиктар ҳис карданд)[295]. ММП тавсия дод, ки барои кори устохона маблағҳои иловагӣ бо мақсади идома ва вусъат додани таҷрибае, ки оғоз шуда буд, ҷудо карда шавад[296].

Барои пешгирии самараноки ЗҶГ метавонанд барномаҳое мусоидат намоянд, ки ба ҷабрдидагони эҳтимолӣ ва таҷовузкорони эҳтимолӣ аз ҳайати маҳбусон нигаронида шудаанд. Ин барномаҳоро тавассути мутобиқ кардани барномаҳои мувофиқе, ки дар ҷомеа таҳия шудаанд, омода кардан мумкин аст. Чунин вазъ як воситаи муҳими ба роҳ мондани робитаи байни созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маъмурияти маҳбасҳое мебошанд, ки бо мушкилоти ЗҶГ машғуланд. Барномаҳои мазкур метавонанд пешниҳоди машварат ва дастгирии

293 Қоидаҳои маҳбасҳои Аврупо, Қоидаи 26.

294 Adeline Hazan, Adeline Hazan, Enquête sur l’atelier de travail mixte hommes-femmes du centre pénitentiaire de Bordeaux-Gradignan, [Таҳқиқи ҳодисаи ташкили устохонаи умумӣ барои мардон ва занон дар маркази маҳбаси Бордо-Градинян], Report of the General Inspector for places of deprivation of liberty, 2016, http://www.cglpl.fr/2016/enquete-sur-latelier-de-travail-mixte-hommes-femmes-du-centre-penitentiaire-de-bordeaux-gradignan/.

295 Дар ҳамон ҷо, с. 2 и 9.

296 Дар ҳамон ҷо, с. 9.

мувофиқи равониро фаро гиранд ва метавонанд барои пешниҳоди алтернативаҳо ба маҳбусон ба ҷои рафтори зӯроварона равона карда шаванд.

### Намунаҳои барномаҳои мубориза бо муътодӣ

**Қирғизистон.** Дар як қатор муассисаҳои ислоҳии Қирғизистон ду барномаи офиятбахшии равониву иҷтимоӣ, ки ба мубориза бо нашъамандӣ ва майзадагӣ равона шудаанд (барномаи «Минтақаи тоза» ва барномае, бо номи «Атлантида», ки аз 12 марҳила иборат аст), амалӣ карда шуданд. Марказҳои махсусе, ки дар онҳо барномаҳои мазкур амалӣ карда мешаванд, дуртар аз маҳбасҳои асосӣ ҷойгиранд ва маҳбусоне, ки дар барномаҳо иштирок карданро интихоб карданд, ба блокҳои алоҳида ҷойгир карда мешаванд, ки дар он ҷо ба онҳо мутахассисони тиббии махсус омӯзонидашуда, кормандони иҷтимоӣ ва равоншиносоне, ки дар офиятбахшии онҳо кумак мерасонанд, кор мекунанд[297].

**Гурҷистон.** Аз рӯи натиҷаҳои лоиҳаи озмоишӣ, Вазорати корҳои иҷрои ҷазои Гурҷистон соли 2016 барномаи 12 қадами «Атлантида»-ро дар ду маҳбас ба таври расмӣ оғоз кард ва ин барномаро ба «Стратегияи ҳифзи саломатии маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳӣ барои солҳои 2014-2017» дохил кард[298]. Иштирокчиёни барнома 12 марҳалаи раванди офиятбахширо, ки аз амалисозии дарки нашъамандии худ оғоз мекунанд, мегузаранд. Ҳарчанд, ки таъсири чунин барномаҳо ба ЗҶГ омӯхта нашудааст, кумак ба онҳое, ки аз вобастагӣ ба моддаҳои психотропӣ азият мекашанд, барои рафъи нашъамандии онҳо метавонанд ба пешгирии ҳодисаҳои зӯроварӣ мусоидат кунанд.

Илова бар ин, барномаҳое мавҷуданд, ки ба баланд бардоштани фарҳанги умумии маҳбасҳо тавассути паст кардани сатҳи зӯроварӣ ва ташвиқи масъулият дар байни маҳбусон бахшида шудаанд.

297 Рӯйнамои Директори минтақавии «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» дар Осиёи Марказӣ Азамат Шамбилов (Қазоқистон) дар воҳӯрии мутахассисони амалӣ дар мавзӯи «Пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида», ки аз ҷониби ДНДҲИ САҲА 17-18 октябри с. 2016 дар Варшава ташкил карда шудааст.

298 Launching of the Psychosocial Rehabilitation Programme 'Atlantis' [Оғоз кардани барномаи офиятбахшии равонию иҷтимоии «Атлантида»], Council of Europe, 20 May 2016, https://pjp-eu.coe.int/en/web/eap-pcf/news/-/asset_publisher/PtyzI5oUnNad/content/launching-of-the-psychosocial-rehabilitation-programme-atlantis-?inheritRedirect=false.

## Намунаи барномаи мусоидат ба зӯроварӣ накардан ва эҳтиром бо мақсади эҷоди муҳити бехатар

**Испания.** Барномаи таълимӣ оид ба эҷоди «Модулҳои эҳтиром» (Módulos de Respeto) дар маҳбасҳо бори аввал ҳамчун лоиҳаи озмоишӣ дар маҳбаси ш. Леон соли 2001 амалӣ карда шуда буд. Ҳоло он дар тамоми низоми пенитенсиарии Испания истифода мешавад[299]. Ҳадафҳои асосии барномаи «Модулҳои эҳтиром» фароҳам овардани фазои ҳамзистӣ ва эҳтироми ҳадди аксар, ташвиқи рафтори дуруст ва таҳкими қобилияти маҳбусон барои гирифтани масъулияти шахсӣ ва дастаҷамъӣ мебошад[300].

Пайвастшавӣ ба «Модулҳои эҳтиром» ихтиёрӣ аст ва маҳбусоне, ки дар барнома иштирок мекунанд, бояд шартнома имзо карда, қоидаҳои барномаро риоя намоянд ва инчунин нақшаи инфиродиро татбиқ кунанд. Қоидаҳо аз ҷумла масъалаҳои беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ, нигоҳ доштани тартибот дар ҳуҷраю ҳудуди ҳабсхона ва рафтори эҳтиромро танзим мекунанд. Зӯроварӣ дар ҳама гуна шакл – ҷисмонӣ, шифоҳӣ ё бо ифодаи имову ишора - дар ҳама гуна муносибатҳои байнишахсӣ дар байни маҳбусон, инчунин дар муносибат бо кормандони штатӣ ва кормандони ғайриштатӣ қатъиян манъ аст.

«Модулҳои эҳтиром» як воситаи мубориза бо зӯроварӣ дар маҳбас ва паст кардани шадидият тавассути дар маҳбусон инкишоф додани қобилияти ҳал кардани баҳсҳо бо роҳи осоишта ва боэҳтирома мебошанд. Маҳбусон субъектҳои асосии тағйирот буда, бояд барои рафтори худ ва иҷрои корҳои ҳаррӯза ҷавобгӯ бошанд. Илова бар ин, барномаҳое мавҷуданд, ки ба баланд бардоштани фарҳанги умумии маҳбасҳо тавассути паст кардани сатҳи зӯроварӣ ва ташвиқи масъулият дар байни маҳбусон бахшида шудаанд. Шахсони рафтори мусбат доштаро ба реҷаи сабуктаре, ки озодии бештарро таъмин мекунад, гузарондан мумкин аст. Намудҳои гуногуни «Модулҳои эҳтиром» барои кор бо маҳбусоне, ки ба категорияҳои гуногун тааллуқ доранд ва мусоидат ба ҳамзистии гурӯҳҳои гуногуни маҳбусон (масалан, нашъамандон, ҷавонон ва хориҷиён) истифода мешаванд. Ба интихоби кормандоне, ки бо «Модулҳои

299 The Spanish Prison System [Низоми маҳбасҳои Испания], General Secretariat of Penitentiary Institutions, 2011, p. 45.

300 Módulo de respeto: módulos penitenciarios para la mejora de la convivencia [Барномаи «Модули эҳтиром»: модулҳо дар муассисаҳои пенитенсиарӣ барои беҳтар кардани сифати будубоши якҷоя], Ministry of the Interior, 2007, p. 3

эҳтиром» кор мекунанд, диққати махсус дода мешавад, зеро онҳо бояд ҳадафҳои барномаро дастгирӣ ва бо маҳбусон ҳамкорӣ кунанд ва дар айни замон ба офиятбахшии онҳо мусоидат намоянд[301].

Барномаи «Модулҳои эҳтиром» дар реҷаи тестӣ дар Фаронса (маҳбаси Монт-де-Марсан) амалӣ карда мешавад.

### 6.6.1. Барномаҳои кор бо маҳбусоне, ки аз зӯроварии гендерӣ пеш аз ҳабс ҷабр дидаанд.

**Тавсияҳои асосӣ**

- ✓ Ба ҳамаи ҷабрдидагон аз ЗҶГ бояд ба қадри имкон дар ҳамкорӣ бо хадамоти касбии шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷамъиятии дахлдор дастгирии зарурии касбӣ ва ёрии тиббӣ пешниҳод карда шавад.
- ✓ Ба шахсони гирифтори мушкилоти солимии равонӣ бояд кумаки ҳамаҷониба бо барномаҳои дастгирии ба масъалаҳои гендерӣ ҳассос пешниҳод карда шаванд.
- ✓ Рушди гурӯҳҳои худкумакрасонӣ ва гурӯҳҳои дастгирии баробар бо баробар дар маҳбасҳо барои ҷабрдидагони ЗҶГ бояд ҳавасманд ва дастгирӣ карда шаванд.

Шахсоне, ки аз ЗҶГ ҷабр дидаанд, бояд ба дастгирӣ ва кумаки ҳамаҷониба, аз ҷумла, дар қатори дигар кумакҳо ба кумаки ҳуқуқӣ, ёрии тиббӣ, дастгирии равонӣ ва машварати равоншинос дастрасӣ дошта бошанд. Хидматрасониҳо ва барномаҳои кумак барои ҷабрдидагони ЗҶГ бояд ба эҳтиёҷоти шахсони алоҳида мутобиқ карда шаванд ва ба рушд додани имкониятҳои онҳо мусоидат намоянд. Тибқи Қоидаҳои Бангкок, дар сурати ошкор кардани зӯроварӣ (ки пеш аз боздошт ё ҳангоми боздошт содир карда шудааст), маъмурияти маҳбас бояд ба ҷабрдидаи зӯроварӣ фавран дастрасиро ба кумаки махсуси равонӣ ё машварати равоншинос, новобаста аз он

301 Маълумоти нисбатан муфассалро нигар дар веб-сомонаи Котиботи генералии муассисаҳои маҳбасӣ, http://www.institucionpenitenciaria.es/web/portal/idioma/en/Reeducacion/ProgrammeasEspecificos/modulosRespeto.html (заб исп.) ва дар нашрияи The Spanish Prison System [Низоми маҳбасҳои Испания] Котиботи генералии муассисаҳои маҳбасӣ, 2011 г. (заб.англ. ).

ки ин шахс барои андешидани чораҳои бо қонун пешбинишуда иқдом мекунад ё не, таъмин намояд[302].

Заноне, ки дар ҶМО ҳузур доранд, бо эҳтимоли зиёд дар гузашта ҷабрдидаи ЗҶГ будаанд ва эҳтимолан дар он замон на кумаки ҷиддӣ ё ҳеҷ гуна кумак нагирифтаанд[303]. Барномаҳои махсус барои коҳиш додани осебпазирии эҳтимолии маҳбусон дар муассисаҳои навъи пӯшида хеле муҳим ҳастанд. Илова бар ин, онҳо қисми раванди офиятбахшии боздоштшуда/маҳбус мебошанд ва метавонанд ба он шахс дар омодагӣ ба ҳаёт пас аз озодшавӣ кумак расонанд. Ба туфайли кумаки махсус ҷабрдидагон аз зӯроварӣ инчунин метавонанд дар бораи зӯроварии аз сар гузарондаашон ё идомаёбанда ҷуръат намуда, сӯҳбат кунанд.

Барои он ки барномаҳои маҳбасии кумак ба ҷабрдидагон аз ЗҶГ ба ҳадафи худ расанд, онҳо бояд ба ниёзи маҳбусони мушаххас мутобиқ карда шаванд ва ба таҷрибаҳои пешқадами байналмилалӣ такя намоянд ва ҳамчун дастурдиҳандагон -он шахсоне бояд баромад кунанд, ки донишу малакаи мувофиқ гирифтаанд.

**Намунаи барномаҳо барои шахсоне, ки дар гузашта аз зӯроварӣ ҷабр дидаанд.**

**Лоиҳаҳои Altra ва STRONG.** Дар доираи барномаи Daphne, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад,ҳамзамон дар чанд кишвар ду лоиҳа барои беҳтар кардани дастгирӣ ва табобати ҷабрдидагон аз ЗГ дар маҳбас амалӣ карда шуданд.

Лоиҳаи Altra (Маҷористон, Олмон, Испания) як барномаи озмоишии вобаста ба масоили гендерӣ буд, ки дар маҳбасҳо барои занони аз зӯроварӣ ҷабрдида ва мардоне, ки амалҳои зӯроварии хонаводагӣ (солҳои 2004-2008) содир кардаанд, амалӣ карда мешуд[304]. Лоиҳаи STRONG (Англия, Олмон, Литва, Лаҳистон, Финландия, Шотландия) ба рушди имконияту иқтидори мутахассисони низоми адлияи суди ҷиноятӣ барои таъмини эҳтиёҷоти занони маҳбуси маргинилизатсияшуда (маҳрумшуда), ки дар давраи кӯдакӣ ба зӯроварӣ дучор шудаанд, аз зӯроварии аз ҷониби шарики шаҳвонӣ содиршуда ё аз дигар шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ (солҳои 2009–2010) ҷабр дидаанд, равона карда шуда буд)[305].

---

302 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 7(2).

303 Қоидаҳои Бангкок,ос. зикршуда , поварақи 164.

304 Маводҳои барномаи Altra-ро дар суроғаи зер дарёфт кардан мумкин аст: http://www.surt.org/altra/inicio_en.html (англ.).

305 Маводҳои барномаи STRONG-ро дар суроғаи зер дарёфт кардан мумкин аст: http://philipus.de/daphne-strong.eu/about.php (англ.).

Ба ҷузвҳои муштараки ин ду лоиҳа таҳқиқот ва таҳлили таҷрибаи занони маҳбус ва собиқ маҳбусон, ки аз ЗГ ҷабр дидаанд ва таҳияи маводу дастурҳои таълимӣ низ дохил буданд.

Дастур аз рӯи барномаи Altra (Муқовимат ба зӯроварии гендерӣ дар маҳбасҳо: дастур оид ба барномаҳои маҳбасҳо барои мубориза алайҳи зӯроварӣ бар асоси гендерӣ, 2007) барои мутахассисони маҳбас таҳия шуда, ба масъалаи тарзи татбиқи барномаҳои маҳбасҳо барои занони ҷабрдида аз ЗГ ва мардоне, ки ЗГ-ро содир кардаанд, равона шудааст. Дар он натоиҷи марҳилаи озмоишии барнома, ки дар Маҷористон ва Испания амалӣ шудааст, инчунин роҳнамоии методӣ ва намунаҳои машаххаси машқҳое оварда шудааст, ки метавонанд дар рафти амалисозии барнома истифода шаванд.

Матлабҳои барномаи STRONG як дастури омӯзишӣ барои кормандони маҳбас мебошанд, ки ҳамарӯза бо маҳбусони зан муошират мекунанд. Дар дастур намудҳои гуногуни ЗГ ва оқибатҳои онҳо, роҳҳои ошкор кардан ва барҳамдиҳии ЗГ баррасӣ ,гардида, тавсифи барномаҳои тақрибииислоҳӣ оварда шудаанд. Дар ҳар як кишвари ширкаткунанда семинарҳои миллӣ оид ба ин барнома баргузор шудаанд ва дар соли 2012 дар Финляндия Институти таълими касбии кормандони маҳбасҳо ва хадамоти пробатсияҳо семинари омӯзишӣ дар маҳбасҳо доир кард.

**Гурҷистон.** Бахши созмони ғайриҳукуматии «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» дар Қафқози Ҷанубӣ дар соли 2016 лоиҳаеро барои дастгирии занон, ки аз зӯроварӣ, тамғагузорӣ ва табъиз азоб мекашанд (ва аз озодӣ маҳрум шудаанд, тахти санҷиши шартӣ қарор доранд ва аз маҳбас озод шудаанд), оғоз кард. Барои низоми пенитенсиарии Гурҷистон, ин аввалин барномаи кумак ба занони ҷабрдида аз зӯроварӣ аст, ки мувофиқи талаботи Қоидаҳои Бангкок таҳия шудааст. Аз аввали соли 2017 «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» барномаро дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайридавлатии маҳаллӣ анҷом медиҳад ва як қатор хидматҳоро ҷиҳати офиятбахшӣ ва дастгирӣ, аз ҷумла дастгирии равонии иҷтимоӣ, машварати ҳуқуқӣ, пешниҳоди омодасозии касбӣ ва омӯзиш дар соҳаи тиҷорат; ташкили паноҳгоҳҳо барои заноне, ки собиқ маҳбус бударду ҳоло озод карда шуданд ва ҷои зист надоранд, кумак кардан барои дастгирии тамосгирӣ бо кудакон ва дигар чорабиниҳои ба ин монандро пешниҳод мекунад. Дар чорабиниҳои барнома тақрибан 700 зани маҳбус, собиқ маҳбусон ва

занони тахти санҷиши шартӣ қарордошта, инчунин тақрибан 60 кӯдак иштирок намуданд[306].

### 6.6.2. Барномаҳое, ки таҷовузгарони эҳтимолиро фаро мегиранд

**Тавсияи асосӣ**

✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд, ба қадри имкон дар ҳамкорӣ бо мақомоти шаҳрвандии дахлдор ва созмонҳои ҷамъиятӣ, барномаҳои кумаки равонӣ дар маҳбасро амалӣ созанд, ки ба паст кардани сатҳи хушунат ва ба шахсони моил ба зӯроварӣ равона шудаанд ва инчунин барномаҳои махсусро барои шахсоне, ки ҷинояти моҳияташ шаҳвонӣ содир кардаанд,роҳандозӣ намоянд.

Дар як қатор кишварҳо барномаҳои татбиқшуда ба он маҳбусони ҶМО нигаронида шудаанд, ки қодир ба содир кардани ЗҶГ дар асоси гузаштаи ҷиноятиашон эътироф шудаанд (аз ҷумла, агар маҳбус барои содир кардани ҷинояти моҳияташ шаҳвонӣ маҳкум шуда бошад). Ҳадафи барномаҳои дигари нисбатан самти умумидошта коҳиш додани рафтори хушунатомез тавассути тренингҳо оид ба коҳиш додани таҷовузгарой, шикастани стереотипҳои гендерӣ ва инкишоф додани хислатҳои мусбат, на манфии мардонагӣ мебошад.

**Барномаҳое, ки таҷовузгарони эҳтимолиро фаро мегиранд**

**Литва.** Аз соли 2010 дар маҳбасҳои Литва барномаи табобатӣ барои шахсоне, ки ҷинояти моҳияташ шаҳвонӣ нисбат ба кӯдакон содир кардаанд, амалӣ карда мешавад. Он ба усулҳои табобати маърифатии рафторӣ асос ёфтааст, ки ҳадафаш коҳиш додани ҷиноятҳои такрорӣ ва мусоидат ба ҳамгироии маҳбусон ба ҷомеа мебошад. Дар рафти машғулиятҳо чунин мавзуъҳо, аз қабили худидоракунӣ, муносибатҳои маҳрамонаи солим, идоракунии хашм, дӯстӣ бо занон, ки зерасоси шаҳвонӣ надорад; ҳуқуқҳои занон

306 Маълумот аз ҷониби шуъбаи созмони «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» дар Қафқози Ҷанубӣ пешниҳод шудааст.

ва ҷабрдидагон ва эмпатия(ҳамдил)ӣ ба ҷабрдидагон баррасӣ мешаванд. Дар маҳбасҳои Литва инчунин барномаҳо оид ба тағйир додани рафтор, ки ба паст кардани сатҳи хашм, таҷовузгарой, стресс ва истифодаи зӯроварӣ дар рафтор ба мисли барномаи «Як ба як» нигаронида шудаанд, амалӣ мегардад[307].

**Лаҳистон.** Дар яке аз ҶМО барномае амалӣ мешавад,ки он чунин ном дорад: «Ман зӯровариро ҷонибдорӣ намекунам: иштироки фаъоли ҷавонон дар пешгирии зӯроварии шаҳвонӣ ва виктимизатсия (ҷабрбинӣ)». Ҳадафи барнома интиқоли дониш, ташаккулӣ муносибати мусбат ва кумак ба қонуншиканони ҷавон дар шинохтани зӯроварии моҳияташ шаҳвонӣ дар муносибат бо одамон ва таҳдидҳо дар фазои маҷозӣ–киберфазо (таъқиб, озору азият ва ирсоли паёмакҳои мазмунашон шаҳвонӣ), инчунин дар таҳлили матнҳои сурудҳои машҳури муосир, ки таблиғи зӯроварии моҳияташ шаҳвониро нисбат ба занон дар бар мегиранд, мебошад[308].

**Шветсия.** Дар се муассисаи ислоҳӣ барои ноболиғон ташаббус оид ба таъсиси маҳфилҳои омӯзишӣ ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар речаи тестӣ гузаронида шуд3[309]. Лоиҳаи зерин ба чунин масъала бахшида шудааст: чӣ гуна меъёрҳои иҷтимоӣ, ки ба мардонагӣ марбутанд, метавонанд зери шубҳа гузошта шуда ва тағйир дода шаванд. Дар он усулҳо ва маводҳои лоиҳаи Machofabriken («Фабрикаи Мачо»), барномаи таълимӣ барои наврасон ва ҷавонони 13-25 сола, ки аз ҷониби се созмони ғайридавлатии Шветсия таҳия гардидааст, истифода мешавад. Барнома машққоро барои пешбурди баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар бар мегирад: ба иштирокчиён пешниҳод карда мешавад, ки дар бораи меъёрҳои бартарӣ доштани мардонагӣ мулоҳиза ронанд ва дар бораи ақидаҳои худ оид ба мавзуи шаҳвоният ва гендер андеша кунанд[310].

307 Маълумот аз ҷониби Литва дар ҷавобҳо ба пурисшномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст; Douglas P. Boer and Vilmantė Gintaraitė, Sex Offender Therapy Programme for Lithuanian Corrections (SeNAT), presentation at No More Victims, State Probation Service of Latvia Conference [Рӯйнамои Дуглас П. Бур ва и Вилманте Гинтарайте «Барномаи табобат барои шахсони ҷинояти моҳияташ шаҳвонӣ содиркарда, дар низоми муассисаҳои ислоҳии Литва (SeNAT)» дар конфоронси Хадамоти давлатии пробатсияи Латвия «Дигар ҷабрдида лозим нест»], 15-17 March 2011, Riga.

308 Маълумотро Лаҳистон дар ҷавоб ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод кардааст.

309 Маълумотро Шветсия дар ҷавоб ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод кардааст

310 Нигар ба веб-сомонаи «Фабрикаи мачо»: http://www.machofabriken.se (заб.шведӣ); ниг. низ: Mending Inequalities: Men and Gender Equality in the OSCE Region [Бартарафкунии нобаробарӣ: мардон ва баробарии гендерӣ дар минтақаи САҲА], Elisabeth Duban, Editor: Jamila Seftaoui. OSCE, Vienna, June 2011, p. 43, https://www.osce.org/secretariat/80978?dow.

## 6.7. Ба кор интихоб кардани кормандон, омӯзиш ва назорат

- **Копенгаген 1990 (16.4):** «...Таъмин кунед, ки таълим ва иттилоот дар бораи манъи шиканҷа дар омодакунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи граждани ва ҳарбӣ, кормандони тиббӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дигар шахсоне пурра ворид карда шаванд, ки бо боздошткунӣ, анҷом додани бозпурсӣ ё муомила бо шахсони ба ҳама гуна шакли ҳабс, боздошткунӣ ё ҳабс дар маҳбас гирифташуда сару кор дошта метавонанд.»

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Ҳайати кормандон бояд дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла дар сатҳи мансабдорони олӣ, роҳбарият ва таҳиягарони сиёсат бо гуногунӣ тафовут дошта бошад. Роҳбарони мансабҳои олӣ ва аъзои ҳайати судӣ бояд омӯзишро оид ба масъалаҳои тарзи вокуниш ба ЗҶГ гузаранд ва бояд барои пешгирии ҳама гуна шаклҳои чунин зӯроварӣ саъю кӯшиш кунанд.
- ✓ Кормандони муассисаи маҳбасҳо бояд оид ба масъалаҳои гендерӣ омӯзиш гиранд, ба замми ин имкони гузаштани чунин омӯзиш бояд бидуни ягон табъиз таъмин карда шавад.
- ✓ Маъмурияти ҶМО бояд сиёсати баробариро пеш барад ва ҳайати кормандон бояд гуногуниро инъикос намояд; барои ин, аз ҷумла, усули зиёд кардани намояндагии кормандони дорои таҷрибаи кор бо гурӯҳҳои ақаллият ё мансуб ба чунин гурӯҳҳоро истифода кардан мумкин аст.

Нуқтасанҷона ба кор интихоб кардан ва ба таври зарурӣ омӯзондани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маҳбасҳо дар ҳама сатҳҳо барои фароҳам овардани муҳите муҳим аст, ки дар он ЗҶГ рух намедиҳад, нодида гирифта намешавад ё ба он роҳ дода намешавад. Кормандон бояд на танҳо ба таври зарурӣ дуруст интихоб карда ва омӯзонида шаванд, инчунин назорати босамар ва дастгирии босамар аз ҷониби роҳбарият анҷом дода шавад.

Ҳама шахсоне, ки ба низоми адлияи суди ҷиноятӣ ворид мешаванд, аз ҷумла мутахассисони соҳаи тиб, бояд ӯҳдадор шаванд, ки ЗҶГ-ро пешгирӣ кунанд. Номзадҳо ҳангоми ба кор қабул шудан бояд бодиққат тафтиш карда шаванд, то боварӣ ҳосил гардад, ки онҳо ба меъёрҳои зарурӣ мувофиқат мекунанд. Чунин санҷиш бояд омӯзиши ҳолномаи номзад ҷиҳати эҳтимолан содир кардани ЗҶГ-ро дар гузашта низ дар бар гирад.

Меъёрҳо (стандартҳо)-и миллӣ дар соҳаи пешгирӣ, ошкор кардан ва барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳои Иёлоти Муттаҳида ба муассисаҳои ислоҳӣ ба кор қабул кардан ё ба вазифаҳои баландтар пешбарӣ намудани ашхосеро, ки қаблан бо аз сӯистифода аз мансаби худ зўроварии ҷинсӣ содир карда буданд ва ё аз ҷониби суд барои чунин амалҳо дар ҷомеа муҷозот шудаанд, манъ мекунад.[311] Аз ин рӯ, аз муассисаҳо талаб карда мешавад, ки нисбат ба кормандони амалкунанда ва эҳтимолӣ барои риояи талаботи PREA санҷиши зарурӣ гузаронанд.

Тадбири хеле муҳим дар соҳаи ҳалли мушкилоти ЗҶГ зиёд кардани ҳиссаи занон дар байни кормандони маҳбас мебошад. Барои зиёд кардани теъдоди занони корманд он усулҳои интихоби кормандонро истифода бояд бурд, ки ҷанбаҳои гендериро ба эътибор мегиранд. Чунин усулҳо бояд истифодаи квота ё нишондиҳандаҳои ҳадафӣ барои рафъи монеаҳо дар роҳи ба кор гирифтани номзадҳои зан ва баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми гузаронидани мусоҳибаҳо ё ташкили комиссияҳои кадриро дар бар гиранд[312].

Ба ғайр аз афзоиши намояндагии занон дар байни кормандон, расмиёти интихоби кадрҳо инчунин бояд барои номзадҳо аз гурӯҳҳои ба қадри кофӣ муаррифинашуда имкониятҳои ба кор даромаданро фароҳам оварад, то ба ҳайати кормандон намояндагони чунин гурӯҳҳо ё ҳадди ақал кормандони дорои дониш ва таҷрибаи зарурии кор бо гурӯҳҳои ақаллиятҳо дохил карда шаванд.

Қоидаҳои Нелсон Мандела талаб мекунанд, ки ғамхорӣ нисбат ба занони боздоштшуда ва назорат аз болои онҳо танҳо аз ҷониби кормандони ҷинси зан амалӣ карда шаванд. Аммо ин набояд ба кормандони мард барои иҷрои вазифаҳои касбиашон дар маҳбасҳои занона ё қисмҳои занонаи муассисаҳои ислоҳӣ монеъ шавад[313].

Баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ дар сиёсати кадрӣ инчунин бояд нигоҳ доштани кадрҳои гуногун, махсусан занонро фаро гирад. Бояд ба амалияҳои роҳнамоӣ

---

311 National Standards To Prevent, Detect, and Respond to Prison Rape [Меъёрҳои миллӣ дар соҳаи пешгирӣ, ошкоркунӣ ва барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо], Federal Register, https://www.federalregister.gov/documents/2011/02/03/2011-1905/national-standards-to-prevent-detect-and-respond-to-prison-rape.

312 Маълумоти муфассалтар ниг. дар Роҳнамои «Гендер ва ислоҳоти бахши амният»,https://www.osce.org/odihr/70294; https://www.dcaf.ch/gender-security-sector-reform-toolkit.

313 Қоидаҳои Нелсон Мандела, Қоидаи 81(3).

(устодӣ) барои омӯзондан ва омода кардани кадрҳои нав, фароҳам овардани муҳити мусоид барои кормандони оиладор ва бартараф кардани монеаҳо дар пешравии касбии кормандони зан таваҷҷӯҳ дода шавад.

Гуногунии ҷинсӣ дар ҳайати кормандон бояд дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла дар байни мансабдорони баландпоя, роҳбарият ва сиёсатандешон вуҷуд дошта бошад. Масалан, муҳим аст, ки ҳайати маъмурияти маҳбасҳои мардона таносуби гендерӣ дошта бошад. Дар Қоидаҳои Бангкок аҳамияти тадбирҳо оид ба таъмини рушди касбии кормандони ҷинси зан таъкид карда шуда, он «инчунин дастрасӣ ба мансабҳои баландро, ки масъулияти асосиро барои таҳияи сиёсат ва стратегияҳо оид ба муомила бо занони маҳбус ва расондани кумак ба онҳоро дар бар мегиранд» ва «ӯҳдадории маъмурияти маҳбас барои роҳ надодан ба табъиз нисбат ба кормандони зан аз рӯи аломати ҷинсӣ ва мубориза бо онро дорад»[314].

Дар меъёрҳои байналмилалӣ таҷрибаи пешқадам дар соҳаи омӯзиши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаи маҳбасҳо муқаррар карда шудаанд. Масалан, Қоидаҳои Нелсон Мандела талаб мекунанд, ки кормандони муассисаҳо оид ба масъалаҳо, аз қабили шиканҷа ва дигар муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф; консепсияи амнияти динамикӣ; кор бо қонуншиканҳои хашмгин ва усулҳои муътадил кардани вазъият; омодагии махсус барои кор бо гурӯҳҳои муайяни маҳбусон омӯзонида шаванд[315]. Тибқи Қоидаҳои Бангкок, ҳамаи кормандоне, ки дар идоракунии муассисаҳои ислоҳии занон иштирок мекунанд, бояд дар бораи баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ ва манъи табъиз ва озори ҷинсӣ таълим бигиранд[316].

Барномаҳои самараноки омӯзишӣ бояд дар чунин мавзуъҳо, аз қабили ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, роҳ надодан ба табъиз, таҳаммулпазирӣ, ахлоқ, арзёбии хатарҳо ва стратегияҳои идоракунӣ ва муошират, ки дурнамои гендериро ба эътибор мегиранд, таҳия карда шаванд. Дар баробари ин хеле муҳим аст, ки дар барномаҳои таълимӣ барои кормандони нав, ки ҳанӯз иҷрои вазифаи худро ба ӯҳда нагирифтаанд, инчунин дар барномаҳои таълимии кормандони амалкунанда, масъалаҳои марбут ба мушкилоти ЗҶГ, аз ҷумла масъалаҳои ошкор ва пешгирӣ кардани ин падида дар шакли равшан оварда шаванд. Ба ғайр аз ин, гузаронидани омӯзишҳои доимӣ ва иловагӣ оид ба масъалаҳои пайдошавандаи марбут ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ таҷрибаи хуб аст.

314 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаҳои 29 ва 30.

315 Қодиаҳои Нелсон Мандела, Қоидаи 76.

316 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 32.

### Тавсияҳои асосӣ

✓ Дастурамалҳои таълимӣ барои кормандон бояд аз нав таҳлил ва баррасӣ карда шаванд, то ки модулҳоро дар бораи ЗҶГ дар бар гиранд. Дар ин модулҳо бояд масъалаҳое ба монанди таърифи ЗҶГ, пешгирии чунин зӯроварӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳо ва шикоятҳои марбута баррасӣ карда шаванд.

✓ Дар омӯзиши кормандон инчунин бояд модулҳо дар бораи баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ, шартномаҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва кор бо гурӯҳҳои осебпазир истифода карда шаванд.

### Намунаҳои таълими кормандони полис оид ба масъалаҳои ЗҶГ

**Олмон.** Кормандониояндаи полис дар ҷараёни омӯзиши худ ҷанбаҳои гендерии боздоштро меомӯзанд. Онҳо инчунин мавзуи зӯроварии ҷинсиро, ки ба курси ахлоқи касбӣ низ дохил карда шудаанд, баррасӣ мекунанд. Дар баъзе минтақаҳо барномаҳои алоҳидаи омӯзишӣ оид ба кор бо ҷабрдидагон аз ЗҶГ вуҷуд доранд, дар минтақаҳои дигар бошад, кормандони полисро ба шинохтани нишонаҳои ЗҶГ ва пешгирии зӯроварие, ки аз ҷониби полис содир карда мешаванд, таълим медиҳанд[317].

**Македонияи Шимолӣ.** Дар ин кишвар якчанд барномаҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои пешгирии муносибати бераҳмона дарбоздоштгоҳ, риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон таҳия шудааст. Инчунин барои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ ва марказҳои боздошти ҳуқуқвайронкунандаҳои ноболиғ оид ба усулҳои ҳалли муноқишаҳои байнишахсӣ курси иборат аз 10-машғулият таҳия карда шуд[318].

317 Маълумот аз ҷониби Олмон дар ҷавоб ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

318 Маводҳои таълимиро дар веб-сомонаи зерини барнома дарёфт кардан мумкин аст: http://www.coe.int/t/DGI/CRIMINALLAWCOOP (англ.).

### Намунаҳои омӯзиши кормандони муассисаи маҳбасҳо оид ба масъалаҳои марбут ба ЗҶГ

**Булғория.** Дар се муассиса барои кормандон оид ба масъалаҳои таҳаммулпазирӣ ва табъиз накардан омӯзиши асосӣ ва такмили ихтисос гузаронида шуд. Ҳадафи омӯзиш беҳтар намудани кор бо қонуншиканон аз гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла гурӯҳи рома (як шохаи лӯлиҳо) буд[319]. Дар барномаи омӯзишӣ кормандон аз мардуми гурӯҳи рома низ ширкат варзиданд.

**Эстония.** Мавзӯи ЗҶГ ба барномаи таълимии асосӣ барои кормандони маҳбас дохил карда шудааст. Ба масъалаҳои пешгирии ин падида ва муайян намудани аломатҳои зӯроварӣ диққати махсус дода мешавад[320].

**Олмон.** Омодагӣ оид ба масъалаҳои марбут ба ЗҶГ дар минтақаҳои мухталифи федералӣ фарқ мекунанд. Баъзе кормандони маҳбасҳо оид ба пешгирии зӯроварии ҷинсӣ, аз ҷумла зӯроварӣ нисбат ба кормандони зан, зӯроварии гендерӣ ва гомофобия омӯзонда мешаванд. Барномаи омодагии асосӣ, инчунин мавзуъҳое аз қабили паст кардани шиддати зӯроварӣ дар ҳалли низоъ, идоракунии хашм ва ҳамкории байнифарҳангиро дар бар мегирад[321].

**Италия.** Барномаи омода кардани кормандони муассисаи ислоҳӣ курсҳоро дар мавзуъҳои ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ ва инчунин курсҳои алоҳида дар масъалаҳои кор бо маҳбусон аз гурӯҳи ЛГБТИ-ро дар бар мегирад. Барнома инчунин курсҳоеро дар бар мегирад, ки ба муносибат бо маҳбусони барои педофилия (бачабозӣ) маҳкумшуда бахшида шудаанд[322].

**Сербия.** Кормандони Раёсати иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ аз рӯи модули таълимӣ дар бораи баробарии гендерӣ оид ба ошкор кардан ва пешгирии ЗҶГ омодагӣ мегиранд.[323]

319 Маълумоти муфассалро дар веб-сомонаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Булғория дарёфт кардан мумкин аст : Грантҳо Норвегия»: http://nfm.mjs.bg/NFMs/EN/SitePages/rez4_pr1_en.aspx (англ.).

320 Маълумот аз ҷониби Эстония дар ҷавоб ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

321 Маълумот аз ҷониби Олмон дар ҷавоби пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

322 Маъулумот аз ҷониби Италия дар ҷавоби пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

323 Маълумот аз ҷониби Сербия дар ҷавоби пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

**Украина.** Созмони ҷамъиятии «Маркази иттилоотию машваратии занон» дар заминаи Маркази такмили ихтисос дар Коллеҷи омодагии касбии кормандони хадамоти ҷиноию иҷроии Белосерковск оид ба масъалаҳои гендерӣ курси омӯзишӣ мегузаронад. Дар доираи курси мазкур чунин мавзуъҳо, аз қабили таҳаммулпазирӣ, табъиз накардан ва мушкилоти ЗҶГ омӯхта мешаванд[324]. Созмон барои ҳамаи кормандоне, ки дар бахшҳои модару кӯдак кор мекунанд, оид ба таҷрибаи пешқадами кор бо занони маҳбус омӯзиш мегузаронад[325].

## *Баррасии мисоли мушаххас:* интихоб, санҷиш, омӯзиш ва омода кардани кормандон дар Норвегия

Коршиносони норвегӣ маҳорати касбии баланди кормандони муассисаҳои ислоҳиро дар ин кишвар яке аз омилҳое унвон мекунанд, ки он имкон дод ба таври самаранок ЗҶГ пешгирӣ карда шавад. Ҳарчанд барномаи таълимӣ барои кормандони низоми ислоҳии Норвегия курси алоҳида оид ба мушкилоти ЗҶГ дар ҶМО-ро дар бар намегирад, барномаи асосии омодакунӣ ба ташаккули дарк кардан ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар байни кормандон нигаронида шудааст. Ҳамаи кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар Норвегия дар Маркази таълимии кормандони хадамоти маҳбасҳо (Kriminalomsorgens Høgskole Og Utdanningssenter - KRUS) таълим мегиранд. Курси таҳсил ду сол давом мекунад ва ба наздикӣ то се сол тамдид карда шуда, мақоми барномаи бакалавриро соҳиб мешавад. KRUS кӯшиш мекунад, ки он мутахассисони муассисаҳои ислоҳиеро омода созад, ки онҳо чор арзиши асосӣ: шаффофият, эҳтиром, касбият ва ҳамкориро амалӣ месозанд[326].

Қабул ба омӯзиш ба KRUS дар асоси озмун сурат мегирад ва ҳар сол тақрибан 1700 номзад барои 175 ҷой муроҷиат мекунанд. Пас аз пешниҳоди дархостҳои хаттӣ, 500 номзади интихобшуда аз як раванди ҷиддии интихоб мегузаранд, ки имтиҳонҳои хаттӣ, санҷиши омодагии ҷисмонӣ ва вазъи саломатӣ ва инчунин мусоҳибаҳоро дар бар мегирад. Гарчанде ки барои занони номзад квотаи алоҳида вуҷуд надорад, KRUS кӯшиш мекунад, ки ҳайати аз ҷиҳати гендерӣ мутавозуни донишҷӯён ба даст оварда шавад: дар соли 2016 занон 46%-и шумораи донишҷӯёни ба соли аввал

324 Рӯйнамои Елена Суслова (Маркази иттилоотию машваратии занон) дар ҷаласаи мутахассисони ботаҷриба дар мавзӯи «Пешгирӣ ва барҳамдиҳии зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар муассисаҳои навъи пӯшида», ки аз ҷониби ДНДҲИ 17-18 октябри с. 2016 дар Варшава доир карда шудааст.

325 Фаъолият дар доираи лоиҳаи швейтсарию украинии «Дастгирии ислоҳоти маҳбасҳо дар Украина (2009-2012) бо иштироки якчанд созмонҳои Украина ва созмони «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо»амалӣ шудааст.

326 KRUS Strategic Plan [Нақшаи стратегии Маркази омодасозӣ], 2016-2019.

қабулшударо ташкил доданд. Намояндагии афзуни занон дар байни донишҷӯён дар таносуби мардон ва занон дар байни кормандони муассисаҳои ислоҳӣ дар Норвегия (тақрибан 40% занон) инъикос меёбад.

Барномаи таълимӣ гузаштани курсҳои умумии 120 машғулияти дарсиро, ки аз рӯи панҷ мавзуъ гурӯҳбандӣ шудаанд, пешбинӣ мекунад: криминология (ҷурмшиносӣ), ҳуқуқ, ахлоқ ва касбият, муҳофизат ва амният, кори иҷтимоӣ ва ҳамгироишавӣ[327].

Як қатор фанҳои барномаи таълимии KRUS ба мубориза бар зидди ЗҶГ бевосита алоқамананд. Ба онҳо дохил мешаванд:

**Ахлоқ (этика) ва касбият**

- Курси 1. Арзишҳое, ки асоси ҳуқуқи ҷиноӣ ва ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд
- Курси 2. Фалсафа ва маънавиёт
- Курси 3. Дарки хусусиятҳои фарҳангӣ
- Курси 4. Амалисозии касбии ваколатҳо ва ҳамкорӣ

**Муҳофизат ва амният**

- Курси 1. Қоидаҳои муҳофизат ва амният
- Курси 2. Кори амалӣ оид ба таъмини муҳофизат ва амният
- Курси 3. Банақшагирӣ ва ҳуҷҷатгузории фаъолият оид ба таъмини муҳофизат ва амният
- Курси 4. Муошират ва ҳалли низоъҳо
- Курси 5. Истифода аз зӯрӣ.
- Курси 6. Қоидаҳои ахлоқии муҳофизат ва амният

**Фаъолияти иҷтимоӣ ва азнавҳамгироишавӣ**

- Курси 1. Усулҳои кори иҷтимоӣ дар маҳбасҳо
- Курси 2. Дарки раванди тағйирёбӣ, ки маҳбусон онро мегузаранд
- Курси 3. Бартараф кардани оқибатҳои инзиво (изолятсия)
- Курси 4. Азнавҳамгироишавӣ
- Курси 5. Ихтилоли равонӣ, осебрасонӣ ба бадан, худкушӣ, ЗҶГ, зӯроварӣ ва вобастагӣ(муътодӣ)
- Курси 6. Касбият дар фаъолияти кормандони маҳбас.

Барномаи омӯзишӣ ба ташаккули малакаҳои назариявӣ ва амалӣ нигаронида шуда, ба кори дастаҷамъона ва омӯзиши муштарак диққати махсус медиҳад. Андешаҳои

327 Барнома моҳи декабри с. 2015 тасдиқ шуда, дар суроғаи зерин ҷойгир карда шудааст: http://www.krus.no/fengselsbetjent-studiet.291011. no.html (забони норвегӣ).

донишҷӯён дар бораи накшашон ҳамчун кормандони маҳбасҳо ва инчунин дар бораи меъёрҳои ахлоқие, ки онҳо бояд ба ин меъёрҳо ҷавобгӯ бошанд, ташвиқ карда мешаванд. Донишҷӯён назарияҳои психология ва кори иҷтимоӣ, инчунин маълумотро дар бораи гурӯҳҳои махсусан осебпазири маҳбусон меомӯзанд. Машғулиятҳоро барои донишҷӯён намояндагони гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ низ мегузаронанд[328].

Раванди санҷиш ва интихоби донишҷӯён дар давоми таҳсил низ идома дорад. На танҳо кори онҳо дар доираи курс, балки натиҷаҳои мушоҳидаи доимии кормандони бузургтар (роҳбарикунанда), ки дастовардҳои донишҷӯёнро муҳокима карда, ба рафтори онҳо баҳо медиҳанд, аз ҷумла ба муносибати онҳо ба дигарон, тамоюл ба муомила кардан ё худро дур гирифтан ба эътибор гирифта мешавад. Дар давоми таҳсил донишҷӯён ба андозаи музди кор идрорпулӣ (стипендия) гирифта, якчанд маротиба таҷрибаомӯзиро мегузаранд. Дар натиҷа онҳо таҷрибаи мувофиқи кор пайдо мекунанд, ки ба туфайли он пас аз хатми таҳсил ба кор даромадани онҳо осон мегардад. Ин тадбирҳо ба дарку эҳсоси касби корманди муассисаи ислоҳӣ таъсир мерасонанд ва ин касбро дар Норвегия мавриди тақозо ва эҳтиром қарор медиҳанд.

Кормандони феълии амалкунанда муассисаҳои ислоҳӣ мунтазам дар курсҳои такмили ихтисос дар KRUS иштирок мекунанд. Ҳар моҳ дар маркази омӯзишӣ 5-6 курс дар чунин мавзуъҳо, аз қабили ҳалли вазъияти низоъ ва идоракунии хатарҳо, рушди хусусиятҳои раҳбарикунанда ва таъмини амният баргузор мешавад. Ба лутфи ин курсҳо хадамоти иҷрои ҷазо барои ҳалли ҳама гуна мушкилоти бавуҷудоянда омода аст ва кормандони он дар масъалаҳои касбӣ дастгирии пайваста меёбанд.

---

Бо омӯзиш ҷиҳати ошкор кардан ва барҳамдиҳии ЗҶГ бояд ҳамаи кормандони дахлдори ҶМО фаро гирифта шаванд. Ба онҳо инчунин кормандони иҷтимоӣ ва равоншиносон дохил шуда метавонанд, ки бевосита бо боздоштшудагон ва маҳбусон ҳамкорӣ мекунанд. Масалан, дар Туркия мавзуи ЗҶГ аз моҳи ноябри соли 2016 ба барномаи омодасозии равоншиносон ва кормандони иҷтимоие, ки дар муассисаи маҳбасҳо кор мекунанд, ворид карда шудааст[329].

328 Дар ҳамон ҷо .

329 Маълумот аз ҷониби Туркия дар ҷавоб ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

## 6.8. Тартиби пешниҳоди шикоятҳо, вокуниш ба онҳо ва анҷом додани тафтишот.

**Тавсияҳои асосӣ**

- ✓ Сиёсатандешон ва қонунгузорон бояд дар маҳбасҳо мавҷуд будани дастурамалҳои хаттиеро таъмин кунанд, ки дар онҳо тартиби пешниҳоди шикоят аз ҷониби маҳбусон ва андешидани чорабиниҳои вокуниш аз рӯи шикоятҳои ЗҶГ маънидод карда мешаванд.
- ✓ Мухлатҳои ирсоли ҷавобҳо/гузарондани тафтишоти шикоятҳо муқаррар карда шаванд, инчунин чораҳо оид ба таъмини амнияти ҷабрдидагон ва ҳамаи шоҳидон, аз ҷумла махфӣ нигоҳ доштани маълумот дар бораи ин шахсон, бояд пешбинӣ карда шаванд.
- ✓ Барои роҳбарияти маҳбасҳо ва кормандони маҳбасҳо, ки аз ҳолатҳои содир шудани ЗҶГ огоҳанд, аммо барои пешгирӣ ё барҳамдиҳии ин падида чораҳои дахлдор намеандешанд, бояд муҷозотҳои дақиқ муқаррар карда шаванд.
- ✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд ҳамаи боздоштшудагон/маҳбусон ва кормандонро дар бораи механизми пешниҳоди шикоятҳо огоҳ созанд ва ба онҳо барои ба таври махфӣ дар бораи ҳолатҳои ЗҶГ бидуни тарси интиқом ва дигар оқибатҳои манфӣ шикоят кардан имконият фароҳам оваранд.
- ✓ Имконияти аз ҷониби шахсони севвум -аз номи маҳбусон пешниҳод кардани шикоятҳоро пешбинӣ намудан зарур аст.

Ҷабрдидагон аз ЗҶГ дар ҶМО аксар вақт бо як қатор сабабҳои ба ҳам вобаста дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ ба мақомот хабар намедиҳанд. Бисёре аз омилҳое, ки ба пешниҳоди шикоятҳо аз ҷониби ҷабрдидагон монеа мешаванд, метавонанд тавассути таъсиси механизмҳои босамари пешниҳод ва баррасии шикоят, ки бо қоидаҳои возеҳ ва ба ҳама маълум дастгирӣ мешаванд, бартараф карда шаванд. Дар ҷадвали зер маълумот дар бораи баъзе омилҳои асосӣ, ки ба пешниҳоди шикоятҳо монеъ мешаванд ва усулҳои бартараф кардани онҳо тавассути расмиёти хуб тарҳрезишудаи пешниҳоди шикоятҳо ва аризаҳо оварда шудааст.

| Монеа | Тадбирҳо оид ба бартараф кардани он |
|---|---|
| **Набудани механизмҳои мустақил ё самараноки пешниҳоди шикоятҳо / Набудани иттилоот оид ба механизмҳои мавҷуда ё эътимод ба онҳо** | * Пешбинӣ кардани роҳҳои гуногуни махфиёна пешниҳод кардани хабарҳо дар бораи ҳолатҳои ЗҶГ (масалан, дар шакли хаттӣ, тавассути хатти телефони боварӣ ё шахсан бурда расондан).<br>* Пешбинӣ кардани механизмҳои интиқоли хабарҳо аз ҷониби кормандон, аз ҷумла кормандони соҳаи тиб дар бораи нишонаҳои ЗҶ, ки онҳо мушоҳида кардаанд. |
| **Тарс аз интиқом ва чораҳои ҷазодиҳанда** | * Риоя кардани махфияти шахсияти одаме, ки дар бораи ҳодиса хабар додааст.<br>* Иҷозат додани пешниҳоди беноми шикоятҳо ва роҳ надодан ба сензураи ин шикоятҳо.<br>* Қабул кардани шикоятҳои ҷабрдидагон, инчунин шоҳидон ва шахсони севвум, аз қабили хешовандон, адвокатҳо, мақомоти назоратӣ ё намояндагони созмонҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ.<br>* Дарҳол баъди гирифтани шикоят ба шахси ҷабрдида таъмин кардани ҳимоят ва таҳти мушоҳида гузоштани ӯ.<br>* Барои ҳама шахсон таъмин намудани шароити бехатари ифшои маълумот. |
| **Тамғагузорӣ, эҳсоси шарм** | * Ба ҷабрдидагон фароҳам овардани имкони интихоби суроғаи шикоят, аз ҷумла мақомоти назорати дохилӣ ва берунӣ.<br>* Ба ҷабрдидагон иҷозат додани интихоби шахсе, ки дар назди ӯ онҳо моҳияти шикояти худро нисбатан роҳаттар (осонтар) баён мекунанд (масалан, корманди ҳамҷинсаш , шахси ҳамон |

як мансубияти динӣ ё фарҳангидошта, корманди соҳаи тиб, адвокат).

* Пас аз пур кардани варақаи шикоят ба ҷабрдидагон расондани кумак ва дастгирии махсус. Пешниҳоди шикоят бояд ба таври худкор тартиби расонидани кумак ва дастгирии махсусро ба шахси ҷабрдида оғоз кунад (аз ҷумла хидматрасонии тиббӣ барои ҳалли мушкилоти саломатии ҳам ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ; машварати равоншинос, ёрии ҳуқуқӣ ва дастгирии дигар).

**Намунаҳои тартиби пешниҳоди шикоятҳо ва аризаҳо**

**Дания.** Тафтиши ҳодисаҳои ЗЧГ,тибқи қонунгузории Дания, ба мавҷуд будан ё набудани шикояти ҷабрдида вобаста нест. Тибқи Қонун дар бораи ба амал баровардани адолати судӣ, полиси Дания метавонад дар асоси шикояти воридшуда ҳодисаҳои ЗЧГ-ро тафтиш кунад, агар далелҳои асоснок барои тахмин кардани чунин зӯроварӣ вуҷуд дошта бошанд. Тафтишоти полис метавонад ҳатто пас аз бозхонди шикоят идома дода шавад[330].

**Олмон.** Дар Олмон маҳбусон метавонанд ба маъмурияти маҳбас, хадамоти пешниҳоди хидматрасонӣ (кормандони иҷтимоӣ, муаллимон, равоншиносон, кормандони соҳаи тиб ва ғ.), ба полис, прокуратура, судҳо, Вазорати адлия, парламентҳои замин (лангтагҳо), ММП, ВАО ва мақомоти байналмилалӣ дар бораи ЗЧГ шикоят фиристанд. Вақте ки маъмурияти муассиса аз ҳодисаи ЗЧГ хабардор мешавад, аз рӯи ӯҳдадориҳои ба зиммаи ӯ бо қонун гузошташуда (ex officio) парвандаи ҷиноӣ оғоз карда мешавад[331].

**Латвия.** Маҳбусон метавонанд дар бораи ҳодисаҳо тавассути телефони боварӣ ё тавассути почта хабар диҳанд. Дар баробари гирифтани шикоят дар бораи ЗЧГ аз ҳисоби мутахассисони соҳаи тиб ва равоншиносони касбӣ комиссияи байнисоҳавии таҳқиқи парванда ташкил карда мешавад[332].

330 Иттилоот аз ҷониби Дания дар ҷавобҳо ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

331 Иттилоот аз ҷониби Олмон дар ҷавобҳо ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

332 Krasovska, ос.зикршуда, поварақи 221

Баробари пешниҳоди шикоят аз болои ЗҶГ, он бояд ба қайд гирифта шуда, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ва мустақил тафтишот оғоз карда шавад[333]. Бо мақсади мусоидат намудан ба ин раванд, бояд байни гурӯҳҳои гуногуни мутахассисон (масалан, байни кормандони муассисаи маҳбас, полис, прокурорҳо, вазорати адлия, механизмҳои миллии мурофиат ё Дафтари ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон) тақсимоти дақиқи салоҳиятҳо мавҷуд бошад. Қоидаҳои махсус ҳангоми шикоят дар бораи шиканҷа ва дигар муносибати золимона мутобиқи Конвенсияи зидди шиканҷа ва Протоколи Истамбул татбиқ мешаванд. Ин қоидаҳо бояд ба таври қатъӣ риоя карда шаванд.

Ҳама шикоятҳо дар бораи ЗҶГ дар ҶМО бидуни ҳеҷ гуна табъиз нисбат ба ҷабрдидагон ва ҳамон тавре тафтиш карда мешаванд,ки ин ҷиноят берун аз маҳбас содир шуда бошад. Ба ҳодисаҳои ЗҶГ дар муассисаҳои навъи пӯшида расмиёти миллии адолати судии ҷиноятӣ, инчунин стандартҳои байналмиллалӣ оид ба таҳқиқи зӯроварӣ нисбат ба занон/зӯроварӣ бар асоси гендерӣ татбиқпазиранд.

Меъёрҳои байналмилалӣ, ба ғайр аз чизҳои дигар, талаб мекунанд, ки давлатҳо барои пурсамар таҳқиқ кардани далелҳои зӯроварӣ нисбат ба занон ва таъқиби ҷинояти айбдорон тамоми чораҳои заруриро андешанд ва амният, ҳаёти шахсӣ ва шаъну шарафи ҷабрдидагон дар ҳама марҳилаҳои раванди таҳқиқи ҷиноят ҳимоят карда шаванд. Илова бар ин, нотавонӣ ё майл надоштани ҷабрдида барои иштирок дар раванди тафтишот ё таъқиби ҷиноятӣ набояд ба манфиатҳои парванда зарар расонад[334].

Ӯҳдадории давлатҳо оид ба таъмини он, ки тафтиш ва таъқиби парвандаҳои ЗГ ба баёнот ё шикояти ҷабрдидагон вобаста набошанд (боз кардани парванда officio) дар шароити ҶМО аҳамияти хосса дорад. Дар муассисаҳои навъи пӯшида мушкилоте ба мисли интиқом ё чораҳои танбеҳдиҳӣ, беамалӣ ва фасод вуҷуд дошта метавонанд. Аз ин лиҳоз, ӯҳдадории оғоз намудани парвандаи ҳуқуқӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор набояд пурра ба зиммаи шахси ҷабрдида гузошта шавад. Тартиботи ex officio, ки ба мақомот имкон медиҳанд, ки муносибати пешгирикунандаро роҳандозӣ кунанд, ҳамчун воситаи бартараф кардани «эҳсоси шарм, тарс ва нотавонӣ [аз ҷабрдида], ки бинобар ин шумораи изҳорот [дар бораи далелҳои зӯроварӣ] ва дар натиҷа, ҳукмҳо каманд» эътироф карда мешаванд[335]. Дар баробари ин, бояд механизмҳои босамари ҳифзи ҷабрдидагон аз зӯроварӣ мавҷуд бошанд ва онҳо ба ғайр аз чизҳои дигар, махфӣ будани маълумот ва манбаъҳоро дар марҳилаи тафтишот ва пас аз он таъмин намоянд.

333 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 25.

334 Ниг.: Стратегияҳои таҷдидшудаи намунавӣ ва тадбирҳои амалӣ оид ба бартараф кардани зӯроварӣ нисбат ба занон дар соҳаи пешгирии ҷиноятҳо ва адлияи ҷиноӣ, Қарори Ассамблеяи Генералии СММ 65/228 (замима).

335 Council of Europe, 2011, Explanatory Report to the Council of Europe Convention in preventing and combating violence against women and domestic violence [Шӯрои Аврупо, Гузориши тавзеҳӣ ба Конвенсия оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди зӯроварӣ нисбат ба занон ва зӯроварии хонагӣ], CETS 210, p. 47.

**Намунаи мисолҳое, ки ба зидди озори ҷинсӣ дар маҳбасҳо равона шудаанд.**

Дар соли 2015 Дафтари Ваколатдор оид ба баробарии гендерии Хорватия қазияи ҳодисаро дар яке аз маҳбасҳои мардона, ки дар он як маҳбус коргарзанро бо суханонаш таҳқир карда, дасти ӯро бӯсид, баррасӣ кард. Корманди мард,ки онҷо ҳузур дошт, бо ин маҳбус мубодилаи шухии шаҳватомез анҷом дод[336]. Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муайян кардааст, ки амали маҳбуси мард ва корманди мард тибқи қонунҳои Хорватия «Дар бораи баробарии гендерӣ», ки «ҳама гуна амалҳои номатлуби шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ ва ҷисмонии дорои хусусияти шаҳвонидоштаро, ки ҳадаф ё оқибати онҳо таҳқири шаъну шарафи инсон аст, махсусан, агар ин кирдорҳо бо эҷоди муҳити ногувор, душманона, таҳқиромез ё шаъни одамро пасткунанда якҷо содир шаванд» метавонад ҳамчун озори ҷинсӣ тасниф карда шавад[337].

## 6.9. Назорат ва мониторинг

**Тавсияҳои асосӣ**

- ✓ Сиёсатандешон ва қонунгузорон бояд низомномаҳо дар бораи фаъолият ва доираи салоҳиятҳои механизмҳои назорати дохилиро таҳлил кунанд ва дар ҳолати зарурӣ ба онҳо масъалаҳои марбут ба ЗҶГ-ро ворид намоянд; кормандони ин мақомот бояд оид ба масъалаҳои пешгирӣ кардани ЗҶГ таълим гиранд.
- ✓ Мақомоти назорати дохилӣ бояд захираҳои зарурии техникӣ ва молиявӣ, инчунин имконияти ҷалб кардани мутахассисонро барои кор бо ҷабрдидагони ЗҶГ дошта бошанд.
- ✓ Тартиби вокуниш ба гузоришҳо дар бораи ЗГ ва гузаронидани тафтишот, аз ҷумла бо мақсади таъмини саҳеҳият ва махфӣ будани ҳуҷҷатҳо ва ҳифзи далелҳо бояд бозбинӣ шавад.

336 Маълумот аз ҷониби Хорватия дар ҷавобҳо ба пурсишномаи ДНДҲИ пешниҳод шудааст.

337 Act on Gender Equality [Қонун «Дар бораи баробарии гендерӣ»], Article 8.

- ✓ Ҷиноятҳое, ки дар ҶМО содир мешаванд, бояд тафтиш карда шаванд ва гунаҳкорон бояд ҳамон тавре, ки агар ин ҷиноятҳо дар озодӣ содир мешуданд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.
- ✓ Маъмурияти маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои полис бояд гузарондани тафтишотро аз рӯи ҳама гуна шикоятҳо дар бораи ЗҶГ тибқи тартиботи муқарраршуда анҷом диҳанд.
- ✓ Маъмурияти маҳбасҳо ва боздоштгоҳҳои полис аз рӯи натиҷаҳои тафтишот бояд тамоми чораҳои заруриро андешанд ва тавсияҳои дахлдорро амалӣ намоянд, инчунин санҷишҳои дохилӣ барои омӯзиши омилҳои боиси зӯроваришударо (аз ҷумла омилҳои дохилии мушаххас) бо мақсади пешгирии такрории чунин зӯроварӣ гузаронанд.
- ✓ Ҳамаи шахсоне, ки дар кирдорҳои зӯроварӣ гунаҳкор дониста мешаванд, бояд ба ҷазои интизомӣ кашида шаванд ва дар сурати оғоз шудани тафтишоти расмӣ, бояд бо мақомоти адлияи судӣ ҳамкорӣ кунанд.
- ✓ Ҳуқуқшиносон ва мақомоти судӣ бояд бодиққат он масъалаеро омӯзанд, ки оё дар парвандаҳои ҳодисаҳои ҷиддии ЗҶГ, аз ҷумла таҷовуз ба номус, айбдоркунӣ аз рӯи таҷовузи ҷинсӣ ё истифодаи шиканҷа ё дигар намудҳои рафтори золимона пешниҳод карда шаванд ё не. Қарорҳо дар ин хусус бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври инфиродӣ ва мувофиқи хоҳиши шахси ҷабрдида қабул карда шаванд.

Ҳангоми муайян кардани миқёси мушкилоти ЗҶГ ва ҳалли он набояд танҳо ба хабарҳои ҷабрдидагон ё шахсони дигар такя кард. Барои ошкор кардани сӯиистифода ва ҳолатҳои муомилаи дағалона ҳам санҷишҳои дохилӣ ва ҳам назорати мустақили беруна заруранд. Мушоҳидаи мунтазами мустақил ҳамзамон нақши муҳими пешгирикунанда мебозад ва барои пешгирии шиканҷа ва дигар шаклҳои муносибати бераҳмона, инчунин умуман ЗҶГ, имкон медиҳад.

Ҳамаи шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ кор мекунанд, бояд дар бораи гумонашон оид ба муносибати золимона ба роҳбарияти болоӣ хабар диҳанд ва дар

мавридҳои зарурӣ ба мақомоти дигаре маълумоти дахлдорро пешниҳод кунанд, ки ба онҳо ваколати ислоҳ кардани қонунвайронкунӣ вогузор карда шудааст[338].

Дигар субъектҳои низоми адолати судии ҷиноятӣ низ вазифаҳои муҳими назоратиро иҷро мекунанд. Нақши прокурор дар назорати тафтишоти полис аз ӯҳдадории пешгирии содир кардани муносибати берҳамона ва шиканҷа ва чун натиҷа, амалҳои ЗҶГ ҳангоми бозпурсиҳо ё дар ҳар гуна вақти дигар дар марҳилаи тафтишот иборат аст. Назорати судӣ аз болои шароити нигаҳдории маҳбусон дар маҳбасҳо низ метавонад як механизми самараноки назорат бошад, махсусан агар он бо ваколатҳои суд ҷиҳати бартараф кардан қонуншиканҳо дар якҷоягӣ истифода шавад. Дар як қатор давлатҳои узви САҲА назорати судӣ аз болои маҳбасҳо пешбинӣ шудааст. Масалан, дар Сербия ҳама қарорҳои маъмурияти маҳбас, ки ба ҳуқуқи маҳбусон дахл доранд, метавонанд аз ҷониби суд аз нав баррасӣ карда шаванд.

Механизмҳои назоратии беруна метавонанд санҷишҳо ва фаъолияти мониторингиро дар бар гиранд, ки онро мақомоти гуногуни мустақил, аз ҷумла ММП, НМҲҲ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои махсусе, ки бо категорияҳои муайяни маҳбусон кор мекунанд; мақомоти байналмилалӣ ва гузоришгарони махсус амалӣ месозанд.

### Намунаҳои вазифаҳои мониторинг ва назорат

**Канада.** Назорати низоми маҳбасҳои Канадаро як қатор мақомоти мустақил, аз ҷумла Раёсати нозироти муассисаҳои ислоҳӣ, Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Канада ва Аудитори генералӣ анҷом медиҳанд. Раёсати нозироти муассисаҳои ислоҳӣ ҳамчун ниҳод оид ба ҳимояи ҳуқуқҳо (омбудсмен) барои қонуншиканоне, ки аз ҷониби судҳои федералӣ маҳкум шудаанд, амал мекунад. Мақоми мазкур шикоятҳои инфиродиро баррасӣ мекунад, таҳқиқоти мустақил мегузаронад ва барои таъмини «таҷрибаи ислоҳии бехатар, қонунӣ ва инсондӯстона» тавсияҳо медиҳад»[339].

**Федератсияи Руссия.** Комиссияҳои назорати ҷамъиятӣ (КНҶ) субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, ки вазифаҳои назорати муассисаҳои боздошти иҷборӣ (изоляторҳои боздошти муваққатӣ, СИЗО ва колонияҳои ислоҳӣ) ва расонидани кумак ба

338 Маҷмуи принсипҳои ҳимояти ҳамаи шахсоне, ки дар ин ё он шакл боздошт ё ҳабс мешаванд, Созмони Милали Муттаҳид, принципи 7.

339 Office of the Correctional Investigator [Раёсати нозироти муассисаҳои ислоҳӣ], Government of Canada, http://www.oci-bec.gc.ca/index-eng.aspx.

боздоштшудагон ва маҳбусонро иҷро мекунанд[340]. Намояндагони КНЧ ҳуқуқи озодона ба ҶМО ворид шудан доранд, то вазъи ҳуқуқи инсонро арзёбӣ кунанд ва ба мақомот дар бораи вайронкуниҳо хабар диҳанд. Фаъолияти комиссияҳои назорати ҷамъиятӣ бо як қатор санадҳои қонунгузорӣ танзим карда мешавад.

Тибқи ПИКАШ, давлатҳои узв бояд механизмҳои миллии пешгирикунанда (ММП)– мақомоти махсуси мустақили назоратиро барои пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона таъсис диҳанд. ММП як ниҳоди муҳим барои пешгирӣ, ошкор кардан ва бақайдгирии ҳодисаҳои ЗҶГ дар ҶМО мебошад. Ҳангоми диду боздидҳои мунтазам аз муассисаҳо ММП ҳамзамон шикоятҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшударо қабул намуда, ба мақомоти дахлдор ҷиҳати беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ тавсияҳо медиҳад[341].

## *Таҳлили як мисоли мушаххас:* Механизми миллии пешгирикунандаи Гурҷистон

Дар низоми адлияи суди ҷиноии Гурҷистон барои беҳтар кардани муомила бо боздоштшудагон ва маҳбусон ислоҳот гузаронида мешавад. Солҳои 2004-2013 дар натиҷаи сиёсати таҳаммулпазирии сифрӣ нисбат ба ҷиноятҳо теъдоди маҳбусон ба ҳар сари аҳолӣ дар ин кишвар ба яке аз баландтарин дар ҷаҳон табдил ёфт[342].Соли 2012 як посбони собиқи зиндон навори видеоии зӯроварии ҷисмонӣ ва ҷинсие, ки аз ҷониби кормандони маҳбас ва маҳбусон алайҳи дигар мардони маҳбус, аз ҷумла ноболиғон содир мешавад, нашр кард. Иттилоот дар бораи муомилаи бераҳмона тазоҳуротро дар саросари кишвар ба вуҷуд овард ва сипас аз кор озод кардан ва боздошти шахсони вазифадор аз муассисаи маҳбасҳо оғоз шуд.

Механизми миллии пешгирикунанда (ММП) дар назди Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Гурҷистон соли 2009 таъсис ёфтааст, аммо пас аз он ки маълумот дар бораи сӯиистифода ба ҷомеа маълум шуд, ММП дар чанд самт таҳким ёфт. Усулҳои кори он тағйир дода шуда, маълумот дар бораи шароити нигоҳдорӣ дар ҶМО тавассути як қатор нашрияҳо (ҳисобот аз боздидҳо, гузоришҳои махсуси мавзуӣ ва

340 Маълумоти нисбатан муфассалро дар бораи комиссияҳои назоратии ҷамъиятӣ дар Руссия ниг.дар веб-сомонаи http://sovetonk.ru.

341 Дар замони омода кардани нашрияи мазкур ПИКАШ-ро 41 давлати узви САҲА ба тасвиб расониданд,ММП бошад, дар 39 давлати узв таъсис дода шудаанд.

342 . Солҳои 2003-2010 теъдоди маҳбусон ба 300% афзудааст. Нишондиҳанда ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2010 538 маҳбусро ба ҳар 100 000 аҳолӣ ташкил дод. Ниг.: Crime and Excessive Punishment: The Prevalence and Causes of Human Rights Abuse in Georgia's Prisons [Ҷиноят ва ҷазои беш аз ҳад: миқёс ва сабабҳои вайронкунии ҳуқуқҳои инсон дар маҳбасҳои Гурҷистон], Open Society Georgia Foundation, 2014, p. 13, http://www.osgf.ge/files/2015/Publication/Final_Report_ENG.pdf.

бюллетенҳо) паҳн карда шуданд[343]. Соли 2014 дар назди ММП Шӯрои машваратӣ барои дастгирии фаъолияти он ва беҳтар намудани робитаҳо бо ҷонибҳои гуногуни манфиатдор таъсис дода шуд. ММП бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ки онҳо ҳуқуқи мустақилона назорат кардани вазъиятро дар ҶМО надоранд) бо мақсади ҳуҷҷатгузории ҳодисаҳо ва вазъи умумии ҶМО, инчунин барои мусоидат кардан ба боздоштшудагон дар гирифтани кумаки ҳуқуқӣ ва дигар ёриҳо ҳамкорӣ мекунад.

Соли 2015 ММП анҷом додани ислоҳотеро пешниҳод кард, ки он ба кормандонаш имкон медод, ки ҳангоми боздид аз ҶМО аксбардорӣ кунанд. Ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тағйирот ворид карда шуд ва Вазорати масъалаҳои иҷрои ҷазо қоидаҳои истифодаи таҷҳизоти аксбардориро дар ҷойҳои боздошт тағйир дод.Ҳоло аксбардорӣ танҳо барои ҳадафҳои тафтишот иҷозат дода мешавад, на барои нашр кардан, аксбардории шароити боздошт ва маҳбусон бошад, танҳо бо ризоияти худи маҳбусон иҷозат дода мешавад. ММП дастур оид ба таъмини махфият ва баҳисобгирии ҷанбаҳои гендериро ҳангоми аксбардории осебҳои маҳбусон таҳия кардааст. Интизор меравад, ки қоидаҳои нав махсусан дар ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муомилаҳои золимона муфид хоҳанд буд; онҳо инчунин вазифаҳои ММП-ро, ки ба мониторинги вазъият ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳо вобастаанд, бояд васеъ намоянд.

ММП ва коршиносони ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳаҳоеро муайян карданд, ки дар онҳо ислоҳоти минбаъда зарур аст: масалан, таҳия кардани модел (амсила)-и амнияти динамикӣ ва таъсиси мақомоти мустақили тафтишотӣ барои гузарондани тафтишот аз рӯи аризаҳо дар бораи шиканҷа ва дигар муомилаҳои золимона дар маҳбасҳо. ММП ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ниёзҳои гурӯҳҳои махсусан осебпазир ва аксаран ноаён, аз ҷумла ҳамҷинсгароҳо, дуҷинсаҳо (бисексуалҳо) ва трансгендерҳо (тароҷинситҳо)-ро, ки дар маҳбасҳои мардона нигоҳ дошта мешаванд, таваҷҷуҳ карданд. ММП ба Вазорати масъалаҳои иҷрои ҷазо344 тавсия дод, ки дастурҳои махсусро оид ба пешгирии табъиз нисбат ба маҳбусон аз рӯи тамоюли ҷинсӣ ва ҳувияти гендерии онҳо таҳия намояд[345].

Назорати беруниро инчунин ҳамчун таҷрибаи умумии беҳтар кардани дастрасии субъектҳои беруна ба муассисаҳои навъи пӯшида, ки ба низоми адолати судии ҷиноятӣ мансуб нестанд, фаҳмидан мумкин аст. Таҷрибаи кушодани муассисаҳои пӯшида ба рӯи мутахассисони гуногун ё «иҷоза додан ба ҷаҳони беруна»[346] ҳам-

343 Ҳисоботҳо ва гузоришҳои ММП ба забони гурҷӣ ва англисӣ дар суроғаи зерин дастрасанд: http://www.ombudsman.ge/en/prevenciis-erovnuli-meqanizmi.

344 Соли 2018 Вазорати корҳои иҷрои ҷазо бо Вазорати адлия муттаҳид карда шуданд

345 Annual Report: National Preventative Mechanism [Механизми миллии пешгирӣ, Ҳисоботи солона], Public Defender of Georgia, 2015, p. 152.

346 Lisa A. Kort-Butler & Sarah E. Malone, Citizen volunteers in prison: bringing the outside in, taking the inside out [Ризокорони шаҳрвандӣ дар маҳбасҳо: ҳаётро аз берун оварда, ҷомеаро бо ҳаёт дар дохили маҳбасҳо шинос мекунанд], Journal of Crime and Justice, 10 October 2014, https://www.tandfonline.com/doi/abs/10.1080/0735648X.2014.969293.

чун воситаи мукаммал кардани мониторинг хидмат мекунад ва хавфи пинҳон мондани вайронкунии ҳуқуқи инсонро коҳиш медиҳад. Ба ғайр аз адвокатҳо, хешу табор ва дӯстон, шахсони маҳрум аз озодӣ метавонанд бо доираи васеи мутахассисон аз олами беруна, аз ҷумла кормандони соҳаи тиб, муаллимон, арбобони дин, шахсоне, ки хидматузориҳо пешниҳод мекунанд, тамос дошта бошанд.

### Усулҳои баланд бардоштани самаранокии санҷишҳо ва мониторинг барои ошкор кардани ЗҶГ

* Бидуни огоҳии пешакӣ аз муассисаҳо дидан кардан.

* Таъмини давонокии кофии боздидҳо, то ки бозрасон (нозирон) барои муқаррар кардани муносибатҳои боваринок бо ҳамсӯҳбатҳо имкон пайдо кунанд

* Муҳайё намудани шароити махфият ҳангоми боздидҳо барои гузаронидани сӯҳбатҳои муфассали инфиродӣ бо маҳбусон ва боздоштшудагон.

* Таъмини тавозуни гендерӣ ва гуногунрангӣ дар ҳайати дастаҳои нозирон ва бозрасон.

* Интихоби дақиқи нозирон ва бозрасон ва омодасозии онҳо бо таваҷҷӯҳ ба мушкилоти гендерӣ ва дарки мушкилоти ЗҶГ (ба ҳайати гурӯҳ инчунин коршиносони мушкилоти ЗҶГ низ бояд дохил карда шаванд).

* Ҳангоми боздидҳо фароҳам овардани шароит барои аз ҷониби кормандон ё маҳбусон ошкор кардани ҳодисаҳои ЗҶГ.

* Гузарондани мониторинги истифодаи қоидаҳо, усулҳои амалӣ ва механизмҳои мавҷуда дар муассиса барои муайян кардани он, ки чӣ гуна онҳо метавонанд барои пешгирии ЗҶГ самаранoктар истифода карда шаванд.

* Огоҳонидани ҳамаи аъзои гурӯҳ дар бораи ӯҳдадориҳо ва ваколатҳои онҳо, инчунин дар бораи он, ки ба кӣ онҳо бояд дар бораи кори худ ҳисобот пешниҳод кунанд.

## 6.10. Иттилоотонии ҷомеа

### Тавсияҳои асосӣ

- ✓ Сиёсатандешон ва қонунгузорон муҳокимаҳои ҷамъиятиро оид ба масъалаи ЗҶГ дар ҶМО ва дар бораи монеаҳо дар пешниҳод кардани аризаҳои марбут ба ЗҶГ ва тафтиши чунин ҳодисаҳо дастгирӣ кунанд; онҳо бояд дар ин муҳокимаҳо низ иштирок кунанд.
- ✓ То ҳадди имкон гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба таҳияи стратегияҳо барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз мушкилоти ЗҶГ дар муассисаҳои навъи пӯшида бояд таъсис дода шаванд.
- ✓ Маъмурияти маҳбасҳо бояд иштироки кормандон, маҳбусон, хешовандон, намояндагони хадамоти хидматрасонӣ ва коршиносони соҳавиро дар пурсишҳо, мубоҳисаҳо ва чорабиниҳои гурӯҳӣ, ки ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ дар ҶМО нигаронида шудаанд, ҳавасманд намоянд.
- ✓ Муассисаҳои боздоштгоҳи маҷбурӣ бояд бо созмонҳои ҷамъиятие, ки бо чабрдидагон аз зӯроварӣ кор мекунанд, робита барқарор кунанд ва ташаббусҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳиро дастгирӣ кунанд.
- ✓ Ҳама ҷонибҳои манфиатдор бояд барои пешниҳоди фикру мулоҳизаи хеш оид ба самаранокии равишҳои мушаххас ҷиҳати пешгирии ЗҶГ имконият дошта бошанд.

Илова бар моҳияти пушида доштани мушкилоти ЗҶГ дар ҶМО, боз як мушкили дигар ин аст, ки ҷомеа метавонад мавҷудияти ин мушкилотро нодида бигирад ва ё ҳатто онро рад кунад. Бисёр одамоне, ки таҷрибаи дар боздоштгоҳ қарор доштанро надоранд, замоне шӯхиеро дар бораи таҷовузҳо бар номус дар маҳбасҳо шунидаанд[347]. Ин хусусияти «нороҳаткунанда» доштани мавзуъро инъикос мекунад ва ҳамзамон нишон медиҳад, ки ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, шояд, ягона муҳите

347 Дар Стандартҳои миллии Иёлоти Муттаҳида оид ба пешгирӣ, ошкор кардан ва барҳам додани таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо қайд карда мешавад, ки «дар фарҳанги маъмул зӯроварӣ дар маҳбасҳо аксар вақт як мавзуи шӯхӣ аст; аксар вақт дар сӯҳбати оммавӣ ба таври ҷиддӣ қабул карда намешавад, зеро он ҳамчун оқибати ногузир ва баъзан оқибати сазовори кирдорҳои ҷиноятӣ баррасӣ мешавад».

бошанд, ки дар он ЗҶГ то ҳол «қобили қабул» ё ҳодисаи «муқаррарӣ» дониста мешавад. Зарурати возеҳи мубориза бо стереотипҳо дар бораи ЗҶГ вуҷуд дорад ва хусусан бо фаҳмиши он, ки «фарҳанги таҷовуз ба номус» ҷузъи ҷудонопазири ҳабс аст ва зӯроварӣ бояд як қисми ҷазо бошад ва шикоятҳои маҳбусон ё боздоштшудагон ҷиддӣ қабул карда намешаванд ё беэътибор мемонанд, алалхусус, агар онҳо бо баёноти мухолифи нозирон дучор шаванд.

Қоидаҳои Бангкок тавсия медиҳанд, ки ба воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа маълумоти воқеӣ дар бораи вазъи занон дар низоми адолати судии ҷиноӣ ва маълумоти боэътимод дар бораи тадбирҳои бо қоидаҳо пешбинишуда ва татбиқи ин тадбирҳо пешниҳод карда шаванд[348]. Ин амалия ба баланд бардоштани огаҳии таҳиягарони сиёсат ва инчунин ҷомеа дар бораи ЗҶГ ва эҳтиёҷоти шахсони боздоштшуда ва маҳбусон мусоидат мекунад; он инчунин доғи марбут ба ин навъи зӯровариро коҳиш хоҳад дод. Ба ҳамин тартиб, маълумот дар бораи вазъи маҳбусони мард ва онҳое, ки дар мавқеи осебпазир қарор доранд, бояд паҳн карда шавад.

Дар баробари ин, ҳангоми кор бо ВАО, бояд эҳтиёткорӣ зоҳир намуда, махфияти иттилоотро, махсусан ҳангоми ба ҳодисаҳои мушаххас ё маҳбусон/боздоштшудагони муайян дахл доштани гузоришҳои матбуотӣ, нигоҳ доштан зарур аст. Инчунин онро бояд ба эътибор гирифт, ки мавзуи ЗҶГ ба таври дақиқ гузориш дода шавад ва барои сенсатсия шудани он ба муболиғa роҳ надода шавад.

Ҷалби собиқ маҳбусон ё боздоштшудагоне, ки аз ЗҶГ ҷабр дидаанд, дар сурати омода будан ва хоҳиш доштани онҳо ба корҳои ҳифзи манфиатҳо ва иттилоотонии ҷомеа на танҳо самаранокии маъракаҳоро баланд мебардорад, балки эҳтимолияти бо ҳассосияту зарофати зарурӣ гузаронида шудани онҳоро низ меафзояд. Дар Норвегия, Иёлоти Муттаҳида ва Украина мисолҳое мавҷуданд, ки маҳбусони собиқ бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар гузарондани чорабиниҳои огоҳонии ҷомеа, омӯзиш ва таҳияи сиёсат ҳамкории зич анҷом медиҳанд. Дар чунин мавридҳо барои пешгирии дубораи осеб дидани ин шахсон бояд чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

### Намунаҳои маъракаҳои огоҳонии ҷомеа

**Македонияи Шимолӣ.** Дар соли 2015 Вазорати корҳои дохилӣ маъракаи огоҳонидани ҷомеаро дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми муомила бо полис, инчунин чорабиниҳои андешидашаванда оид ба пешгирии сӯиистифода аз ҷониби полис ва тартиби пешниҳоди шикоятҳоро доир намуд. Маъракаи мазкур инчунин аз ҷониби кормандони полис сатҳи дарк намудани ӯҳдадориҳои худро оид ба эҳтироми ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда

348 Қоидаҳои Бангкок, Қоидаи 70.

баланд бардошт[349]. Дар доираи маърака брошюраҳои ҳаҷмашон ҷайбӣ ва видеоролики иттилоотӣ низ таҳия карда шуданд[350].

**Иёлати Муттаҳида.** Созмони ҷамъиятии Just Detention International ҳар сол маъракаеро бо номи «Суханҳои умед» мегузаронад, ки дар доираи он намояндагони ҷомеа ба шахсоне, ки аз таҷовуз ба номус дар маҳбас ҷабр дидаанд, табрикоти идона мерасонанд. Созмон кӯшиш дорад, ки ҳар сол на кам аз 10 000 чунин табрикот фиристад[351]. Ин иқдом на танҳо барои дастгирии маҳбусон ва ба онҳо хотиррасон кардани он, ки онҳо танҳо нестанд равона карда шудааст, балки ин ташаббус як василае барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз мушкилоти таҷовуз ба номус дар маҳбасҳо мебошад.

**Украина.** Маъракаи ба он шабеҳ дар Украина низ доир карда мешавад:маҳбусони ноболиғ дар озмуни таҳияи варақаҳо (открытка)-и идона ширкат мекунанд ва варақаҳои ғолибшуда ба шахсони вазифадори давлатӣ якҷо бо маълумот дар бораи муаллиф фиристода мешаванд.

349 Council of Europe Programme Office in Skopje, Final Brochure of the European Union/Council of Europe Joint Programme Capacity Building of the Law Enforcement Agencies for Appropriate Treatment of Detained and Sentenced Persons [Дафтари барномаҳои Шӯрои Аврупо дар Скопйе, Китобчаи ниҳоии барномаи «Рушди имконитяҳову нерӯи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи муносибатҳои дуруст бо шахсони боздоштшуда ва маҳкумшуда], p. 10.

350 Нигар Ролики видеоӣ (ба забони македонӣ): http://www.mvr.gov.mk/vest/347.

351 Маълумоти нисбатан муфассалро дар веб-сомонаи ташкилот дарёфт кардан мумкин аст: Just Detention International: http://justdetention.org/hope.

# 7. ХУЛОСА

# 7. ХУЛОСА

Зӯроварии ҷинсӣ ва шаҳвонӣ бар асоси гендерӣ дар маҳбасҳо падидаест, ки онро пешгирӣ кардан мумкин аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ онро таҳаммул набояд кард. Дар нашрияи мазкур кӯшиш карда шуд, ки ин вайронкунии ҳуқуқи инсон дақиқтар таҳқиқ гардад, зарурати баланд бардоштани огоҳӣ аз миқёси паҳншавии он, пурзӯр кардани таҳқиқот дар ин самт ва андешидани тадбирҳо барои пешгирии чунин зӯроварӣ нишон дода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва маълумоте, ки ДНДҲИ аз хулосаи пурсишҳо ва санадҳои идорӣ ба даст овардааст, аз он далолат мекунанд, ки паҳншавии ЗҶГ дар ҷойҳои боздошт ва ҳабс метавонад ба таври куллӣ фарқ кунад. Баъзе муассисаҳо метавонанд махсусан ба бераҳмӣ ё хатарнокӣ маъруфият дошта бошанд. Тибқи посухҳои давлатҳои узв ба саволномаи ДНДҲИ равандҳои ислоҳот ҷараён доранд, аммо онҳо вобаста ба ҳар кишвари мушаххас аз ҳам хеле фарқ мекунанд.

Амнияти ҳамаи ашхоси аз озодӣ маҳрумшуда, инчунин кормандони муассисаҳо, кормандони созмонҳои хидматрасон ва боздидкунандагон бояд барои сиёсатандешон ва коршиносони ботаҷриба, аз ҷумла дар сатҳи роҳбарияти олӣ, вазифаи аввалиндараҷа бошад. Ҳама чораҳои коҳиш додани хатари ЗҶГ бояд ҷанбаҳои гендериро ба инобат гиранд ва кормандон бояд омӯзиши мувофиқро гузаранд. Дар муассисаҳое, ки роҳбарияти оқил ва кормандони ботахассус доранд, ба таври назаррас коҳиш додани ЗҶГ имконпазир мебошад. Вазифа аз рушди имкониятҳову иқтидор дар ин соҳа ва таъмини нақши афзалиятноки тадбирҳо оид ба пешгирии ЗҶГ иборат аст.

Созмони Милали Муттаҳид таъкид мекунад, ки ҳангоми дастгир кардани шахс давлат «ба таври ҷиддӣ озодии аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардан ва қобилияти худдифоъкунии маҳбусонро маҳдуд карда, ӯҳдадориҳои баланди таъмини ҳимоятро бар дӯши худ мегирад»[352]. Мақомот бояд омилҳои мухталиферо, ки осебпазирии шахсони муайянро ба ЗҶГ афзоиш медиҳанд, таҳлил кунанд ва бо дарназаргирии ин омилҳо чораҳои мушаххас андешанд. Инчунин бояд қайд кард, ки шахсони аз

352 Гузоришгари махсуси СММ оид ба қатлҳои ғайрисудӣ, қатлҳо бидуни мурофиаи мувофиқи судӣ ё қатлҳои худсарона, Гузориш ба Ассамблеяи Генералии СММ, 5 сентябри 2006, A/61/311, банди 51.

озодӣ маҳрумшуда бояд дар тамоми марҳилаҳои будубоши онҳо дар низоми адлияи суди ҷиноӣ ҳимоят карда шаванд.

Чи тавре ки дар Қоидаҳои Нелсон Мандела қайд шудааст, чораҳо оид ба ҳимоят ва таъмини ҳуқуқҳои гурӯҳҳои мушаххаси маҳбусон набояд табъизӣ маҳсуб шаванд[353]. Зеркумитаи СММ оид ба пешгирии шиканҷа ҳамчунин қайд мекунад, ки «принсипи баробарӣ ва бидуни табъиз, на танҳо манъи муносибати тафриқавӣ, вақте худсарона иҷро мешавад [...], балки ӯҳдадориро ҷиҳати муқаррар кардани тадбирҳои тафриқавӣ (дифференсиалӣ) дар он ҷое пешбинӣ мекунад, ки онҳо асоснок, зарурӣ ва мутаносиб бошанд, маҳз бо мақсади кафолат додан ба риояи ҳуқуқи инсон[354].

Ислоҳоти ба арзишҳои асосӣ такякунанда, аз ҷумла истифодаи маҳрумият аз озодӣ танҳо дар ҳолати ниҳоят зарурӣ, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба ҳуқуқи инсон, принсипи табъиз накардан ва вазифаи офиятбахшии маҳрумият аз озодӣ, ба тангшавии миқёси бисёр шаклҳои зӯроварӣ ва муносибати золимона дар минтақаи САҲА мусоидат карданд. Дар баробари ин маълум аст, ки барои ҳалли ин мушкилот чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи маҳаллии ҳамаи кишварҳои минтақа корҳои зиёдеро анҷом додан лозим аст.

Тавсияҳое, ки дар нашрияи мазкур пешниҳод шудаанд, бо мақсади таҳкими кӯшишҳои давлатҳои узви САҲА оид ба мониторинг ва бақайдгирии ҳодисаҳои ЗҶГ ҳамчун роҳнамо барои андешидани чорабиниҳо хидмат хоҳанд кард. Онҳо инчунин ба давлатҳо дар таҳияи усулҳои маҷмуии таъмини ҳуқуқи инсон тавассути таъсиси механизмҳои зарурии ҳимоят кумак мерасонанд.

Нашрияи мазкур қадами нахустин дар самти таҳияи дастуру роҳнамоҳои нисбатан муфассал оид ба ин мавзуъ барои мутахассисони ботаҷрибае мебошад, ки ҳам дар муассисаҳои давлатӣ ва ҳам дар созмонҳои ғайриҳукуматӣ кор мекунанд, Тибқи рисолати худ ДНДҲИ корашро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ аз рӯи ин мушкилот идома медиҳад ва давлатҳои узви САҲА-ро, ки мехоҳанд зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендериро дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ комилан аз байн баранд, дастгирӣ мекунад.

353 Қоидаҳои ҳадди ақали стандартии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат бо маҳбусон (Қоидаи 2).

354 Гузориши ҳаштуми солонаи Зеркумита оид ба пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, 26 марти с. 2015, CAT/C/54/2, банди 59.

# *Замимаи I.* Тавсияҳои асосӣ

## *ДАРКИ МОҲИЯТ ВА МИҚЁСИ МУШКИЛОТ*

### Барои вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Ҷудо кардани захираҳои кофӣ барои анҷом додани таҳқиқот ва таҳлили иттилооти мавҷуда оид ба паҳншавии ЗҶГ дар ҷойҳои боздошт, аз ҷумла шуъбаҳои полис, боздоштгоҳҳо ва муассисаҳои ислоҳӣ.

- Роҳбарӣ кардан, дастгирӣ намудан ва ривоҷ додани таҳқиқот оид ба омилҳои осебпазирӣ ба ЗҶГ дар ҷойҳои боздошти иҷборӣ, аз ҷумла омилҳои осебпазирии гурӯҳҳои мушаххас, осебпазирӣ ҳамчун натиҷаи боздошт ва инчунин ҷойҳое, ки дар он ҷо ЗҶГ бештар содир мешавад.

- Ба таври ниҳодӣ (институтсионалӣ) эътироф кардан ва маҳкум намудани мавҷудияти муносибатҳои табъизӣ ва ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва таҳия кардани нақшаҳои амал барои бартараф кардани сабабҳои асосии мушкилот ва ҳифзи шахсоне, ки зери хатар мемонанд.

- Анҷом додани арзёбӣ ё иҷозат додан ба арзёбии берунии методикаҳои мавҷудаи пешгирӣ ва барҳамдиҳии ЗҶГ бо мақсади муайян кардани самаранокии онҳо.

- Таъмин кардани ҷалби кормандони тамоми вазоратҳои дахлдор, мутахассисони ботаҷрибаи маҳбасҳо, иттиҳодияҳои маҳбусон, инчунин намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ – коршиносон оид ба ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои гендерӣ барои муҳокимаи ЗҶГ.

### Барои полис ва маъмурияти маҳбасҳо

- Мусоидат кардан ба кори мақомоти назоратӣ, аз ҷумла бо роҳи таъмини дастрасии махфӣ ва бемамоният ба назди ҳамаи боздоштшудагон ва маҳбусон.

- Ҷамъ кардани маълумот оид ба ҳодисаҳои ЗҶГ ва гурӯҳбандии онҳо аз рӯи мансубияти ҷинси шахс, аз рӯи теъдоди шикоятҳои дастрасшуда, намудҳои зӯроварӣ нисбат ба гурӯҳҳои мушаххас, омор аз рӯи намуди зарари расонидашуда ва ҷамъоварии иттилоот оид ба амалҳои минбаъд андешидашуда.

- Ин маълумотро мунтазам бо мақомоти марказии хадамоти маҳбасҳо/вазорати соҳавӣ интиқол додан ва ба шарте ки ин кор бо мақсади ҳимояти маълумот дар бораи шахсияти одамони дахлдор дар шакли беном анҷом дода шавад.

- Ба кормандон ва маҳбусон иҷозат додан ва ҳавасманд кардани онҳо ҷиҳати дар мубоҳисаҳо дар бораи паҳншавии ЗҶГ ба таври бехатар ва махфиёна сухан гуфтан.

- Барқарор кардани робитаҳо ва муносибатҳои шарикона бо созмонҳое, ки барои ҳалли мушкилоти ЗҶГ дар ҷомеа фаъолият мебаранд, аз ҷумла бо онҳое, ки тахассусашон ба кор бо одамони дар вазъияти осебпазир қарордошта ва шахсони ба зӯроварӣ дучоршуда мувофиқ аст.

## *АЗ НАВ БАРРАСӢ КАРДАНИ КОНУНҲО, СИЁСАТҲО ВА ТАРТИБОТ (ҚОИДАҲО)*

### Барои вазоратҳои соҳавӣ ва қонунгузорон

- Таъмини мавҷудияти таърифи дақиқи ЗҶГ ва муқаррарот оид ба манъи ин ҳодиса дар ҷойҳои боздошти иҷборӣ дар қонунгузории миллӣ .

- Таҳлили қонунҳо, сиёсатҳо ва расмиёти мавҷуда, аз ҷумла муқаррарот дар бораи алтернативаҳои ҳабс бо мақсади муайян кардани соҳаҳое, ки дар онҳо пешгирӣ ва ҳимоят аз ЗҶГ метавонанд тақвият дода шаванд. Ворид кардани ислоҳот (тағйирот) ба ҳама гуна муқарраротe, ки ба содир шудани ЗҶГ роҳ медиҳанд ё ташвиқ мекунанд.

- Таъмини ба қонунгузорӣ ворид кардани муқарраротe, ки тартиби тафтиш ва таъқиби ҷиноятиро барои кирдорҳои ЗҶГ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ танзим мекунанд ва пешбинии амалисозии таъқиби ҷиноятӣ барои кирдорҳои зӯроварӣ дар ҶМО бо ҳамон тартибе, ки агар онҳо дар озодӣ содир шуда бошанд.

- Онро бояд таъмин кард, ки заминаи ҳуқуқӣ ва/ё сиёсӣ барои барҳам додани ЗҶГ доираи васеи масъалаҳоро дар бар гиранд, аз ҷумла ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, омӯзиш ва маблағгузорӣ ва инчунин эътирофи он, ки ҷабрдидагон метавонанд ҳам занон ва ҳам мардон бошанд; дар айни замон, бояд имкони истифодаи расмиёти махсус ё воситаҳои ҳимояти ҳуқуқӣ, ки ба мансубияти гендерии ҷабрдидагон вобастаанд, пешбинӣ карда шаванд.

- Ба таври қонунгузорӣ вазифадор кардани мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати гузарондани омӯзиш ва омодасозӣ доир ба масъалаҳои муқовимат ба ЗҶГ.

- Татбиқ кардани сиёсати идоракуние, ки ҷанбаҳои гендериро ба инобат мегиранд ва инчунин ҷорӣ кардани кодекси рафтори кормандон; ин ҳуҷҷатҳо бояд ба роҳ надодан ба ЗҶГ равона карда шаванд ва бояд принсипи таҳаммулнопазирии мутлақро ба хушунат ва табъиз пешбинӣ намоянд.

- Бо созмонҳои махсусгардонидашуда, аз ҷумла созмонҳои ҳуқуқи инсон, занон ва инчунин созмонҳое, ки ҳуқуқи маҳбусонро ҳимоят мекунанд, робита пайдо намудан ва бо онҳо оид ба таҳияи сиёсатҳо ва санадҳои роҳнамо оид ба таъмини ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазир машварат кардан.

## *ТАДБИРҲОИ ТАРБИЯИ ИСЛОҲӢ ВА АЛТЕРНАТИВА (ҶОЙГУЗИН)-ҲО БА МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ*

### Барои вазоратҳои дахлдор ва қонунгузорон

- Ҷорӣ кардан ё такмил додани низомҳои мониторинг ва арзёбии татбиқи ҷазо дар намуди боздошт, аз ҷумла ҳабси пешакӣ ва истифодаи чораҳое, ки ба маҳрумият аз озодӣ марбут нестанд, бо таваҷҷуҳи хосса ба гурӯҳҳое, ки метавонанд ба ЗҶГ махсусан осебпазир бошанд.

- Таҳия кардани меъёрҳои стандартӣ, ки ба полис ва мақомоти судӣ барои баррасии истифодаи чораҳои тарбияи ислоҳӣ ва чораҳои алтернативии ҳабс, бо дар назаргирии хусусиятҳои шахсият ва ҳолномаи айбдоршаванда, аз ҷумла таҷрибаи қаблии аз сар гузарондани зӯроварӣ, хатари зӯроварии такрорӣ ва хусусияти ҷиноятe, ки дар содир шудани он вай айбдор карда мешавад, имкон медиҳанд.

- Ба полис ва прокурорҳо додани ваколатҳо ҷиҳати фиристодани шахсон аз низоми адлияи судии ҷиноӣ ба дигар хадамот, бо назардошти хусусият ва вазнинии ҷинояти содиршуда ва инчунин хатари эҳтимолии дучор шудан ба зӯроварӣ ҳангоми буду бош дар боздоштгоҳ.

- Ҷудо кардани захираҳо барои ташкили алтернативаҳои қобили қабул барои шахсоне, ки дар гурӯҳи хатари ЗҶГ қарор доранд, аз ҷумла ҷабрдидагони зӯроварӣ. Чунин алтернативаҳо дар ҳолати зарурӣ бояд чораҳои дастгирӣ ва машварати равоншиносро низ дар бар гиранд.

### Барои мақомоти судӣ

- Барои роҳ надодан ба ҷабрбинии минбаъда, ҳангоми баррасии масъалаи ҳабси пешакӣ ҳолатҳои сабуккунанда (масалан, таҷрибаи пешинаи дучори зӯроварӣ будан), аз ҷумла бо дархости шахсони севвум, ҳамчунин аз ташкилотҳое, ки бо ҷабрдидагони зӯроварӣ ва осебёфтагон кор мекунанд, ба назар гирифта шаванд.

- Ба эътибор гирифтани осебпазирии гендерӣ, аз ҷумла вазъи махсуси қонуншиканон–духтарони ноболиғ. Ҳангоми шунидани нишондодҳои ҷабрдидагон/шоҳидон ва айбдоршавандагон, агар зарур бошад, ба эътибор гирифтани эҳтимолияти истифодаи шиканҷа.

## *АРЗЁБИИ МАҶМӮИИ НИЁЗҲО ВА ХАТАРҲО*

### Барои вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Дар ҳамкорӣ бо коршиносони соҳа, аз ҷумла намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳия кардан ё мутобиқ намудани усули арзёбии меъёрҳои дақиқи ошкор кардани хатарҳое, ки шахси муайян ҷабрдидаи ЗҶГ мешавад ё худ чунин зӯровариро содир мекунад.

- Таъмин намудани воридкунии қоидаҳои гузаронидани арзёбии хатари ЗҶГ ва эҳтиёҷот нисбат ба кормандони муассисаҳо, инчунин маҳбусон ва боздоштшудагон, аз ҷумла гузарондани санҷиши кормандони феълӣ ва эҳтимолӣ.

- Мунтазам таҳлил кардани самаранокии услуб (методика)-и чунин арзёбӣ бо таваҷҷуҳи хосса ба пешгирии ЗҶГ.

- Ба дастурамалҳои раҳнамо оид ба таъйини ҳукм дохил кардани арзёбии хатарҳо ва эҳтиёҷот ва гузарондани омӯзиши мувофиқ барои судяҳо ва прокурорҳо.

### Барои маъмурияти полис ва зиндонҳо

- Ба таври комил арзёбӣ кардани хатарҳои ЗҶГ, ки ҳар як боздоштшуда/маҳбус метавонад нисбат ба худ, кормандон, дигар боздоштшудагон/маҳбусон ва боздидкунандагон тасаввур (пешбинӣ) кунад ва ҳангоми тақсими маҳбусон ин тасаввуротро ба назар гирифтан. Ҳайати гурӯҳе, ки арзёбиро анҷом медиҳад, бояд аз ҷиҳати гендерӣ мутаносиб бошад ва ба қадри имкон коршиносонро оид ба мушкилоти ЗҶГ дар бар гирад.

- Ҳангоми дастгир кардан ё қабули боздоштшудагон ба муассиса, муайян кардани шахсоне, ки зери хатари ЗҶГ қарор мегиранд, аз ҷумла ҷабрдидагони зӯроварӣ ва барои ҳимояти онҳо фавран андешидани чораҳо.

- Иттилоотонии кормандон дар бораи хатарҳои ЗҶГ дар асоси принсипи зарурати хидматӣ дар баробари диққати аввалиндараҷа додан ба ҳифзи махфияти иттилоот; дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдор таҳия кардани нақшаҳои расонидани дастгирӣ ва кумакҳо.

- Таъмин намудани шароите, ки дар он чораҳои муҳофизатӣ ба хатари минбаъдаи табъизи бештар ва муомилаи бераҳмона, тамғагузорӣ ё бадтар кардани шароити ҳабс оварда нарасонанд.

- Ба боздоштшудагон ва маҳбусон фароҳам овардани имконияти баён кардани нуқтаи назари худ оид ба арзёбии хатарҳо ва ниёзҳои онҳо; ин арзёбиро мунтазам баррасӣ ва навсозӣ кардан.

- Ба ҳамаи кормандони дахлдор, аз ҷумла кормандони соҳаи тиб фароҳам овардани шароити гузаштан аз омӯзиши ҳамаҷониба оид ба масъалаҳои ошкор кардани хатарҳои ЗҶГ ё шахсоне, ки қобили содир кардани чунин зӯроварӣ мебошанд.

## Барои сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Эътироф карда шавад, ки хавфи ЗҶГ дар баробари зиёд шудани давомнокии ҳабси пешакӣ меафзояд ва ин ҳолатро ҳангоми танзими давомнокии ҳабси пешакӣ ба назар гирифтан.

- Таҳлил кардани усулҳои мавҷуда ва таҷрибаҳои гузарондани бозпурсиҳо бо мақсади пешгирии ЗҶГ, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани усулҳо ва расмиёти мушаххас.

- Таъмин намудани татбиқи кафолати ҳимоятҳо аз ЗҶГ ба таври баробар ҳангоми интиқоли маҳбусон ва боздоштшудагон, аз ҷумла ҳангоми интиқол додан аз ҷониби муассисаҳои ғайридавлатӣ.

- Кормандони ин муассисаҳо бояд омӯзиши муносибро гузаранд ва ҳангоми содир шудани кирдорҳои ЗҶГ мутаносибан ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

- Меъёрҳо ва қоидаҳо оид ба истифода ва гузаронидани кофтуков ва тафтиши шахсӣ (бадан) мутобиқи стандартҳои ҳуқуқи инсон, аз ҷумла принсипҳои қонуният, зарурат ва мутаносиб будан бояд муқаррар карда шаванд.

- Таҳия кардан ва истифодаи усулҳои алтернативии кофтукови шахсӣ (сканер кардан) татбиқ карда шавад.

- Ҳангоми лоиҳакашии муассисаҳои нав барои боздоштгоҳ зарурати пешгирии ЗҶГ, аз ҷумла тавассути ташкили мушоҳида, банақшагирии бахши ҷои зист ва ҷойгиршавии утоқҳои тиббӣ бояд ба назар гирифта шавад.

## Барои полис ва /ё маъмурияти маҳбасҳо

- Ба ҳамаи шахсони дастгиршуда ба таври фаврӣ ва махфӣ, аз ҷумла ҳангоми бозпурсӣ, додани имконият барои истифодаи кумаки адвокат ва имконияти ба хешовандон ё дигар шахси алоқаманд хабар додан дар бораи дастгир шудани худ, макони буду бош ва вайронкунии эҳтимолии ҳуқуқҳои худ, аз ҷумла ЗҶГ.

- Маҳфуз доштани ҳисоботҳои пурра дар бораи ҳамаи бозпурсиҳоро бо нишондоди маълумот дар бораи шахсияти ҳамаи иштироккунандагон таъмин намудан.

- Таъмин кардани гузаштан аз омӯзиши муносиб аз ҷониби ҳамаи шахсони мансабдоре, ки дар гузарондани бозпурсӣ иштирок мекунанд, омӯзиши дурусти усулҳои гузарондани бозпурсии гумонбаршудагон, аз ҷумла аз рӯи масъалаҳои манъи ЗҶГ.

- Ҳангоми интиқоли боздоштшудагон ва маҳбусон, натиҷаҳои арзёбии хатарҳо ва эҳтиёҷоте, ки аз нигоҳи мушкилоти ЗҶГ муҳиманд, ба эътибор гирифта шаванд.

- Татбиқи кафолати зарурии ҳимоят аз ЗҶГ нисбат ба ҳамаи онҳое, ки ба ин ё он шакли ҷазо дучор мешаванд ё дар алоҳидагӣ (инзиво) нигоҳ дошта мешаванд, бояд таъмин карда шавад.

- Ба ҳамаи кормандон оид ба масъалаи меъёрҳо ва расмиёте, ки ҳангоми гузаронидани тафтишу кофтукови шахсӣ, аз ҷумла бо дар назар доштани ҷанбаҳои гендерӣ истифода мешаванд, омӯзиш гузаронда шавад.

- Татбиқи назорат дар ҳоҷатхонаҳо, ҷойҳои душ кардан ва либоспӯшӣ танҳо аз ҷониби шахсони ҳамҷинс таъмин карда шавад.

- Таъмини босамари нигаҳдори ҷудогонаи маҳбусон/ ҷинси мард ва зан, инчунин ноболиғон ва шахсони калонсол.

- Ҳангоми қабули қарор дар бораи ҷойгир кардани шахси трансгендер дар маҳбаси мардона ё занона, фикри ин шахсро ба инобат гирифтан ва ин гуна қарорҳоро дар ҳар як вазъияти мушаххас, бо дарназаргирии масъалаҳои амниятӣ ва хоҳиши худи трансгендер, қабул кардан зарур аст.

- То ҳадди имкон камераҳои мушоҳидаи видеоиро барои пешгирии ЗҶГ ё сабти далелҳо истифода бояд бурд. Истифодаи назорати видеоӣ бояд дуруст танзим карда шуда, риояи ҳуқуқ ба дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ комилан эҳтиром карда шавад. Ҳамин тариқ, назорати видеоӣ бояд танҳо барои муҳофизат ё гузарондани тафтишот истифода шавад ва набояд усулҳои динамикии таъмини амниятро иваз кунад.

## *КАМ КАРДАНИ ХАТАР БАРОИ ШАХСОН ВА ГУРӮҲҲОИ МУШАХХАС*

### Барои сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Ба ҳамаи модулҳои барномаҳоии таълимӣ оид ба омода кардани кормандон ҳатман дохил кардани принсипҳои табъиз накардан, инчунин дар назар доштани ҷанбаҳои гендерӣ ва ниёзҳои махсуси гурӯҳҳои зери хатар қарордошта.

- Муайян кардани стратегияҳои мушаххас барои кам кардани хатари ЗҶГ барои гурӯҳҳо ва шахсони муайяне , ки дар вазъи осебпазир қарор доранд. Ҳангоми таҳияи чунин стратегияҳо бояд бо коршиносони соҳа ва шахсони аз ЗҶГ ҷабрдида машварат кард.

- Таъмин кардани тафтишу кофтукови боздоштшудагон ва маҳбусон танҳо аз ҷониби кормандони ҳамҷинси онҳо.

- Тафтишу кофтуков ва ҷойгиркунии шахсони трансгендер ва интерсексуалҳо (байниҷинсҳо) бо дар назаргирии худшиносии гендерии ин шахсон таъмин карда шавад ва қарорҳо бо розигии огоҳонаи онҳо қабул карда шаванд. Ба шахсон аз гурӯҳи ЛГБТИ бояд имконият дода шавад, ки ҷинси кормандеро, ки тафтишро анҷом медиҳад, худашон интихоб кунанд.

- Қоидаҳои тафтишу кофтукови бадани шахсон аз гурӯҳи ЛГБТИ ва қоидаҳои ҷойгиркунии шахсони трансгендер ё интерсексуалҳо, аз рӯи имконият, бо дар назар доштани ақидаи боздоштшудагон/маҳбусон аз гурӯҳи ЛГБТИ ва коршиносон ё созмонҳои дахлдор бояд таҳия карда шавад.

- Қоидаҳои мавҷуда оид ба ҷойгиркунии шахсоне, ки барои таҷовуз ба номус ва ҳамлаи моҳияти ҷинсидошта маҳкум шудаанд, инчунин дигар ашхосе, ки аз сабаби эҳтимолияти содир шудани зӯроварӣ ва қасос гирифтан аз ҷониби дигар маҳбусон аз рӯи хусусиятҳояшон ё намуди ҷинояти содиркардаашон зери хатар мебошанд, бояд аз нав таҷдиди назар карда шаванд.

### Барои полис ва маъмурияти маҳбасҳо

- Бозбинии усулҳои мавҷудаи ошкор кардани ашхос ва гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла онҳое, ки гирифтори бемории рӯҳӣ мебошанд.

- Маводи таълимӣ барои ба ҳамаи маҳбусони навомада расондани маълумот дар бораи ғайри қобили қабул будани ЗҶГ истифода карда шаванд; ҳамаи маҳбусони навомада бо маводи иттилоотӣ оид ба мушкилоти ЗҶГ ва тартиби амалҳои онҳо, дар ҳолате агар нисбат ба онҳо зӯроварӣ содир шуда бошад, шинос карда шаванд. Имконияти истифодаи стратегияҳои дигар барои

баланд бардоштани огоҳии ҷомеаи маҳбас дар бораи масъалаи пешгирии зӯроварӣ баррасӣ карда шавад.

- Чорабиниҳо оид ба ҳимояти кормандон аз содир кардани ЗҶГ аз ҷониби боздоштшудагон, маҳбусон ё дигар кормандон аз нав баррасӣ /татбиқ карда шавад.

- Ҷорӣ намудани қоидаҳои мушоҳида аз болои шахсоне, ки аз зӯроварӣ шикоят пешниҳод кардаанд ва ё шахсоне, ки ба гумон зери хатари муайян қарор мегиранд.

- Тартиберо ҷорӣ бояд кард, ки чораҳои ҳимояти боздоштшудагон ва маҳбусон аз зӯроварӣ боиси табъиз, тамғагузорӣ ё паст шудани дастрасӣ ба хидматҳо ва барномаҳо нашаванд.

- Бо мақсади таъмини амният ҷудо нигоҳ доштан бояд танҳо бо ризоияти боздоштшуда/маҳбус сурат гирифта , бо кафолатҳои ҳимоят якҷо анҷом дода шавад ва бояд мунтазам аз нав баррасӣ гардад.

- Чораҳои муҳофизатӣ оид ба ҷудо нигоҳ доштани маҳбусон андешида шуда ва ҳузури кофии кормандон дар ҳама ҳолатҳои маҳрумият аз озодӣ, аз ҷумла ҳангоми интиқол, иштирок дар барномаҳои омӯзишӣ ва инчунин мушоҳидаи ҳамаи утоқҳои муассисаи ислоҳӣ таъмин карда шаванд.

## *ДАСТРАСӢ БА ЁРИИ ТИББӢ*

### Барои кормандони вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Мақоми ба кор дохил шудани кормандони тиббии маҳбасҳо аз нав баррасӣ карда шаванд ва бояд ин шахсон кормандони низоми тандурустии давлатӣ буда, аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва маъмурияти маҳбасҳо новобаста, яъне мустақил бошанд.

- Ба ҳамаи шахсони дастгиршуда ва маҳбусон имконият фароҳам оварда шавад, ки бо дархосташон ба духтур муроҷиат карда тавонанд.

### Барои полис ва /ё маъмурияти маҳбасҳо

- Дар ҳолати ошкор кардани ҳодисаи ЗҶГ огоҳ кардани боздоштшуда/маҳбус дар бораи ҳуқуқҳояш барои бо ариза ба суд муроҷиат карда тавонистанаш ва ба ӯ пешниҳод кардани ёрии махсуси тиббӣ, дастгирии психологӣ ва машварати равоншинос (психолог).

- Талош барои ба кор ҷалб кардани мутахассисон дар соҳаи ошкор кардан ва барҳам додани ЗЧГ, аз ҷумла онҳое, ки оид ба оқибатҳои равонии чунин зӯроварӣ омӯзиш гирифтаанд, инчунин мутахассисон оид ба масъалаҳои тандурустии занон ва кӯдакон. Агар ин кор имконнопазир бошад, ҳамаи кормандони соҳаи тибби муассиса бояд дар бораи масъалаҳои чӣ гуна ошкор кардани нишонаҳои ЗЧГ ва вокуниши дуруст ба чунин ҳолат, дар ин ё он шакл, омӯзиш гиранд. Дар мавриди идеалӣ, кормандон бояд барои татбиқи Протоколи Истамбул омодагӣ гиранд.

- Пас аз ворид шудани маҳбусон ё боздоштшудагон ба муассиса, гузаштан аз муоинаи тибби онҳоро, ки аз ҷониби духтур ё дигар мутахассиси соҳаи тиб дар шароити комилан риоя кардани дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ гузаронда мешавад, таъмин намудан. Кормандони соҳаи тиб инчунин бояд ба нишонаҳои эҳтимолии ЗЧГ диққат диҳанд. Ба занҳо бояд имконият дода шавад, ки аз ҷониби табиби зан муоина шаванд ва ба онҳо ҳуқуқи рад кардани муоинаи маҳбал ва ифшои маълумот дар бораи таърихи саломатии репродуктивиашон дода шавад.

## Барои кормандони соҳаи тиб

- Кормандони соҳаи тиб бояд бо истифода аз равиши бисёрсоҳавӣ дар пешгирии ЗЧГ фаъолона иштирок намоянд.

- Бо боздоштшудагон ё маҳбусон бо мақсади ошкор кардани нишонаҳои ба чашм ноаёни ЗЧГ ҳангоми қабул дар назди мутахассиси соҳаи тиб бояд мусоҳиба доир карда шавад ва ба онҳо имконият дода шавад, ки дар бораи зӯроварии нисбат ба онҳо содиршуда хабар диҳанд.

- Кормандони соҳаи тиб бояд ҳамаи аломатҳои ЗЧГ-ро дар санадҳо қайд намуда, бо розигии худи боздоштшуда/маҳбус ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд.

- Кормандони соҳаи тиб бояд барои арзёбии миқёси мушкилот ва омилҳои хатар ва муайян кардани шахсоне, ки дар гӯрӯҳи хатар қарор доранд ё худашон хатар эҷод карда метавонанд, маълумот ҷамъ оваранд. Ин маълумот бояд барои таҳлил дастрас бошад ва бояд ба идораи марказии низоми пенитенсиарӣ ва мақомоти мустақил ба шарти риоя кардани махфият интиқол дода шаванд.

## *ИНТИХОБИ КАДРҲО, ОМӮЗИШ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ТАХАССУСИ ОНҲО*

### Барои кормандони вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Дастурҳои таълимии кормандон бо мақсади ба онҳо ворид намудани модулҳо дар бораи ЗҶГ, ки таърифи дақиқи ЗҶГ-ро дар бар мегиранд, инчунин ворид-кунии масъалаҳои пешгирӣ ва барҳамдиҳии чунин ҳодисаҳо ва вокуниш ба шикоятҳо аз нав баррасӣ ва таҳия карда шаванд. Барномаи омода кардани кормандон инчунин бояд модулҳо ҷиҳати дарназаргирии ҷанбаҳои гендерӣ, санадҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва кор бо гурӯҳҳои осебпазирро дар бар гирад. Ба доир намудани машғулиятҳо гурӯҳҳои касбии ҷамъиятиро ҷалб бояд кард.

- Интихоби дақиқ ва санҷиши кормандони эҳтимолӣ ва амалкунанда, аз ҷумла санҷиш оид ба ошкор кардани далелҳои содир кардани ЗҶГ дар гузашта ва санҷиши ахлоқи шахсӣ, аз ҷумла муносибати табъизӣ нисбат ба гурӯҳҳои мушаххас таъмин карда шавад.

- Гуногунии ҳайати кормандон дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла дар сатҳҳои болоӣ ва роҳбарият ва инчунин дар байни сиёсатандешон таъмин карда шавад.

- Гузаштани омӯзиш аз ҷониби роҳбарияти баландпоя ва аъзои ҳайати судӣ оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди ЗҶГ ва эътимод пайдо кардан дар бораи азму кӯшиши онҳо дар пешгирии ҳама гуна шаклҳои чунин зӯроварӣ амалӣ карда шавад.

### Барои полис ва /ё маъмурияти маҳбасҳо

- Омӯзиш гирифтани кормандон дар асоси баробарӣ ва ба онҳо додани имко-ният барои такмили ихтисос бидуни ягон табъиз, аз ҷумла омӯзиш доир ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон, инчунин ҳуқуқи занон бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ таъмин карда шавад.

- Теъдоди занон дар ҳайати кормандон тавассути бартараф кардани монеаҳо дар ҷараёни ба кор қабул кардани онҳо зиёд карда шавад, болоравӣ дар ман-саб ва будани онҳо дар қатори кормандони дигар таъмин карда шавад.

- Баробарӣ ва намояндагии гурӯҳҳои гуногун дар байни кормандони муассиса, аз ҷумла тавассути зиёд кардани намояндагии кормандони дорои таҷрибаи кор бо гурӯҳҳои ақаллият ё кормандони мансуб ба чунин гурӯҳҳо таъмин карда шавад.

- Мунтазам ба кормандони полис ва муассисаҳои маҳбасӣ оид ба тарзи кор бо ҷабрдидагон аз ЗҶГ ва ошкор кардани аломатҳои чунин зӯроварӣ, аз ҷумла нишонаҳои изтироби равонӣ ва дигар навъҳои стресс омӯзишҳо гузарондан .

- Ҳамаи кормандонро бо консепсияи амнияти динамикӣ шинос карда, ҳавасмандии фаъоли онҳоро нисбат ба некӯаҳволии боздоштшудагон ва маҳбусон ва муқаррар намудани муносибатҳои мусбатро бо онҳо ташвиқ бояд кард.

## *ДАСТРАСӢ БА МЕХАНИЗМҲОИ ПЕШНИҲОДИ ШИКОЯТ*

### Барои вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Таҳия ва қабули дастуруламали хаттӣ бо шарҳи тартиботи пешниҳод кардани шикоят аз ҷониби боздоштшудагон ё маҳбусон, инчунин амалҳое, ки пас аз гирифтани шикоят дар бораи ЗҶГ андешида мешаванд. Тартибот бояд мӯҳлатҳои пешниҳоди ҷавоб/доир кардани тафтишот, инчунин чораҳоеро дар бар гиранд, ки ба таъмини амнияти ҷабрдидагону ҳамаи шоҳидон ва махфӣ нигоҳ доштани маълумот дар бораи ин одамон равона карда шудаанд.

- Чораҳои дақиқи ба ҷавобгарӣ кашидани роҳбарият ё кормандони маҳбасҳо, ки дар сурати огоҳ будан дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ барои пешгирӣ ё вокуниш ба ин гуна ҳодисаҳо чораҳои дахлдор намеандешанд, муқаррар карда шавад. Агар ин гуна чораҳо кайҳо боз вуҷуд дошта бошанд, самаранокии онҳоро таҳлил бояд кард.

- Тартиботи дақиқи фавран аз вазифа барканор кардани роҳбарон ё кормандони маҳбасҳо, ки дар содир намудани ЗҶГ гумонбар шудаанд, муқаррар карда шавад.

### Барои полис ва маъмурияти маҳбасҳо

- Ҳамаи боздоштшудагон ва маҳбусонро дар бораи механизмҳои пешниҳоди шикоятҳо огоҳ бояд кард ва бояд шароитеро фароҳам овард, ки онҳо имконияти пешниҳод кардани шикоятро дар ҳолати махфияти комил, бидуни тарси интиқом, чораҳои ҷазодиҳӣ ва дигар оқибатҳои манфӣ дошта бошанд.

- Имконияти пешниҳоди шикоят аз номи маҳбусон аз тарафҳои севвум пешбинӣ карда шавад.

- Усулҳои алтернативии хабар додан дар бораи ҳодисаҳои ЗҶГ ба мақомот баррасӣ карда шуда, имкони интихоби суроға барои пешниҳоди шикоят ба боздоштшудагон ва маҳбусон дода шавад; инчунин барои ифшои бехатари

маълумот шароит фароҳам оварда шавад. Усулҳои алтернативии пешниҳоди шикоят бояд механизмҳои расмиро мукаммалтар кунанд.

- Пас аз гирифтани шикоят ва то оғози тафтишот, ҳамаи шахсоне, ки гумонбар ба ЗҶГ мебошанд, бояд аз иҷрои ҳама гуна вазифаҳои марбут ба амалисозии ӯҳдадориҳои мақомотӣ мувақкатан барканор карда шаванд. Бояд вазъиятеро фароҳам овард, ки онҳо имкони дар тамос шудан бо шахсони шикояткунанда, шоҳидон, хешовандон ва инчунин шахсоне надошта бошанд, ки тафтишотро анҷом медиҳанд .

## *НАЗОРАТ ВА ТАФТИШОТ*

### Барои вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Шароити кор ва доираи ваколатҳои механизмҳои дохилии назоратро таҳлил бояд кард ва дар ҳолати зарурӣ ба онҳо масъалаҳои марбут ба мушкилоти ЗҶГ-ро дохил намуд; омӯзиши ҳамаи кормандони мақомоти дахлдор оид ба масъалаҳои пешгирии ЗҶГбояд таъмин карда шавад.

- Мақомоти назорати дохилӣ бо захираҳои мувофиқи техникӣ ва молиявӣ ва ба қадри имкон ба фаъолияти онҳо ҷалб кардани мутахассисоне, ки бо шахсони аз зӯроварӣ ҷабрдида кор мекунанд, таъмин карда шавад.

- Тартиботи вокуниш ба гузоришҳо дар бораи ЗҶГ ва гузаронидани тафтишот, аз ҷумла оид ба таҳияи санадҳои дақиқ ва махфӣ ва муҳофизат кардани далелҳо аз нав баррасӣ карда шавад.

- Шароитеро бояд таъмин кард, ки дар он ҷиноятҳои дар ҷойҳои боздошти иҷборӣ содиршуда тафтиш карда шаванд ва шахсони гунаҳкор ба гунае , ки агар ин ҷиноятҳо дар озодӣ содир карда мешуданд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

### Барои маъмурияти маҳбасҳо

- Тафтишот аз рӯи шикоятҳо дар бораи ЗҶГ тибқи тартиби муқарраршуда гузаронида шавад.

- Мутобиқи хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои тамоми тафтишот чораҳо андешида, таҳлили дохилии омилҳое, ки боиси зӯроварӣ шудаанд, аз ҷумла тадбирҳои муайяни дохилӣ барои пешгирии такроран содир кардани чунин зӯроварӣ гузаронида шавад.

- Вазъиятеро таъмин бояд кард, ки дар он ҳар касе, ки барои амалҳои зӯроварӣ гунаҳкор дониста мешавад, ба ҷазои интизомӣ кашида шавад ва агар тафтишоти расмӣ оғоз шуда бошад, ба мақомоти адлия мусоидат намояд.

## *БАРОИ ҲУҚУҚШИНОСОН ВА МАҚОМОТИ СУДӢ*

- Масъалаи он, ки оё шахс дар парвандаҳои ҳодисаҳои ҷиддии ЗҶГ, аз ҷумла ҳолатҳои таҷовуз ба номус ҳамчун айбдоршаванда барои таҷовузи ҷинсӣ гунаҳкор дониста мешавад ё барои шиканҷа ё дигар муомилаҳои бераҳмона дақиқан баррасӣ карда шаванд. Чунин қарорҳо бояд ба таври алоҳида барои ҳар як ҳодисаи мушаххас ва мувофиқи хоҳиши шахси ҷабрдида қабул карда шаванд.

## *БАРНОМАҲОИ ДАСТГИРӢ*

### Барои маъмурияти маҳбасҳо

- Барномаҳои дастгирӣ барои таҷовузкорони эҳтимолӣ, ки ба паст кардани сатҳи зӯроварӣ нигаронида шудаанд, инчунин барномаҳои махсус барои шахсоне, ки ҷиноятҳои моҳияташон шаҳвонӣ содир кардаанд, аз рӯи имконият дар ҳамкорӣ бо хадамоти дахлдори шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда шаванд.

- Барномаҳои хусусияташон бештар умумӣ, ки ба рушди фарҳанги эҳтиром дар муассисаҳои навъи пӯшида равона шудаанд, татбиқ карда шаванд.

- Ба ҳамаи ҷабрдидагон аз ЗҶГ дастгирии муносиби касбӣ ва табобати зарурӣ, то ҳадди имкон бо ҳамкорӣ бо хадамоти касбӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ таъмин карда шавад. Сифати ин хидматрасониҳо бояд бо сифати хидматрасониҳое, ки берун аз маҳбас расонида мешаванд, мувофиқ бошанд.

- Ба шахсоне, ки гирифтори беморонии рӯҳианд, барномаҳои муолиҷа ва дастгирии ҳамаҷониба пешниҳод карда шаванд, ки онҳо дар айни замон ҷанбаҳои гендериро ба эътибор гиранд.

- Дар маҳбасҳо ташаккул додани гурӯҳҳои кумакрасонии мутақобила ва гурӯҳҳои дастгирии баробар бо баробар барои ҷабрдидагон аз ЗҶГ инкишоф ва дастгирӣ карда шаванд.

- Ба ҳамаи маҳбусон фароҳам овардани имкониятҳо барои иштирок дар чорабиниҳои гуногуни таълимӣ, омӯзишӣ ва фароғатӣ, ки метавонанд ба офиятбахшӣ ва азнавҳамгироишавии онҳо ба ҷомеа мусоидат кунанд .

## *ИТТИЛООТОНӢ*

### Барои вазоратҳои соҳавӣ, сиёсатандешон ва қонунгузорон

- Дастгирӣ аз гузарондани муҳокимаҳои ҷамъиятӣ оид ба мушкилоти ЗҶГ дар ҶМО ва оид ба масъалаи бартараф кардани монеаҳо барои пешниҳоди ариза дар бораи зӯроварӣ ва гузарондани тафтишот ва инчунин иштирок кардан дар чунин муҳокимаҳо.

- Таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ барои таҳияи стратегияҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи ЗҶГ, ки дар муассисаҳои навъи пӯшида ҷой дорад.

- Ҳамкорӣ кардан бо воситаҳои ахбори омма, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷонибҳое, ки барои иттилоотонии ҷомеа дар бораи мушкилоти ЗҶГ дар ҶМО манфиатдор мебошанд.

### Барои маъмурияти маҳбасҳо

- Иштироки кормандон, маҳбусон, кормандони хадамоти хизматрасонӣ ва коршиносони соҳа дар назарсанҷиҳо (пурсишҳо)-и беном, инчунин муҳокимаҳо ва чорабиниҳои дастаҷамъӣ оид ба масъалаҳои пешгирӣ ва барҳам додани ЗҶГ дар ҶМО ҳавасманд карда шавад. Барои иштироки бехатари ин шахсон дар чорабиниҳои зикршуда шароит фароҳам оварда шавад.

- Робита бо созмонҳои ҷамъиятие, ки бо ҷабрдидагони зӯроварӣ кор мекунанд, бо мақсади дастгирии ташаббусҳо ҷиҳати иттилоотонии ҷомеа дастгирӣ карда шавад.

- Ба ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор имконият дода шавад, ки дар бораи самаранокии тадбирҳои мушаххас оид ба пешгирии ЗҶГ фикру андешаҳои худро пешниҳод кунанд.

# *Замимаи II.* Рӯйхати назоратӣ барои гузаронидани мониторинг бо мақсади омӯзиши вазъияти марбут бо зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ

## Таҳқиқот ва сиёсат

- Барои гузаронидани таҳқиқот оид ба мушкилоти ЗҶГ дар ҶМО, сабабу оқибатҳои ин падида ва инчунин гурӯҳҳои шахсоне, ки ба чунин зӯроварӣ бештар осебпазиранд, захираҳо ҷудо карда шудаанд.

- Маъмурият эътироф мекунад, ки ЗҶГ мушкилот дар муассиса аст ва барои ҳалли ин мушкилот андешидани чораҳо зарур аст.

- Оид ба ҳимояти боздоштшудагон ва маҳбусон, кормандон, кормандони хадамоти хидматрасон ва боздидкунандагон қонунҳо, қоидаҳо ва стратегияҳои дақиқ вуҷуд доранд.

- Аз болои шахсоне, ки дар бораи ЗҶГ шикоят пешниҳод кардаанд ва одамоне, ки зери хатар қарор доранд, мушоҳидаи зарурӣ анҷом дода мешавад.

## Алтернативаҳо ба ивази ҳабс кардан

- Ҳангоми таъйини ҳукм оид ба ҳабс кардан, судҳо ҳолатҳои сабуккунанда, аз ҷумла таҷрибаи қаблии аз сар гузарондани зӯровариро ба инобат мегиранд.

- Алтернативаҳои ҳабси пешакӣ, аз ҷумла нисбат ба ноболиғон, занони ҳомила ва модарони ширдеҳ, шахсоне, ки кудаконро таҳти парасториашон доранд, инчунин шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ самаранок истифода мешаванд.

- Барои анҷом додани ҳабси пешакӣ мӯҳлати оқилонаи маҳдуд кардан муқаррар шудааст, инчунин назорати дурусти истифодаи ҳабси пешакӣ анҷом дода мешавад

## Баланд бардоштани сатҳи иттилоотонӣ

- Пас аз қабул шудан ба муассиса ба маҳбусон маълумот дар бораи қоидаҳои муассиса, инчунин иттилоот дар бораи ҳуқуқҳои онҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои марбут ба ЗҶГ бо забон ва шакле, ки ба онҳо фаҳмост, пешниҳод карда мешавад.

- Стратегияҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи иттилоотонии боздоштшудагон ва маҳбусон, инчунин ҷомеа дар бораи пешгирии ЗҶГ дар ҶМО амалӣ карда мешаванд.

- Созмонҳои ҷамъиятӣ /васоити ахбори омма оид ба пешгирӣ ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои ЗҶГ дар ҶМО фаъолона кор мекунанд.

## Амнияти динамикӣ, банақшагирӣ ва иштирок

- Ҳавасмандии фаъоли кормандон ба некӯаҳволии боздоштшудагон ва маҳбусон ва муқаррар намудани муносибатҳои мусбати мутақобила бо онҳо ҷонибдорӣ карда мешавад.

- Барои ҷалб кардани боздоштшудагон ва маҳбусон, кормандон, боздидкунандагон, хадамоти хидматрасон ва коршиносони соҳа барои иштирок дар муҳокимаи мушкилоти ЗҶГ ва ҷустуҷӯи ҳалли ин мушкилот дар ҶМО кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд.

- Арзёбии фарҳанги бартаридошта ва муносибатҳои муқарраршуда нисбат ба ЗҶГ дар маҳбас анҷом дода мешаванд.

- Кӯшиш карда мешавад, ки ба боздоштшудагон ва маҳбусон, кормандон, боздидкунандагон, кормандони созмонҳои хидматрасон, иттиҳодияҳои маҳбусон ва коршиносони соҳа имкони баён кардани андешаҳояшон дар бораи самаранокии равишҳои мушаххас оид ба пешгирии ЗҶГ дода шавад.

- Зарурати пешгирии ЗҶГ ҳангоми лоиҳакашӣ ва банақшагирии биноҳо ва иншооти нави маҳбасҳо ба назар гирифта мешавад.

## Кафолатҳои риояи расмиёт

- Шиканҷа ҷурми ҷиноӣ буда, чунин маъно дорад, ки ҳангоми ҳабс, аз ҷумла таҷовуз ба номус, таҳдиди таҷовуз ба номус, инчунин дигар шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ ва озори таъқибкунӣ манъ аст.

- Эътирофҳое, ки таҳти шиканҷа сурат гирифтаанд, дар суд ҳамчун далел қабул карда намешаванд.
- Гумонбаршудагонро дар муассисаи таҳти тасарруфи мақомоти тафтишот зиёда аз 48 соат нигоҳ доштан мумкин нест.
- Ба мақомоти назоратӣ дастрасии озод ва мунтазам ба ҳама гуна муассисаҳои боздошти иҷборӣ дода мешавад.
- Қонун таҳқиқи мустақилро аз рӯи ҳама шикоятҳо дар бораи таҷовуз ва зӯроварии ҷинсӣ дар ҶМО- талаб мекунад.
- Барои гунаҳкорон барои кирдори ЗҶГ, аз ҷумла баъд аз тафтишот дар низоми адлияи ҷиноӣ, муҷозот пешбинӣ шудааст.

## Дастгир кардан ва боздошт дар полис

- Ҳамаи шахсони боздоштшуда ва дастрасшуда дар бораи ҳуқуқҳояшон бетаъхир, бо забон ва шакли ба онҳо фаҳмо огоҳ карда мешаванд.
- Боздоштшудагон метавонанд бо ҳимоятгар (адвокат)-и худ дар шароити махфиёна машварат кунанд ва адвокат метавонад ҳангоми бозпурсӣ иштирок намояд.
- Ҳамаи боздоштшудагон метавонанд фавран хешовандони худро дар бораи ҳабс ва ҷои будубоши хеш огоҳ созанд.
- Маҳбусон ҳуқуқ доранд ба духтур аз рӯи интихоби худ муроҷиат кунанд.

## Механизми мустақили назорат аз болои полис вуҷуд дорад.

- Ҳамаи шахсоне, ки бозпурсиро анҷом медиҳанд ва дигар шахсони ҳузурдошта бояд пеш аз оғози бозпурсӣ худро муаррифӣ кунанд.
- Ҳамаи бозпурсиҳо ва пурсишҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба таври зарурӣ ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд.
- Ҳамаи гумонбаршудагон дар ҳолати зарурӣ ба даъвати тарҷумон ҳуқуқ доранд.
- Бастани чашм ва пӯшондани сар манъ аст.

- Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мавзуи анҷом додани бозпурсии гумонбаршудагон ба таври кофӣ омӯзонида шудаанд.

## Муоинаи тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ

- Ҳангоми ворид шудан ба муассиса ҳамаи маҳбусон аз ҷониби корманди ботахассуси тиббӣ бо дарназаргирии дурусти ҷинсият ва омили махсуси осебпазирии онҳо аз муоинаи тиббӣ мегузаранд.

- Кормандони соҳаи тиб вазифадоранд, ки дар бораи ҳамаи аломатҳои ЗҶГ, ки онҳо муайян мекунанд, ба маъмурият хабар диҳанд.

- Занон ҳақ доранд ҳам аз муоинаи маҳбал даст кашанд ва ҳам аз муоинаи табиби зан ё дар ҳузури шоҳиди зан гузаранд.

- Машваратҳои тиббӣ бо риояи пурраи ҳуқуқи маҳбусон ба ҳимояти ҳаёти шахсӣ гузаронида шуда, барои таъмини риояи махфияти тиббӣ чораҳо андешида мешаванд.

- Санҷиши бакорат манъ буда , ҷиноят маҳсуб мешавад.

## Кофтуков ва тафтиши шахсӣ

- Қонунҳо ё қоидаҳои дақиқ мавҷуданд, ки кай гузаронида шудани кофтуков бо кашидани либос ё тафтиши инвазивиро (муоинаи сурохиҳои бадан) муайн мекунанд ва усулҳои алтернативии ташхис истифода мешаванд.

- Ҳама тафтишҳои шахсии бадан ва муоинаи сӯрохиҳои бадан аз ҷониби кормандони ботахассуси соҳаи тиб ё кормандони ҳамон ҷинс ё шахсони ҳамон худмуайянкунии гендерӣ бо шахси кофтуковшаванда гузаронида мешаванд ва қоидаҳои алоҳидаи гузаронидани кофтуков ва тафтиш барои ҳамаи гурӯҳҳои осебпазир вуҷуд доранд.

- Маъмурият дар бораи ҳамаи кофтукову тафтишҳо бо нишон додани маълумот дар бораи шахсоне, ки онро анҷом додаанд ва сабабу натиҷаҳои он санад тартиб медиҳад.

## Дар алоҳидагӣ нигоҳ доштани ҳама категорияҳои гуногуни маҳбусон

- Категорияҳои гуногуни маҳбусон ва боздоштшудагон аз ҷумла мардону занон, ноболиғон ва калонсолон; гумонбаршудагон ва маҳкумшудагон, инчунин шахсоне, ки барои қонуншиканиҳои граждани ва ҷиноятӣ дастгир шудаанд, дар алоҳидагӣ нигоҳ дошта мешаванд.

- Назорат ва санҷиши занони гумонбаршуда ва маҳбус танҳо аз ҷониби кормандони зан амалӣ карда мешавад; ворид шудани кормандони мард ба ҳудуди занона танҳо дар сурати ҳамроҳи онҳо ворид шудани корманди зан иҷозат дода мешавад. Барои ҷойгир кардани маҳбусони трансгендер ва интерсексуалҳо қоидаҳои махсус мавҷуданд.

- Занони ҳомиладор, модарони ширдеҳ ва шахсони кӯдакдор дар хонаҳои ба эҳтиёҷоти махсуси онҳо муносиб, аз ҷумла барои ширдиҳии кудак мувофиқ, дар шароити дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ҷойгир карда мешаванд.

## Ҷойгиркунонӣ

- Арзёбии зарурии сатҳи хатар, ки ба он ҳамаи маҳбусон ва боздоштшудагон дучор шуда метавонанд, ё худашон ба дигарон эҷод мекунанд, мунтазам анҷом дода мешавад.

- Барои ҷойгиркунонии шахсоне, ки барои таҷовуз ба номус, ҳамла бо мақсади таҷовузи ҷинсӣ ва дигар ҷиноятҳои зӯроварӣ маҳкум шудаанд, чораҳои махсус пешбинӣ шудааст.

- Маҳбусоне, ки дар як камера (ҳуҷра) ҷойгир карда мешаванд, бодиққат интихоб шуда, мувофиқати онҳо бо ҳамдигар санҷида мешавад.

- Маъмурият тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, ки ду боздоштшуда /маҳбус дар як камера ҷойгир карда нашаванд; ҳар як шахс бо кати алоҳида таъмин карда мешавад.

- Дар тамоми ҳуҷра (камера)-ҳо ва хобгоҳҳои умумӣ шабҳо назорати мунтазам ва самаранок анҷом дода мешавад.

## Алоқа бо ҷаҳони беруна

- Ҳамаи маҳбусон ва боздоштшудагон метавонанд бо намояндаи қонунии худ дар шароити комилан махфӣ мулоқот ва муошират кунанд.

- Ҳамаи маҳбусон ва боздоштшудагони метавонанд фавран ба хешовандон ё шахси алоқамандашон дар бораи боздошт шуданашон хабар диҳанд ва метавонанд бо хешовандон ва дӯстонашон мунтазам муошират кунанд.

- Шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд бо намояндагони дипломатӣ ва консулии худ тамос гиранд.

- Кӯшиш карда шавад, ки маҳбусон, бахусус занон, то ҳадди имкон дар наздикии хонаҳояшон адои ҷазо намоянд .

- Мулоқоти ҳамсарон ҳам ба маҳбусони мард ва ҳам зан иҷозат дода мешавад ва метавонанд дар бехатарӣ ва нигоҳ доштани дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ сурат гиранд.

## Ҳаёти ҳаррӯза дар маҳбас ва фарҳанги ниҳодӣ

- Кормандони маҳбас дар тамоми ҳудуди маҳбас ва аз болои тамоми амалҳои маҳбусон назорати заруриро анҷом медиҳанд.

- Маҳбусон ва боздоштшудагон дар пеши назари ҳама душ қабул намекунанд ва занон дар назди нозирони мард душ қабул намекунанд ё аз ҳоҷатхона истифода намебаранд (ва баръакс).

- Барои пешгирии зӯроварии гурӯҳӣ, фасод дар маҳбасҳо ва низомҳои мубодилаи ғайрирасмӣ чораҳо андешида мешаванд.

- Ба кормандон ҳангоми иҷрои вазифа истеъмоли машрубот ва истеъмоли маводи мухаддир қатъиян манъ аст.

## Шартҳои интиқол

- Барои таъмин кардани бехатарии маҳбусон ва боздоштшудагон ҳангоми интиқол чораҳо андешида мешаванд; интиқолдиҳӣ танҳо бо фармони мақомоти давлатӣ ба амал оварда мешавад.

- Ҳангоми интиқол занон ва мардон алоҳида нигоҳ дошта мешаванд ва назорат аз болои занон ва духтарон танҳо аз ҷониби кормандони зан амалӣ мегардад.

- Маҳбусон ва боздоштшудагон метавонанд фавран ба адвокати худ, хешовандон ё шахси дар тамосбудаашон дар бораи интиқоли онҳо ба муассисаи дигар хабар диҳанд.

- Якҷо бо маҳбус парвандаи шахсӣ ва ҳуҷҷатҳои тиббии ӯ низ интиқол дода мешаванд.

## Маҳдудиятҳо, чораҳои интизомӣ ва ҷазо

- Аз рӯи қоидаҳои умумӣ, маҳдудиятҳо, чораҳои интизомӣ ва ҷазо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва дар сурати бенатиҷа будани чораҳои дигар татбиқ карда мешаванд. Ҷазои интизомӣ дар асоси қонун ё қоидаҳое, ки аз ҷониби мақомоти маъмурии салоҳиятдор қабул карда шудаанд, таъйин карда мешаванд; ин тартиб ба ҳама гуна шакли ҷудокунии маҷбурӣ (инзиво) аз одамони асосии маҳбас, масалан, ҳабси яккаса низ дахл дорад.

- Кафолатҳои ҳимоят вуҷуд доранд, ки онҳо ҳангоми истифодаи маҳдудиятҳо, чораҳои интизомӣ ва ҷазо зиёд нашудани хатари ЗҶГ-ро таъмин мекунад. Инчунин, барои кам кардани хатари ЗҶГ, муҷозоти интизомӣ ё чораҳои маҳдудкунанда набояд манъ кардани тамос бо хешовандонро пешбинӣ кунанд. Тамос бо хешовандон метавонад танҳо ба як муддати муайян, вақте ки онро зарурати қатъии нигоҳ доштани амният ва тартибот талаб мекунад, маҳдуд карда шавад.

- Бо дар назардоштани хатарҳои ЗҶГ дар изолятсия, ҳангоми татбиқи чунин чораҳо бояд меъёрҳои ҳадди ақал ва кафолатҳои муҳофизат, ки бо Қоидаҳои Нелсон Мандела пешбинӣ шудаанд (Қоидаҳои 38, 44 ва 45), риоя карда шавад.

## Ба кор интихоб кардан ва омӯзиши кормандон

- Ба кор интихоб кардан ва омӯзондани кормандон, инчунин муносибат бо кормандон, ба принсипи табъиз накардан ва дастгирии гуногунӣ такя мекунад.

- Меъёрҳое вуҷуд доранд, ки тибқи онҳо ба хидмат танҳо номзадҳои мувофиқе қабул карда мешаванд, ки дониш доранд, аз

ҷумла масъалаҳои гендериро ба инобат гирифта метавонанд ва инчунин сатҳи кофии маълумот доранд

- Ҳамаи кормандон пеш аз хидмати фаъол омӯзиши мувофиқ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои гендерӣ ва мушкилоти ЗҶГ-ро мегузаранд; аз болои кормандон назорати босамар анҷом дода мешавад.
- Таносуби теъдоди кормандон ба теъдоди маҳбусон, мисли тавозуни гендерии байни кормандон дар сатҳӣ зарурӣ қарор дорад.
- Сатҳи музди меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ ва шароити хидмат барои ҷалб кардан ва дар вазифа нигоҳ доштани кормандони баландихтисос кифоя аст.

## Механизмҳои пешниҳоди шикоят

- Ба маҳбусон ва боздоштшудагон маълумот оид ба тартиби пешниҳоди шикоят бо забони ба онҳо шинос ва шакли ба онҳо фаҳмо дода мешавад.
- Боздоштшудагон, маҳбусон (ё намояндагони онҳо) ва кормандон метавонанд дар ҳолати пурра махфиёна, бидуни сензура ва бе тарси интиқом, таҳдид ва дигар оқибатҳои манфӣ шикоят пешниҳод кунанд.
- Кормандон вазифадоранд, ки дар бораи ҳар гуна шубҳа дар бораи ЗҶГ гузориш диҳанд.
- Кор бо шикоятҳо ба таври фаврӣ, дар шароити бехатар ва комилан махфӣ анҷом дода мешавад.
- Шахсоне, ки ба онҳо вазифаи анҷом додани тафтиши шикоятҳо вогузор шудааст, захираҳои кофии техникӣ ва молиявӣ доранд.
- Шикоятҳо дар парвандаи шахсии маҳбус сабт карда мешаванд, ба шарте ки ин ӯро зери хатар нагузорад; нозирон ба ин парвандаҳои шахсӣ дастрасии бемаҳдуд доранд.

## Вокуниш ба аризаҳо дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ

- Талаботе мавҷуд аст, ки мувофиқи он бақайдгирии ҳамаи шикоятҳо дар бораи ЗҶГ ва гузарондани тафтишот оид ба ин шикоятҳо тибқи тартиби муқарраршуда анҷом дода мешаванд.

- Ба довталабон фавран имконият дода мешавад, ки дар шароити махфиёна барои ёрии тиббӣ ба мутахассиси тиббии мустақил, ки омодагии мувофиқ дорад, муроҷиат кунанд.

- Ҳама ҷароҳату осебҳои намоён дар парвандаи шахсии маҳбус сабт карда мешаванд.

- Маъмурият таҳқиқи омилҳоеро, ки боиси зӯроварӣ шудаанд, анҷом дода, барои роҳ надодан ба такрор шудани зӯроварӣ чораҳо меандешад.

- Ба ҷабрдидагон аз ЗҶГ сари вақт ҷуброни одилонаи зарари ба онҳо расонида пешниҳод карда мешавад.

## Машваратҳои равоншинос (психолог) ва дастгирии психологӣ

- Ба ҷабрдидагон аз ЗҶГ дастгирии зарурии махсуси психологӣ/машварат пешниҳод карда мешаванд.

- Ба ҷиноят содиркардагон ва дигар маҳбусон имконияти иштирок дар барномаҳо оид ба пешгирии хушунат ва дигар ташаббусҳо дода мешавад.

- Маҳбусон ба таври ихтиёрӣ метавонанд дар барномаҳои табобат аз вобастагӣ ба маводи мухаддир ва машрубот иштирок кунанд.

- Шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ ёрии зарурии инфиродиро дар шакли машварат бо мутахассис, дастгирии психологию иҷтимоӣ ва дорудармонӣ мегиранд.

## Тафтишот ва таъқиби ҷиноятӣ

- Ҷабрдидагон аз ЗҶГ оид ба ҳуқуқи пешниҳод кардани даъво ба суд, расмиёт ва тартиби пешниҳоди даъво бо забон ва шакли ба онҳо фаҳмо огоҳ карда мешаванд.

- Ба онҳо кумаки ройгони ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад.

- Онҳо ҳуқуқ доранд, ки маълумотро дар давоми тамоми ҷараёни тафтишот махфӣ нигоҳ доранд.

- Шахсоне, ки ба зӯроварӣ айбдор карда мешаванд, аз ҳама гуна вазифаҳои назоратӣ ё ваколатҳои мансабӣ дур карда мешаванд.

## Нозирот ва мониторинг

- ПИКЗШ ба тасвиб расид ва Механизми комилан мустақили миллии пешгирикунанда (ММП) вуҷуд дорад.
- Дигар механизмҳои мустақил, аз ҷумла созмонҳои ҷамъиятӣ вуҷуд доранд, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ мониторингро анҷом медиҳанд.
- Мушоҳидагарон барои самаранок анҷом додани вазифаҳои худ дорои захираҳои кофии техникӣ ва молиявӣ мебошанд.
- Мушоҳидагарон метавонанд озодона интихоб кунанд, ки ба кадом муассисаи боздошти иҷборӣ ё маҳбас бираванд, бо кадом боздоштшудагон ё маҳбусон сӯҳбат кунанд; онҳо метавонанд бидуни огоҳ кардан ворид шаванд ва сӯҳбатро дар шароити ҳимояти дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ ва нигоҳ доштани махфияти комил доир намоянд.
- Дар ҳайати мақомоти мушоҳидакунанда занон ва дигар мутахассисон ҳастанд ва ҳангоми тафтиши муассисаҳои занона ҳамеша мушоҳидагарони зан иштирок мекунанд.

# *Замимаи III.* Саволномаи ДНДҲИ барои давлатҳои узви САҲА оид ба пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварии[355] ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ[356]

1. Лутфан, ҳама гуна маълумоти дастрасро дар бораи паҳншавии мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ пешниҳод кунед. Агар имкон бошад, лутфан, маълумотеро, ки боздоштшудагон/маҳбусон аз рӯи ҷинс, синну сол ва ҷои боздошти иҷборӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд, пешниҳод кунед.

2. Оё дар кишвари шумо ягон қонун, коидаҳо, санадҳои меъёрии дохилӣ ва/ё дигар ҳуҷҷатҳо дар сатҳҳои дигари идоракунӣ қабул шудаанд, ки барои ҳалли мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ таъйин гардидаанд? Агар ҳа, лутфан, намуди ҳуҷҷат, таърихи қабули он ва натиҷаи онро нишон диҳед.

3. Дар ҷойҳои боздошт ва муассисаҳои ислоҳӣ барои пешгирии содир кардани зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ аз ҷониби кормандон ва боздоштшудагон/ маҳбусон кадом чораҳо андешида мешаванд? Лутфан, тафсири мухтасари онро диҳед.

4. Гурӯҳҳои махсусан осебпазир (занон/духтарон, ноболиғон, ҷавонон, шахсон маъюб, шахсоне, ки бори аввал ҷиноят содир кардаанд ва ғ.) дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аз зӯроварӣ чӣ гуна ҳимоят карда мешаванд?

5. Кадом механизмҳо барои арзёбии осебпазирии шахси боздоштшуда ё маҳкумшуда аз рӯи нуктаи назари эҳтимоли дучор шудан ба зӯроварӣ истифода мешаванд?

6. Масъалаҳои барҳамдиҳӣ ва пешгирии зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ ба барномаҳои таълимӣ ё барномаҳои омода кардани кормандоне, ки дар ҷойҳои

355 Барои мақсадҳои пурсишномаи мазкур таҳти истилоҳи зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ (ЗҶГ) намудҳои зиёди зӯроварӣ, аз ҷумла таҷовуз ба номус, кӯшиши таҷовуз ба номус, таҳдидҳои моҳияти шаҳвонидошта, истисмор, таҳқир, ҳамла кардан, озори шаҳвонӣ, танфурӯшии иҷборӣ (бартери ҷинсӣ), шиканҷа, вориди номатлуб ё бадқасдонаи ягон чиз ба сӯрохии таносул, маҷбуран ҳомиладор кардан, ақимсози (стерилизатсия)-и маҷбурӣ, маҷбур кардан ба қатъи ҳомиладорӣ, маҷбур кардан ба танфурӯшӣ, хариду фурӯши одамон, ғуломии шаҳвонӣ, хатнакунии иҷборӣ, кастратсия (ахтакунӣ) ё бараҳнакуни маҷбурӣ фаҳмида мешаванд. Зӯроварии ҷинсӣ як шакли зӯровартии гендерӣ аст, ки ҳама гуна амали алоқаи ҷинсӣ, кӯшиши алоқаи ҷинсӣ кардан, изҳороти номатлуб ё ишқварзии хусусияташ шаҳвонӣ ё дигар амалҳои маҷбурии зидди ҳолати ҷинсии шахси дигарро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ҳар гуна шахс дар ҳама гуна вазъият, новобаста аз хусусияти муносибати вай бо ҷабрдида анҷом дода мешавад.

356 Ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ боздоштгоҳҳои полис ва боздоштгоҳҳо (изоляторҳо)-ҳои боздошти муваққатӣ, изоляторҳои тафтишотӣ (маҳбасҳои тафтишотӣ), маҳбасҳои мардона ва занона, муассисаҳои нигоҳдории қонуншиканҳои ноболиғ мебошанд.

маҳрумият аз озодӣ кор мекунанд, ворид карда шудаанд ё не ? Агар ҳа, лутфан, тафсири мухтасари онро пешниҳод кунед.

7. Кадом механизмҳо ва низомҳои муҳофизатро шахсони аз озодӣ маҳрумшуда метавонанд барои пешниҳоди шикоят дар бораи зӯроварии ҷинсӣ ё гендерӣ ва дигар шахсон барои хабар додан дар бораи далелҳои чунин зӯроварӣ истифода баранд?

8. Кадом механизмҳои таъмини ҳисоботдиҳӣ ва низомҳои ҳифзи ҷабрдидагон ва шоҳидон барои ошкор кардан, ҳуҷҷатгузорӣ кардан, тафтиш гузарондан ва таъқиби ҷиноятӣ кардани ҷинояткорон дар мавридҳои марбут ба ҳодисаҳои зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ вуҷуд доранд? Аз рӯи далелҳои рӯй додани чунин ҳодисаҳо то имрӯз кадом чораҳо (судӣ ё ғайрисудӣ) дида шудаанд? Натиҷаи онҳо чӣ гуна буд?

9. Оё ягон арзёбии самаранокии барномаҳо ё стратегияҳои мавҷуда оид ба ҳалли мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ анҷом дода шудааст?

Зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ як мушкилоти хос барои ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар минтақаи САҲА мебошад. Вазъияти ба вуҷуд омада на танҳо то чӣ андоза таҳаммулпазир будани ҷомеаро ба чунин зӯроварӣ нишон медиҳад, балки аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт аксар вақт ӯҳдадории хешро дар таъмини амнияти боздоштшудагон ва маҳбусон иҷро карда наметавонанд. Дар нашрияи мазкур мисолҳо аз кишварҳои гуногуни минтақаи САҲА оварда шудаанд. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна давлатҳо метавонанд барои пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар баробари риоя кардани ҳуқуқи инсон ва бо дар назаргирии ҷанбаҳои гендерӣ кадом ҷораҳоро андешанд. Ҳадафи нашрияи мазкур баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар муассисаҳои низоми адлияи суди ҷиноӣ ва инчунин ниёзҳои ҷабрдидагони чунин зӯроварӣ мебошад; Илова бар ин, дар нашрия чораҳои муҳофизатӣ пешниҳод карда мешаванд, ки метавонанд барои пешгирии самараноки ин навъи зӯроварӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ истифода шаванд.

Зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ як мушкилоти хос барои ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар минтақаи САҲА мебошад. Вазъияти ба вуҷуд омада на танҳо то чӣ андоза таҳаммулпазир будани ҷомеаро ба чунин зӯроварӣ нишон медиҳад, балки аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳбасҳо ва ҷойҳои боздошт аксар вақт ӯҳдадории хешро дар таъмини амнияти боздоштшудагон ва маҳбусон иҷро карда наметавонанд. Дар нашрияи мазкур мисолҳо аз кишварҳои гуногуни минтақаи САҲА оварда шудаанд. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна давлатҳо метавонанд барои пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дар баробари риоя кардани ҳуқуқи инсон ва бо дар назаргирии ҷанбаҳои гендерӣ кадом ҷораҳоро андешанд. Ҳадафи нашрияи мазкур баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи мушкилоти зӯроварии ҷинсӣ ва бар асоси гендерӣ дар муассисаҳои низоми адлияи суди ҷиноӣ ва инчунин ниёзҳои ҷабрдидагони чунин зӯроварӣ мебошад; Илова бар ин, дар нашрия чораҳои муҳофизатӣ пешниҳод карда мешаванд, ки метавонанд барои пешгирии самараноки ин навъи зӯроварӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ истифода шаванд.

Office for Democratic Institutions and Human Rights
OSCE ODIHR